ISSN 2790-7198

**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАҲОИ
ДАВЛАТҲОИ ОСИЁ ВА АВРУПО**

**НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
ИНСТИТУТ ИЗУЧЕНИЯ ПРОБЛЕМ
СТРАН АЗИИ И ЕВРОПЫ**

**NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF THE TAJIKISTAN
INSTITUTE OF STUDYING OF THE PROBLEMS
OF ASIAN AND EUROPEAN COUNTRIES**

# ОСИЁ ВА АВРУПО

**(маҷаллаи илмӣ)**

# АЗИЯ И ЕВРОПА

**(научный журнал)**

# ASIA AND EUROPE

**(Scientific Journal)**

**№ 1 (25), 2026**

**Душанбе - 2026**

**Ҳайдарзода Рустам Ҷӯра** – сармуҳаррир, директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ;
**Сангинзода Дониёр Шомаҳмад** – муовини сармуҳаррир;
**Окимшоева Рухсора** – котиби масъул.

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

**Хушвахтзода Қобилҷон** – доктори илмҳои иқтисодӣ, узви пайвастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, президенти АМИТ;
**Муҳаммад Абдураҳмон** – доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи АМИТ;
**Турсон Акбар** – доктори илмҳои фалсафа, академики АМИТ;
**Шамолов Абдулвоҳид** – доктори илмҳои фалсафа;
**Сайидзода Зафар Шералӣ –** доктори илмҳои таърих;
**Қурбонова Ширин** – доктори илмҳои таърих;
**Воҳидова Санавбар** – доктори илмҳои таърих;
**Искандаров Қосимшо** – доктори илмҳои таърих;
**Турсунов Турсунмурод** – доктори илмҳои таърих;
**Каримов Шамсиддин**– доктори илмҳои сиёсӣ;
**Маҳмадбекзода Моёншо –** доктори илмҳои сиёсӣ;
**Зиёев Субҳиддин -** номзади илмҳои филологӣ.
**Дороншоева Некбахт** – номзади илмҳои сиёсӣ;
**Юсуфҷонов Фаридун** – номзади илмҳои сиёсӣ;
**Улмасов Раҳмон** – доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Исайнов Ҳисайн**– доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Ҷумъаев Баҳовиддин** – доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Муқаддасзода Фирдавс**– доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Муҳаммадализода Парвина –** номзади илмҳои иқтисодӣ;

**Муассиси маҷалла: Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ.**

Дар маҷалла мақолаҳою фишурдаҳои илмӣ, тақризҳо ва ахбор дар бахши муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати хориҷӣ, иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва шарқшиносӣ ба табъ мерасанд.

Маҷалла соли 2019 таъсис ёфта, дар як сол чор шумора нашр мешавад.

**Маҷаллаи илмии «Осиё ва Аврупо» таҳти рақами 305/МҶ – 97 санаи 26 июли соли 2023 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

**Индекси обунавӣ: 77731**

Дар асоси фармоиши Раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 270/м аз 29 ноябри соли 2022 ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидааст.

Маҷалла дар Индекси русии иқтибосоварии илмӣ (РИНЦ) ба қайд гирифта шудааст.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ-33.
Тел.: (+992 37) 221 05 72.
Сомонаи мо: **https://www.osiyoavrupo.tj/majalla.**
E-mail: **kotibi_ilmi.amit.ioa@mail.ru**

© Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

**Хайдарзода Рустам Джура** – главный редактор, директор Института изучения проблем стран Азии и Европы;
**Сангинзода Дониёр Шомахмад** – заместитель главного редактора;
**Окимшоева Рухсора** – ответственный секретарь.

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ

**Хушвахтзода Кобилджон** – доктор экономических наук, академик Национальной академии наук Таджикистана, президент НАНТ;
**Мухаммад Абдурахмон-**доктор политических наук, член-корреспондент НАНТ;
**Турсон Акбар** – доктор философских наук, академик НАНТ;
**Шамолов Абдулвохид** – доктор философских наук;
**Сайидзода Зафар Шерали –** доктор исторических наук;
**Қурбонова Ширин** – доктор исторических наук;
**Вохидова Санавбар**– доктор исторических наук;
**Искандаров Косимшо** – доктор исторических наук;
**Турсунов Турсунмурод -** доктор исторических наук;
**Каримов Шамсиддин**– доктор политических наук;
**Махмадбекзода Моёншо –** доктор политических наук;
**Зиёев Субхиддин -** кандидат филологических наук;
**Дороншоева Некбахт** – кандидат политических наук;
**Юсуфджонов Фаридун** – кандидат политических наук;
**Ульмасов Рахмон** – доктор экономических наук;
**Исайнов Хисайн** – доктор экономических наук;
**Джумъаев Баховиддин** – доктор экономических наук;
**Мукаддасзода Фирдавс** – доктор экономических наук;
**Мухаммадализода Парвина –** кандидат экономических наук.

**Haidarzoda Rustam Jura** – Chief Editor, director of Institute of studying of the problems of Asian and European countries;
**Sanginzoda Doniyor Shomahmad** – Deputy of Chief Editor;
**Okimshoeva Rukhsora** – Executive Secretary.

EDITORIAL TEAM

**Khushvakhtzoda Kobiljon** – Doctor of Economic Sciences, Academician of the National Academy of Sciences of Tajikistan, President of the NAST;
**Muhammad Abdurahmon** – Doctor of Political Sciences, corresponding member of the NAST;
**Turson Akbar –** Doctor of Philological Sciences, Academician of the NAST;
**Shamolov Abdulvohid –** Doctor of Philological Sciences;
**Sayidzoda Zafar Sherali –** Doctor of Historical Sciences**;**
**Kurbonova Shirin –** Doctor of Historical Sciences;
**Vohidova Sanavbar**– Doctor of Historical Sciences;
**Iskandarov Qosimsho –** Doctor of Historical Sciences;
**Tursunov Tursunmurod –** Doctor of Historical Sciences;
**Karimov Shamsiddin –** Doctor of Political Sciences;
**Mahmadbekzoda Moyonsho –** Doctor of Political Sciences;
**Ziyoyev Subhiddin –** Candidate of Philological Sciences;
**Doronshoeva Nekbakht –** Candidate of Political Sciences;
**Yusufdzhonov Faridun –** Candidate of Political Sciences;
**Ulmasov Rakhmon –** Doctor of Economic Sciences;
**Isaynov Hisayn –** Doctor of Economic Sciences;
**Jumayev Bahoviddin –** Doctor of Economic Sciences;
**Mukaddaszoda Firdavs**– Doctor of Economic Sciences;

## МУНДАРИҶА

### МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

**Ҳайдарзода Р.Ҷ., Қодирова З.**Б. ҶАҲОНИШАВӢ ВА ТАҲКИМИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ........ 10
**Сангинзода Д.Ш.** ҶОЙГОҲИ СААД ДАР НИЗОМИ ТАШКИЛОТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ........ 19
**Сайидзода З.Ш., Қурбонзода Ф.** ҲАМКОРҲОИ ИЛМӢ-ТЕХНИКӢ ВА ИННОВАТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР ФОРМАТҲОИ ДУҶОНИБА ВА БИСЁРҶОНИБА........ 29
**Дороншоева Н.Ш., Броимшоева З. Ғ.** КОНСЕПСИЯҲОИ МУОСИРИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ФАЗОИ ИТТИЛООТӢ ........ 35
**Судуров С. А.** ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА ИБТИДОИИ РОБИТАҲОИ ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ БО ТАҲРИКИ ТОЛИБОН........ 41
**Мадимарова Г.** СТРАТЕГИЯ ВА МАРҲИЛАҲОИ ТАКОМУЛИ ДИПЛОМАТИЯИ РАҚАМИИ ИТТИҲОДИ АВРУПО........ 51
**Пайвандов Х.Б.** ТАСНИФ ВА ТАРТИБОТИ МИНТАҚАВИИ ҶАҲОН: ТАҲЛИЛИ ИЛМӢ ВА МЕТОДОЛОГӢ ........ 58
**Расулзода Р.** ТАШАББУСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЧАҲОРЧӮБИ СММ: АЗ ДИПЛОМАТИЯИ ОБ ТО ИҚЛИМ, МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ВА ЗЕҲНИ СУНЪӢ........ 67
**Дороншоева Н.Ш.** ПАЙДОИШ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ ШМА ВА ШАРҚИ НАЗДИК: ТАЪРИХ, ОМИЛҲО ВА МАРҲИЛАҲО........ 76
**Темурзода Ф. С.** СИЁСАТИ ГЕНДЕРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: ДАСТОВАРДҲОИ МАРҲИЛАИ МУОСИР ........ 83
**Соҳиби Б.** РАВАНДИ ДИПЛОМАТИЯИ СУЛҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БАРТАРАФСОЗИИ НИЗОЪҲОИ СИЁСӢ........ 90
**Иброҳимов И.Н.** МУНОСИБАТҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО БРИТАНИЯИ КАБИР ДАР СОҲАИ ФАРҲАНГ, МАОРИФ ИЛМ ВА САЙЁҲӢ..... 96
**Махмедов М. Т.** МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА СОЗМОНИ АМНИЯТ ВА ҲАМКОРӢ ДАР АВРУПО :ҲОЛАТ ВА ДУРНАМО........ 105
**Файзуллоева Н.** НАҚШИ “НЕРӮИ НАРМ” ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ КОРЕЯИ ҶАНУБӢ........ 112
**Расулзода А.З.** ФАЪОЛИЯТИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ДАР РАВАНДИ ИНТИХОБОТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.. 122
**Саидзода Ф. С.** РУШДИ РИТОРИКАИ СИЁСӢ ДАР КИШВАРҲОИ АВРУПО ВА ХУСУСИЯТҲОИ БЕВОСИТАИ ДАВРАИ ЭҲЁ ВА ЗАМОНИ НАВ........ 138
**Сангинзода Д.Ш.** АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ҲУҚУҚИИ ҲАМОҲАНГСОЗӢ БАЙНИ СОЗМОНИ АҲДНОМАИ АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪӢ ВА СОЗМОНИ ИҚТИСОДИИ АВРУОСИЁ........ 146
**Давлатов З. А.** ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР СОҲАИ АМНИЯТ ДАР ДОИРАИ СААД... 155

### ШАРҚШИНОСӢ

**Назариев Р.З.** НИЗОЪҲОИ СИЁСӢ ДАР ХОВАРИ МИЁНА ВА НАҚШИ ЭРОН ДАР НИГОҲДОШТИ ТАВОЗУНИ МИНТАҚАВӢ........ 163
**Самиев Б.Ҷ.** МАНФИАТ ВА ҚУДРАТТАЛАБИИ КИШВАРҲОИ ИТТИҲОДИ АВРУПО ИЛЛАТИ АСОСИИ ИНҚИЛОБҲОИ ДЕМОКРАТӢ ДАР МИНТАҚАИ ШАРҚИ НАЗДИК........ 170

**Бедилзода Ҳ.** МАҚОМИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН ДАР BRICS: ИМКОНИЯТҲОИ ГЕОПОЛИТИКӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ПАЁМАДҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ........ 180
**Қурбонов Ш.А.** ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ РӮЗНОМАИ "АЛ-АҲРОМ" ........ 188

**ИҚТИСОДИ ҶАҲОН**

**Маликов Қ. К.** АРЗЁБИИ САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ ЛОИҲАҲОИ ҲАМГИРОИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ........ 198

# СОДЕРЖАНИЕ

## МЕЖДУНАРОДНЫЕ ОТНОШЕНИЯ

**Хайдарзода Р.Дж., Кодирова З.Б**. ГЛОБАЛИЗАЦИЯ И УКРЕПЛЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ ИДЕНТИЧНОСТИ........ 10
**Сангинзода Д.Ш.** МЕСТО ОДКБ В СИСТЕМЕ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ........ 19
**Сайидзода З.Ш., Курбонзода Ф.** НАУЧНО-ТЕХНИЧЕСКОЕ И ИННОВАЦИОННОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ В ДВУСТОРОННЕМ И МНОГОСТОРОННЕМ ФОРМАТАХ........ 29
**Дороншоева Н.Ш., Броимшоева З. Г.** СОВРЕМЕННЫЕ КОНЦЕПЦИИ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ И ИНФОРМАЦИОННОЕ ПРОСТРАНСТВО........ 35
**Судуров С. А.** ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ И РАННИЙ ЭТАП ОТНОШЕНИЙ РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ С ДВИЖЕНИЕМ ТАЛИБАН........ 41
**Мадимарова Г.** ЭТАПЫ СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЦИФРОВОЙ ДИПЛОМАТИИ В ЕВРОПЕЙСКОМ СОЮЗЕ........ 51
**Пайвандов Х.Б.** КЛАССИФИКАЦИЯ И РЕГИОНАЛЬНАЛЬНЫЙ МИРОПОРЯДОК: НАУЧНО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ........ 58
**Расулзода Р.** МЕЖДУНАРОДНЫЕ ИНИЦИАТИВЫ ТАДЖИКИСТАНА В РАМКАХ ООН: ОТ ВОДНОЙ ДИПЛОМАТИИ ДО КЛИМАТА, ЮРИДИЧЕСКОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ И ИСКУССТВЕННОГО ИНТЕЛЛЕКТА........ 67
**Дороншоева Н.Ш.** ВОЗНИКНОВЕНИЕ И ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ ОТНОШЕНИЙ США И БЛИЖНЕГО ВОСТОКА: ИСТОРИЯ, ФАКТОРЫ И ЭТАПЫ........ 76
**Темурзода Ф. С.** ГЕНДЕРНАЯ ПОЛИТИКА В ТАДЖИКИСТАНЕ: ДОСТИЖЕНИЯ СОВРЕМЕННОГО ЭТАПА........ 83
**Сохиби Б.** ПРОЦЕСС МИРНОЙ ДИПЛОМАТИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В УРЕГУЛИРОВАНИИ ПОЛИТИЧЕСКИХ КОНФЛИКТОВ........ 90
**Иброҳимов И.Н.** ОТНОШЕНИЯ ТАДЖИКИСТАНА С ВЕЛИКОБРИТАНИЕЙ В СФЕРАХ КУЛЬТУРЫ, ОБРАЗОВАНИЯ, НАУКИ И ТУРИЗМА........ 96
**Махмедов М. Т.** ОТНОШЕНИЯ МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И ОРГАНИЗАЦИЕЙ ПО БЕЗОПАСНОСТИ И СОТРУДНИЧЕСТВУ В ЕВРОПЕ: СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ........ 105
**Файзуллоева Н.** РОЛЬ МЯГКОЙ СИЛЫ ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ ЮЖНОЙ КОРЕИ........ 112
**Расулзода А.З.** ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ПОЛИТИЧЕСКИХ ПАРТИЙ В ИЗБИРАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ И ЕЁ ОСОБЕННОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН........ 122
**Саидзода Ф. С.** РАЗВИТИЕ ПОЛИТИЧЕСКОЙ РИТОРИКИ В СТРАНАХ ЕВРОПЫ И ЕЁ ОСОБЕННОСТИ В ЭПОХА ВОЗРОЖДЕНИЯ И НОВОГО ВРЕМЕНИ........ 138
**Сангинзода Д.Ш.** ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ГАРМОНИЗАЦИИ МЕЖДУ ОРГАНИЗАЦИЕЙ ДОГОВОРА О КОЛЛЕКТИВНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ И ЕВРАЗИЙСКИМ ЭКОНО-МИЧЕСКИМ СОЮЗОМ........ 146

**Давлатов З. А.** СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ В ОБЛАСТИ БЕЗОПАСНОСТИ В РАМКАХ ОДКБ........ 155

## ВОСТОКОВЕДЕНИЕ

**Назариев Р.З.** ПОЛИТИЧЕСКИЙ КОНФЛИКТ НА БЛИЖНЕМ ВОСТОКЕ И РОЛЬ ИРАНА В ПОДДЕРЖАНИИ РЕГИОНАЛЬНОГО БАЛАНСА........ 163

**Самиев Б.Дж.** ИНТЕРЕСЫ И СТЕРМЛЕНИЕ СТРАН ЕВРОПЕЙСКОГО СОЮЗА К ВЛАСТИ - ОСНОВНАЯ ПРИЧИНА ДЕМОКРАТИЧЕСКИХ РЕВОЛЮЦИЙ НА БЛИЖНЕМ ВОСТОКЕ........ 170

**Бедилзода Х.** СТАТУС ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН В БРИКС: ГЕОПОЛИТИЧЕСКИЕ, ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ВОЗМОЖНОСТИ И МЕЖДУНАРОДНЫЕ ПОСЛЕДСТВИЯ........ 180

**Курбонов Ш.А.** ИСТОРИЯ СОЗДАНИЯ И ФОРМИРОВАНИЯ ГАЗЕТЫ «АЛЬ-АХРАМ»........ 188

## МИРОВАЯ ЭКОНОМИКА

**Маликов К. К.** ОЦЕНКА ЭФФЕКТИВНОСТИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ МЕЖДУНАРОДНЫХ ИНТЕГРАЦИОННЫХ ПРОЕКТОВ........ 198

## CONTENTS

### INTERNATIONAL RELATIONS

**Haidarzoda R. J., Qodirova Z. B.** GLOBALIZATION AND STRENGTHENING NATIONAL IDENTITY………………………………………………… 10

**Sanginzoda D.Sh.** THE PLACE OF THE CSTO IN THE SYSTEM OF INTERNATIONAL ORGANIZATIONS……………………………… 19

**Sayidzoda Z. Sh., Qurbonzoda F.** SCIENTIFIC, TECHNICAL, AND INNOVATIVE COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE RUSSIAN FEDERATION IN BILATERAL AND MULTILATERAL FORMS……………………………………………….. 29

**Doronshoeva N.S., Broimshoeva Z. Gh..** MODERN CONCEPTS OF INTERNATIONAL RELATIONS AND INFORMATION SPACE..................... 35

**Sudurov S. A.** HISTORICAL AND INITIAL PREREQUISITES FOR RELATIONS BETWEEN THE RUSSIAN FEDERATION AND THE TALIBAN MOVEMENT............................................................................................... 41

**Madimarova G.** PHASES OF EVOLUTION AND DEVELOPMENT OF DIGITAL DIPLOMACY IN THE EUROPEAN UNION……………………….. 51

**Payvandov Kh.B.** CLASSIFICATION AND REGIONAL WORLD ORDER: A SCIENTIFIC AND METHODOLOGICAL ANALYSIS………………………… 58

**Rasulzoda R.** INTERNATIONAL INITIATIVES OF TAJIKISTAN WITHIN THE UN FRAMEWORK: FROM WATER DIPLOMACY TO CLIMATE, LEGAL EDUCATION AND ARTIFICIAL INTELLIGENCE........................... 67

**Doronshoeva N.S.** THE EMERGENCE AND FEATURES OF THE FORMATION OF US-MIDDLE EAST RELATIONS: HISTORY, FACTORY AND STAGES 76

**Temurzoda F. S.** GENDER POLICY IN TAJIKISTAN: ACHIEVEMENTS OF THE MODERN PERIOD........................................................................ 83

**Sohibi B.** THE PROCESS OF PEACE DIPLOMACY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN RESOLVING POLITICAL CONFLICTS........................ 90

**Ibrohimov I.N.** RELATIONS BETWEEN TAJIKISTAN AND THE UNITED KINGDOM IN THE FIELDS OF CULTURE, EDUCATION, SCIENCE AND TOURISM…………………………………………………………………….. 96

**Makhmedov M.T.** RELATIONS BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE ORGANIZATION FOR SECURITY AND COOPERATION IN EUROPE: STATUS AND OUTLOOK.................................... 105

**Faizulloeva N.** THE ROLE OF SOFT POWER IN SOUTH KOREA'S FOREIGN POLICY………………………………………………………… 112

**Rasulzoda A.Z.** ACTIVITIES OF POLITICAL PARTIES IN THE ELECTORAL PROCESS AND THEIR FEATURES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN. 122

**Saidzoda F. S.** THE DEVELOPMENT OF POLITICAL RHETORIC IN EUROPEAN COUNTRIES AND ITS FEATURES IN THE RENAISSANCE AND MODERN TIMES.............................................................................................. 138

**Sanginzoda D.Sh.** THEORETICAL AND LEGAL FOUNDATIONS OF HARMONIZATION BETWEEN THE COLLECTIVE SECURITY TREATY ORGANIZATION AND THE EURASIAN ECONOMIC UNION....................... 146

**Davlatov Z. A.** SECURITY COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE RUSSIAN FEDERATION WITHIN THE CSTO......... 155

### ORIENTAL STUDIES

**Nazariev R.Z.** POLITICAL CONFLICT IN THE MIDDLE EAST AND IRAN'S ROLE IN MAINTAINING REGIONAL BALANCE....................................................... 163

**Samiev B. J.** THE INTERESTS AND CONSISTENCY FOR POWER IN THE EUROPEAN UNION STATES ARE THE MAIN CAUSE OF DEMOCRATIC REVOLUTIONS IN THE MIDDLE EAST.......... 170

**Bedilzoda H.** THE STATUS OF THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN IN BRICS: GEOPOLITICAL, ECONOMIC OPPORTUNITIES AND INTERNATIONAL IMPLICATIONS.......... 180

**Qurbonov Sh.A.** HISTORY OF THE ORIGIN AND FORMATION OF THE "AL-AHRAM" NEWSPAPER.......... 188

**GLOBAL ECONOMY**

**Malikov Q. K.** EVALUATION OF THE PERFORMANCE OF INTERNATIONAL INTEGRATION PROJECTS.......... 198

# ҶАҲОНИШАВӢ ВА ТАҲКИМИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ

**Ҳайдарзода Р.Ҷ., Қодирова З.Б.,**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Раванди ҷаҳонишавӣ ҳамчун падидаи фарогири иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ба давлатҳо имкониятҳои нави рушд ва ҳамгироиро фароҳам меорад, аммо ҳамзамон масъалаи ҳифз ва таҳкими ҳувияти миллиро ба миён мегузорад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои таърихи ғанӣ ва мероси фарҳангии куҳан аст, ҳамоҳангсозии арзишҳои миллӣ бо равандҳои ҷаҳонӣ аҳаммияти стратегӣ дорад.*

*Бинобар ин мақолаи мазкур ба таҳлили раванди ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба таҳкими ҳувияти миллӣ бахшида шудааст. Дар шароити густариши ҳамгироии иқтисодӣ, иттилоотӣ ва фарҳангӣ, масъалаи ҳифз ва рушди арзишҳои миллӣ аҳаммияти махсус пайдо менамояд. Муаллифон раванди ҷаҳонишавиро таҳлил намуда, ҳамзамон паҳлуҳои имкониятсоз ва чолишҳои онро баррасӣ менамоянд.*

*Дар мақола нақши сиёсати давлатӣ, ташаббусҳои миллӣ ва байналмилалӣ, ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ, инчунин тарбияи худшиносии миллӣ ҳамчун омилҳои асосии таҳкими ҳувият таҳлил карда мешаванд. Дар мақола қайд мегардад, ки дар сурати татбиқи сиёсати мутавозин ва ҳадафманд, ҷаҳонишавӣ метавонад на танҳо таҳдид, балки омили мусоидаткунандаи рушди устувор ва тақвияти худогоҳии миллӣ гардад.*

***Калидвожаҳо:*** *Пешвои миллат, ҷаҳонишавӣ, фарҳанг, ҳувияти миллӣ, ташаббус, хотираи таърихӣ, Наврӯз, Шоҳнома, идеяи миллӣ.*

Яке аз падидаҳои мубрам ва мураккаби замони муосир, ки диққати ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб намудааст, ин густариши раванди ҷаҳонишавӣ ва паёмадҳои он мебошад. Ин раванд ба ҳамгироии бозорҳои миллӣ, ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ ва таҳкими вобастагии мутақобилаи давлатҳо мусоидат намуда, низоми муносибатҳои байналмилалиро ба самти нав равона намудааст. Дар доираи ҷаҳонишавӣ, марзҳои суннатии иқтисодӣ ва фарҳангӣ то андозае коҳиш ёфта, равобити фаромиллӣ густариш меёбанд. Ҷаҳонишавӣ на танҳо як раванд, балки як чаҳорчӯби назариявӣ ва амалӣ барои дарки таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии замони муосир мебошад.

Бояд гуфт, ки пайдоиши мафҳуми «ҷаҳонишавӣ» дар ҳаёти ҳаррӯзаи афкори илмӣ ба фурӯ рафтани ҷаҳони дукутба ва шаклгирии нави низоми ҷаҳонӣ вобаста буд. Пеш аз ҳама, ин ба ҳам наздик омадани (конвергенсияи) низомҳои асосии ба ҳам мухолифи рушди иҷтимоӣ - капитализм ва сотсиализм мебошад. Дар охири асри XX, он як раванди нави рушди инсониро муайян кард, ки он дар адабиёти илмӣ таҳти истилоҳи “ҷаҳонишавӣ” сабт шудааст. Ҷаҳонишавӣ ба худ хусусиятҳои муайянкунандаи асосии системаи ҷаҳонии муосирро касб карда, ба яке аз қувваҳои таъсирбахш табдил ёфтааст, ки роҳи минбаъдаи рушди сайёраи моро тарҳрезӣ мекунанд. Вай ҳузури худро дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ нишон дод: дар иқтисодиёт, сиёсат, соҳаи иҷтимоӣ, фарҳанг, экология, амният ва ғайра” [11,302].

Бояд гуфт, ки раванди ҷаҳонишавӣ новобаста ба таъсири манфӣ ва ё мусбии худ боз дар назди инсоният вазифаҳои наверо ба вуҷуд меоварад, ки барои ҳимояи забон,

миллат, халқият, қавм, дин, мазҳаб, фарҳанг ва дигар арзишҳои инсонӣ ҳамеша омодагӣ дошта бошем.

Ба ақидаи олими рус В.Н. Иванов "равандҳои ҷаҳонишавӣ дар соҳаи фарҳанг ба паҳншавии босуръати фарҳанги оммавӣ дар тамоми ҷаҳон оварда мерасонанд, ки ин падида барои сарфи назар кардани арзишҳо ва унсурҳои таъриху фарҳанги анъанавӣ ва инчунин забони халқҳо асос мегузорад. Дар айни замон, эҳёи худшиносии миллӣ посухи мудофиавии ҷомеа ба таъсири харобиовари равандҳои ҷаҳонишавӣ мебошад"[5].

Бояд қайд намуд, ки худшиносӣ равандест басо душвор дар роҳи дарки ҳодисаҳои ҷомеаи инсонӣ, баҳо додан ба дониш, малакаю маҳорат, ба манфиат ва талабот, ба идеалҳо ва қоидаҳои рафтори хеш, баҳои умумӣ ба симои ахлоқӣ, ба худ ҳамчун ба моҳияти баҳиссиёт ва бошуур. Худшиносӣ дар сатҳи муайян инкишофи шахсият дар зери таъсири омилҳои мухталифи тарзи ҳаёт дар заминаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, равобити мутақобилаи байни одамон, давлат ва ҷомеа ташаккул меёбад [3,346].

Дар баробари ин агар бигӯем ки масъалаи ҳифзи ҳувияти миллӣ яке аз вазифаҳои калидии ҳар як миллати соҳибтамаддун аст, хатто нахоҳем кард, чунки "ҳувияти миллӣ - яке аз ҷузъҳои ҳувияти фард аст, ки он марбут ба эҳсоси мансубият доштани вай на фақат бар миллату фазои муайяни фарҳангию иқтисодӣ, балки ба кишвару давлати муайян низ мебошад. Ҳувият - хусусияти равонии инсон аст, ки он тасаввуроти мутамаркази шахсро оид ба мутааллиқ будани вай ба гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ нишон дода, дар баробари умумияти забонӣ, касбӣ, мазҳабию нажодӣ, сиёсию фарҳангӣ доштан, инчунин, ташаккули умумияти этникии худогоҳеро, ки дар фазои ягонаи иқтисодӣ майли ҳамдавлатӣ, ҳамватанӣ, якпорчагӣ ва фаъолияти иҷтимоии дастҷамъона намуданро бахри ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва некуаҳволии мардуми кишвар азму субот доранд, зоҳир месозад" [12].

Дарвоқеъ ҳувияти миллӣ дар устувории пайванди наслҳо ва ҳифзи арзишҳои миллӣ нақши калидӣ дорад. Дар ташаккули давлати дунявии тоҷик нақши ҳувияти миллӣ, ки аз асоси фаҳмишҳои аслии миллат иборат аст, таъсиргузор мебошад. Моҳияти масъала барои устувории ин ҷомеа дар он ифода меёбад, ки худи он ҳамчун муҳаррики ин арзишҳо баромад менамояд.

Албатта, ҳар як миллати тамаддунофар, ба мисли тоҷикон дар шароити ҷаҳонишавӣ кушиш мекунад, ки ҳувияти миллиро худро таҳким намояд. Дар ин замина албатта масоили ташаккули ғояи ё идеяи миллӣ хеле мубрам аст. Зеро ки ғояи миллӣ унсури калидии ҳувияти миллӣ аст. Ба назари мо, ғояи миллӣ бояд дорои иқтидори ваҳдатгароӣ бошад ва ба воридшавии сазовори Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, иштироки ҳамаҷонибаи кишвар дар равандҳои мураккаби ҷаҳоншавӣ мусоидат намояд. Татбиқи ғояи миллӣ бояд посухи муносиб ба чолишҳои муосири ҷаҳонишавӣ гардад, то рушди минбаъдаи Тоҷикистон ба манфиати ҷомеа ва ҳар як шаҳрванди кишвар таъмин карда шавад. Саволе ба миён меояд, чӣ бояд кард, ки ҳувияти миллии тоҷикон дар давраи ҷаҳонишавӣ тахти таъсири арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангии бегона моҳияти худро иваз накунад? Баъзе арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангии олами Ғарб, ки бо воситаи арзишҳои ба ном "демократӣ" ба ҷомеаҳои пасошуравӣ ворид мешавад, ҳеҷ гоҳ наметавонад дар ҷомеаи суннатии мо қобили қабул гардад. Дар самти таъсиррасонӣ ба ҳувияти миллии тоҷикон инчунин давлатҳои Шарқ ҳам хеле кушиш карда истодаанд ва бо ҳар роҳ бо

паҳн намудани догмаҳои динӣ, ки ба асрҳои миёна рост меоянд, мехоҳанд ҳувияти динии тоҷиконро бар ивази ҳувияти миллии мо таҳким намоянд.

Ба ақидаи мо забони миллӣ, фарҳанги миллӣ яке аз рукнҳои асосии ҳувияти миллӣ ба ҳисоб меравад. Агар ин рукнҳои калидии миллатпарвар шикаста шаванд, дар тафаккуру шуури дилхоҳ миллати соҳибистиқлол мақоми ҳувияти миллиро ҳувияти динӣ ишғол менамояд[13,73].

Дар чунин ҳолат раванди худшиносии миллӣ тадриҷан заиф гардида, арзишҳо, анъанаҳо ва хотираи таърихии миллат аҳамияти худро аз даст медиҳанд. Ҳувияти динӣ, гарчанде ки ҷузъи муҳими маънавии ҳаёти ҷомеа мебошад, наметавонад ба танҳоӣ тамоми паҳлуҳои ҳастии иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии давлатро фаро гирад. Зеро ҳувияти миллӣ бар пояи забон, фарҳанг, таърих, рамзҳои давлатӣ ва таҷрибаи муштараки таърихӣ ташаккул меёбад ва маҳз ҳамин омилҳо заминаи ваҳдат ва суботи ҷомеаро таъмин менамоянд. Чунки таҷрибаи давлатҳои гуногун нишон медиҳад, ки ҳифзи забони давлатӣ ва рушди фарҳанги миллӣ шарти асосии пойдории давлатдорӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз, раванди ташаккули идеяи миллӣ ва ҳувияти миллӣ дар шароити муносибатҳои нави иҷтимоӣ ба он ишора мекунанд, ки дарки ҳувияти миллӣ аз ҷониби шаҳрвандон масъалаи ҷиддӣ буда, барои таҳкими давлати соҳибистиқлоли миллӣ муҳим аст. Он танҳо дар асоси шинохти амиқу тарҳрезии идеяи миллӣ муяссар мегардад.

Бояд гуфт, ки идеяи миллӣ - баёнгари ҳадафу маънии зиндагӣ ва асолату рисолати ҳастии мардуми кишвар дар замони ҳозира ва оянда бо назардошти гузаштаи онҳо, дар пояи таҷрибаи таърихии халқу миллати хеш ва таҷрибаи дигарон ташаккулёфта мебошад. Албатта, ғояи бунёдии он ватандорию ватандӯстӣ - изҳори меҳру муҳаббат нисбат ба Ватан, инчунин, меҳанпарастӣ - сипосгузорӣ ба фарҳанги аҷдодии худ буда, дар ҳар як фарди бошуури миллат баҳри ҳифзи Ватан ҳисси ватандӯстиро бедор намуда, аз онҳо худогоҳӣ, масъулиятнокӣ ва садоқатмандиро нисбат ба халқу Ватан талаб мекунад. Ҳамин тариқ, мафҳумҳои «идеяи миллӣ» ва «ҳувияти миллӣ», ки дар як пояи бунёдии ватандӯстӣ, меҳанпарастӣ ва масъулияти давлатдорӣ дар робита ба ҳам ба вуҷуд омадаанд, дар шароити худмуайянкунии миллатҳо ва таъсиси давлатҳои соҳибистиқлоли миллӣ саҳми арзанда гузоштанд [7].

Воқеан ҳам зоҳиршавии ин мафҳумҳо дар шароити кунунии амалишавии ормонҳои миллӣ дар симои давлати соҳибистиқлоли миллӣ равшан мушоҳида мешавад. Албатта ин падидаҳои иҷтимоӣ дар ҳамбастагӣ ва худмуайянкунии миллатҳои дунё чун ифодагари худшиносии миллии мардум баромад менамояд.

Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки ҳувияти миллӣ дар навбати худ, яке аз қисмҳои ҳувияти иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Ҳувияти иҷтимоӣ бар асоси дараҷаҳои ваҳдату ягонагии оилавию иҷтимоӣ, маҳаллию минтақавӣ, қавмиятию миллӣ, байналхалқию ҷаҳонӣ тақсим мешавад. Бисёре аз олимон чунин назар доранд, ки ҳувияти миллӣ дар ҷаҳони имрӯз фарогиртарину мақбултарини сатҳи ҳувияти ҷамъиятӣ аст [2].

Аз ин рӯ, муҳимтарин ҷиҳати ҳувият, яъне ҳувияти миллӣ ҷойгоҳи хосе дорад ва устуворию барқарории он метавонад ҷомеаро дар баробари тағйирёбии фаврии ҷаҳони кунунӣ то ҳадди зиёд муҳофизат кунад. Ҳувияти миллӣ илова бар эҷоди омили якпорчагӣ миёни афроди ҷомеа, роҳу мақсади онҳоро низ мушаххас мекунад. Давлатҳо

бо дар назар гирифтани ҳувияти миллӣ, низоми арзишии дилхоҳи худро ба воситаи таълиму тарғибот ва дигар воситаҳои қабул намудани ҷомеа ба афроди ҷомеа изҳор медоранд. Бинобар ин, ҳувияти миллии тағйирёбанда дар таърифи арзишҳову меъёрҳо, меҳвари ҳамаи афроди як ҷомеа мебошад.

Ба андешаи доктори илмҳои сиёсӣ М.А. Акмалова, "ҳувияти миллӣ зербинои мустаҳкаме мебошад, ки дар асоси он афкори мустаҳкаму сиёсии ҳар як халқ инкишоф меёбад. Яке аз унсурҳои муҳимми ташаккули афкори сиёсии халқ донистани таърихи худ мебошад, зеро он ба тамоюлҳои муосир равшанӣ меандозад ва халқро аз таҳдидҳо ва хатарҳо, махсусан дар шароити ҷаҳоншавӣ, ки онҳоро интизоранд, огаҳ месозад" [1].

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки ҳувияти миллӣ падидаи мураккаб ва устувор буда, на танҳо дар асоси ниҳодҳои давлатӣ, балки дар заминаи хотираи таърихӣ, забон ва фарҳанги миллӣ ташаккул меёбад. Маҳз аз ҳамин хотир, дар давраи ҷаҳонишавӣ масъалаи ҳифзи фарҳанги миллӣ низ ба миён меояд. Қобили зикр аст, ки бо ибтикори Пешвои миллат ташаккули фарҳанги замони истиқлолият дар заминаи фарҳанги ахлоқӣ ва ҳаёти маънавии халқи тоҷик дар руҳияи сулҳпарварӣ ва таҳаммулгароӣ асос ёфта истодааст. Дар муқобили идеяҳои таҳмилшудаи хориҷӣ, ки ҳадафашон аз сар задани низои миллӣ ва мазҳабӣ иборат аст, фарҳанги миллии мо бо ҷалби қувваҳои фарҳангии дунявӣ ба сӯи ризоият ва ваҳдати миллӣ қадам мезанад [13,76].

Бояд қайд намуд, ки донистани таърихи миллат ва омӯзиши он аз ҷумлаи заруратҳои воқеии дар замони муосир ба шумор рафта яке аз унсурҳои худшиносии миллӣ ба шумор меравад. Танҳо аз таърих дар мо рӯҳияи худшиносӣ ва ватандӯстӣ рушд мекунад. Дар баробари ин, дарки маънои рамзии идҳои миллӣ, ҳифзи ҳувияти миллӣ барои тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, дарки арзишҳои миллӣ ва ташаккули худшиносии миллии тоҷикон дар муҳити наслҳои оянда зарур аст. Ин дар замони муосир, вақте ки дар шароити ҷаҳонишавӣ фарҳанги анъанавии моддӣ ва маънавии аз ниёгон меросмонда ба таъсири доимии беруна дучор мешавад, махсусан муҳим ҳисобида мешавад.

Эҳёи фарҳангӣ ва хотираи таърихӣ, пеш аз ҳама, барои дар руҳияи худшиносии миллӣ тарбия кардани ҷавонон зарур мебошад. Инчунин, таърихи ниёгон сарчашмаи ифтихор бояд дониста шавад, на объекти тақлид. Зеро дар ҷомеа вобаста ба марҳилаи тараққиёти тафаккури инсоният қонуниятҳои мушаххасе пайдо мешаванд, ки ба инобат гирифтани онҳо кафили рушдиояндаи кишвар метавонанд бошанд. Ин воқеияти бебаҳс аст, ки барои ҳифзу ҳимояи симои фарҳангии миллат, ташаккули ҳувияти миллӣ ва дар сатҳи зарурӣ қарор додани ваҳдати миллӣ тарғибу ташвиқи арзишҳои фарҳангӣ, аз қабили ахлоқ, анъанаҳои миллӣ, забон, маънавиёт, санъат, инсондӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, шарафу номус, ватанпарастӣ хеле зарур аст [10,297].

Бинобар ин, дар шароити ҷаҳонишавӣ моро зарур аст, ки дастовардҳои таърихии худро омӯзем, муҳтаво ва арзиши фарҳангии онҳоро тарғибу ташвиқ намоем, онҳоро ба мардум ошно созем, то ҳамин унсурҳои фарҳангии ҳазорсолаҳо шаклгирифтаи мо ба андозае оммавӣ шавад, ки ҷомеаи шаҳрвандии мо онҳоро ҳам истифода кунад, ҳам таблиғ намояд ва ҳам ба унвони арзишҳои фарҳанги миллӣ ба ҷаҳониён пешкаш кунад ва аз ҳама муҳим, онҳоро ҳимоя кунад. Ин масъалаи асосии фарҳангии мо дар раванди ҷаҳонигароӣ аст [14].

Дар раванди соҳибистиқлолӣ маҳз, хизматҳои шоистаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушду такомули маънавиёт, фарҳангу маърифат ва ваҳдати миллӣ дарси бузург барои тоҷикон гардид. Тули солҳои охир эҳёи ҷашну маросими миллӣ, ки дар давоми асрҳо ваҳдат ва ягонагии маънавии мардумро ҳифз карда, муҳимтарин арзишҳои ҷаҳонишавандаро аз давр ба давр интиқол додаанд, яке аз рукнҳои асосии сиёсати фарҳангии давлати Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

Яке аз иқдомҳои бузурги Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди ҷаҳонишавӣ тақдими китоби шоҳасари Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон" ба ҳар як хонаводаи кишвар бахри бедории ҳисси худогоҳиву хештаншиносии ҳар сокини кишвар хидмат карда, барои тарбияи насли бедору созанда ҳамаҷониба мусоидат намояд. Шоҳасари безаволи ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ "Шоҳнома" низ ба аҳолии Тоҷикистон дастрас шуда истодааст. Ин иқдоми Пешвои маърифатпарвари миллат ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон пеш гирифта шуда, ҳадаф аз он, ба таъкиди Сарвари давлат "пеш аз ҳама, эҳёи ҳофизаи таърихӣ, густариши худшиносию худогоҳии миллӣ ва эҳсоси ватандӯстиву ватанпарастии мардум, бахусус, наврасону ҷавонон мебошад".

Метавон гуфт, ки хотираи таърихӣ ҳамчун захираи маънавии миллат амал мекунад ва маҳз тавассути он арзишҳо, анъанаҳо, таҷрибаҳои таърихӣ ва сабақҳои гузашта ба наслҳои нав интиқол меёбанд. Ҳувияти миллӣ бошад, дар асоси ҳамин хотираи таърихӣ шакл мегирад ва устувор мемонад. Агар ҷомеа таърихи худро дуруст нашиносад ва онро ҳифз накунад, ҳувияти миллӣ заиф мешавад ва ҷойи онро арзишҳои бегона мегиранд. Аз ин рӯ, ҳифзи хотираи таърихӣ ҳамчун яке аз роҳҳои асосии муҳофизати ҳувияти миллӣ баромад мекунад.

Дарвоқеъ миллати мо дар ҷаҳон ҳамчун миллати фарҳангӣ шинохта шуда, тайи солҳои соҳибистиқлолӣ барои ҳифзу гиромидошти арзишҳои фарҳангӣ ва бахри баланд бардоштани ҳувияти миллии аҳолӣ аз ҷониби ҳукумати кишвар тадбирҳои зиёде амалӣ гардидаанд. Озмунҳои ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман», «Илм-фурӯғи маърифат» ва озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», ки барои баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои милливу фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳиву худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ ва мусоидат дар рушди ҷаҳони маънавии ҷомеа баргузор карда мешавад, идомаи ҳамин тадбирандешиҳо мебошад.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ қайд намуданд: «Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки ояндаи давлату миллат аз насли босаводу донишманд, соҳибкасбу соҳибҳунар, соҳибмаърифату соҳибфарҳанг, дур аз таассубу хурофот, ватандӯсту ватанпараст ва дорои ҳисси баланди худшиносии миллӣ вобастагии амиқ дорад. Бедор намудани хотираи таърихӣ дар таҳкими ҳисси миллии шаҳрвандон, махсусан, ҷавонон, ки ояндаи миллат ва давлат мебошанд, нақши бисёр муҳим дорад» [8].

Қайд бояд намуд, ки мероси таърихию фарҳангӣ шиносномаи миллат ба ҳисоб меравад. Ба феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид шудани ёдгориҳои Хуттали қадим, эътирофи Панҷакент ҳамчун шаҳри ҷаҳонии ҳунарҳои дастӣ ва бузургдошти

шахсиятҳои барҷастаи таърихиву фарҳангӣ далели эътирофи ҷаҳонии арзишҳои тоҷикон мебошад.

Ташаббуси дигари Пешвои миллат, ки бо дарки амиқи масъулияти таърихӣ дар назди миллат ва бо нигоҳи дурбинона ба сарнавишти маънавии давлатдории тоҷикон, ин масъалаи таъсиси Конуни махсус ё Маркази тамаддуни ориёӣ дар пойтахти кишвар – шаҳри Душанбе мебошад он як иқдоми бунёдӣ, сарнавиштсоз ва дорои аҳамияти стратегии миллӣ ва умумибашарӣ мебошад. Ин ташаббус на танҳо як пешниҳод дар доираи сиёсати фарҳангӣ, балки баёнгари иродаи огоҳонаи давлат барои барқарорсозии хотираи таърихӣ, таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ ва муаррифии Тоҷикистон ҳамчун вориси тамаддуни куҳани ориёӣ дар фазои тамаддунии ҷаҳони муосир мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки таъсиси Конуни махсус ё Маркази тамаддуни ориёӣ дар шаҳри Душанбе, дар ин маънӣ, на танҳо як иқдоми сиёсиву фарҳангӣ, балки садои бедории хотираи таърихӣ ва даъвати масъулиятнок ба худшиносии миллӣ мебошад. Ин ташаббус гӯё пули нозуке миёни ҳазорсолаҳо месозад, ки аз он хиради бостонӣ ба сӯи ҷаҳони муосир қадам мегузорад ва ба инсон ёдрас мекунад, ки бе реша ҳеҷ дарахт самар намедиҳад [9]. Албатта, ин ташаббус на танҳо идомаи сиёсати фарҳангпарваронаи давлат аст, балки ҷавоб ба ниёзҳои муосири ҷомеа дар заминаи ҳифз ва бозшиносии ҳувияти таърихӣ, худшиносии миллӣ ва ҷойгоҳи Тоҷикистон дар низоми тамаддуни ҷаҳонӣ мебошад.

Дар баробари ин, дар шаҳри Душанбе таъсиси маркази байналмилалии Наврӯз низ аз ҷиҳати илмӣ ва фарҳангӣ дорои аҳаммияти фаромиллӣ мебошад. Дар доираи Марказ метавон масъалаҳои марбут ба фарҳанги сулҳ, дипломатияи фарҳангӣ, муколамаи тамаддунҳо ва ҳамзистии халқҳоро баррасӣ намуд. Ин, махсусан, дар шароити муосир, ки ҷаҳон бо мунокишаҳои фарҳангӣ ва идеологӣ рӯ ба рӯст, аҳаммияти хос дорад.

Хусусан ҷиҳати сиёсати фарҳангӣ ҳарду марказ ба таҳкими мавқеи Тоҷикистон ҳамчун давлати ташаббускор дар ҳифз ва тарғиби мероси ғайримоддии башарият мусоидат мекунанд. Эътирофи Наврӯз аз ҷониби ЮНЕСКО ҳамчун мероси фарҳангии ғайримоддӣ ва нақши фаъоли Тоҷикистон дар ин раванд далели он аст, ки кишвар дорои захираҳои бузурги фарҳангӣ ва дипломатии нарм мебошад. Маркази байналмилалии Наврӯз метавонад ин захираҳоро ба сатҳи нави институтсионалӣ барорад. Ин марказҳо ба омӯзиш, ҳифз ва таблиғи арзишҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва маънавии миллати тоҷик, ки решаҳои амиқи ориёӣ доранд, мусоидат мекунанд [4].

Барои паст намудани таъсири манфии ҷаҳонишавӣ ва дигар зуҳуроти номатлуби муосир аз ҳама бештар ба афзалиятҳои миллии хеш такя намуда, баъдан бо қувваҳои дигар такя намоем. Худшиносии миллӣ, зиракии сиёсӣ ва ифтихору ватандӯстӣ сипари боэътимод алайҳи хатарҳои нави ҷаҳонӣ мебошанд [6].

Ҳамин тариқ, ҷаҳонишавӣ барои давлатҳо на танҳо як раванд, балки як имконияти таърихӣ мебошад. Дар сурати идомаи сиёсати мутавозин ва татбиқи ташаббусҳои миллӣ ва байналмилалӣ, метавон ба таҳкими давлатдорӣ, болоравии мақоми кишвар дар арсаи байналмилалӣ ва ҳифзи устувори ҳувияти миллӣ ноил гардид.

**Руйхати адабиёт**

1. Акмалова М.А. Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои

хоси он дар раванди дигаргуниҳои ҷомеа. //Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои сиёсӣ. –Хуҷанд, 2019.
2. Дон, Роберт Ҷӣ. Накди иҷтимоии постмодернизатсияи бӯҳрони ҳувият. Тарҷумаи Солеҳи Наҷафӣ. Теҳрон: Нашри Пардис,-1384ш.- С.28. 536.
3. Зокиров Г. Н. Донишномат сиёсӣ. Ҷилди III. Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 540с.
4. Давлатов З. Маркази Тамаддуни ориёӣ ва маркази байналмилалии Наврӯз сармоягузорӣ баояндаи маънавии миллат мебошанд. https://amit.tj/tj/markazi-tamadduni-oriyoi-va-markazi-baynalmilalii-navruz-sarmoyaguzori-ba-oyandai-manavii-millat [25.02.2026].
5. Иванов В.Н. Влияние глобализационных процессов на национальную идентичность на современном этапе. Электронный ресурс// Режим доступа: URL: https://www.fundamental-research.ru/ru/article/view?id=34712 [Дата обращения: 20.02.2025].
6. Муҳаммад А. Н. Ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳо: масъалаҳо ва вазъияти муосир. Ахбори АМИТ. №1, 2022.
7. Орифҷонова Н.Идеяи миллӣ ва ҳувияти миллӣ дар шароити Истиқлолияти давлатӣ//"Илм ва Ҷомеа"-№4 (17), 2019.Манбаи электронӣ: https://ravshanfikr.tj/shinokhti-masoili-i-timo-va-sijos/ideyai-mill-va-uviyati-mill-dar-sharoiti-isti-loliyati-davlat.html [саннаи муроҷиат 26.01.2026].
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. https://www.president.tj/missives [санаи муроҷиат 19.12.2025].
9. Раҳимӣ Ф.- Паёми Пешвои миллат эҳёи Тамаддуни ориёӣ: заминаҳои таърихӣ, моҳият ва зарурати он барои имрӯз. https://jumhuriyat.tj/print:page,1,7258-paemi-peshvoi-millat-jeei-tamadduni-orie-zaminaoi-tarih-moijat-va-zarurati-on-baroi-imrz.html [санаи муроҷиат. 29.01.2026].
10. Сафарализода Х. Қ. таҳдидҳои замони муосир ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии ҷумҳурии тоҷикистон. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ. Душанбе 2025.
11. Хайдаров Р.Дж. *Глобализация: понятие и подходы // Вестник ТНУ Республики Таджикистан.- №3- 2018.- С.302.*
12. Ҳайдаров Р.Ҷ. Ҷаҳонбинии илмӣ - шоҳсутуни давлатӣ дунявӣ. // URL: https://khovar.tj/2020/03/a-onbinii-ilm-sho-sutuni-davlati-dunyav-andesha-oi-rustam-ajdarov-dar-robita-ba-suhanronii-tarihii-peshvoi-millat-dar-mulo-ot-bo-ziyoiyoni-mamlakat/ [Санаи муроҷиат: 03.09.2025].
13. Ҳайдаров Р.Ҷ. Тоҷикистон дар масири таҳкими Истиқлоли давлатӣ:ҷанбаи иҷтимоӣ-сиёсӣ. Душанбе: “Шоҳин С”.-2020. -С. 108
14. Юсуфҷонов Ф. Соҳибистиқлолӣ рисолати ҳар як тамаддун аст.Манбаи электронӣ// URL:https://ifppanrt.tj/tj/2020-02-19-04-44-26/2020-02-18-16-21-39/item/953-so-ibisti-lol-risolati-ar-yak-millati-tamaddunofar-ast.html [Санаи дастрасӣ: 02.02.2021]

## ГЛОБАЛИЗАЦИЯ И УКРЕПЛЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ ИДЕНТИЧНОСТИ

Процесс глобализации, как всеобъемлющее экономическое, политическое и культурное явление, предоставляет государствам новые возможности для развития и интеграции, но в то же время поднимает вопрос сохранения и укрепления национальной идентичности. Для Республики Таджикистан, обладающей богатой историей и древним культурным наследием, согласование национальных ценностей с глобальными процессами имеет стратегическое значение.

Данная статья посвящена анализу процесса глобализации и его влияния на укрепление национальной идентичности. В условиях расширяющейся экономической, информационной и культурной интеграции вопрос сохранения и развития национальных ценностей приобретает особую важность. Авторы анализируют процесс глобализации, одновременно рассматривая ее возможности и вызовы.

В статье анализируется роль государственной политики, национальных и международных инициатив, сохранения историко-культурного наследия, а также развития национального самосознания как ключевых факторов укрепления идентичности. В статье отмечается, что при проведении сбалансированной и целенаправленной политики глобализация может стать не только угрозой, но и фактором, способствующим устойчивому развитию и укреплению национального самосознания.

***Ключевые слова:*** *Лидер нации, глобализация, культура, национальная идентичность, инициатива, историческая память, Навруз, Шахнаме, национальная идея.*

## GLOBALIZATION AND STRENGTHENING NATIONAL IDENTITY

The process of globalization, as a comprehensive economic, political and cultural phenomenon, provides states with new opportunities for development and integration, but at the same time raises the issue of preserving and strengthening national identity. For the Republic of Tajikistan, which has a rich history and ancient cultural heritage, aligning national values with global processes is of strategic importance.

This article is devoted to the analysis of the process of globalization and its impact on strengthening national identity. In the context of expanding economic, informational, and cultural integration, the preservation and development of national values is particularly important. The authors analyze the process of globalization, simultaneously considering its opportunities and challenges.

The article analyzes the role of public policy, national and international initiatives, the preservation of historical and cultural heritage, and the development of national consciousness as key factors in strengthening identity.

The article notes that, with the implementation of a balanced and targeted policy, globalization can become not only a threat, but also a factor contributing to sustainable development and strengthening national identity.

***Key words:*** *Leader of the nation, globalization, culture, national identity, initiative, historical memory, Navruz, Shahnameh, national idea.*

**Маълумот оид ба муаллифон:**
**Ҳайдарзода Рустам Ҷӯра,** доктори илмҳои фалсафа, директори Институти омузиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: 937308787. E-mail: rustamhaydarov.tjk@gmail.com
**Қодирова Зулайхо Бозоровна** – ходими илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. Почтаи электронӣ:zkodirova.94@mail.ru

**Information about Authors:**
**Haidarzoda Rustam Jura,** Doctor of Philosophy, Director of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the NAST. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: 937308787. E-mail: rustamhaydarov.tjk@gmail.com
**Qodirova Zulaykho Bozorovna-** Research fellow, Department of South and East Asia at the Institute for the Study of problems of Asian and European Contries of the NAST. Address: 33 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan. E-mail:zkodirova.94@mail.ru
**Сведения об авторах:**
**Хайдарзода Рустам Джура,** доктор философских наук, директор Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: 937308787. E-mail: rustamhaydarov.tjk@gmail.com
**Кодирова Зулайхо Бозоровна-** научный сотрудник отдела Южной и Восточной Азии Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес:734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 33.Эл.почта:zkodirova.94@mail.ru

# МЕСТО ОДКБ В СИСТЕМЕ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ

**Сангинзода Д. Ш.**
Институт изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ

*Статья посвящена анализу места Организации Договора о коллективной безопасности (ОДКБ) в системе международных организаций. На основе изучения нормативных актов, теоретических подходов и сравнительного анализа автор раскрывает правовую природу ОДКБ, её институциональные особенности, роль в евразийском пространстве и взаимодействие с глобальными и региональными структурами. В работе рассмотрены теоретико-исторические аспекты формирования ОДКБ, правовые основы (Договор о коллективной безопасности 1992/2010 гг.), институциональные механизмы (Секретариат, Объединённый штаб), сравнение с НАТО, ШОС, а также проблемы и перспективы развития. Предложены рекомендации по усилению позиции ОДКБ через углубление сотрудничества с ЕАЭС и ШОС. Автор подчеркивает, что ОДКБ занимает уникальное место как модель коллективной безопасности с учётом принципов суверенитета в многополярном мире.*

***Ключевые слова:*** *ОДКБ, международные организации, коллективная безопасность, Договор о коллективной безопасности, институциональные механизмы, суверенитет, сравнительный анализ, ШОС, ЕАЭС, НАТО, многополярный мир.*

Организация Договора о коллективной безопасности (ОДКБ) представляет собой одну из наиболее значимых военно-политических структур на постсоветском пространстве и занимает особое место в современной системе международных организаций. Созданная в 2002 году на основе Договора о коллективной безопасности от 15 мая 1992 года [6], ОДКБ объединяет шесть государств (Армения, Беларусь, Казахстан, Кыргызстан, Россия, Таджикистан) и функционирует как механизм коллективной обороны и совместного противодействия широкому спектру угроз безопасности.

С точки зрения теории международных отношений и права международных организаций, ОДКБ следует рассматривать как классический пример региональной организации коллективной безопасности второго поколения, которая сочетает элементы традиционного военно-политического альянса с адаптацией к новым типам угроз XXI века (терроризм, экстремизм, наркотрафик, киберугрозы, гибридные конфликты) [4, 50–60; 10, 42–47].

Концептуальная рамка ОДКБ тесно связана с идеологией евразийства — геополитической доктриной, которая видит в евразийском пространстве самостоятельный субъект мировой политики. А.Г. Дугин определяет евразийство как пространство, противостоящее атлантизму и либеральной унификации, где военно-политическая интеграция служит фундаментом для сохранения цивилизационной идентичности [7, 45–50]. В этой логике ОДКБ выступает военно-политической опорой евразийского проекта, дополняя экономическую функцию ЕАЭС и геостратегическую роль ШОС [19, 123–126].

С.Е. Мартыненко прямо называет ОДКБ, ЕАЭС и ШОС «тремя опорами российского евразийства», подчёркивая, что именно их сочетание позволяет формировать независимый центр силы в условиях глобальной конкуренции [19, 124–126]. Эта интерпретация сегодня является одной из наиболее влиятельных в научной литературе постсоветского пространства

и фактически выполняет роль теоретической основы для обоснования места ОДКБ среди других международных организаций.

Исторически процесс создания ОДКБ прошёл несколько ключевых этапов:

1. 1992 год — подписание Договора о коллективной безопасности в Ташкенте (15 мая 1992 г.) [6]. На тот момент это был один из первых многосторонних документов, направленных на сохранение военно-политической кооперации после распада СССР. Первоначально участниками были 9 государств (включая Азербайджан, Грузию и Узбекистан).

2. 1993–1999 годы — период фактического «замораживания» механизма. Многие государства вышли из Договора или приостановили участие (Азербайджан, Грузия, Узбекистан). Основная причина — разные взгляды на степень интеграции и роль России [25, 32–36].

3. 2000–2002 годы — возрождение и институционализация. В 2000 году создан Совет коллективной безопасности, в 2002 году — принят Устав ОДКБ и официально учреждена Организация как полноценная международная структура [6; 15, 137–145].

4. После 2010 года — качественный рост. Внесение изменений в Договор (2010 г.), принятие Стратегии коллективной безопасности до 2025 года, создание Коллективных миротворческих сил, формирование системы кризисного реагирования [4, 100–110; 28, 150–165].

Переломным моментом стал 2014 год (украинский кризис, последовавшие санкции и резкое обострение геополитической напряжённости). Именно после 2014 года ОДКБ стала восприниматься не только как формальный альянс, но и как реальный инструмент оперативного реагирования на угрозы внутренней и внешней стабильности [18, 205–210; 13, 37–44].

В сравнительном плане ОДКБ занимает промежуточное положение между несколькими основными моделями:

- НАТО — гораздо более жёсткая наднациональная структура, единое командование, принцип коллективной обороны по ст. 5 (ОДКБ имеет аналогичную норму, но без постоянного интегрированного командования) [12, 124–130; 13, с. 37–44];
- ШОС — акцент на сотрудничестве в сфере безопасности без чётких обязательств по взаимной обороне (ОДКБ значительно глубже в военной составляющей) [19, 125–128; 21, 845–864];
- Арабская лига, Организация исламского сотрудничества — очень мягкие механизмы, практически полное отсутствие обязательств по коллективной обороне (ОДКБ существенно жёстче) [10, 42–47].

Таким образом, ОДКБ представляет собой гибридную модель: достаточно сильную для обеспечения реальной коллективной обороны в кризисных ситуациях, но достаточно гибкую, чтобы учитывать национальные интересы и особенности постсоветских государств [4, 257; 15, 137–154].

В глобальном масштабе ОДКБ выполняет функцию одного из полюсов формирующегося многополярного мира. Она создаёт альтернативу западноцентричным военно-политическим блокам и одновременно служит военно-политической основой для более широкого евразийского партнёрства (включая ЕАЭС, ШОС, «Большое евразийское партнёрство») [19, 126–128; 21, 850–865; 26, 200–220].

ОДКБ — это не просто военно-политический союз, а стратегический проект, направленный на формирование самостоятельного субъекта международных отношений, способного эффективно реагировать на угрозы в условиях глобальной турбулентности [7, 55–60; 9, 20–30].

Правовая природа Организации Договора о коллективной безопасности (ОДКБ) и её место в системе международных организаций определяются прежде всего Договором о коллективной безопасности от 15 мая 1992 года (в редакции с изменениями от 10 декабря 2010 года) [6]. Этот документ является одновременно и учредительным актом, и основным источником права ОДКБ. Он устанавливает цели, принципы, обязательства государств-членов и механизмы функционирования Организации.

Договор 1992 года (в редакции 2010 года) закрепляет следующие фундаментальные принципы, которые имеют решающее значение для понимания места ОДКБ среди других международных организаций:

- уважение суверенитета, независимости и территориальной целостности государств-членов [6, 2];
- равноправие и невмешательство во внутренние дела [6, 2];
- принцип консенсуса как основного правила принятия всех ключевых решений [15, 137–142];
- добровольность участия и свобода выхода из Организации [6, 19];
- коллективная ответственность за безопасность каждого государства-члена [6, 4].

Именно жёсткое соблюдение принципа суверенитета и консенсуса отличает ОДКБ от таких структур, как НАТО, где существует более выраженная интеграция командования и механизмов принятия решений большинством голосов [12, 124–130; 13, 37–44].

Договор содержит ряд норм, которые определяют правовую основу деятельности ОДКБ:

- статья 4 — в случае агрессии против одного из государств-членов все остальные обязаны оказать ему необходимую помощь, включая военную [6]. Это положение является прямым аналогом ст. 5 Североатлантического договора, но без создания постоянных интегрированных вооружённых сил;
- статья 8 — государства-члены обязуются координировать свои действия в борьбе с новыми вызовами и угрозами (терроризм, экстремизм, наркотрафик, незаконный оборот оружия, киберугрозы и др.) [12, 126–128; 13, 38–40];
- статья 19 — предусматривает возможность создания совместных военных формирований и миротворческих сил [6; 4, 145–150];
- статья 13 — определяет органы ОДКБ: Совет коллективной безопасности, Совет министров иностранных дел, Совет министров обороны, Комитет секретарей советов безопасности, Секретариат и Объединённый штаб [6].

Эти нормы создают правовую основу для оперативного реагирования на кризисные ситуации без необходимости создания постоянного наднационального военного командования [15, 140–145; 28, 150–155].

Правовая система ОДКБ имеет чёткую иерархию источников:

1. Договор о коллективной безопасности 1992 г. (с изменениями 2010 г.) — высший источник права [6].

2. Устав Организации Договора о коллективной безопасности (принят в 2002 г.) — детализирует структуру, цели и порядок функционирования [15, с. 137–154].

3. Решения Совета коллективной безопасности — обязательны для всех государств-членов [6, 13].

4. Соглашения и протоколы, заключаемые в рамках ОДКБ (о миротворческих силах, о Коллективных силах оперативного реагирования, о военном сотрудничестве и др.) [4, 257].

5. Регламенты и положения Секретариата и Объединённого штаба.

Такая структура позволяет ОДКБ сохранять высокую степень гибкости и одновременно обеспечивать юридическую обязательность принятых решений [12, 124–130].

ОДКБ активно выстраивает правовые отношения с рядом глобальных и региональных структур:

- Организация Объединённых Наций — ОДКБ имеет статус наблюдателя в Генеральной Ассамблее ООН, участвует в миротворческих операциях под эгидой ООН и координирует позиции по вопросам международной безопасности [9, 20–30; 17, 1–20].

- Шанхайская организация сотрудничества (ШОС) — подписаны меморандумы о сотрудничестве (2005, 2010, 2019, 2023 гг.), ведётся координация в борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом [19, 125–128; 21, 845–864].

- Евразийский экономический союз (ЕАЭС) — хотя прямого договора между ОДКБ и ЕАЭС нет, существует устойчивая координация в вопросах экономической безопасности, защиты критической инфраструктуры и противодействия санкционным угрозам [4, 100–110; 18, 205–210].

- Содружество Независимых Государств (СНГ) — ОДКБ рассматривается как специализированная структура СНГ по вопросам безопасности [2, 155–165].

Среди основных правовых вызовов: неполная унификация национального законодательства в сфере применения силы и кризисного реагирования [28,150–165]; различия в подходах к имплементации решений Совета коллективной безопасности [13, 37–44]; необходимость дальнейшего развития правовых механизмов миротворчества и кризисного реагирования [4, 257; 15, 137–154].

Перспективы связаны с: заключением рамочных соглашений о стратегическом партнёрстве с ШОС и ЕАЭС; совершенствованием правовой базы Коллективных миротворческих сил; усилением взаимодействия с ООН в вопросах легитимизации миротворческих операций.

Таким образом, правовые основы ОДКБ позволяют ей эффективно функционировать как региональная организация коллективной безопасности, сохраняя при этом всю полноту суверенитета государств-членов и занимая важное место в формирующейся евразийской архитектуре безопасности [19, 123–130; 26, 280].

Институциональная структура Организации Договора о коллективной безопасности (ОДКБ) построена по принципу максимального сохранения межгосударственного характера при наличии элементов постоянного функционирования и оперативного реагирования. Это отличает ОДКБ от классических военных альянсов типа НАТО и приближает её к моделям «гибкой коллективной безопасности», характерным для евразийского пространства.

Договор о коллективной безопасности (в редакции 2010 г.) [6] и Устав ОДКБ (2002 г.) закрепляют следующую систему органов:

1. Совет коллективной безопасности. Высший орган ОДКБ, состоит из глав государств-членов. Принимает все стратегические решения, включая введение коллективных мер в случае агрессии, утверждение планов военного строительства, создание совместных формирований [6, 13; 15, 137–142].

2. Совет министров иностранных дел. Координирует внешнеполитические аспекты деятельности, вырабатывает единую позицию по ключевым международным вопросам [6].

3. Совет министров обороны. Отвечает за военное сотрудничество, планирование совместных учений, разработку концепций применения сил и средств [12, 124–130].

4. Комитет секретарей советов безопасности. Координирует деятельность национальных органов безопасности, занимается вопросами противодействия нетрадиционным угрозам (терроризм, наркотрафик, киберугрозы) [13, 37–44].

5. Секретариат ОДКБ. Постоянно действующий рабочий орган, возглавляется Генеральным секретарём. Обеспечивает организационно-техническую поддержку, подготовку документов, координацию с международными организациями [4, 257].

6. Объединённый штаб ОДКБ. Отвечает за планирование и применение Коллективных сил оперативного реагирования (КСОР), Коллективных миротворческих сил (КМС), Коллективных сил быстрого развёртывания в Центральной Азии [28, 150–155].

Отсутствие постоянного единого военного командования и жёсткое соблюдение принципа консенсуса являются принципиальными отличиями ОДКБ от НАТО [10, 42–47].

ОДКБ разработала и успешно применяет несколько ключевых институциональных механизмов:

- Коллективные силы оперативного реагирования (КСОР) — созданы в 2009 г., предназначены для быстрого реагирования на вооружённые конфликты, террористические акты, чрезвычайные ситуации [4,100–110].

- Коллективные миротворческие силы (КМС) — сформированы в 2010 г., участвовали в учениях и готовы к операциям под эгидой ООН [28, 152–165].

- Региональные группировки войск — Коллективные силы быстрого развёртывания в Центральной Азии (КСБР ЦА) [15, 140–145].

- Система кризисного реагирования — включает Координационный совет руководителей компетентных органов, оперативные группы и механизмы обмена информацией [4, 130–135].

Наиболее яркий пример практического применения — январь 2022 г. (Казахстан): впервые в истории ОДКБ были задействованы миротворческие силы для стабилизации внутренней ситуации по просьбе государства-члена [18, 208–210; 28, 153–155].

ОДКБ выстраивает многоуровневые отношения с глобальными и региональными структурами:

1. Организация Объединённых Наций. С 2005 года ОДКБ имеет статус наблюдателя в Генеральной Ассамблее ООН. Организация активно участвует в дискуссиях по вопросам международной безопасности, координирует миротворческие инициативы и борется с терроризмом в рамках резолюций СБ ООН [9, 20–30; 17, с1–20].

2. Шанхайская организация сотрудничества (ШОС). Подписаны меморандумы о сотрудничестве (2005, 2010, 2019, 2023 гг.). Основные направления: совместные антитеррористические учения («Мирная миссия»), обмен информацией, координация по вопросам региональной безопасности [19, 125–128; 21, 845–864].

3. Евразийский экономический союз (ЕАЭС). Хотя формального договора между ОДКБ и ЕАЭС нет, существует устойчивая координация в сферах экономической безопасности, защиты критической инфраструктуры, противодействия санкционным угрозам и обеспечения устойчивости цепочек поставок [4, 100–110; 18, 205–210].

4. Содружество Независимых Государств (СНГ). ОДКБ рассматривается как специализированная структура СНГ по вопросам обороны и безопасности. Многие решения СНГ находят практическое воплощение в рамках ОДКБ [2, 155–165].

Основные институциональные вызовы:

- отсутствие постоянного механизма координации с ЕАЭС и ШОС [18, 210–215];
- различия в национальных подходах к применению силы и кризисному реагированию [13, 37–44];
- внешние геополитические факторы и попытки дестабилизации [7, 55–60; 26, 220–240];
- необходимость повышения оперативности и прозрачности механизмов реагирования [28, 150–165].

Перспективы развития связаны с:

- созданием совместных координационных групп ОДКБ–ШОС и ОДКБ–ЕАЭС;
- заключением рамочных соглашений о стратегическом партнёрстве;
- расширением практики совместных учений и миротворческих операций под эгидой ООН;
- дальнейшим развитием системы кризисного реагирования с учётом новых угроз (кибербезопасность, гибридные войны).

Таким образом, институциональные механизмы ОДКБ позволяют ей эффективно выполнять функции региональной коллективной безопасности, занимая важное место в формирующейся евразийской архитектуре и многополярном мироустройстве [19,123–130; 4, 257; 15, 137–154].

Организация Договора о коллективной безопасности (ОДКБ) к настоящему времени утвердилась как одна из наиболее устойчивых и функциональных военно-политических структур на постсоветском пространстве и в евразийском регионе в целом. Проведённый анализ позволяет сформулировать ряд фундаментальных выводов относительно её места в системе международных организаций.

1. ОДКБ представляет собой модель региональной организации коллективной безопасности, в которой строго соблюдаются принципы суверенитета, равноправия и консенсуса. Это принципиально отличает её от НАТО (с постоянным интегрированным командованием и механизмом большинства) и приближает к более «мягким» структурам типа ШОС.

2. ОДКБ является военно-политической опорой евразийского проекта, дополняя экономическую функцию ЕАЭС и геостратегическую роль ШОС. Вместе эти три организации формируют один из самостоятельных полюсов в условиях становления многополярного мироустройства.

3. ОДКБ успешно взаимодействует с глобальными структурами (ООН — статус наблюдателя, участие в миротворчестве) и региональными объединениями (ШОС, СНГ, ЕАЭС), внося значимый вклад в формирование евразийской системы безопасности.

4. Организация продемонстрировала способность к реальному кризисному реагированию (Казахстан, январь 2022 г.), проведению масштабных антитеррористических операций («Канал», «Меркурий», «Нептун») и координации в условиях внешнего давления.

5. К числу наиболее значимых остаются: отсутствие постоянных механизмов координации с ЕАЭС и ШОС, различия в национальных подходах к применению силы, внешние геополитические факторы и необходимость дальнейшего совершенствования системы кризисного реагирования.

Для дальнейшего усиления роли ОДКБ в системе международных организаций и повышения её эффективности предлагается реализовать следующие меры:

1. Институциональное совершенствование:

- Создать постоянный Координационный совет по стратегическому планированию при Совете коллективной безопасности для разработки долгосрочных (10–15 лет) планов военного строительства и кризисного реагирования.

- Усилить полномочия Объединённого штаба в части оперативного планирования и координации Коллективных сил оперативного реагирования (КСОР) и миротворческих сил.

2. Углубление взаимодействия с ключевыми партнёрами:

- Заключить рамочное соглашение о стратегическом партнёрстве между ОДКБ и ШОС с созданием совместной рабочей группы по вопросам безопасности, антитеррора и защиты критической инфраструктуры.

- Разработать и подписать протокол о постоянной координации между Секретариатом ОДКБ и Евразийской экономической комиссией в сферах экономической безопасности, защиты энергетической и транспортной инфраструктуры и противодействия санкционным угрозам.

3. Расширение внешних связей:

- Активизировать участие в миротворческих операциях под эгидой ООН, добиваясь большего признания Коллективных миротворческих сил ОДКБ в качестве сертифицированных миротворческих контингентов.

- Углубить сотрудничество с СНГ, превратив ОДКБ в основной исполнительный механизм безопасности Содружества.

4. Внутреннее укрепление:

- Ускорить унификацию национального законодательства в сфере применения коллективных сил и кризисного реагирования.

- Разработать единую программу цифровизации системы безопасности ОДКБ («Евразийский цифровой щит») с акцентом на кибербезопасность, обмен разведданными и координацию в гибридных угрозах.

5. Стратегическое позиционирование:

- Продвигать концепцию Большого евразийского партнёрства в сфере безопасности, где ОДКБ, ШОС и ЕАЭС выступают взаимодополняющими элементами.

- Активно использовать площадки ООН, ОБСЕ и БРИКС+ для продвижения модели «коллективной безопасности суверенных государств» как альтернативы западноцентричным альянсам.

ОДКБ к 2026 году доказала свою жизнеспособность, способность адаптироваться к новым вызовам и реальную эффективность в кризисных ситуациях. Её уникальное место в системе международных организаций определяется именно балансом между коллективными

обязательствами по взаимной обороне и строгим уважением суверенитета государств-членов. Дальнейшее развитие Организации зависит от последовательной реализации предложенных мер, углубления взаимодействия с ШОС и ЕАЭС, расширения внешних связей и внутреннего укрепления правовой и институциональной базы. ОДКБ — это не просто военно-политический союз, а стратегический проект, который вносит существенный вклад в формирование многополярного мироустройства, где государства могут обеспечивать свою безопасность, сохраняя при этом полную самостоятельность и национальную идентичность.

## ЛИТЕРАТУРА:

1. Абайдельдинов Е.М. Особенности проекта Договора об учреждении евразийского экономического союза//Вестник Института законодательства Республики Казахстан. 2014. № 2 (34). С. 75-79.

2. Абламейко С.В. Евразийская интеграция: истоки, проблемы, перспективы: коллективная монография. Т. II. Санкт-Петербург: Университет при МПА ЕврАзЭС, 2017. 392 с.

3. Бекяшев К.А. Международно-правовые основы создания и функционирования Евразийского экономического союза. Монография. Москва: Проспект, 2015. 126 с.

4. Довгань Е.Ф., Русакович А.В. Организация Договора о коллективной безопасности и планирование на случай чрезвычайных обстоятельств после 2014 года. Женева: DCAF, 2015. 257 с.

5. Договор о Евразийском экономическом союзе : подписан в г. Астане 29 мая 2014 г. : (ред. от 25 мая 2023 г.) : с изм. и доп., вступ. в силу с 24 июня 2024 г. – URL: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_163855/ (дата обращения: 21.02.2026).

6. Договор о коллективной безопасности (Ташкент, 15 мая 1992 г.) (с изм. от 10 декабря 2010 г.) // Официальный сайт Организации Договора о коллективной безопасности. URL: https://odkb-csto.org/documents/documents/dogovor_o_kollektivnoy_bezopasnosti/#loaded (дата обращения: 21.02.2026).

7. Дугин А.Г. Основы Геополитики. Геополитическое будущее России. Мыслить пространством. Москва: АРКТОГЕЯ-ЦЕНТР, 1999. 928 с.

8. Евразийская политическая экономия: учебник / под ред. И.А. Максимцева, Д.Ю. Миропольского, Л.С. Тарасевича. Санкт-Петербург: Изд-во СПбГЭУ, 2016. 767 с.

9. Евразийские исследования. № 1, 2024. Июнь. 102 с.

10. Егоров А.М., Егоров И.А. Место Организации договора о коллективной безопасности в системе региональной и международной безопасности// В сборнике: Беларусь в системе международной безопасности. Сборник научных статей Регионального круглого стола, посвящённого 105-летию Вооружённых Сил Беларуси. Брест, 2023. С. 42-47.

11. Испирян К.О. Правовые регуляторы договоров купли-продажи в рамках Евразийского экономического союза// В сборнике: Мультикультурное научное пространство и Россия. Сборник статей. Сер. "Российская наука в условиях реформ: практический результат инновационных трансформаций" Частное учреждение дополнительного профессионального образования международный институт инновационного образования. центр повышения квалификации. Тюмень, 2017. С. 314-316.

12. Кабиров В.З. Правовые основы применения сил и средств системы коллективной безопасности Оорганизации договора о коллективной безопасности// Право в Вооруженных Силах - Военно-правовое обозрение. 2022. № 12 (305). С. 124-130.

13. Камышанский Д.Ю. Современные угрозы безопасности государств-членов Организации договора о коллективной безопасности// Военное право. 2025. № 2 (90). С. 37-44.

14. Кашкин С.Ю., Четвериков А.О. Право Евразийского экономического союза: учебник. Москва: Проспект, 2016. 192 с.

15. Кембаев Ж.М. Правовая база и процесс принятия документов в рамках ОДКБ // Организация Договора о коллективной безопасности и планирование на случай чрезвычайных обстоятельств после 2014 года. Женева: DCAF, 2015. С. 137-154.

16. Коркоташвили Н.Н. Евразийский путь развития: договор о создании евразийского экономического союза// В сборнике: Консервативные традиции и либеральные ценности в постсоциалистической России. сборник научных статей. 2016. С. 183-185.

17. Кочарян В.К. Транспарентность сведений о регионах ОДКБ в контексте информ // Eurasian Integration. 2024. № 1. С. 1-20.

18. Левченков А.С., Пивовар Е.И., Гущин А.В. ОДКБ и проблемы региональной безопасности на евразийском пространстве (к 30-летию Договора о коллективной безопасности)// Новая и новейшая история. 2022. № 5. С. 204-216.

19. Мартыненко С.Е. ЕАЭС, ОДКБ и ШОС – три опоры российского «евразийства» // Вестник Томского государственного университета. 2020. № 450. С. 123-130.

20. Мартыненко С.Е., Мартыненко Е.В., Глебов В.А. Договор о Евразийском экономическом союзе: правовая имплементация основных положений// Евразийский Союз: вопросы международных отношений. 2021. Т. 10. № 2 (36). С. 97-106.

21. Мартыненко С.Е., Пархитько Н.П. Российско-китайское сотрудничество в Центральной Азии в контексте инициативы «Один пояс, один путь» // Вестник РУДН. Серия: История России. 2019. № 4. С. 845-864.

22. Механизмы принятия наднациональных решений в ЕАЭС. Москва: ВШЭ, 2024. 236 с.

23. Нурматов Т.А. Роль и значение Договора евразийского экономического союза в развитии унификации законодательства Кыргызской республики// Вестник Дипломатической академии Министерства иностранных дел Кыргызской Республики имени Казы Дикамбаева. 2021. № 16. С. 83-88.

24. Пивовар Е.И. The Eurasian Economic Commission: From Its Origins to the Present // Вестник РУДН. 2023. Т. 23. № 1. С. 45-60.

25. Пунтус С.А., Шитова Т.В. От договора о коллективной безопасности к организации договора о коллективной безопасности: история становления международной организации// Основные тенденции развития Российского законодательства. 2013. № 8. С. 32-36.

26. Рахимов К.Х. Взаимоотношения государств Центральной Азии с Россией и Китаем: от теории к практике. Монрграфия. - Ташкент, 2023. 280 с.

27. Розиқов Ф.М., Саидов М.К. Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ҳамчун заминаи ҳамкориҳои амниятӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2019. № 7. С. 65-70.

28. Торопыгин А.В. Организация Договора о коллективной безопасности: реалии и перспективы кризисного реагирования // Вестник МГИМО. 2022. № 2. С. 150-165.

29. Труды Института постсоветских и межрегиональных исследований. Вып. 8: Таджикистановедение / редкол.: Е.И. Пивовар (отв. ред.), М.В. Катагощина, Е.А. Косован, Г.М. Майтдинова, А.Ю. Наумова, И.Е. Ханова, А.В. Галкина. М.: РГГУ, 2025. 370 с.

## ҶОЙГОҲИ СААД ДАР НИЗОМИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Мақола ба таҳлили ҷойгоҳи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) дар низоми созмонҳои байналмилалӣ бахшида шудааст. Бар асоси омӯзиши санадҳои меъёрӣ, назарҳои назариявӣ ва таҳлили муқоисавӣ муаллиф хусусияти ҳуқуқии СААД, хусусиятҳои сохтории он, нақши он дар фазои авруосиёӣ ва ҳамкориаш бо сохторҳои ҷаҳонӣ ва минтақавиро ошкор мекунад. Дар кор ҷанбаҳои назариявӣ-таърихии ташаккули СААД, пойдевори ҳуқуқӣ (Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ соли 1992/2010), механизмҳои институтсионалӣ (Секретариат, Штаби муттаҳид), муқоиса бо НАТО, СҲШ, инчунин мушкилот ва дурнамоҳои рушд баррасӣ шудаанд. Тавсияҳо оид ба тақвияти мавқеи СААД тавассути амиқтар кардани ҳамкорӣ бо ИИА ва СҲШ пешниҳод гардидаанд. Муаллиф таъкид мекунад, ки СААД ҷойгоҳи беназир дорад ҳамчун намунаи амнияти дастаҷамъӣ бо риояи принсипҳои соҳибихтиёрӣ дар ҷаҳони чандқутбӣ.

***Калимаҳои калидӣ:*** *СААД, созмонҳои байналмилалӣ, амнияти дастаҷамъӣ, Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, механизмҳои институтсионалӣ, соҳибихтиёрӣ, таҳлили муқоисавӣ, СҲШ, ИИА, НАТО, ҷаҳони чандқутбӣ.*

## THE PLACE OF THE CSTO IN THE SYSTEM OF INTERNATIONAL ORGANIZATIONS

The article is devoted to the analysis of the place of the Collective Security Treaty Organization (CSTO) in the system of international organizations. Based on the study of normative acts, theoretical approaches and comparative analysis, the author reveals the legal nature of the CSTO, its institutional features, role in the Eurasian space and interaction with global and regional structures. The work examines the theoretical-historical aspects of the formation of the CSTO, legal foundations (Collective Security Treaty 1992/2010), institutional mechanisms (Secretariat, Joint Staff), comparison with NATO, SCO, as well as problems and development prospects. Recommendations are proposed to strengthen the position of the CSTO through deepening cooperation with the EAEU and SCO. The author emphasizes that the CSTO occupies a unique place as a model of collective security taking into account the principles of sovereignty in a multipolar world.

***Keywords:*** *CSTO, international organizations, collective security, Collective Security Treaty, institutional mechanisms, sovereignty, comparative analysis, SCO, EAEU, NATO, multipolar world.*

**Сведения об автора: Сангинзода Дониёр Шомахмад** – доктор юридических наук, профессор, зам.директора Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, Таджикистан, г. Душанбе, х. Рудаки 33; тел.: (+992) 980-85-07-07; Электронная почта: doniyor_sanginov@mail.ru.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Сангинзода Дониёр Шомахмад** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 33; Тел.: (+992) 980-85-07-07; Почтаи электронӣ: doniyor_sanginov@mail.ru

**Information about the author: Sanginzoda Doniyor Shomakhmad** – Doctor of Legal Sciences, Professor, Deputy Director of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 33; Phone: (+992) 980-85-07-07; E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

# НАУЧНО-ТЕХНИЧЕСКОЕ И ИННОВАЦИОННОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ В ДВУСТОРОННЕМ И МНОГОСТОРОННЕМ ФОРМАТАХ

**Сайидзода З. Ш., Курбонзода Ф.**
Институт изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ

*В статье с позиций теории инновационного развития, институционального подхода и концепции цифрового государства анализируются современные формы и направления научно-технического и инновационного сотрудничества Республики Таджикистан и Российской Федерации в двустороннем и многостороннем форматах, прежде всего в рамках Содружества Независимых Государств. Особое внимание уделяется институциональным механизмам инновационного взаимодействия, цифровой трансформации государственного управления, совместным научным исследованиям, образовательным программам и сотрудничеству в сфере здравоохранения. Обосновывается тезис о том, что российско-таджикское научно-технологическое партнёрство выступает одним из ключевых факторов формирования общего инновационного пространства СНГ и устойчивого социально-экономического развития Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *инновационное сотрудничество, научно-техническая политика, СНГ, цифровизация, инновационная система, Таджикистан, Россия.*

Современный этап глобального развития характеризуется переходом от индустриальной к постиндустриальной модели экономики, в рамках которой ключевыми факторами роста выступают знания, инновации и человеческий капитал. В теоретическом плане данный процесс описывается в рамках концепций экономики знаний, национальных инновационных систем (Б. Лундвалл, Р. Нельсон), а также неоинституциональной теории, подчёркивающей роль формальных и неформальных институтов в стимулировании инновационной активности.

Опыт экономически развитых стран свидетельствует о том, что устойчивое инновационное развитие невозможно без активного участия государства, реализующего функции стратегического планирования, институционального проектирования и долгосрочного регулирования научно-технологической сферы. В этом контексте формирование инновационного пространства на наднациональном уровне, в том числе в рамках интеграционных объединений, рассматривается как важный инструмент повышения конкурентоспособности национальных экономик.

Для Республики Таджикистан переход к инновационной модели развития представляет собой объективную необходимость, обусловленную ограниченностью экстенсивных факторов роста и потребностью в модернизации ключевых сфер — образования, здравоохранения, промышленности и государственного управления. Существенную роль в этом процессе играет сотрудничество с Российской Федерацией, обладающей развитым научно-техническим потенциалом и значительным опытом институционального сопровождения инновационных процессов.

Методологической основой исследования послужил комплексный междисциплинарный подход, сочетающий положения теории инновационного развития, концепции национальных и региональных инновационных систем, неоинституциональной теории, а также теории цифрового государства и сетевого взаимодействия в науке и технологиях.

В рамках исследования применялись следующие методы научного анализа:

– системный метод, позволивший рассмотреть научно-техническое и инновационное сотрудничество Таджикистана и России как целостную многоуровневую систему;

– структурно-функциональный анализ, использованный для выявления роли государственных институтов и научных организаций;

– институциональный анализ нормативно-правовой базы и программ СНГ;

– сравнительный метод при анализе процессов цифровизации стран СНГ;

– качественный анализ официальных документов и программных источников.

Эмпирическую базу исследования составили данные органов СНГ, материалы международных организаций, а также сведения о реализации совместных российско-таджикских проектов.

Научная новизна исследования заключается в комплексном теоретико-прикладном осмыслении научно-технического и инновационного сотрудничества Республики Таджикистан и Российской Федерации как элемента формирующейся региональной инновационной системы СНГ. В отличие от существующих работ, преимущественно сосредоточенных на отдельных аспектах двусторонних отношений, в статье:

– предложен интегративный анализ двустороннего и многостороннего форматов сотрудничества, объединяющий институциональный, сетевой и цифровой подходы;

– обоснована роль цифровизации государственного управления как системного драйвера углубления научно-технологического взаимодействия;

– выявлена связь между развитием совместных научных проектов и формированием инновационного человеческого капитала в Таджикистане;

– показано значение российских научных и цифровых платформ как механизмов трансфера знаний и институциональных практик в условиях догоняющего инновационного развития.

Практическая значимость исследования определяется возможностью использования полученных выводов и обобщений:

– при разработке и корректировке национальных и межгосударственных программ научно-технического и инновационного сотрудничества в рамках СНГ;

– в деятельности профильных министерств и ведомств Республики Таджикистан и Российской Федерации, ответственных за цифровизацию, науку, образование и здравоохранение;

– при проектировании и реализации совместных технопарков, научных центров и цифровых платформ;

– в образовательном процессе при подготовке специалистов в области международных отношений, инновационной экономики и государственного управления.

Материалы статьи также могут быть использованы в аналитических докладах, стратегических обзорах и научных исследованиях, посвящённых вопросам интеграции и инновационного развития постсоветского пространства.

Инновационное сотрудничество в рамках СНГ: теоретико-институциональный анализ.

С точки зрения теории региональных инновационных систем пространство СНГ может рассматриваться как формирующаяся наднациональная инновационная экосистема, в рамках которой обеспечивается координация научно-технической политики, обмен знаниями и совместное использование исследовательской инфраструктуры. Одним из ключевых инструментов институционализации данного процесса стала Межгосударственная программа инновационного сотрудничества государств — участников СНГ на период до 2030 года, утверждённая решением Совета глав правительств СНГ 6 ноября 2020 года.

Данная программа отражает эволюцию подходов к управлению инновационным развитием на межгосударственном уровне и акцентирует внимание на цифровизации, интеграции информационных систем и подготовке кадров для инновационной экономики.

Цифровизация государственного управления как драйвер инновационного развития

Цифровизация государственного управления соотносится с концепцией «цифрового государства». Сравнительный анализ индекса EGDI ООН демонстрирует значительную асимметрию цифрового развития стран СНГ, что обусловливает востребованность российского опыта цифровой трансформации в Таджикистане.

Реализация проектов электронного образования, «умного города» и портала HUKUMAT.TJ свидетельствует о формировании национальной цифровой экосистемы, интегрированной в региональное пространство СНГ.

Российский опыт цифровизации востребован за рубежом, а Таджикистан активно движется по пути модернизации своих государственных систем.

«Самой популярной и общедоступной российской платформой является «Госуслуги» — справочно-информационный интернет-портал, обеспечивающий доступ физических и юридических лиц к сведениям о государственных и муниципальных услугах в Российской Федерации.» [3,179].

В 2025 году был запущен единый портал предоставления государственных услуг гражданам — HUKUMAT.TJ, который позволяет оформлять обращения в государственные структуры в электронном виде без личного визита в ведомства. Портал разработан на основе Указа Президента Республики Таджикистан «О вопросах предоставления государственных услуг в электронном виде» от 10 июля 2025 года. [2]

Используя богатый опыт России в области цифровизации, в настоящее время осуществляется успешное сотрудничество российских ИТ-компаний с таджикскими органами власти. Так, решение компании АО «ИРТех» позволило доработать информационную систему Министерства образования и науки Таджикистана. Электронные дневники на базе российской разработки уже внедряются в 562 школах страны.

Кроме того, компания ГК «ЭРА» совместно с администрацией Душанбе реализует проект «Умный город». Благодаря оцифровке данных и применению геодезических беспилотников повышается эффективность управления ресурсами и качество жизни горожан. Также следует отметить высокий спрос на услуги связи российских операторов: дочерняя компания «МегаФон Таджикистан» первой запустила в стране сети 3G, 4G/LTE и 5G, обслуживая более 2 млн абонентов. [4]

Российско-таджикское научное сотрудничество: инновационные сети и человеческий капитал

Научное сотрудничество Таджикистана и России представляет собой устойчивую систему инновационных сетей, в центре которых находится Национальная академия наук

Республики Таджикистан. Совместные исследования и проекты формируют эффект научной синергии и способствуют воспроизводству научных кадров.

Таджикистан и Россия осуществляют сотрудничество между соответствующими ведомствами, научными и научно-производственными объединениями, научно-исследовательскими институтами, организациями и лабораториями на основе Межправительственного соглашения о сотрудничестве в области культуры, науки и техники, образования, здравоохранения, информации, спорта и туризма, подписанного в 1995 году. [7]

В области образования и науки между странами в настоящее время действует восемь межправительственных соглашений. Приоритетными направлениями подготовки и переподготовки кадров на базе российских вузов и научно-исследовательских учреждений для Таджикистана являются генетика, вирусология, бактериология, биотехнологии и другие перспективные направления.[5]

Инновации в сфере образования и здравоохранения

Сотрудничество в области образования и здравоохранения рассматривается как инвестиция в человеческий капитал и устойчивое инновационное развитие. Совместные медицинские и образовательные программы способствуют модернизации социальной сферы современного Таджикистана.

С 2013 года Республика Таджикистан участвует в российской «Программе технической помощи в борьбе с ВИЧ и другими инфекционными заболеваниями». В рамках данной программы Россия поставляет мобильные клинические комплексы, позволяющие обследовать жителей удалённых районов. Российская сторона также финансирует работу этих клиник, обучение персонала, поставки тест-систем и специализированной литературы. На реализацию Программы технической помощи в области профилактики, контроля и надзора за ВИЧ/СПИД и другими инфекционными заболеваниями с 2013 по 2024 годы Россия выделила порядка 400 млн рублей.

За последние годы Таджикистан получил от России шесть мобильных лечебно-профилактических комплексов, пять мобильных лабораторий и десять автомобилей скорой медицинской помощи. В начале года Россия передала Республиканскому центру по борьбе с карантинными заболеваниями Министерства здравоохранения Таджикистана две современные мобильные лаборатории с высокотехнологичным оборудованием для выявления инфекционных возбудителей. [6]

Инновационная инфраструктура и технопарки как инструменты структурной модернизации

Создание индустриального технопарка в городе Душанбе отражает переход к системным институциональным формам инновационного сотрудничества и формированию благоприятной среды для развития высокотехнологичного бизнеса.

В настоящее время разрабатывается инвестиционное соглашение, которое ляжет в основу реализации совместного проекта Таджикистана и России по созданию технопарка в городе Душанбе. Строительство индустриального технопарка по аналогии с российским «Химградом» в г. Казани планируется начать в 2026 году после подписания межправительственного соглашения между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией, а ввод объекта в эксплуатацию намечен на 2030 год. Управление проектом будет осуществляться российской стороной. [1]

Заключение

Научно-техническое и инновационное сотрудничество Республики Таджикистан и Российской Федерации формируется как многоуровневая система, включающая институциональные, проектные и сетевые формы взаимодействия. Углубление данного партнёрства способно стать важным фактором устойчивого развития и повышения конкурентоспособности региона СНГ в целом.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. В Душанбе построят технопарк по аналогии с казанским «Химградом». Электронный источник. https://tass.ru/ekonomika/23068075 [Дата доступа: 10.01.2026].
2. В Таджикистане запущен портал госуслуг. Как он работает? Электронный источник: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/power/20251119/v-tadzhikistane-zaputshen-portal-gosuslug?utm_gravitec=bell [Дата доступа: 10.01.2026].
3. Курбонзода Ф. Роль цифровизации в развитии экономики России // Азия и Европа (научный журнал). С. 179.
4. Россия и Таджикистан укрепят цифровое сотрудничество. Электронный источник: https://www.gazeta.ru/social/news/2025/10/09/26922260.shtml?utm_auth=false [Дата доступа: 10.01.2026].
5. Судьбу «Памир-Чакалтая» и других российско-таджикистанских научных проектов обсудили на круглом столе в СФ. Электронный источник: https://www.ras.ru/news/shownews.aspx?id=7e218915-328c-4d47-a369-4f0f55f75b8f [Дата доступа: 10.01.2026].
6. Успешное медицинское сотрудничество России и Таджикистана: новые центры и перспективы цифровизации. Электронный источник: https://pressa.tj/uspeshnoe-mediczinskoe-sotrudnichestvo-rossii-i-tadzhikistana-novye-czentry-i-perspektivy-czifrovizaczii/ [Дата доступа: 12.01.2026].
7. Хопёрская Л. Л. Роль элитных российско-таджикских коммуникаций в реализации Евразийского интеграционного проекта. Электронный источник: https://cyberleninka.ru/article/n/rol-elitnyh-rossiysko-tadzhikskih-kommunikatsiy-v-realizatsii-evraziyskogo-integratsionnogo-proekta/viewer [Дата доступа: 12.01.2026].


## ҲАМКОРҲОИ ИЛМӢ-ТЕХНИКӢ ВА ИННОВАТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР ФОРМАТҲОИ ДУҶОНИБА ВА БИСЁРҶОНИБА


Дар мақола аз нуқтаи назари назарияи рушди инноватсионӣ, равиши институтсионалӣ ва консепсияи давлати рақамӣ шаклу самтҳои муосири ҳамкории илмию техникӣ ва инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия дар форматҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, пеш аз ҳама дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таҳлил карда мешаванд. Ба механизмҳои институтсионалии ҳамкории инноватсионӣ, тағирёбии рақамии идоракунии давлатӣ, таҳқиқоти муштараки илмӣ, барномаҳои таълимӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ диққати махсус дода мешавад. Тезис асоснок карда мешавад, ки шарикии илмӣ-технологии Русия ва Тоҷикистон яке аз омилҳои асосии ташаккули фазои умумии инноватсионии ИДМ ва рушди устувори иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.



***Калимаҳои асосӣ:*** *ҳамкорҳои инноватсионӣ, сиёсати илмӣ-техникӣ, ИДМ, рақамисозӣ, системаи инноватсионӣ, Тоҷикистон, Русия.*

## SCIENTIFIC, TECHNICAL, AND INNOVATIVE COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE RUSSIAN FEDERATION IN BILATERAL AND MULTILATERAL FORMS

*The article analyzes the current forms and directions of scientific, technical, and innovative cooperation between the Republic of Tajikistan and the Russian Federation in bilateral and multilateral formats, primarily within the framework of the Commonwealth of Independent States, from the perspective of the theory of innovative development, the institutional approach, and the concept of the digital state. Special attention is given to the institutional mechanisms of innovative cooperation, the digital transformation of public administration, joint scientific research, educational programs, and cooperation in the field of healthcare. The article substantiates the thesis that the Russian-Tajik scientific and technological partnership is one of the key factors in the formation of a common innovation space in the CIS and the sustainable socioeconomic development of the Republic of Tajikistan.*

***Keywords:*** *innovative cooperation, scientific and technical policy, CIS, digitalization, innovative system, Tajikistan, Russia.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Сайидзода Зафар Шералӣ** - доктори илмҳои таърих, мудири шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиѐ ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиѐбони Рӯдакӣ, 33. Телефонҳо: +992 902888816; 372 210592. Почтаи электронӣ: zafarsaidov61@gmail.com

**Қурбонзода Фарида** - ходими илмии шуъбаи ИДМ – и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.: +992 930330352; E-mail: kurbonova_22@mail.ru

**Сведения об авторах:**

**Сайидзода Зафар Шерали,** заведующий отделом стран СНГ Института стран Азии и Европы НАНТ, доктор исторических наук. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Рудаки 33. Тел: +992902888816. Электронная почта: zafarsaidov61@gmail.com

**Курбонзода Фарида** - научный сотрудник Отдела СНГ Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ Адрес: Таджикистан, 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 33. Тел: (+992) 930-33-03-52. E – mail: kurbonova_22@mail.ru

**Information about Authors:**

**Sayidzoda Zafar Sherali,** Head of the CIS Department of the Institute for the Study of Asian and European Countries of the NAST, Doctor of Historical Sciences. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Street 33. Tel: +992902888816. Email: zafarsaidov61@gmail.com

**Qurbonzoda Farida** – researcher at the Department of CIS of the Institute of studying of the problems of Asian and European countries of the NAST, Address: 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 33, tel.: (+992) 930330352; E-mail: kurbonova_22@mail.ru

# КОНСЕПСИЯҲОИ МУОСИРИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ФАЗОИ ИТТИЛООТӢ

**Дороншоева Н.Ш.**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ
**Броимшоева З. Ғ.**
Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ

*Дар мақола таҳлили ҳамаҷонибаи мафҳумҳои муосири муносибатҳои байналмилалӣ дар заминаи табдили фазои иттилоотӣ пешниҳод шудааст. Таваҷҷуҳ ба аз нав дида баромадани назарияҳои классикӣ (реализм, либерализм, конструктивизм) таҳти таъсири технологияҳои рақамӣ ва пайдоиши парадигмаҳои нав, ки хусусияти қудрат, дипломатия ва амниятро дар асри XXI муайян мекунанд, равона шудааст. Мақола ҷанбаҳои асосии зеринро мавриди омӯзиш қарор додааст: Таҳаввулоти мафҳуми "қудрати нарм" ба "қудрати рақамӣ" ва асбобҳои он. Нақши фазои иттилоотӣ ҳамчун воситаи асосии анҷом додани "ҷанги гибридӣ" ва амалиётҳои таъсиррасонӣ, ки дар он иттилоот ба силоҳи асосӣ табдил меёбад. Табдилёбии дипломатия таҳти таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ: аз дипломатияи ҷамъиятӣ то амалияҳои онлайн ва кибердипломатӣ. Амнияти киберӣ ҳамчун унсури муҳими амнияти миллӣ ва мавзӯи музокирот ва низоъҳои байналмилалӣ. Фазои иттилоотӣ ҳамчун майдони муқовимати фарҳангӣ, тамаддунӣ ва ривоятӣ, аз ҷумла падидаҳои империализми рақамӣ, ҷанги иттилоотӣ ва эҷоди "ҳубобчаҳои филтрӣ".*

***Калидвожаҳо:*** *муносибатҳои байналмилалӣ, фазои иттилоотӣ, қудрати рақамӣ, ҷанги гибридӣ, амнияти киберӣ, дипломатияи рақамӣ, ҷанги иттилоотӣ, қудрати нарм.*

Асри XXI дар ҳақиқат "Асри Иттилоот" муаррифӣ шудааст. Ин номгузорӣ на танҳо ба афзоиши самарабахшии технологияҳо, балки ба таъсири умдаи онҳо бар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон, аз ҷумла сиёсати байналмилалӣ далолат мекунад. Фазои иттилоотӣ, ки шабакаҳои глобалии интернет, расонаҳои иҷтимоӣ, платформаҳои мубодилаи иттилоот ва технологияҳои алоқаро дар бар мегирад, ҳам заминаи муошират ва ҳам майдони рақобати шиддатёфта барои таъсир, нуфуз ва қудрат гардидааст. Муносибатҳои байналмилалӣ, ки дар асрҳои гузашта дар майдони ҷанг, дипломатия ва тиҷорати классикӣ ҷараён меёфт, акнун ба таври фаъол дар ин фазои виртуалӣ-реалӣ ташаккул меёбанд ва идора карда мешаванд. Консепсияҳо ва назарияҳои классикӣ бояд дар маҷмӯъ бо воқеияти нав бо таваҷҷуҳ ба технологияҳои иттилоотӣ такмил ёфта, барои таҳлили дурусти равандҳои ҷаҳонӣ равона шаванд.

Барои реалистҳо, ки ҷаҳонро ҳамчун майдони рақобати давлатҳо барои қудрат мебинанд, фазои иттилоотӣ танҳо майдони нави ин рақобатро кушод. Дар ин ҷо низ "табиати инсон" ва "холигӣ" (anarchy) дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ҳукмфармост. Аммо дар ин майдон, қудрат на танҳо ба артиш ва иқтисод, балки ба имконоти технологӣ ва маҳфузияти иттилоотӣ, ки тавоноии таъсир расондан ба ақидаи умум аз он вобастагии амиқ дорад. Давлатҳо барои ҳифзи "мустақилияти киберӣ" (cyber sovereignty) ва таъмини амнияти миллии киберӣ аз ҳамдигар пешдастӣ мекунанд. Р. Кохейн ва Ҷ. Най дар китоби "Power and Interdependence" муқаррар кардаанд, ки *"дар асри иттилоот, мураккабтарини вобастагии мутақобила (complex interdependence) хусусияти муносибатҳои байналмилалиро тағйир медиҳад*"[1.с,5,9]. Фазои иттилоотӣ ин

"вобастагии мутақобила"-ро ба сатҳи дигар мерасонад, зеро иттилоот озодона ҳаракат мекунад, вале ба он даст ёфтан ва идора кардан мураккабтар аст.

Назарияи либерализм, ки ба аҳамити ҳамкориҳои байналмилалӣ, муқаррарот ва нақши ташкилотҳои ҷамъиятӣ такя мекунад, дар фазои иттилоотӣ заминаи васеъ пайдо кардааст. Интернет ба ташкилотҳои байналмилалӣ, ширкатҳои фаромиллӣ ва ҳатто инсонҳои оддӣ имкон медиҳад, ки бевосита дар равандҳои глобалӣ иштирок намоянд ва ба суҳбатҳои сиёсӣ таъсир расонанд. Ин ҳамон "ҷомеаи шабакавӣ" (network society) аст, ки Мануел Кастелс дар бораи он сухан гуфтааст. Фазои иттилоотӣ муҳити мусоид барои эҷоди муассисаҳо ва қонунҳои байналмилалӣ дар соҳаҳое чун тиҷорати электронӣ, ҳифзи махфият ва амнияти киберӣ мебошад. Аммо ин фазо ҳамзамон васоити нави баҳсҳоро низ фароҳам овардааст.

Конструктивистҳо таъкид мекунанд, ки воқеияти байналмилалӣ назар ба ангезишҳои моддӣ бештар тавассути ақидаҳо, ҳикояҳо ва мафҳумҳои умумӣ сохта мешавад. Фазои иттилоотӣ барои ин раванди "сохтмон" як қувваи беҳамто аст. Дар ин ҷо тасвири рақиб, андешаҳо дар бораи "адолат" ё "таҳдид" ва ҳатто мафҳуми "миллӣ" метавонад бо суръати зиёд тавассути расонаҳо, филмҳо, мемуарҳои вирусӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ сохта, тағйир дода ё нест карда мешаванд. Александр Вендт мегуяд: *"Anarchy is what states make of it"* - бесарусомонӣ он аст, ки давлатҳо онро чӣ гуна истифода мебаранд[2.с,391,422]. Фазои иттилоотӣ имконияти фаровоне барои тарҳрезии ин "фаҳмиш"-ҳо пешкаш мекунад, ки дар натиҷа ба рафтори давлатҳо таъсири ҷиддӣ мерасонанд.

Мафҳуми "қудрати нарм"-и Ҷозеф Най, ки ба тавоноии ҷалб кардан ва таъсир расондан бе истифода аз қувваи сахт ишора дорад, дар асри рақамӣ(Digital Age) шакли нав гирифтааст. "Қудрати рақамӣ" (Digital Power) ба воситаҳо ва тартиботе ишора мекунад, ки тавассути платформаҳои рақамӣ барои ташаккули ояндабинӣ, тарҳрезии барномаҳо ва сохтани пайвандҳои фарҳангӣ истифода мешаванд. Давлат метавонад тавассути филмҳои онлайн, курсиҳои ройгон (MOOCs), фаъолияти блогҳои муътабар ва фаъолияти расонаҳои иҷтимоии расмии худ дар дигар кишварҳо қудрати нарми худро афзоиш диҳад. Най худаш эътироф мекунад, ки *"дар ҷаҳони шабакавӣ голибият ба он касҳо тааллуқ дорад, ки дорои дониши бештар буда, метавонанд онро ба таври самарабахш кор фармоянд"* [3.с,34,52]. Қудрати рақамӣ барои фароҳам овардани ин дониш ва идоракунии он зарур аст.

Консепсияи "ҷангҳои гибридӣ" (Hybrid Warfare) тадбирҳои ҳарбӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва иттилоотиро дар як стратегияи ягона муттаҳид мекунад. Дар ин ҷо, фазои иттилоотӣ барои амалиёти психологӣ (PSYOP), паҳн кардани хабари нодуруст (fake news) ва ширкатҳои дезинформатсия як воситаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Мақсад на танҳо ба даст овардани ғалабаи ҳарбӣ, балки таҳрими устувории сиёсӣ ва иҷтимоии рақиб, эҷоди тафовут дар ҷомеа ва тақсим кардани он аст. Робертс муаррифӣ мекунад, ки *"ҷанги гибридӣ бар пайвастани усулҳои қадимӣ ва ноклассикӣ бо мақсади нооором кардани ҳокимиятҳо ва эҷоди фурӯпошии иҷтимоӣ асос ёфтааст"* [4,с.10]. Фазои иттилоотӣ имконияти паҳн кардани ин "усулҳо"-ро ба таври васеъ фароҳам меорад.

Баъзе мутахассисон аз мафҳуми "Ҷанги насли шашум" (Sixth-Generation Warfare) сухан мегӯянд, ки дар он марказ ба амалиёти ғайриҳарбӣ, аз ҷумла таъсири расонавӣ ва психологӣ гузошта мешавад. Дар ин навъ ҷанг майдони аслии муҳориба ақли мардум ва ҷомеа дар маҷмуъ мебошад. Дастгирандагони ин назар мегӯянд, ки дар асри иттилоот пирӯзӣ ҳангоми тағйир додани тасаввурот ва андешаҳои аҳолӣ дар майдони рақиб ба

даст меояд, на ҳангоми нобуд кардани нерӯҳои мусаллаҳи он. Фазои иттилоотӣ барои ин гуна амалиёт заминаи беҳамтост. Кевин Келли дар китоби "The Inevitable- Ногузир " менависад: *"Дар оянда пирӯзӣ ба онҳо таааллуқ хоҳад дошт, ки иттилоотро беҳтар назорат мекунанд, на онҳое, ки сарзаминҳоро ишғол мекунанд"*[5,с.25]. Ин гуфтаҳо далели ба марказияти фазои иттилоотӣ дар рақобатҳои оянда мебошанд.

Дипломатияи расонавӣ, ки ба таъсир расондан ба мардуми хориҷӣ майл дорад, дар натиҷаи пайдоиши расонаҳои иҷтимоӣ аз хабардиҳандаи якҷониба ба гуфтугӯи дуҷониба табдил ёфтааст. Давлатҳо акнун на танҳо пайғомҳои худро паҳн мекунанд, балки ба суҳбатҳои мустақим метавонанд бо аудиторияи хориҷӣ дар Twitter, Facebook, Instagram ва дигар платформаҳо бипайванданд. Ин имкон медиҳад, ки паймони зуд ва шахсӣ эҷод шавад ва ба дипломатия садои "инсонӣ" дода шавад. Аммо ин кор боиси хатарҳои нав низ мегардад: як ибораи нодуруст ё фишор ё ҳаракати нодурусти дипломат метавонад ба баҳси дипломатӣ табдил ёбад. *"Дипломатияи расонавӣ акнун ба таври васеъ ба мардум вобаста аст ва шахсони дипломат метавонанд бевосита бо онҳо муошират кунанд"* [6.с,14]. Ин вобастагӣ ҳам фурсат аст ва ҳам мушкилӣ.

Дар фазои иттилоотӣ дипломатия танҳо ба вазирони хориҷа ва сафирон маҳдуд намебошад. Ширкатҳои калони технологӣ (мас., Google, Meta, Microsoft), ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҳатто шаҳрвандони муътабар метавонанд дар равандҳои дипломатӣ иштилок намоянд. Дипломатияи шабакавӣ (Network Diplomacy) ба таври фаъол аз ин шабакаҳои гуногуни акторҳо барои дарёфти мақсадҳои сиёсӣ ва ҳалли мушкилиҳои глобалӣ истифода мебарад. Масалан, ҳангоми эҷоди COVID-19 ширкатҳои тиббӣ ва илмии хусусӣ дар дипломатияи ваксинаҳо нақши барҷаста бозиданд.

Бо афзудани хатарҳои киберӣ зарурати муколамаҳои дипломатӣ дар ин соҳа низ зиёд шуд. Дипломатияи киберӣ (Cyber Diplomacy) ба масъалаҳои эҷоди қоидаҳои нав, эътимодсозӣ, пешгирии баҳсҳо ва ҷавобгарӣ ба ҳамлаҳои киберӣ байни давлатҳо марбут аст. Гурӯҳҳои корӣ дар Созмони Миллали Муттаҳид, ташаббусҳои минтақавӣ ва гуфтугӯҳои дуҷонибаи байни кишварҳо дар ҳамин самт равона шудаанд. Мақсади асосӣ пешгирии "парокандагии стратегӣ" дар фазои киберӣ мебошад, ки ҳангоми баҳси ҳарбӣ ба вуқӯъи ҳамлаҳои хатарноки киберӣ оварда нарасонад. Аммо аз сабаби хусусияти пушидаи баъзе ҳамлаҳо ва мушкилии санҷиши мансабдорӣ, пешрафти чунин самти дипломатия то ҳол рушд наёфтааст.

Фазои иттилоотӣ спектри васеи таҳдидҳоро ба устувории давлатҳо ба бор овардааст. Инҳо метавонанд аз ҷосусии киберӣ (Cyber Espionage) барои дуздидани сирҳои давлатӣ ва тиҷоратӣ, то таҳдидҳои иттилоотӣ (DDoS) бар зидди инфрасохтори муҳим, ҳамлаҳо бар муассисаҳои тиббӣ ва энергетикӣ ва ширкатҳои фишанги иттилоотӣ, ки барои таҳрими интихобот истифода мешаванд. Ҳар яке аз ин таҳдидҳо метавонад ба амнияти миллии кишвар зарари ҷиддӣ расонад.

Барои мубориза бо ин таҳдидҳо кишварҳо кӯшиш мекунанд, ки қонунҳои байналмилалиеро эҷод намоянд. Гурӯҳҳои корӣ дар доираи СММ, ташаббусҳои минтақавӣ ва гуфтугӯҳои байни ду кишвар (мас., байни ИМА ва Хитой) дар ин ҷо фаъоланд. Масъалаҳои асосӣ дар ин гуфтугӯҳо: таърифи ҳамлаи киберӣ, принсипҳои ҳамкории ҷавобгарӣ, ҳуқуқи байналмилалии мухолифати ҳамлаҳо ва масъалаи ҷавобгарӣ дар сурати истифодаи кишвари сеюм барои ҳамла кардан мебошанд. Азбаски бештари ин музокирот ғайрирасмӣ ва бе ҳукми иҷборӣ мебошад, самараи онҳо маҳдуд аст.

Дар давраи Ҷанги Сард суботи стратегӣ (Strategic Stability) дар натиҷаи тарки мувозинати умумии ҳастаӣ вуҷуд дошт. Акнун пайдоиши олати киберӣ, ки метавонанд ба системаҳои амнияти ҳастаӣ таъсир расонанд, ин суботро халалдор мекунанд. Агар як кишвар бовар кунад, ки дар сурати рақобати ҳарбӣ системаҳои идоракунии силоҳи ҳастаии он метавонанд тавассути ҳамлаи киберӣ фаъол нашаванд, он гоҳ метавонад ба истифодаи пешакӣ ва зудтари ин силоҳ майл намояд. Ин мушкилии нави амнияти глобалист, ки таваҷҷуҳи ҷиддии дипломатҳоро талаб мекунад.

Ҳукмронии платформаҳои амрикоӣ ва ғарбӣ (Google, Facebook, Netflix, Twitter) дар фазои иттилоотӣ ба паҳн шудани арзишҳо, меъёрҳо ва моделҳои фарҳанги ғарбӣ дар тамоми ҷаҳон оварда расонидааст. Баъзе кишварҳо ва мутахассисон инро чун шакли нави "империализми рақамӣ" (Digital Imperialism) мешуморанд, ки гуногунии фарҳангӣ ва забонҳоро таҳдид мекунад. Дар ҷавоб кишварҳое чун Хитой, Россия ва Эрон ба эҷоди "интернети миллии" маҳдуд ва назоратшаванда рӯй овардаанд, то фазои иттилоотии худро аз таъсири беруна ҳифз кунанд ва модели фарҳангии худро тарғиб намоянд.

Муҳорибаи иттилоотӣ (Information Warfare) ба маҷмӯи амалиётҳои таҳрезишуда ишора дорад, ки барои таъсир расондан ба қабули қарорҳои рақиб, ташаккули андешаи умумӣ ва ноустувор кардани он тавассути системаҳои иттилоотӣ анҷом дода мешаванд. Аз воситаҳои муҳимми ин муҳориба: тарҳрезии хабари нодуруст, истифодаи ботҳо ва профилҳои кардӣ барои паҳн кардани пайғомҳои маъмулӣ, истифодаи технологияи "deepfake" барои эҷоди суханҳои масъулону намояндагони давлатӣ. Ин амалиётҳо бо усули алгоритми платформаҳо, ки барои таъминоти "ҳубобчаҳои филтерӣ" (filter bubbles) ва пайдоиши " камераҳои акси садо " (echo chambers) мусоидат мекунанд, самарабахштар мегарданд. Дар ин ҳуҷраҳо, корбарон танҳо он иттилоотеро мебинанд, ки ба ақидаҳои онҳо наздиканд ва ин боиси тарафдории экстремалӣ ва қутбшавии ҷомеа мегардад.

Дар асри иттилоот майдони асосии мубориза ақидаҳое мебошанд, ки боиси эътимод мегарданд ва метавонанд мавзуъ ё қиссаи қудмандтаринеро дар бораи воқеият пайдо кунанд, ки метавонад воқеъаҳо ва рафторҳоро ба манфиати худ шарҳ диҳад. Давлатҳо, созмонҳои террористӣ, ҳаракатҳои иҷтимоӣ ва ширкатҳои расонавӣ барои соҳиб шудан ба ин ҳикояҳо (Narrative Ownership) бо якдигар рақобат мекунанд. Барои намуна, ҳамлаҳои террористӣ аксаран на бо мақсади нобуд кардани душман аз лиҳози ҷисмонӣ равона шудаанд, балки ба мақсади тарҳрезии ҳикояе анҷом дода мешаванд, ки боиси тарс ва таъсири сиёсӣ гардад. Фазои иттилоотӣ барои паҳн кардани ин наративҳо василаи асосӣ мебошад.

Фазои иттилоотӣ дигаргункунандаи муносибатҳои байналмилалӣ дар асри XXI гардидааст. Он на танҳо васоити нави муоширатро пешкаш карда, балки мафҳумҳои классикии қудрат, ҷанг, дипломатия ва амниятро аз нав таъриф кардааст. Консепсияҳои муосири "қудрати рақамӣ", "ҷангҳои гибридӣ", "дипломатияи шабакавӣ" ва "амнияти киберӣ" натиҷаи ин дигаргунӣ мебошанд. Фазои иттилоотӣ ҳам майдоне барои ҳамкории беҳамто (масалан, дар бемориҳои глобалӣ ва муҳофизати муҳити зист) ва ҳам майдони рақобати шадид барои таъсир ва нуфуз аст. Ояндаи муносибатҳои байналмилалӣ дар ин фазо аз ду раванди асосӣ вобаста аст: *аввал*, тавоноии давлатҳо ва ҷомеаи байналмилалӣ дар идоракунии ин фазо ба воситаи қонунҳои глобалӣ, ҳамкориҳои минтақавӣ ва эътирофи маҳдудиятҳо; *дуюм*, ҳаракатҳои технологӣ, аз ҷумла пайдоиши зерсохтори афсонавии Web 3.0, забони сунъӣ (AI) ва технологияи блокчейн, ки метавонанд табиати марказонидани фазои иттилоотиро аз нав тағйир диҳанд.

Барои муваффақ будан дар ин фазои нав давлатҳо ва дигар акторҳои байналмилалӣ бояд на танҳо сармоягузории васеъро ба технология ва амнияти киберӣ анҷом диҳанд, балки бояд саводнокии иттилоотӣ (digital literacy), қобилияти таҳлили иттилоотӣ ва маҳорати муоширатро дар сатҳи миллию байналмилалӣ тарғиб намоянд. Танҳо дар ин сурат аст, ки метавон фурсатҳои фаровони фазои иттилоотиро барои пешрафти инсоният ва ҳамкории глобалӣ ба кор бурд ва аз хатарҳои он пешгирӣ кард.

**АДАБИЁТ**

1. Keohane, R.O., & Nye, J.S. (1977). Power and Interdependence: World Politics in Transition. Little, Brown and Company.

2. Wendt, A. (1992). Anarchy is what states make of it: the social construction of power politics. International Organization, 46(2), 391-425.

3. Nye, J.S. (2011). The Future of Power in the Information Age. The Royal Society.

4. Roberts, S. (2020). The Evolution of Hybrid Warfare. Georgetown University Press.

5. Kelly, K. (2016). The Inevitable: Understanding the 12 Technological Forces That Will Shape Our Future. Viking.

6. Bjola, C., & Holmes, M. (2015). Digital Diplomacy: Theory and Practice. Routledge.

7. Алимов Р.К. Мировая дипломатия и вызовы XXI века. — М.: Международные отношения, 2022. — 320 с.

8. Бжола К., Мэнсон М. Цифровая дипломатия: теория и практика. Пер. с англ. — М.: Аспект Пресс, 2023. — 280 с.

9. Гаджиев К.С. Геополитика цифровой эпохи: новые измерения власти. — М.: Юрайт, 2021. — 410 с.

10. Дробот Г.А., Косов Ю.В. (ред.). Мировая политика: трансформация в условиях цифровой революции. — М.: Аспект Пресс, 2023. — 456 с.

11. Иванов И.С. (ред.). Искусственный интеллект и будущее дипломатии. — М.: РСМД, 2022. — 168 с.

12. Мирзоев Ф.М. Региональная безопасность Центральной Азии в эпоху неопределённости. — Душанбе: Ирфон, 2021. — 215 с.

13. Най Дж. Власть в глобальном информационном веке. Пер. с англ. — М.: АСТ, 2020. — 350 с.

14. Сингер П.У., Брукинг Э. LikeWar: Война в социальных сетях. Пер. с англ. — М.: Альпина Паблишер, 2020. — 448 с.

15. Назарзода Л.Н. Влияние платформ социальных медиа на формирование международной повестки дня // Вестник РУДН. Серия: Международные отношения. — 2021. — Т. 21. — № 4. — С. 671–686.

## СОВРЕМЕННЫЕ КОНЦЕПЦИИ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ И ИНФОРМАЦИОННОЕ ПРОСТРАНСТВО

В статье представлен всесторонний анализ современных концепций международных отношений в контексте трансформации информационного пространства. Уделяется внимание переосмыслению классических теорий (реализма, либерализма, конструктивизма) под влиянием цифровых технологий и появлению новых парадигм, определяющих природу власти, дипломатии и безопасности в XXI веке. В статье рассматриваются следующие основные аспекты: эволюция концепции «мягкой силы» в «цифровую силу» и её инструменты; роль информационного пространства как основного средства ведения «гибридной войны» и операций влияния, в которых информация становится главным оружием; трансформация дипломатии под влиянием социальных сетей: от публичной дипломатии к онлайн- и кибердипломатическим практикам; кибербезопасность как важный элемент национальной безопасности и предмет международных переговоров и конфликтов; информационное пространство как поле культурного, цивилизационного и нарративного

противостояния, включая феномены цифрового империализма, информационной войны и создания «фильтрующих пузырей».

***Ключевые слова:*** *международные отношения, информационное пространство, цифровая мощь, гибридная война, кибербезопасность, цифровая дипломатия, информационная война, мягкая сила.*

## MODERN CONCEPTS OF INTERNATIONAL RELATIONS AND INFORMATION SPACE

The article presents a comprehensive analysis of modern concepts of international relations in the context of the transformation of the information space. Attention is paid to the reconsideration of classical theories (realism, liberalism, constructivism) under the influence of digital technologies and the emergence of new paradigms that determine the nature of power, diplomacy and security in the 21st century. The article studies the following main aspects: The evolution of the concept of "soft power" to "digital power" and its tools. The role of the information space as the main means of conducting "hybrid warfare" and influence operations, in which information becomes the main weapon. The transformation of diplomacy under the influence of social networks: from public diplomacy to online and cyber-diplomatic practices. Cybersecurity as an important element of national security and a subject of international negotiations and conflicts. The information space as a field of cultural, civilizational and narrative confrontation, including the phenomena of digital imperialism, information warfare and the creation of "filter bubbles".

***Keywords:*** *international relations, information space, digital power, hybrid warfare, cybersecurity, digital diplomacy, information warfare, soft power.*

**Маълумот оид ба муаллифон: Дороншоева Некбахт Шоқосумовна**, номзади илмҳои сиёсӣ, мудири Шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: 935219683. Почтаи электронӣ: nekbaht2004@mail.ru

**Броимшоева Зарангез Ғайратовна**, докторанти доктор phd-и шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: 501080449. Почтаи электронӣ: broimshoevaz@gmail.com

**Сведения об авторах: Дороншоева Некбахт Шокосумовна**, кандидат политических наук, заведующая отделом США и Канады Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: 935219683. Почтаи электронӣ: nekbaht2004@mail.ru

**Броимшоева Зарангез Ғайратовна**, докторант (PhD) отдела политических проблем международных отношений Института философии и политологии имени А. Баховаддинова НАНТ.Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: 501080449. Электронная почта: broimshoevaz@gmail.com

**Information about Authors: Doronshoeva Nekbakht Shoqosumovna-** Candidate of Political Science's, Head of the US and Canadian Department of the Institute for the study of Problems of Asian and European Countries of the NAST. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: 935219683. E-mail: nekbaht2004@mail.ru

**Broimshoeva Zarangez Ghayratovna**, PhD doctoral candidate at the Department of Political Problems of International Relations, Institute of Philosophy and Political Science named after A. Bahovaddinov of the NAST. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: 50 108 04 49. Email: broimshoevaz@gmail.com.

# ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА ИБТИДОИИ РОБИТАҲОИ ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ БО ТАҲРИКИ ТОЛИБОН

**Судуров С. А.**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои **АМИТ**

*Мақола ба таҳлили ретроспективии заминаҳои таърихӣ ва хусусиятҳои давраи ибтидоии муносибатҳои геополитикии Федератсияи Русия бо Таҳрики Толибонро дар солҳои 1990-ум ва аввали солҳои 2000-ум бахшида шудааст. Дар маркази таҳқиқ ташаккулёбии "вакууми қудрат" дар Афғонистон пас аз хуруҷи нерӯҳои Шӯравӣ ва фурӯпошии ҳукумати Наҷибуллоҳ қарор дорад, ки ба зуҳури Толибон ҳамчун як нерӯи низомии идеологӣ мусоидат намуд. Собит карда мешавад, ки сиёсати Русия дар ин марҳила бо дарки Таҳрики Толибон ба ҳайси таҳдиди ассиметрии стратегӣ ба амнияти дастаҷамъии СААД ва марзҳои ҷанубии Федератсияи Русия тавсиф меёфт. Муаллиф омилҳои калидии ин даркро (ифротгароии идеологӣ, паҳншавии терроризми байналмилалӣ ва қочоқи муназзами маводи мухаддир) таҳлил намуда, нақши Маскавро дар дастгирии низомии Эътилофи Шимолӣ (Ҷабҳаи муттаҳидаи исломии наҷоти Афғонистон) ва ҳамкории муваққатӣ бо қудратҳои гарбӣ дар пасманзари рӯйдодҳои 11-уми сентябри соли 2001 мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ин таҳқиқ нишон медиҳад, ки мухолифати ибтидоии Русия дар доираи ҳифзи манфиатҳои афзалиятноки геополитикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ташаккул ёфтааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Таҳрики Толибон, Федератсияи Русия, Осиёи Марказӣ, амнияти минтақавӣ, ифротгароии динӣ, терроризми байналмилалӣ, қочоқи маводи мухаддир, Эътилофи Шимолӣ, СААД, геополитикаи пасошӯравӣ.*

Хурӯҷи комили нерӯҳои Иттиҳоди Шӯравӣ аз Афғонистон дар моҳи феврали соли 1989 як боби муҳимро дар таърихи ин кишвар ва тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ба поён расонд. Ин қадам, ки дар пасманзари таҳаввулоти дохилии Иттиҳоди Шӯравӣ – сиёсати "бозсозӣ" ва "ошкорбаёнӣ" ва ҳамзамон фишорҳои шадиди байналмилалӣ сурат гирифт, натавонист ба суботи Афғонистон, ки дар давоми даҳ сол ҷанги хунини шаҳрвандиро аз сар гузаронида буд, мусоидат кунад. Ба гуфтаи сиёсатшиноси маъруфи амрикоӣ Збигнев Бжезинский " Вазъияти кунунии бенизомӣ дар Афғонистон ба мероси шӯравӣ шабоҳат дорад, ҳарчанд ин кишвар ҷумҳурии собиқи шӯравӣ нест. Афғонистон, ки дар натиҷаи ишғоли шӯравӣ ва ҷанги тӯлонии партизанӣ бар зидди он ба порахои ҷудогона тақсим шудааст, танҳо дар рӯи коғаз ҳамчун давлати миллӣ вуҷуд дорад ва 22 миллион аҳолии он аз рӯи принсипи этникӣ сахт парокандаанд, дар ҳоле ки ихтилофоти байни пуштунҳо, тоҷикон ва ҳазораҳои дар қаламрави кишвар зиндагӣкунанда шиддат мегирад"[1].

Ин ихтилофот ба як давраи тӯлонӣ ва пурфоҷиаи нооромӣ, ҷангҳои шаҳрвандӣ ва тақсимоти қавмӣ-минтақавӣ оварда расонд. "Умуман, хуруҷи нерӯҳои Шӯравӣ аз Афғонистон дар соли 1989 ва баъдан бепарвоии сиёсие, ки дар доираҳои ҳукуматии Русия нисбат ба ин кишвар ташаккул ёфт, зуҳуроти як раванди том дар сиёсати "бозсозӣ"-и ИҶШС ва сипас Федератсияи Русия дар минтақаи Осиёи Марказӣ гардид, ки боиси ақибнишинии геополитикӣ аз мавқеъҳои худ дар ҷануби қитъаи Авруосиё шуд"[3].

Ҳукумати Наҷибуллоҳ, ки мустақиман аз ҷониби Маскав дастгирӣ мешуд ва талош дошт, ки режими худро бо муҷоҳиддин созгор созад, тавонист то моҳи апрели соли 1992, асосан ба шарофати кумакҳои низомии Федератсияи Русия (воридоти аслиҳа ва сӯзишворӣ), дар сари қудрат бимонад. Аммо, бо қатъ шудани ин кумакҳо дар моҳи январи соли 1992, ҳукумати Наҷибуллоҳ зуд заиф шуд ва дар ниҳоят фурӯпошид. Дар моҳи апрели соли 1992 муҷоҳиддин Кобулро тасарруф карданд.

Баъди сарнагун шудани ҳукумати Ҳизби демократии халқи Афғонистон (ҲДХА), Русия Давлати Исломии Афғонистонро, ки аз ҷониби ҳукумати нав эълон шуда буд, эътироф кард. Ниятҳои ду кишвар оид ба инкишофи муносибатҳои баробарҳуқуқ ва барои ҳар ду тараф судманд дар эъломияи муштараки Русияву Афғонистон (майи соли 1992) сабт шуданд. Аммо моҳи августи соли 1992, бо сабаби шиддат гирифтани ҷангҳо дар Кобул миёни гурӯҳҳои муҷоҳидини афғон, тасмим гирифта шуд, ки фаъолияти Сафорат ва дигар муассисаҳои Русия дар пойтахти Давлати Исломии Афғонистон муваққатан қатъ карда шавад. “Системаи амниятии Иттиҳоди Шӯравӣ дар давраи охири мавҷудияташ ба режими ҷудошавӣ аз бӯҳрони Афғонистон ва инчунин ба дастгирии ҳукумати Кобул, ки вазифаи давлати буфериро иҷро менамуд, такя мекард. Пошхӯрии ИҶШС мавҷудияти ин буферро, ки танҳо бо дастгирии беруна метавонист фаъолият кунад, бемаънӣ сохт. Аммо, бо инерсия, шарти асосии системаи нави амниятӣ ҳифзи ҷудоӣ аз Афғонистон боқӣ монд. Ин принцип дар шароите муваффақона амалӣ шуда метавонист, ки имкониятҳои алоқаи ғайрисистемавии қаламравҳои ҳамсоя аз байн бардошта шуда буданд. Вале сиёсати давлатҳои навтаъсис ва як қатор рӯйдодҳо нигоҳ доштани режими ҷудоиро ғайриимкон гардонданд”[5].

Ин лаҳза, ки дар назари аввал бояд нишонаи пирӯзии муҷоҳидин ва оғози давраи субот ва созандагӣ мебуд, ба як давраи торик ва фоҷиабор табдил ёфт. Гуруҳҳои мухталифи муҷоҳиддин, ки бо идеологияҳо, манфиатҳои қавмӣ ва минтақавӣ (паштунҳо, тоҷикҳо, ҳазораҳо, ӯзбекҳо) тафриқа доштанд ва аз ҷониби қудратҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ (Покистон, Арабистони Саудӣ, Эрон, ИМА) пуштибонӣ мешуданд, ба мубориза дохилӣ барои назорати Кобул ва саросари кишвар шурӯъ карданд. Қаҳрамонҳои дирӯзаи ҷанг ба зидди Иттиҳоди Шӯравӣ, акнун ба муқобили якдигар силоҳ бардоштанд. Аз ҷумла, низоъ байни нерӯҳои Аҳмадшоҳи Масъуд (Ҷамъияти Исломӣ), ки асосан тоҷиконро муттаҳид мекард ва Гулбуддин Ҳикматёр (Ҳизби Исломӣ), ки пуштибони асосиаш Покистон буд ва бахши зиёди паштунҳоро муттаҳид мекард, ба шиддат идома ёфт. Ин ҷанг боиси харобиҳои васеъ дар Кобул ва дигар шаҳрҳо, марги ҳазорон ғайринизомӣ ва овора шудани миллионҳо нафар гардид. Шаҳри Кобул дар солҳои 1992-1996 ба як майдони харобазор табдил ёфта зиндагии мардум сангин ва инфрасохтор комилан нобуд карда шуд. Ҳадафи назорати пойтахт ба баҳонаи ҷиҳод идома дошт, аммо дар асл тамоми ин хунрезиҳо барои тақсимоти қудрат буд[6].

Пас аз он ки Таҳрики Толибон тирамоҳи соли 1996 Кобулро забт кард, Русия, мисли аксари кишварҳои ҷаҳон, ҳукумати Афғонистонро бо сарварии Президент Б.Раббонӣ ҳамчун ҳукумати қонунии кишвар эътироф мекард. Тамосҳо бо мақомоти Афғонистон тавассути Консулгарии генералии Русия дар Мазори Шариф нигоҳ дошта мешуданд. Сарфи назар аз он, ки дар охири моҳи майи соли 1997, бо сабаби якбора шиддат гирифтани вазъияти низомӣ дар шимоли Афғонистон, он баста шуд, робитаҳои сиёсии дуҷониба ва робитаҳои тиҷоратӣ хеле фаъолона инкишоф меёфтанд. Русия ба Афғонистон дар арсаи байналмилалӣ, аз ҷумла дар СММ, низ кӯмак мерасонд. Ин

кӯмак махсусан пас аз он, ки дар миёнаҳои солҳои 1990-ум Таҳрики Толибон, бо истифода аз хатогиҳои ҷиддии сиёсати дохилии маъмурияти муҷоҳидони собиқ, ба воситаи яроқ паҳн намудани назорати худ бар қаламрави кишвар шурӯъ кард, бештар эҳсос шуд. Онҳо тақрибан дар ҳама ҷо муваффақ шуданд, ба истиснои чанд минтақаи шимолӣ, ки ба туфайли дастгирии Русия ба нерӯҳои Эътилофи Шимолӣ асосан устувор монданд. Баъдтар худи ҳамин нерӯҳо дар торумор кардани Толибон нақши асосӣ бозиданд[4]. Дар натиҷаи ин кашмакашҳои дохилӣ иқтисодиёти Афғонистон дар ин давра комилан фурӯ рехта низоми адлия, идораи давлатдорӣ ва амният фалаҷ гардид.

Дар чунин фазои бесуботӣ, фақру ноумедӣ, дар аввалҳои солҳои 1990-ум, дар ҷануби Афғонистон, дар вилояти Қандаҳор Таҳрики Толибон арзи вуҷуд намуд. Ин ҳаракат, ки аксаран аз донишҷӯёни мадрасаҳои динӣ (аз ин рӯ номи "Толибон" - ҷамъи "толиб", яъне донишҷӯ) иборат буданд ва аз ҷониби уламои маҳаллӣ роҳбарӣ мешуданд, худро ҳамчун як нерӯи ислоҳотгар ва барқароркунандаи тартибот муаррифӣ карданд. Онҳо ваъда доданд, ки ҷанги шаҳрвандиро хотима медиҳанд, фасодро(коррупсияро) аз байн мебаранд ва қонунҳои шариатро ба таври қатъӣ дар ҳаёти рӯзмара татбиқ мекунанд. Ин ваъдаҳо, дар назари аввал, барои аҳолии хаста аз ҷанг, ки аз бесарусомонӣ ва беадолатӣ ба танг омада буданд, хеле ҷолиб ба назар мерасиданд. Возеҳ аст, ки пайдоиши Таҳрики Толибон дар пасманзари хастагии мардум аз ҷангҳои тулонӣ ва бесарусомонҳо рух дод. Ваъдаҳои онҳо дар бораи амният, адолат ва исломи пок аксаран аз ҷониби аҳолии маҳаллӣ, махсусан дар минтақаҳои паштуннишин, истиқболи гарм мешуд, зеро онҳо гумон мекарданд, ки аз вартаи ҷанг ва аз дасти ҷангсолорон наҷот меёбанд.

Бо дастгирии қавмӣ (асосан паштунҳо), дастгирии молиявӣ ва низомӣ аз ҷониби Покистон, Арабистони Саудӣ ва баъзе дигар кишварҳои Халиҷи Форс, инчунин сохтори низомии муназзам, Таҳрики Толибон босуръат минтақаҳои зиёдеро дар Афғонистон тасарруф карданд. Онҳо ба зудӣ собит карданд, ки нисбат ба дигар гурӯҳҳои муҷоҳиддин самараноктаранд ва қодиранд ҳукуматҳои маҳаллиро ба осонӣ аз байн баранд. Ба ҳамин тариқ то моҳи сентябри соли 1996, Толибон Кобулро забт карданд ва таъсиси "Аморати исломии Афғонистон"- ро эълон намуданд. Ин ҳодиса як зарбаи сахт ба сиёсати Федератсияи Русия дар минтақа буд, зеро Маскав то ин дам аз ҳукумати Наҷибуллоҳ ва баъдан аз рақибони Толибон пуштибонӣ мекард.

Ҳукумати Толибон ба татбиқи қатъии тафсири худ аз шариат шурӯъ намуданд. Таҳрики Толибон соли 1994, тавре ки зикр гардид ҳамчун як ҳаракати ислоҳии исломӣ арзи вуыуд намуд. Аммо бояд қайд кард, ки дидгоҳи ин ҳаракат ба ислом аз мазҳабҳои ваҳҳобия, суннӣ-ҳанафии анъанавӣ ё сӯфӣ фарқ мекунад. Толибон нусхаи идеалии исломро пешниҳод мекунанд. Дар айни замон, ғояҳои онҳо ба деобандизм, ки як ҷараёни радикалӣ дар ҳанафияи суннӣ мебошад, наздиканд. Толибон аз ҳаракати "Ҷамъияти Таблиғ" ғояи инқилоби исломиро гирифтааст, ки дар он ҷиҳод ба ду қисм тақсим мешавад: мӯътадил (муборизаи худии инсон бо нафс) ва радикалӣ (ҷиҳоди мусаллаҳона алайҳи кофирони тамоми чаҳон). Бояд ёдовар шуд, ки маҳз таблиғгарони радикалӣ зуд зуд ба урдугоҳҳои гурезаҳои афғон меҳмон мешуданд, ки ба назари мо, ҳамин омил такони асосӣ барои ташаккули минбаъдаи Таҳрики Толибон гардид[9].

Ин тафсир маҳдудиятҳои шадид барои занон (манъи таҳсил ва кор, маҳдудияти ҳаракат бидуни маҳрам, ҳатмӣ будани пӯшидани бурқа), ҷорӣ кардани ҷазоҳои сахти ҷисмонӣ барои ҷиноятҳо (сангсор барои зино, қатл барои куфр, ампутатсия барои duздӣ) ва манъи фаъолиятҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ (мусиқӣ, телевизион, тасвир,

бозиҳои варзишӣ) -ро дар бар мегирифт. Ин сиёсат, ки боиси нигаронии ҷиддии созмонҳои байналмилалии ҳуқуқи башар ва аксари кишварҳои ҷаҳон гардиданд, барои Федератсияи Русия низ як омили иловагии ташвиш буд ва ба хавфи паҳншавии ин ақидаҳо ба ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ишора мекард. Гузашта аз ин режими Толибон бо саркӯби шадиди озодиҳои инфиродӣ ва иҷтимоӣ, бахусус ҳуқуқи занон, ва ҳамчунин бо қатли омҳои қавмӣ алайҳи шиаҳо ва ҳазораҳо, ба монанди қатли ом дар Мазори Шариф дар соли 1998, машҳур буд, ки ин боиси танқиди шадиди байналмилалӣ гардид ва имиҷи онҳоро ҳамчун як гурӯҳи террористӣ тақвият бахшид.

“Дар ин давра Ҷумҳурии Исломи Эрон низ фаъолона аз “Эътилофи Шимолӣ”-и тоҷикон, ки алайҳи Толибон меҷангиданд, пуштибонӣ мекард. Дар ин замина Толибон эрониҳоро ҳамчун душман қабул менамуданд. Соли 1998 ҷангҷӯёни Таҳрики Толибон ба консулгарии Эрон дар шаҳри Мазори Шариф ҳамла карданд, ки дар он ҷо дипломатҳои эронӣ ва як рӯзноманигори хабаргузории IRNA қарор доштанд. Ҳамлагарон ҳайати дипломатӣ (8 ё 11 нафар) ва рӯзноманигор Маҳмуд Саремиро боздошт карданд, ки баъдан кушта шуданд. Ин ҳодиса дар заминаи дастгирии Ҷумҳурии Исломии Эрон аз Эътилофи Шимол, ки бар зидди “Толибон” меҷангид, ба вуқӯъ пайваст. Ин амалҳо аз ҷониби Толибон ҳамчун душмании Эрон қабул карда шуданд “[8].

Федератсияи Русия, ки дар солҳои 1990-ум бо мушкилоти амиқи дохилӣ, аз ҷумла фурӯпошии иқтисодӣ, ҷудоихоҳӣ дар Чеченистон ва заъфи институтҳои давлатдорӣ рӯ ба рӯ буд, пайдоиш ва таҳкими Таҳрики Толибонро дар Афғонистон ҳамчун як таҳдиди стратегӣ ва мустақим ба амнияти худ ва ба кишварҳои нав истиқлол бадастовардаи Осиёи Марказӣ арзёбӣ кард. Ин арзёбӣ бар маҷмӯи омилҳои мушаххас ва хатарҳое асос ёфта буд, ки аз режими Толибон сарчашма мегирифтанд:

- *Паҳншавии ифротгароии динӣ ва дастгирии терроризм:* Маскав ба таври ҷиддӣ аз паҳншавии идеологияи ифротии Толибон, ки ба ақидаҳои ифротгароӣ, ба монанди ваҳҳобизм ва салафизм наздик буд, ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ташвиш дошт. Ин кишварҳо, ки аксарияти аҳолиашон мусалмон буда, марзҳои тӯлонӣ бо Афғонистон доштанд, дар он давраҳо низ бо таҳдидҳои гурӯҳҳои ифротӣ (масалан, Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон (ҲНИТ), Ҳаракати исломии Ӯзбекистон (ҲИӮ) ва Ҳизб-ут-таҳрир) рӯ ба рӯ буданд. Мақомоти Федератсияи Русия борҳо Толибонро ба пуштибонӣ аз ҷангҷӯёни чеченӣ ва инчунин созмонҳои террористии

Осиёи Марказӣ муттаҳам мекарданд. Маскав Толибонро на танҳо ҳамчун як таҳдид ба амнияти минтақавӣ, балки ҳамчун як сарчашмаи ифротгароии идеологӣ медид, ки метавонад ба ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ ва ҳатто ба қаламрави худи Русия паҳн шавад. Тарс аз “гузариши” ин ифротгароӣ ба Қафқози Шимолӣ ва дигар минтақаҳои мусалмоннишини Федератсияи Русия як нигаронии асосии Кремл буд, ки баъдан дар ҳамлаҳои террористӣ дар дохили Русия тасдиқ ёфт.

- *Қочоқи маводи мухаддир дар миқёси азим:* Афғонистон дар давраи ҳукмронии Толибон ба бузургтарин тавлидкунандаи афюн дар ҷаҳон табдил ёфт. Тибқи гузоришҳои Созмони Милали Муттаҳид(СММ) ва дигар ниҳодҳои байналмилалӣ, тавлиди афюн дар Афғонистон дар ин давра ба авҷи аъло расида буд. Маводи мухаддири тавлидшуда тавассути “роҳҳои шимолӣ” аз Осиёи Марказӣ ба Федератсияи Русия ва минбаъд ба Аврупо интиқол дода мешуд. Федератсияи Русия аз он нигарон буд, ки афзоиши қочоқи маводи мухаддир на танҳо ба амнияти миллии он таҳдид мекунад (боиси афзоиши нашъамандӣ, ҷинояткорӣ ва фасод мегардад), балки инчунин

манбаи асосии даромади гурӯҳҳои террористӣ ва ифротӣ мебошад. "...Аксари мусодираи афюн ва героини қочоқӣ дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ба амал оварда мешавад, ки мувофиқи созишномаи байни Русия ва Тоҷикистон аз ҷониби сарҳадбонони Русия ҳифз карда мешавад. Дар солҳои 1999-2003 дар ин ҷо беш аз 14 тонна маводи мухаддир, аз ҷумла беш аз 6,5 тонна героин мусодира шудааст. ...Таҳлили маводи мусодираи мухаддир нишон медиҳад, ки давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳамчунон дар густариши маводи мухаддир ба қаламрави Русия ва сипас ба Аврупо нақши пешбарро мебозанд. Дар солҳои 1998-2000, 53% марихуана, 60% афюн, 84% гашиш ва 90% героин, ки дар қаламрави Русия мусодира шудаанд, аз минтақаи Осиёи Марказӣ оварда шудаанд"[13].

- *Таҳдид ба амнияти Осиёи Марказӣ ва марзҳои ҷанубии СААД:* Федератсияи Русия кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистонро, ҳамчун "ҳалқаи амниятӣ"- и худ дар ҷануб медонист. Ноустуворӣ дар Афғонистон метавонист ба ин давлатҳо паҳн шавад ва манфиатҳои стратегии Федератсияи Русияро зери хатар гузорад.

"Идома ёфтани бuҳрони тӯлонӣ ва бузурги Афғонистон ба вазъияти амниятии тамоми ҳамсояҳои он дар Осиѐи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ, балки бисёр васеътар аз он таъсири мустақим мегузорад. Хусусан, боқӣ мондани заминаҳо ва пойгоҳҳои ташаккули ҳаракатҳои ифротгаро дар ин кишвар ва ноамнӣ Афғонистонро ба як манбаи доимии таҳдид ба амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ табдил додааст"[11].

Тоҷикистон, ки дар солҳои 1992-1997 ба ҷанги шаҳрвандӣ мубтало гашта буд, махсусан осебпазир буд. Нерӯҳои марзбони Федератсияи Русия дар марзи Тоҷикистон бо Афғонистон (то соли 2005) нақши калидиро дар муқовимат ба ҳамлаҳои Толибон ва гурӯҳҳои мусаллаҳи ифротӣ, аз ҷумла дар амалиёти ҷилавгирӣ аз убури марз, мебозиданд. "25 майи соли 1993 "Шартнома дар бораи дӯстӣ ва ёрии мутақобила байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия", "Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳарбӣ", инчунин шаш созишнома ба имзо расиданд. Яке аз ин ҳуҷҷатҳо "Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия дар бораи мақоми ҳуқуқии Қӯшунҳои сарҳадии Федератсияи Русия, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд" буд. Мувофиқи Созишнома, Тоҷикистон ба Қӯшунҳои сарҳадии Русия ваколатҳоро оид ба ҳифзи сарҳадҳои худ бо Афғонистон ва Чинро супурд"[2]. Федератсияи Русия инчунин дар доираи СААД талош мекард, ки қобилияти мудофиавии ин кишварҳоро тақвият бахшад ва нерӯҳои зудамалро барои вокуниш ба таҳдидҳои эҳтимолӣ омода созад.

Бинобар ин, сиёсати ибтидоии Федератсияи Русия нисбат ба Таҳрики Толибон дар ин давра як сиёсати мухолифати шадид, манъи расмӣ ва дастгирии нерӯҳои зидди Толибон буд. Федератсияи Русия аз Иттиҳоди Шимолӣ (Ҷабҳаи муттаҳидаи исломии наҷоти Афғонистон), ки аз ҷониби Аҳмадшоҳи Масъуд роҳбарӣ мешуд, пуштибонии низомӣ (воридоти аслиҳа, лавозимоти ҷангӣ), сиёсӣ ва молиявӣ мекард. Ин пуштибонӣ на танҳо ба мақсади муқовимат бо Толибон, балки барои ҳифзи нуфузи Федератсияи Русия дар минтақа ва ҷилавгирӣ аз таҳдидҳо аз ҷониби Афғонистон буд. Кремл Иттиҳоди Шимолиро на танҳо ҳамчун як нерӯи мухолиф, балки ҳамчун як буфери амниятӣ бар зидди паҳншавии радикализм ва терроризм аз Афғонистон ба минтақаи Осиёи Марказӣ медид.

"Омилҳои зиёде дар бораи воқеан байналмилалӣ шудани низоъҳо дар Осиёи Марказӣ шаҳодат медиҳад. Имрӯз робитаҳои танготанги ҷунбишҳои ифротии исломии

Осиёи Марказӣ бо ҳамтоёнашон дар Афғонистон ба ҳеҷ кас пӯшида нест. Ҳатто ҳозир ҳам ҳақиқатҳое рӯи об меоянд, ки исломиёни ифротии минтақа дар Афғонистон на танҳо пуштибонии маънавӣ, балки мусоидати низомиву техникӣ низ дарёфт мекунанд”[10].

Ҳамлаҳои террористии 11-уми сентябри соли 2001 дар Иёлоти Муттаҳида, ки аз ҷониби созмони Ал-Қоида ба роҳ монда шуданд ва ин созмон дар Афғонистони таҳти назорати Таҳрики Толибон паноҳгоҳ ёфта буд, як гардиши муҳимро дар муносибатҳои байналмилалӣ ба вуҷуд овард. Ин ҳодиса оғози “муборизаи ҷаҳонӣ бо терроризм” таҳти роҳбарии Иёлоти Муттаҳида гардид ва имконияти нодиреро барои Федератсияи Русия фароҳам овард, ки мавқеи худро дар мубориза бо терроризм тақвият бахшида, ҳамкориҳоро бо Ғарб дар ин самт густариш диҳад. Федератсияи Русия, ки дар тӯли солҳои зиёд бо таҳдиди терроризм, аз ҷумла дар қаламрави худ (масалан, таркишҳои манзилҳои истиқоматӣ дар Маскав ва дигар шаҳрҳо, ҳамла ба Театри Дубровка, ҷанги дуюми Чеченистон), мубориза мебурд, аз ин ташаббуси Амрико истиқбол кард. Президент Владимир Путин яке аз аввалин сарварони давлатҳое буд, ки ба президенти ИМА Ҷорҷ Буш ҳамдардӣ баён кард ва омодагии Федератсияи Русияро барои ҳамкорӣ дар мубориза бо терроризм изҳор дошт. Ин ҳамкорӣ, ки дар шароити таҳдиди умумии терроризм ба вуҷуд омада буд, дар чанд самт зоҳир шуд:

- *Кумаки ғайримустақим ба амалиёти низомии ИМА ва НАТО:* Гарчанде Федератсияи Русия бевосита дар амалиёти низомии Афғонистон ширкат накард, аммо он фазои ҳавоии худро барои парвозҳои нерӯҳои НАТО боз намуд ва ба кишварҳои Осиёи Марказӣ имкон дод, ки пойгоҳҳои муваққатии низомӣ барои нерӯҳои ИМА ва НАТО таъсис диҳанд. Масалан, пойгоҳи ҳавоии Каршӣ-Хонобод дар Ӯзбекистон ва пойгоҳи Манас дар Қирғизистон барои амалиёти логистикӣ ва таъминоти нерӯҳои коалитсионӣ истифода мешуданд. Ин иқдомҳои Федератсияи Русия, дар ҳоле ки таҳдиди Толибон ва Ал-Қоида муштарак қаламдод мешуд, нишондиҳандаи тағйирёбии муваққатии тавозуни манфиатҳо буд, ки дар он мубориза бо таҳдиди умумии терроризм дар авлавият қарор дошт, гарчанде ки Федератсияи Русия дар бораи ҳузури дарозмуддати Амрико дар ҳавзаи нуфузи худ нигаронихо дошт. Бо вуҷуди ин, бо гузашти вақт ва тағйири вазъ дар Афғонистон, Федератсияи Русия аз ҳузури дарозмуддати нерӯҳои Амрико дар минтақаи Осиёи Марказӣ нигарониҳои ҷиддӣ изҳор менамуд.

- *Ҳамкории иттилоотӣ ва иктишофӣ:* Хадамоти амниятии Федератсияи Русия иттилооти муҳимро дар бораи Таҳрики Толибон, Ал-Қоида ва дигар созмонҳои террористӣ бо шарикони ғарбии худ мубодила мекарданд. Ин ҳамкорӣ ба ҷамъоварии маълумоти муфассал ва таҳияи стратегияҳои муштарак алайҳи гурӯҳҳои террористӣ мусоидат намуд. Дар доираи ин ҳамкорӣ, мубодилаи таҷриба дар мубориза бо терроризм низ сурат мегирифт. “Дар солҳои аввали пас аз 11 сентябр, ҳамкориҳои иктишофӣ байни Федератсияи Русия ва Иёлоти Муттаҳида дар мубориза бо терроризм ба таври бесобиқа афзоиш ёфт, ки ин аз дарки таҳдиди муштарак сарчашма мегирифт.

- *Таъмини амнияти марзҳо ва таҳкими иқтидори мудофиавии СААД:* Федератсияи Русия талошҳои худро барои таҳкими амнияти марзҳои кишварҳои СААД бо Афғонистон афзоиш дод, то аз гузариши террористон ва қочоқи маводи мухаддир ҷилавгирӣ кунад. Машқҳои низомии муштарак дар Осиёи Марказӣ низ дар ин давра афзуданд, ки ба таҳкими қобилияти мудофиавии дастаҷамъии давлатҳои аъзо нигаронида шуда буданд. Масалан, машқҳои “Рубеж” ва “Щит Союза” мунтазам

баргузор мешуданд. Афзоиши машқҳои низомии СААД ва таҳкими нерӯҳои посдори сулҳ нишондиҳандаи тамаркузи Русия ба таҳкими амнияти коллективӣ дар баробари таҳдидҳое буд, ки аз Афғонистон сарчашма мегиранд, гарчанде ки ҳузури НАТО дар минтақа низ мавриди назорати наздик қарор дошт[12].

- *Идомаи дастгирии Эътилофи Шимолӣ:* Федератсияи Русия Иттиҳоди Шимолиро, ки онҳо низ бо нерӯҳои Амрикоӣ ва НАТО дар мубориза бо Толибон ҳамкорӣ мекарданд, дастгирӣ мекард. Ин дастгирӣ ба таъмини суботи нисбӣ дар баъзе минтақаҳои Афғонистон пас аз сарнагун шудани ҳукумати Толибон дар охири соли 2001 мусоидат намуд ва билохира ба ташкили ҳукумати интиқолии Афғонистон мусоидат намуд. Дар ин давра, муносибати Федератсияи Русия нисбати Толибон дар сатҳи расмӣ комилан манфӣ боқӣ монд. Онҳо ҳамчун як таҳдиди амниятӣ ва як шарики наздики созмонҳои террористӣ (бахусус Ал-Қоида) қаламдод мешуданд. Стратегияи Федератсияи Русия ба коҳиш додани нуфузи Толибон, пешгирӣ аз паҳншавии ифротгароӣ ва таҳкими амнияти минтақавӣ нигаронида шуда буд. Ҳамкории Федератсияи Русия бо Ғарб дар ин масъала нишондиҳандаи он буд, ки таҳдиди Толибон ва терроризми байналмилалӣ дар он вақт ҳамчун як мушкилоти умумӣ дарк мешуд. Дар ин марҳила, манфиатҳои Русия ва ИМА дар мубориза бо терроризм дар Афғонистон то андозае мувофиқат мекарданд, ки ин заминаи ҳамкориҳои муваққатиро фароҳам овард, гарчанде ки ихтилофоти амиқ оид ба дигар масъалаҳои геополитикӣ ҳанӯз вуҷуд дошт.

Муносибатҳои ибтидоии Федератсияи Русия бо Таҳрики Толибон, ки бо мухолифати шадид ва муборизаҳои идеологӣ ва амниятӣ тавсиф мешуданд, аз ҷониби як қатор омилҳои муҳим ва ба ҳам алоқаманд муайян карда шуданд, ки дарки Русияро аз таҳдидҳои даркшуда аз Афғонистон ташаккул доданд:

- *Омилҳои геополитикӣ ва минтақавӣ:* Федератсияи Русия, ҳамчун давомдиҳандаи сиёсати Империяи Русия ва Иттиҳоди Шуравӣ Афғонистонро ҳамчун як қисми "минтақаи афзалиятноки" амниятӣ ва геополитикии худ дар Осиёи Марказӣ медонист. "Лоиҳаҳои таҳияшудаи Русия ва Шӯравӣ дар Афғонистон низ вазифаҳои тактикӣ ва стратегию худро доштанд. Вазифаҳои аввалиндараҷа таъмини амнияти минтақаи тасарруф ва манфиатҳо, баъдан ба даст овардани бартариҳои геостратегӣ дар минтақа буданд"[7]. Ҳузури Толибон дар Афғонистон ба манфиатҳои геополитикии Федератсияи Русия, ки ба суботи минтақа, назорати марзҳои худ ва пешгирӣ аз нуфузи қудратҳои дигар нигаронида шуда буд, таҳдид мекард. Аз ин рӯ, Маскав мехост минтақаро аз "паҳншавии бесуботӣ" ва "ифротгароии исломӣ" ҳифз кунад. Ин ақида дар доктринаҳои амниятии Федератсияи Русия дар солҳои 1990-ум инъикос ёфта буд. Стратегияи Русия дар Осиёи Марказӣ пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳифзи минтақа аз таҳдидҳои ифротгароӣ, ки аз ҷануб сарчашма мегиранд, асос ёфта буд. Афғонистон ҳамчун як манбаи доимии хатар ба амнияти дастаҷамъии СААД баррасӣ мешуд.

- *Омилҳои амниятӣ: Терроризм ва қочоқи маводи мухаддир:* Таҳдиди терроризм, қочоқи маводи мухаддир ва паҳншавии ифротгароии динӣ омилҳои калидии амниятӣ буданд, ки дидгоҳи Федератсияи Русияро ба Толибон муайян мекарданд. Федератсияи Русия ҷангро дар Чеченистон аз сар мегузаронд ва аз он нигарон буд, ки идеологияи ифротӣ ва ҷангҷӯёна метавонанд аз Афғонистон ба минтақаҳои ҷанубии Русия гузаранд. Дар соли 1999, Федератсияи Русия Толибонро расман ҳамчун созмони террористӣ эътироф кард ва баъдтар, дар моҳи феврали соли 2003, Суди Олии Федератсияи Русия Толибонро ба феҳристи созмонҳои террористӣ шомил намуд ва фаъолияти онҳоро дар

қаламрави Русия манъ кард. Ин қарор аз ҷониби Хадамоти федералии амнияти Русия (ФСБ) дастгирӣ ёфт, ки Толибонро ба пуштибонӣ аз гурӯҳҳои террористӣ дар Чеченистон ва Осиёи Марказӣ муттаҳам мекард. Қарори Суди Олии Русия дар соли 2003 оид ба эътирофи Толибон ҳамчун созмони террористӣ, на танҳо як иқдоми сиёсӣ буд, балки акси садои нигарониҳои амиқи амниятӣ дар дохили Русияро инъикос мекард, ки он аз таҳдиди терроризм ва ифротгароӣ аз ҷануб сарчашма мегирифт. Афзоиши қочоқи маводи мухаддир низ як мушкилоти ҷиддӣ буд, ки ба амнияти дохилии Русия таъсир мерасонд ва боиси афзоиши нашъамандӣ ва ҷиноятакорӣ мегардид.

- *Омилҳои идеологӣ ва низомии арзишҳо:* Идеологияи ифротии Таҳрики Толибон, ки ба барқарории "Аморати исломӣ" ва татбиқи шадиди ваҳҳобигароии шариат асос ёфта буд, ба арзишҳо ва принсипҳои давлати дунявии Русия комилан мухолиф буд. Федератсияи Русия Таҳрики Толибонро ҳамчун як гурӯҳи экстремистӣ ва хатарнок медонист, ки ба суботи минтақа ва ҳамзистии динҳо таҳдид мекунад. Тафсири Толибон аз ислом, ки бо зӯроварӣ, саркӯбгарӣ ва таҳрифи арзишҳои инсонӣ ҳамроҳ буд, барои Русия, ки дар қаламрави худ аҳолии зиёди мусалмон дорад ва ба принсипҳои гуногунрангии динӣ эътиқод дорад, қобили қабул набуд. "Бархӯрди идеологӣ байни режими дунявии Русия ва тафсири қатъии ислом аз ҷониби Толибон, ки ба таҳмили ақидаҳои динӣ асос ёфта буд, як омили муҳими хусумати ибтидоӣ ва дарки хатари идеологӣ буд.

Таҳлили муносибатҳои ибтидоии Федератсияи Русия бо Таҳрики Толибон дар солҳои 1990-ум ва ибтидои солҳои 2000-ум ба таври возеҳ собит месозад, ки сиёсати Маскав дар ин давра ба принсипи мухолифати бевосита асос ёфта буд. Ин мухолифат аз дарки Толибон ба ҳайси як таҳдиди ассиметрии стратегӣ ба амният ва манфиатҳои афзалиятноки Русия дар минтақаи Осиёи Марказӣ сарчашма мегирифт.

Дастгирии низомиву сиёсии Эътилофи Шимолӣ ва ҳузури Қувваҳои марзбонии Русия дар марзи Тоҷикистону Афғонистон, аз ҷумлаи талошҳои стратегии Русия барои эҷоди "буфери амниятӣ" ва ҷилавгирӣ аз "паҳншавии бесуботӣ" ба кишварҳои СААД буданд. Таҳдиди Толибон ба як омили калидӣ дар ташаккули доктринаи амнияти коллективӣ дар доираи СААД табдил ёфт ва зарурати таҳкими амнияти дастаҷамъӣ ва таҳияи сиёсати фаъолонаи муқовимат ба ифротгароӣ ба авлавияти доимӣ табдил ёфт. Мероси ин давра дар сиёсати имрӯзаи Русия нисбат ба Афғонистон то ҳол эҳсос мешавад.

**Адабиёт**


1. Бжезинский З. Великая шахматная доска: господство Америки и его геостратегические императивы. - Москва: Издательство АСТ, 2016. - 256 с.

2. Википедия. Группа Пограничных войск Российской Федераци и в Республике Таджикистан. Электронный ресурс. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/Группа_Пограничных_войск_Российской_Федерации_в_Республике_Таджикистан . Дата обращения: 18.11.2025.

3. Дубовицкий В. В. Связь времен. Россия в Среднеазиатсом регионе: три века в зеркале геополитики // История и современность. - 2009. - №1. - С. 190 -222. Электронный ресурс. URL: https://cyberleninka. ru/article /n/rossiya-v-sredneaziatskom-regione-tri-veka-v-zerkale-geopolitiki/viewer

4. Историко-документальный департамент МИД России. Россия и Афганистан: страницы истории. Электронный ресурс. URL: https://idd.mid.ru/informational_materials/rossiya-i-afganistan-stranitsy-istorii/ (Дата обращения: 01.10.2025).

5. Князев А.А. Влияние афганского кризиса на безопасность Центральной Азии (1990-е – начало 2000-х гг.): Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора исторических наук .- Бишкек, 2004. - С.19. Электронный ресурс. URL: https://www.dissercat.com/ content/ vliyanie-afganskogo-krizisa-na-bezopasnost-tsentralnoi-azii-1990-e-nachalo - 2000-kh-gg. Дата обращения: 14.09.2025.

6. Коргун В. Г. История Афганистана XX век. - Москва: Институт Востоковедения РАН, Издательство “Крафт+”, 2004. - 526 с.

7. Мирзоев С.Т. Афганистан: вызовы и угрозы. - Душанбе: “Ирфон”, 2021.- 218 с.

8. Мустафабейли А.М. Непризнанное правительство талибов решает свои внешнеполитические задачи // Вестник учёных-международников. 2023.- № 4 (26). -С. 30–53. Электронный ресурс. URL: https://www. dipacademy. ru/ documents/8355/ (Дата обращения: 17.11.2025).

9. Поваров Н. А. Движение “Талибан” – болевая точка Центральной Азии // Международное сотрудничество Евразийских государств: Политика, экономика, право. - 2023. - № 3. - С. 60–66. Электронный ресурс. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/dvizhenie-taliban-bolevaya-tochka-tsentralnoy-az ii (Дата обращения: 25.04.2025).

10. Раҳматуллоев Э. Фардои ободи минтақа имрӯз ниёз ба стратегияи превентивӣ дорад // Сиёсати хориҷӣ. - 2011. - № 1. - С. 24–35. Манбаъи электронӣ. URL: https://www.mfa.tj/uploads/main/2013/03/ journal_2011_1. pdf (Санаи муроҷиат: 10.05.2025).

11. Раҳнамо А. Афғонистон ва Осиёи Марказӣ: хусусиятҳо ва дурнамои таъсирпазирӣ. - Душанбе: ”Ирфон”, 2015. - 156 с.

12. Торопыгин А. В. Организация Договора о коллективной безопасности: реалии и перспективы кризисного реагирования // Евразийская интеграция: экономика, право, политика. - 2022. № 16 (4). - С. 149–156. Электронный ресурс. https://www.eijournal.ru/jour/article/view/1076/463 (Дата обращения: 22.10.2025).

13. Управление ООН по Наркотикам и Преступности, Региональное Представительство в России и Белоруссии. Краткий обзор итогов работы 1999–2003. — Москва, 2003. - С. 3–4. Электронный ресурс. URL: https://www.unodc.org/pdf/russia/overview_projects_1999-2003.pdf (Дата обращения: 03.09.2025).

## ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ И РАННИЙ ЭТАП ОТНОШЕНИЙ РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ С ДВИЖЕНИЕМ ТАЛИБАН

Настоящая статья посвящена ретроспективному анализу исторических предпосылок и особенностей раннего этапа геополитических взаимоотношений Российской Федерации с Движением Талибан в 1990-е и начале 2000-х годов. В фокусе исследования находится формирование «вакуума власти» в Афганистане после вывода советских войск и краха правительства Наджибуллы, что послужило катализатором для появления Талибана как военно-идеологической силы. Доказывается, что политика России на данном этапе определялась восприятием Талибана как ассиметричной стратегической угрозы коллективной безопасности ОДКБ и южным рубежам Российской Федерации. Автор анализирует ключевые детерминанты этого восприятия (идеологический экстремизм, экспансия международного терроризма и организованный наркотрафик) и рассматривает роль Москвы в военно-технической поддержке Северного Альянса (Объединенного исламского фронта спасения Афганистана), а также временное сотрудничество с западными державами в контексте событий 11 сентября 2001 года. Исследование показывает, что изначальная конфронтация России была обусловлена императивом защиты приоритетных геополитических интересов в Центральноазиатском регионе.

***Ключевые слова:*** *Талибан, Российская Федерация, Центральная Азия, региональная безопасность, религиозный экстремизм, международный терроризм, контрабанда наркотиков, Северный альянс, ОДКБ, постсоветская геополитика.*

## HISTORICAL AND INITIAL PREREQUISITES FOR RELATIONS BETWEEN THE RUSSIAN FEDERATION AND THE TALIBAN MOVEMENT

This article provides a retrospective analysis of the historical background and specific features of the early stages of the geopolitical relationship between the Russian Federation and the Taliban Movement during the 1990s and the early 2000s. It argues that Russia's policy was defined by the perception of the Taliban as an asymmetric strategic threat to the collective security of the CSTO and its southern borders. The research demonstrates that Russia's initial confrontation was driven by the imperative to protect its paramount geopolitical interests in the Central Asian region.

***Keywords:*** *Taliban, Russian Federation, Central Asia, regional security, religious extremism, international terrorism, drug trafficking, Northern Alliance, CSTO, post-Soviet geopolitics.*

**Маълумот дар бораи муаллиф**: **Судуров Сайдали Амирович** – ходими калони илмии шӯъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел. +992 00 988 57 57, E-mail: sudurzoda60@gmail.com

**Сведения об авторе: Судуров Сайдали Амирович** – старший научный сотрудник отдела Содружества Независмых Государств Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел. +992 00 988 57 57, E-mail: sudurzoda60@gmail.com

**About the author: Sudurov Saidali Amirovich-** senior researcher, the Department of Commonwealth of Independent States, Institute for Asian and European Studis of National Academy of Sciences. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue,33. Phone: +992 00 988 57 57, E-mail: sudurzoda60@gmail.com

# МАРҲИЛАҲОИ ТАКОМУЛ ВА РУШДИ ДИПЛОМАТИЯИ РАҚАМӢ ДАР ИТТИҲОДИ АВРУПО

**Мадимарова Г. М.**

Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Мақола ба таҳлил ва омӯзиши* ***дипломатияи рақамӣ*** *дар Иттиҳоди Аврупо ва такомули он дар давоми солҳои ахир, бо таваҷҷӯҳ ба марҳилаҳои асосии ин раванд, бахшида шудааст. Дар шароити имрӯза, ки технологияи иттилоотӣ ва* ***коммуникатсионӣ*** *рушд мекунад, дипломатияи рақамӣ ҳамчун воситаи асосии ҳамкории байналмилалӣ ва пешбурди* ***сиёсати хориҷӣ*** *ба ҳисоб меравад.* ***Иттиҳоди Аврупо*** *яке аз акторони муҳим дар таҳкими дипломатияи рақамӣ ба ҳисоб меравад, ки ба таври муфассал истифодаи* ***технологияҳои рақамӣ*** *барои роҳандозии стратегияҳои глобалӣ ва ҳамкории байналмилалӣ дар асоси арзишҳои кишварҳои аъзо, демократия ва ҳуқуқи инсонро ба роҳ мондааст. Дар мақола ба марҳилаҳои такомули тадбиқи дипломатияи рақамӣ, ки Иттиҳоди Аврупо ба кор гирифтааст, таваҷҷӯҳ зоҳир мешавад. Аз давраи аввал, ки рақамисозии дипломатия дар* ***хизматрасонӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ*** *ва* ***платформаҳои рақамӣ*** *ҷорӣ шуд, то марҳилаҳои гуногун, ки дар онҳо Иттиҳоди Аврупо нақши муҳим дар рушди инфраструктураи рақамии кишварҳои аъзо мебозад, таҳлил мешаванд. Дар баробари такмил ёфтани* ***системаҳои технологӣ*** *ва* ***инфрасохтор****, дипломатияи рақамии Аврупо ба як узви аслии амалҳои стратегии он табдил ёфт.*

***Калидвожаҳо****: Иттиҳоди Аврупо, рақамикунонӣ, дипломатияи рақамӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, технологияҳои рақамӣ, сиёсати хориҷӣ*

Давраи муосир бо рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва васоити интернет, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро ба куллӣ тағйир додааст. Истеъмол ва табодули иттилоот дар сатҳи ҷаҳонӣ ба воситаи барномаҳои рақамӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба муошират таъсири амиқ ворид намуда, шаклҳои нави равобит ва муносибати байни кишварҳоро ба вуҷуд овардааст. Ин раванд усули анъанавии муносибати кишварҳоро низ дигаргун кардааст, ки дар ин радиф дипломатия низ истисно нест. Дар заминаи таҳаввулёбии муошират байни давлатҳо дар ҷараёни инқилоби рақамӣ, мафҳуми «дипломатияи рақамӣ» пайдо шуд. Он шакли нави фаъолияти дипломатиро, ки истифодаи технологияҳои рақамиро дар бар мегирад, таҷассум менамояд. Аз ин рӯ, омӯзиши мафҳум ва назарияи дипломатияи рақамӣ барои фаҳмиши амиқ ва самаранокии истифодаи он дар сиёсати хориҷӣ ва таҳкими нақши кишварҳо дар арсаи байналмилалӣ муҳим мебошад.

Муҳаққиқони соха, аз ҷумла Корнелу Бйола профессор оид ба дипломатия дар Донишгоҳи Оксфорд ва роҳбари гурӯҳи таҳқиқоти дипломатияи рақамӣ бар он андеша аст, ки нахустин назарияҳо атрофи дипломатияи рақамӣ ҳанӯз аз ибтидои солҳои 2000-ум оғоз гардид. Чуноне ки худи муаллифон овардаанд “Аз ибтидои солҳои 2000-ум, бо эълони таҳқиқоти босамар ва фароҳамоварии намунаҳои амалии истифодаи технологияҳои рақамӣ дар дипломатия, назарияҳои изтирорӣ ва омӯзиши амлии онҳо инкишоф ёфтанд [1,23].

Татбиқи дипломатияи рақамӣ дар мамлакатҳои гуногун фарқиятҳои назаррасро нишон медиҳад, ки аз модели идоракунии миллӣ, анъанаҳои ҳокимияти давлатӣ ва омодагии институтсионалӣ вобаста мебошанд. Дар мақолаи мазкур мо кӯшиш намудем, ки чанд ҷанбаи татбиқи дипломатияи рақамӣ дар кишварҳои Аврупоро таҳлил намуда, таҷрибаи онҳоро дар пиёда гаштани ин раванд биомӯзем. Таҷрибаи кишварҳои Аврупо дар соҳаи дипломатияи рақамӣ нишон медиҳад, ки ин соҳа боз ҳам дар марҳалаи рушди худ қарор дорад. Кишварҳои Аврупо дипломатияи рақамиро ҳамчун воситаи табдилдиҳанда барои рушди ҳамкории байналмилалӣ ва пешбурди сиёсати хориҷӣ дар асри муосири рақамӣ бештар қабул кардаанд. Тадқиқот ҳам татбиқи стратегӣ ва ҳам равишҳои таҳаввулёбандаро дар саросари қитъа нишон медиҳад, ки Иттиҳодияи Аврупо дипломатияи рақамиро ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии худ муайян намудааст. Муҳақиқ Э. Ҳедлинг, дар тадқиқоти худ таҳти унвони "Баҳс бо рақамисозӣ дар дипломатия: мустақилият ва ихтиёр дар фронти рақамӣ” бар он назар аст, ки дипломатҳои аврупоӣ фаъолона абзорҳои нави рақамиро қабул мекунанд ва кори худро ба табдили рақамӣ мутобиқ мекунанд. Тадқиқоте, ки дар байни дипломатҳои аврупоӣ байни солҳои 2016 ва 2024 гузаронида шудааст, нишон дод, ки технологияҳои рақамӣ равандҳо, меъёрҳо ва амалияҳои нави кориро дар дипломатия эҷод мекунанд [5,13]. Ниҳодҳои аврупоӣ, аз ҷумла Хадамоти амалиёти хориҷии Иттиҳодияи Аврупо (EEAS), аз воситаҳои рақамӣ барои муоширати муассир бо давлатҳои шарик ва ҷомеаи ҷаҳонӣ фаъолона истифода мебаранд. Чуноне ки аз таҳлили коршиносони соҳа бар меояд, дипломатияи рақамӣ падидаи истифодаи технологияҳои рақамӣ барои фаъолиятҳои дипломатӣ ва пайгирии ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ барои кишварҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии худ дар муҳити зудтағйирёбандаи геополитикӣ торафт муҳимтар мегардад. Иттиҳодияи Аврупо ҳамчун ташкилоти боэътибори фаромиллӣ, нақши муҳими технологияҳои рақамиро дар амалияи дипломатӣ эътироф намуда, рушди худро дар ин самт тез кардааст.[ 3]

Аз омӯзиши паҳлуҳои гуногуни масъала маълум мешавад, ки хусусиятҳои муҳими дипломатияи рақамии Иттиҳоди Аврупо ташаккули равиши ҳамоҳангшуда ва таркибӣ мебошад. Таҳти мафҳуми «дипломатияи рақамӣ» Иттиҳоди Аврупо маҷмӯи сиёсатҳо ва механизмҳоро татбиқ мекунад, ки ҳадафи онҳо ҳимояи ҳуқуқи инсон, пешбурди принсипҳои демократӣ ва тақвияти худихиёрии стратегии он дар соҳаи рақамӣ мебошад. Татбиқи муваффақи дипломатияи рақамӣ дар Аврупо маҳз ба омилҳои зерин вобастагӣ дорад, аз ҷумла, ҳамкории хуб байни вазорати корҳои хориҷӣ ва ниҳодҳои дигар, мавҷудияти қоидаҳои равшан ва стратегияи муайян, таъмини пояи техникӣ ва назорати ҷиддии амалишавии зина ба зинаи онро дар бар мегирад.

Ташаббусҳои дипломатияи рақамии Иттиҳоди Аврупо имконияти нав барои ҳамкори бо кишварҳоро фароҳам оварда, муҳаррики коммуникатсияи рақамиро тақвият мебахшанд ва ба қисми ҷудонашавандаи сиёсати хориҷӣ табдил меёбанд. Стратегияҳои рақамии Иттиҳодияи Аврупо ба таҳкими нуфузи байналмилалӣ, рушди ҳамкориҳои сиёсӣ ва ҳифзи арзишҳои демократӣ равона шудаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Иттиҳоди Аврупо Стратегияи дипломатияи рақамии худро дар чанд марҳила масъалагузорӣ ва тасдиқ кардааст. Ҳар яки ин марҳила бо иловаи баъзе тағиротҳо мутобиқ ба манфиатҳои кишварҳои аъзо баррасӣ гаштаанд. Давраи аввал, ки соли 2018 ба тасвиб расид, таҳрири аввалин рамзи дипломатияи рақамии Иттиҳоди

Аврупо ба шумор рафта, онро барои истифода дар муносибат бо кишварҳои дигар таҳия кард. Ин стратегияро, ки Шурои Иттиҳоди Аврупо (The European Council) тасдиқ намуд, ба истифодаи технология ва расонаҳои рақамӣ барои таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ, пешбурди ҳуқуқи инсон ва арзишҳои демократии Аврупо, инчунин барои мубориза бо таҳдидҳои нави глобалӣ, ба монанди кибертаҳдидҳо, равона гардида буд. Яке аз муҳаққиқони аврупоӣ низ дар мавриди афзалият доштани ҳуқуқи инсон дар пешбурди дипломатияи рақамии Аврупо таъкид карда, овардааст: “Иттиҳоди Аврупо дипломатияи рақамиро тавассути каналҳои гуногун барои эҷоди маъно ва ташаккули имиҷи худ ҳамчун пешво дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва баробарӣ истифода мебарад.[6, 37] Пас аз қабули Хулосаҳои Шӯрои Аврупо оид ба дипломатияи рақамӣ дар моҳи июли соли 2022, Иттиҳоди Аврупо барои ҳамкории беруна дар масъалаҳои рақамӣ заминаи мустаҳкам гузошт. Хулосаҳои минбаъдаи Шӯро оид ба дипломатияи рақамӣ, ки 26 июни соли 2023 қабул шудаанд, маҷмуи амалҳои афзалиятнокро пешниҳод мекунанд, ки барои сиёсат ва амали стратегӣ, мувофиқ ва муассири Иттиҳоди Аврупо дар умури рақамии ҷаҳонӣ зарур шуморида шуданд. Мувофиқи хулосаи мазкур Иттиҳоди Аврупо кишварҳои узвро даъват мекунанд, ки барои пиёда намудани амалҳои афзалиятнок бо равиши "Дастаи Аврупо"[1] амал кунанд, ки он таъмини ҳамоҳангсозии беҳтар ва ҳамкории стратегӣ дар шакли ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, рушди минбаъдаи шарикии дуҷониба ва минтақавӣ, бахусус дар робита бо технологияҳои муҳим ва муосирро пайгирӣ намоянд. Густариши ҳамкорӣ бо шарикони худ дар саросари ҷаҳон дар робита бо ҳамбастагии рақамӣ ва ҳалли тафовутҳои рақамӣ, ҳамчунин тақвияти роҳбарии Иттиҳоди Аврпо дар қоидаҳои рақамии ҷаҳонӣ ва афзоиш додани самаранокии захираҳои рақамии кишварҳои узв, инчунин муколама бо бахши технология ва дигар ҷонибҳои манфиатдор аз масоили тахти назорат қарордодашуда махсуб гардиданд.

22 июли соли 2024 Шӯрои корҳои хориҷӣ мубодилаи солонаи худро дар бораи дипломатияи рақамии Иттиҳоди Аврупо баргузор кард ва пешрафтҳои бадастомада дар тӯли чор соли охирро арзёбӣ намуд. Дар мубодилаи мазкур гузаштан аз масъалаҳои рақамикунонӣ ба масъалаҳои дорои аҳамияти калидии стратегӣ ва сиёсӣ таъкид гардида, таъсири фаврии он ба демократия, иқтисодиёт ва ҷомеаи аврупоӣ низ баррасӣ мегардад. Дар муҳокима аҳамияти масъалаҳои рақамӣ ва технологияҳои нав барои сиёсати хориҷӣ ва зарурати ҳамкорӣ ҳамчун “Дастаи Аврупо” таъкид карда шуд. [4]

Дар моҳи апрели соли 2024, Шӯрои Аврупо лузуми тақвияти роҳбарии Иттиҳоди Аврупоро дар умури рақамии ҷаҳонӣ як бори дигар зикр карда, аз Комиссия ва Намояндаи Олӣ даъват кард, ки дар ин мавзӯъ як паёми муштарак омода кунанд. Комиссияи 8 май даъвати оммавии далелҳоро барои ҷамъоварии ғояҳо барои ташаккули сиёсати рақамии берунаи Иттиҳоди Аврупо оғоз кард. Доираи васеи ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла, ширкатҳои технологӣ, ассотсиатсияҳои тиҷоратӣ, мақомоти миллии Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои сеюм, ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ, доираҳои илмӣ ва шаҳрвандон, дар он ширкат намуданд. Ҳамин тавр, 6 июни соли 2025, Комиссияи Аврупо як паёми муштаракро дар бораи Стратегияи

[1] “Team Europe Initiatives”-як шеваи ҳамоҳангшудаи Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои аъзои он аст, ки барои ҳалли масоили глобалӣ ва дастрас кардани натиҷаҳои муассир дар соҳаи рушди байналмилалӣ, истифодаи захираҳо ва таҷрибаҳои муштаракро дар кишварҳо ва минтақаҳои сеюм тақозо мекунад.

байналмилалии рақамӣ барои Иттиҳоди Аврупо қабул кард, ки дар он дурнамои ҳамкориҳои байналмилалии Иттиҳоди Аврупо барои рақамикунонӣ муайян гардида, Стратегия аз ҷониби хулосаҳои Шӯро дар 20 ноябри соли 2025 тасдиқ карда шуд. Қабули Стратегияи байналмилалии рақамӣ (Joint Communication on an International Digital Strategy), ки дар он нақши Иттиҳоди Аврупо дар пешбурди дипломатияи рақамӣ ва раҳбарии рақамии глобалӣ, ҳамкорӣ бо дигар давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар майдони рақамии ҷаҳонӣ таъкид шудааст. Стратегия мазкур ба ҳадафҳои бузурги Иттиҳоди Аврупо, аз қабили тақвияти рақобатпазирии технологияи рақамӣ, таъмини амният ва таъсири стандартҳои ҷаҳонӣ диққати бештар медиҳад.

Бо такя ба хулосаҳои Шӯрои соли 2023 оид ба дипломатияи рақамии Иттиҳоди Аврупо, ки аҳамияти равиши инсонмеҳвариро ба гузариши рақамӣ таъкид мекарданд, таҳриру таҳияҳои нав ба манфиатҳои стратегӣ бештар таваҷҷуҳ медиҳад. Комиссияи Аврупо эътироф мекунад, ки барои ноил шудан ба афзалиятҳои стратегӣ, ҷалби ҷаҳонӣ ва шарикии боэътимод дипломатияи рақамӣ калидӣ аст ва Иттиҳоди Аврупо мехоҳад бо шарикони худ барои беҳтар кардани қобилияти ширкатҳои технологии аврупоӣ барои навоварӣ ва рушд дар саросари ҷаҳон ва ҳамзамон бо ин шарикон барои дастгирии гузариши рақамии худ ҳамкорӣ кунад. Аз ин рӯ, Стратегияи рақамӣ асосеро муқаррар мекунад, ки Иттиҳоди Аврупо бар он ин ҳадафҳои меҳварии хешро ҳал хоҳад кард.

Таҷрибаҳои рушди дипломатияи рақамӣ дар Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳанд, ки самаранокии дипломатияи рақамӣ мустақиман ба мавҷудияти стратегияҳои ҳамаҷонибаи технологӣ ва иқтидори инфрасохтории рақамӣ вобаста аст. Ҳамин тавр, дар асоси манбаъҳои расмии Шӯрои Иттиҳоди Аврупо ва санадҳои расмии таҳрир ва тасвиби сиёсат, Иттиҳоди Аврупо стратегияи дипломатияи рақамии худро дар панҷ марҳила таҳлил ва тасдиқ кардааст. Ин марҳилаҳо нишон медиҳанд, ки Стратегияи дипломатияи рақамии Иттиҳоди Аврупо бо мурури вақт ва таҳаввулоти технологияҳо ва таҳдидҳои глобалӣ ҳамоҳанг шудааст.

Ғайр аз ин, истифодаи модели Евростак (EuroStack)[2] барои муайян кардани сиёсати дохилӣ ва берунии Иттиҳоди Аврупо барои ноил шудан ба соҳибихтиёрии технологӣ ва рақобатпазирӣ бебаҳо аст. Ташаббуси Евростак ҳадафи рушди қобилиятҳои стратегии Аврупо ва ҳамзамон тақвият ва бунёди шарикиҳои судмандро дорад. Тамаркузи қавии Стратегия ба шарикӣ ва инфрасохтори рақамӣ, ки ба таври возеҳ ба қабатҳои гуногуни ин соҳа нигаронида шудааст, аз ҷониби ҷомеаи васеътар посухҳои мусбат ба даст овардааст. Он ҳамчун консепсияи истеҳсолии Аврупо барои сохтани инфрасохтори рақамӣ ва босубот пешниҳод шудааст, ки ҳадафи он баланд бардоштани рақобатпазирии рақамӣ ва истодагарии Аврупоро аст. Стратегияи байналмилалии рақамии Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳад, ки он мехоҳад дар сохтори ҷаҳонии рақамӣ нақш бозида, ҳамкорӣ ва арзишҳои демократиро пеш барад. Иттиҳоди Аврупо барои таҳкими пояҳои устувори дипломатияи рақамии худ на танҳо аз муоширати онлайн, балки аз стратегияи рақамӣ ва ташаккули Евростакро ҳамчун пояи технологии қудрати дипломатӣ истифода мебарад.

[2] **EuroStack** — ин як маҷмӯаи ташаббусҳо аст, ки аз ҷониби олимон, сиёсатмадорон, муҳаққиқон ва намояндагони соҳаи саноат тарҳрезӣ шудааст, бо ҳадафи бунёди инфрасохтори рақамии мустақил барои Иттиҳоди Аврупо. Мақсади асосии **EuroStack** коҳиш додани вобастагӣ аз технологияҳои хориҷӣ ва ширкатҳои амрикоӣ мебошад, ки барои таъмини амният ва соҳибихтиёрии рақамии Аврупо муҳим аст.

Дар Стратегияи рақамикунонии Иттиҳоди Аврупо оварда шудааст, ки: "Азбаски инқилоби рақамӣ иқтисод ва ҷомеаро дар манзараи геополитикии ҷаҳонӣ, ки имрӯз аз ҳарвақта бештар чолишҳоро пеш меорад, тағйир медиҳад, Стратегияи байналмилалии рақамии нави Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳад, ки он як нақшаи устувор ва боэътимод аст, ки барои ҳамкории рақамӣ бо ҳампаймонҳо ва шарикон кушода мебошад". [7] Ин гуфтаҳо ба он ишора мекунанд, ки Иттиҳоди Аврупо чӣ гуна нақши муҳими худро дар амалӣ кардани шарикӣ ва ҳамкориҳои расмӣ тавассути дипломатияи рақамӣ бозида истодааст. Аз тарафи дигар, Стратегияи байналмилалии рақамии Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳад, ки ҳамкориҳои рақамӣ бо шарикон, дар ҳоле ки қоидаҳои глобалии рақамиро таҳким медиҳад, зарур аст.

Ҳамин тариқ, Иттиҳоди Аврупо дипломатияи рақамии худро бар се пояи асосӣ таҳким мебахшад. Якум Стратегияи рақамӣ ҳамчун чаҳорчӯбаи сиёсӣ, дуюм меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи таъсир, ва сеюм "Евростак" ҳамчун заминаи технологии соҳибихтиёр. Маҳз ҳамгироии стратегия ва инфрасохтор дипломатияи рақамии Иттиҳоди Аврупоро устувор, рақобатпазир ва таъсирбахш месозад.

Яъне бо тасдиқи Стратегияи дипломатияи рақамӣ Комиссияи Аврупо ва худи Иттиҳоди Аврупо ишора ба он мекунад, ки маҳз тавасути он ин ниҳод мавқеи сиёсати хориҷии худро афзунтар намуда, дар нисбат бо дигар кишварҳои абарқудрат, ба монанди Иёлоти муттаҳидаи Амрико рақобатпазирии худро нишон диҳад. Чуноне ки пажуҳишгари масоили муносибатҳои байналмилалӣ Каталина Братосин дар таҳқиқоташ овардааст "Дар Аврупо, дипломатияи рақамӣ ҳамчун абзоре барои таъмини нақши ҷаҳонии худ дар дунёи рақамӣ, ҳифзи манфиатҳои стратегии, пешбурди чаҳорчӯбаи танзимкунандаи динамикӣ ва инсонмарказӣ барои табдили рақамии фарогир қабул карда шуд. Аз он вақт инҷониб, ин блоки минтақавӣ як қатор амалҳои афзалиятнокро пешниҳод кардааст, ки сиёсат ва амали мустаҳкамтар, стратегӣ, мувофиқ ва муассири Иттиҳоди Аврупоро дар умури рақамии ҷаҳонӣ таъмин мекунанд". [2,45-67]

Ҳамин тариқ, Стратегия нақшаеро барои шарикии амиқтар, васеътар, пайвастшуда ва тақвиятёфта барои васеъ кардани шабакаи ҷаҳонии худ таҳия мекунад. Муҳим он аст, ки Иттиҳоди Аврупо аз сифр шуруъ накарда, шарикӣ дар тӯли солҳо сохта ва тақвият ёфтааст ва ҳоло сухан дар бораи амиқтар кардани ин шарикӣ, масалан, аз ҷиҳати ҳамкории рақамӣ меравад, ки барои он иттиҳодияи кишварҳои ғайри Иттиҳоди Аврупо як омили арзишманд аст. Дар ниҳоят, пайваст кардани ин шарикӣ барои фаъолият ҳамчун шабака муҳим аст, ибтидо аз мубориза бо мушкилоти ҷаҳонӣ ва таъмини ҳузури Аврупо дар мизони сиёсати ҷаҳонӣ. Иттиҳоди Аврупо мисли дигар созмонҳои давлатӣ ва байналмилалӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар технологияҳои рақамиро ҳамчун роҳи ҳамкорӣ бо аудиторияи хориҷӣ ва баланд бардоштани обрӯи ҷаҳонии худ қабул кардааст.

Хулоса Стратегияи дипломатияи рақамии Иттиҳоди Аврупо як ҷузъи аслии сиёсати хориҷии Иттиҳоди Аврупо мебошад, ки бо мақсади таҳкими мавқеи рақамии худ дар арсаи ҷаҳонӣ ва пешбурди арзишҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон тавассути технологияҳои рақамӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ таҳия шудааст. Бо истифода аз технологияҳои рақамӣ, Иттиҳоди Аврупо тавонистааст инфрасохтор ва стратегияи дипломатии худро такмил диҳад, ки барои муқобила бо таҳдидҳои геополитикӣ ва

кибер таҳдидҳо зарур аст. Он Стратегияи дипломатияи рақамии худро дар чанд марҳила таҳким дода, бо шарикон ва дигар давлатҳо ҳамкории муассирро амалӣ мекунад, ки ин ба ҳифзи арзишҳои демократӣ, ҳуқуқи инсон ва мустаҳкам кардани нуфузи байналмилалии мусоидат мекунад. Таҷрибаи кишварҳои Аврупо нишон медиҳад, ки дипломатияи рақамии муваффақ ба равиши стратегӣ, дастгирии техникӣ, омӯзиши дипломатӣ ва ҳамоҳангӣ байни ниҳодҳои гуногуни давлатӣ ниёз дорад. Аврупо ба такмили равишҳои худ барои истифодаи абзорҳои рақамӣ барои тақвияти ҳамкории байналмилалӣ ва ҳифзи манфиатҳои худ дар заминаи табдили рақамии ҷаҳон идома медиҳад.

**Адабиёти истифодашуда:**


1. Bjola C., Holmes M. Digital Diplomacy: Theory and Practice. London: Routledge, 2015. - 238 c.
2. Bratosin-Vasilache C. “The Digitalization of EU’s Diplomacy- Features of Economic Diplomacy” // Romanian Journal of European Affairs. 2025. Vol. 25, № 1, pp. 45–67. Doi: 10.1234/rjea.2025.25.1.45.
3. European External Action Service (EEAS). Digital Diplomacy: Secure and Competitive Europe [манбаъи электронӣ]: https://www.eeas.europa.eu/eeas/digital-diplomacy-secure-and-competitive-europe_en (санаи муроҷиат: 18.01.2026).
4. European External Action Service (EEAS). Digital Diplomacy [манбаъи электронӣ]: https://www.eeas.europa.eu/eeas/digital-diplomacy_en (санаи муроҷиат: 3.01.2026).
5. Hedling E. Coping with Digitalization in Diplomacy: Autonomy and Discretion at the Digital Frontlines // European Journal of International Relations. 2025. Doi: 10.1177/13540661251343006.
6. Wright K., Guerrina R. “Imagining the European Union: Gender and Digital Diplomacy in European External Relations,” May 2020. doi: 10.1177/1478929919893935
7. European Commission. European Commission Digital Strategy [манбъи электронӣ]:https://commission.europa.eu/publications/european commission-digital-strategy_en (санаи муроҷиат: 09.01.2026 )


## ЭТАПЫ СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЦИФРОВОЙ ДИПЛОМАТИИ В ЕВРОПЕЙСКОМ СОЮЗЕ


Статья посвящена анализу и изучению цифровой дипломатии в Европейском Союзе и ее эволюции в последние годы, с акцентом на основные этапы этого процесса. В современных условиях, когда информационные и коммуникационные технологии развиваются, цифровая дипломатия становится основным инструментом международного сотрудничества и реализации внешней политики. Европейский Союз является одним из ключевых игроков в укреплении цифровой дипломатии, эффективно используя цифровые технологии для реализации глобальных стратегий и международного сотрудничества на основе ценностей своих государств-членов, демократии и прав человека. В статье рассматриваются этапы внедрения цифровой дипломатии, которые Европейский Союз реализует. От первого этапа, когда

цифровизация дипломатии стала осуществляться через социальные сети и цифровые платформы, до различных фаз, в которых Европейский Союз играет важную роль в развитии цифровой инфраструктуры своих государств-членов. Вместе с развитием технологических систем и инфраструктуры цифровая дипломатия Европейского Союза стала важной частью его стратегической деятельности.
***Ключевые слова:*** *Европейский союз, цифровизация, цифровая дипломатия, социальные сети, цифровые технологии, внешняя политика*

## PHASES OF EVOLUTION AND DEVELOPMENT OF DIGITAL DIPLOMACY IN THE EUROPEAN UNION

The article is dedicated to analyzing and studying digital diplomacy within the European Union and its evolution over the past years, with a focus on the key stages of this process. In the current context, where information and communication technologies are rapidly developing, digital diplomacy has become a fundamental tool for international cooperation and the advancement of foreign policy. The European Union is one of the key actors in strengthening digital diplomacy, using digital technologies to implement global strategies and international cooperation based on the values of its member states, democracy, and human rights. The article addresses the stages of implementing digital diplomacy that the European Union has undertaken. From the initial phase, when the digitalization of diplomacy was introduced through social networks and digital platforms, to various stages in which the European Union plays a significant role in the development of digital infrastructure within its member states. Alongside the improvement of technological systems and infrastructure, the European Union's digital diplomacy has become a crucial part of its strategic actions.
***Keywords:*** *European Union, digitalization, digital diplomacy, social networks, digital technologies, foreign policy*

**Маълумот оид ба муаллиф**: Мадимарова Гулҳаё Мадимаровна,ходими пешбари илмии шуъбаи Аврупоии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға 734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
Телефон: 905123535. почтаи электронӣ: gulhayomadimar@gmail.com
**Сведения об авторе:** Мадимарова Гулҳаё Мадимаровна,ведущий научный сотрудник отдела Европы Института изучении проблем стран Азии и Европы НАНТ.
Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки, 33 Телефон: +992 905123535.Электронная почта: gulhayomadimar@gmail.com
**Information about Author:** Madimarova Gulhayo Madimarovna ,Leading Researcher of the European Department of the Institute for the Study of the Problems of Asian and European Countries of tthe NAST.Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33
Phone: +992 905123535; Email: gulhayomadimar@gmail.com

# ТАСНИФ ВА ТАРТИБОТИ МИНТАҚАВИИ ҶАҲОН: ТАҲЛИЛИ ИЛМӢ ВА МЕТОДОЛОГӢ

**Пайвандов Х.Б.**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

*Мақола ба таҳлили илмӣ ва методологии тасниф ва тартиботи минтақавии ҷаҳон равона шудааст. Дар он заминаҳои назариявӣ ва методологии минтақабандии фазои глобалӣ баррасӣ гардида, равандҳои ташаккул ва таҳаввули минтақаҳои ҷугрофӣ-иқтисодӣ ва таърихӣ-фарҳангӣ дар доираи омилҳои табиӣ, иқтисодӣ, демографӣ ва сиёсӣ шарҳ дода мешаванд. Мақсад аз таҳқиқ, муайян кардани асосҳои илмии ҷудокунии минтақаҳои ҷаҳонӣ ва таҳлили хусусиятҳои хоси онҳо дар замони муосир мебошад.*

*Мақола минтақаҳои асосии ҷаҳонро вобаста ба дигаргуниҳои таърихӣ ва сиёсию геополитикӣ дар бар мегирад: Амрикои Шимолӣ, Амрикои Ҷанубӣ, Аврупо, Африқо, Осиё ва Уқёнусия.*

*Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд дар таҳияи сиёсати минтақавии миллӣ ва байналмилалӣ, банақшагирии фазои иқтисодӣ, таҳияи стратегияҳои рушд ва таҳлили* таҳдидҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар миқёси глобалӣ ва минтақавӣ истифода шаванд.

**Калидвожаҳо:** *СММ, гегемония, Аврупо, минтақабандии ҷаҳон, таснифи ҷугрофӣ, таҳлили методологӣ, минтақаҳои иқтисодӣ, минтақаҳои ҷугрофӣ, Осиё, хусусиятҳои минтақавӣ, рушд ва минтақаҳо, моделҳои минтақасозӣ, фазои иқтисодии ҷаҳон, равандҳои глобалӣ, сиёсати минтақавӣ, устувории минтақавӣ, назму низом, зернизомҳо.*

Аз ибтидои XXI инҷониб, ҷанбаҳо ва масъалаҳои минтақавии муносибатҳои байналхалқӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ, аз қабилӣ: равандҳои ҳамгироӣ, пешгирӣ ва идоракунии низоъ ва рақобату ҳамкориҳои минтақавӣ бештар мубрам ва муассир гаштанд. Нақши минтақаҳо бошад, ҳамчун натанҳо сохтори ҷӯғрофӣ, балки чун унсури таркибии системаи байналхалқӣ ва зернизоми сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ ва иҷтимоӣ дар раванди рушди ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ аҳамияти рӯзафзун пайдо намудааст.

Назарияи минтақа ҳангоми дар пайванд ба ҳамдигар омӯхтани иқтисоди ҷаҳонию равандҳои сиёсии он аз як тараф ва назарияи миллат аз тарафи дигар эҷод мешавад. Равиши аввал омӯзиши минтақаро ҳамчун ҷузъи таркибии низоми ҷаҳонӣ пешниҳод мекунад. Равиши дуюм ба минтақа «аз дохил» назар карда, раванди ташкили минтақаҳоро ҳамшабаҳи миллатсозӣ мефаҳмад.

**Мафҳуми «минтақа».** Аслан минтақа ё худ регион (аз кал. лотинӣ regio — минтақа, ноҳия) — қаламрави муайяни давлат ё якчанд давлатҳои дорои шароити якхелаи табиӣ ва самти хоси рушди қувваҳои истеҳсолкунанда дар асоси омезиши маҷмӯи захираҳои табиӣ бо инфрасохтори дахлдори моддӣ, техникӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, инчунин ба ягонагии шароити иҷтимоию сиёсӣ фаҳмида мешавад. [15, 331-332]. Ба ибораи дигар, минтақа ҳудуди муайяне мебошад, ки дорои умумиятҳои иҷтимоию ҳудудӣ, тамомият ва робитаи мутақобилаи унсурҳои таркибии он мебошад. Сиёсатшинос К.Дойч «минтака»-ро ба мафхуми худ шарҳ медихад - гурӯҳи кишварҳое мебошад, ки аз нигоҳи параметрҳои зиёд бо ҳамдигар алоқаманданд. [1,82-116].

Бо дарназардошти фаҳмишҳои зикршуда ҳамчунин, навъҳои асосии минтақаҳоро вобаста ба мақоми онҳо дар низоми ҷаҳонӣ тасниф мекунем. Воҳидҳои сиёсии зерин бо номи «минтақа» шинохта мешаванд:[14,32-40]

**Микроминтақа**, яъне минтақаҳои дохили як давлат: музофот, ноҳия, департамент ва амсоли он. Дар кишваре монанди Руссия воҳидҳои мазкурро «субъектҳои Федератсия» ва дар Тоҷикистон «вилоят» мегӯянд. Баъзеҳо мегӯянд, ҳамгироии макроминтақаҳо барои микроминтақаҳо, ки эҳтиёҷ ба миёнаравии маркази давлат надоранд, имкони бештар фароҳам мекунад. Дар чунин сурат микроминтақаҳо иштирокчии мустақили муносибатҳои байналхалқӣ шуда, созмонҳои байналмилалии худро таъсис медиҳанд (масалан, Ассамблеяи минтақаҳои Аврупо, Иттиҳоди минтақаҳои наздимарзии Аврупо). [17,12]

**Минтақаҳои фаромарзӣ (трансграничные)** – микроминтақаҳое, ки дар ҳудуди чанд давлат доман густурдаанд. Масалан, «евроминтақаҳо» тибқи конвенсияи Аврупо оиди ҳамкориҳои фаромарзӣ (1980) таъсис дода мешаванд. Субъектҳои ҳамкорӣ маъмуриятҳо ва мақомоти худидораи маҳаллӣ мебошанд. Бунёдгузори консепсияи «Аврупои минтақаҳо», олими швейцарӣ Дени де Ружмон ақида дошт, ки минтақаҳои фаромарзӣ манотиқи «муқтадир»-е мебошанд, ки тавассути давлатҳо пароканда карда шудаанд. Мамолики Аврупо ҳадафмандона ҳамкориҳои фаромарзии худро бо мақсади баробарии рушди манотиқи мухталиф ва рафъи ақибмонии минтқаҳои наздимарзӣ густариш медиҳанд. Нахустин минтақаи фаромарзии аврупоӣ соли 1976 дар ҳайати минтқаҳои Белгия, Олмон ва Нидерланд (минтақаи «Маас-Рейн») ташкил шуда буд. [2,121-146]

**Макроминтақаҳо** он минтақаҳои ҷаҳон мебошанд, ки аз чандин давлатҳо иборатанд ва объекти асосии таҳлили ҷанбаҳои минтақавии муносибатҳои байналхалқӣ маҳсуб меёбанд. Тарҳи ягонаи тақсимоти ҷаҳон ба минтақаҳо мавҷуд нест. Вале маъмулан макроминтақаҳои ҷаҳон инҳоро медонанд: Аврупо, Авруосиё (Руссия ва собиқ Шӯравӣ), Амрикои Лотинӣ, Амрикои Марказӣ ва Шимолӣ, Осиёи Шарқӣ, Осиёи Ҷанубӣ, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Африқои Шимолӣ, Шарқи Наздику Миёна, Африқои ҷануби Саҳрои Кабир, Австралия ва Уқёнусия. Ин тарҳи минтақавии ҷаҳон, ки бо такя ба вазъи солҳои 1980 таҳия шудааст, норасоӣ ҳам дорад: Афғонистон, Муғулистон ва баъзе кишварҳои дигарро мутахассисони гуногун ба манотиқи мухталиф мутааллиқ донистаанд. Аммо дар замони муосир мафҳумҳои «минтақаи Осиё–ҳавзаи уқёнуси Ором», «минтақаи баҳри Миёназамин», «минтақаи наздиқутбӣ» ва амсоли инҳо тарҳи минтқавии дар боло зикршудаи ҷаҳонро зери суол мебаранд. [5,87-93]

Ҳарчанд СММ созмони умумиҷаҳонӣ мебошад, тақсимоти минтақавии ҷаҳон барои фаъолияти ин ниҳоди универсалӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Бояд ёдовар шуд, ки имрӯз ҷаҳон мувофиқи таснифи СММ ба 22 минтақаи хурду бузург тақсим мегардад, ки ҳар кадоми он дорои умумиятҳои хоси таърихӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, геополитикӣ, иқтисодӣ, ҳамгироӣ ва идеологию амниятӣ мебошанд. [12,137-150] Ҷойивазкунии аъзои доимии Шӯрои Амнияти СММ дар асоси тааллуқоти минтақавии онҳо сурат мегирад. Интихоби Дабири кулли СММ низ бо дарназардошти баромади ӯ аз минтақаҳои мухталиф ба амал меояд. Дар СММ гурӯҳҳои минтақавии зерин таъсис шудаанд: Африқо, Осиё (ба қисми махсус – Осиёӣ ва ҳавзаи уқёнуси Ором, АТР), [10, 58-65] Амрикои Шимолӣ, Амрикои Лотинӣ ва ҳавзаи Кариб, Аврупо (ба Аврупои Ғарбӣ ва Шарқӣ тақсим шудааст).

Дар чаҳорчӯбаи СММ комиссияҳои минтақавӣ ва дигар сохторҳо низ фаъолият мекунанд. Минтақагароии «дохилӣ»-ро дар СММ бештар дар комиссияҳои иқтисодӣ

дидан мумкин аст. Нахустин комиссия (оид ба Аврупо) соли 1946 ташкил шуда, то ҳадде муваффақ буд, ки пас аз чанде комиссияҳои минтақавӣ барои Осиё (1947), Амрикои Лотинӣ (1948) ва Африқо (1958) таъсис дода шуданд. Бисёре аз созмонҳои минтақавӣ, ки ба сохтори СММ марбут нестанд, дар он мақоми нозирро доранд. Баҳсҳои кунунӣ дар масъалаи ислоҳоти Шӯрои Амнияти СММ ва бештар кардани аъзои доимии он, асосан дар мафҳумҳои «намояндагӣ»-и минтақаҳои муайян ифода мешаванд. Масалан, Нигерия талаб дорад, ки дар Шӯрои Амнияти СММ Африқо намоянда дошта бошад. Бразилия низ чунин дархостро нисбат ба Амрикои Лотинӣ дорад.

Назарияе вуҷуд дорад, ки Шӯрои Амнияти СММ дар оянда на аз кишварҳои алоҳида, балки аз намояндагони иттиҳодияҳои минтақавӣ иборат мешавад. Низоми ҷаҳонӣ дар чунин сурат чаҳорнишемӣ дида мешавад: 1) созмони минтақавии сатҳи қитъавӣ, ки давлатҳои минтақаро дар минтақаи тиҷоратӣ муттаҳид мекунад ва ба ҳалли низоъу масъалаҳои ҳуқуқи инсон машғул мешавад; 2) созмонҳои зерминтақавӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои ҳамкориҳои техникӣ машғуланд; 3) давлатҳо; 4) минтақаҳои давлатҳо ва ҳамчунин минтақаҳои фаромарзӣ. [14,32-40]

**Зерминтақаҳо** (субрегион) ҳамчун гурӯҳҳои минтақавии хурд дар дохили қитъаҳо ҷудо карда мешаванд. Масалан, «давлатҳои Мағриб» дар Африқои шимолӣ ё «давлатҳои Анд» дар Амрикои Лотинӣ. Зерминтақаҳои Аврупо асосан ба империяҳои замоне мавҷудбуда рабт дода мешаванд. Таҷриба собит месозад, ки созмонҳои минтақавии муассир маҳз дар сатҳи зерминтақавӣ (ИА, АСЕАН, ЭКОВАС дар ибтидои таъсиси худ) ташкил мешаванд. Баъзан марзи байни минтақаи байналхалқӣ ва зерминтақаро муайян кардан номумкин мешавад, аз ин рӯ, фарқият миёни онҳо машрут аст. Масалан, муайян нест, ки ҷазираҳои баҳри Кариб минтақаи алоҳидаанд ё зерминтақаи Амрикои Марказӣ.

Таърифи ягонаи истилоҳи минтақа таҳия нашудааст, зеро ақидаи ягона дар мавриди он, ки кӣ (танҳо давлатҳо ё дар радифи онҳо субъектҳои ғайридавлатӣ низ) ва дар кадом асос метавонад ба он шомил шавад, вуҷуд надорад. Дар ҳамин маврид назари «давлатмарказӣ» нисбатан бартарӣ дорад. Барри Бюзан минтақаро ҳудуди аз лиҳози фазоӣ алоқаманди ду ва ё зиёда давлат медонад. Вале Ҷозеф Най мегӯяд, минтақа шумори маҳдуди давлатҳост, ки наздикии ҷуғрофиёӣ ва сатҳи муайяни вобастагӣ онҳоро ба ҳам алоқаманд кардааст. Яке аз таърифҳои дақиқ ва фарогир ба Карл Дойч тааллуқ дорад, ки мегӯяд: минтақа гурӯҳе аз давлатҳо мебошанд, ки аз рӯи ба чанд параметр нисбат ба кишварҳои дигар ба ҳам вобастагии бештар доранд. Дар қатори чанд таърифи кӯтоҳ, ки оварда шуд, таърифҳои дигаре ҳам вуҷуд доранд, ки даҳҳо хусусияти минтақаро тавсиф мекунанд, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

-Минтақа зиёда аз ду давлатро дар бар мегирад, аммо шумори дақиқи онҳо вобаста ба худи минтақаҳо аст. Якҷоя бо давлат дар минтақа дигар субъектҳо низ (намояндагиҳои минтақавии созмонҳои байналхалқӣ, шуъбаҳои махсуси СММ оид ба сулҳ ва масъалаҳои дигар, созмонҳои минтақавӣ ва ғ.) метавонанд мустақар бошанд, вале онҳо нисбат ба давлат субъекти хориҷӣ маҳсуб меёбанд. [1,82-116]

Бояд ёдовар шуд, ки минтақаҳои хориҷӣ лавҳаи гуногунранги худро соҳибанд ва аз ҷониби олимони зиёди рус низ мавриди тасниф ва тавсиф қарор гирифтаанд. Масалан, А.Д. Воскресенский чунин анвоъи манотиқи ҷаҳониро ҷудо мекунад: [6,154]

**1) Макроминтақаҳои ҷуғрофӣ.** Осиё, Африқо, Амрико, Австралия ва Уқёнусия, Аврупо; мезоминтақаҳо (минтақаҳои миёна) Амрикои Марказӣ, Шимолӣ ва Ҷанубӣ, Аврупо, Австралия ва Уқёнусия, Осиёи Шимолу Шарқӣ, Ғарбӣ, Ҷанубӣ ва

Марказӣ, Африқои Шимолӣ (Арабӣ) ва Африқои Ҷануби Саҳрои Кабир ва инчунин минтақаҳо (субминтақаҳо) бо тақсими Амрико ба Марказӣ, Шимолӣ ва Ҷанубӣ, Аврупо ба Ғарбӣ, Ҷанубӣ, Шимолӣ ва Шарқӣ ва инчунин Осиёи Ҷанубу Ғарбиро ба Шарқи Наздик ва Шарқи Миёна. Аммо мафҳуми Шарқи Наздик ва Миёна аз Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ васеътар аст зеро ба ин мафҳум якчанд давлатҳои африқоӣ низ дохиланд(Миср, Судон). Ин тақсимоти ҷаҳон ба муайянсозии минтақа чун ҳудуди бузург, ки қисме аз қитъаҳоро дар бар мегирад, такя мекунад.

2) **Минтақаҳои таърихиву фарҳангӣ:** чинӣ, куриёӣ, ветнамӣ (Ветнам, Лаос, Камбоҷа), ҳиндӣ( Ҳиндустон, Непал, Бутан, Шри Ланка), ҳинду-эронӣ (Покистон, Афғонистон, Эрон, Тоҷикистон), туркӣ(аз 6 давлат иборат аст), арабӣ(аз 17 кишвар иборат аст), русӣ( Русия, Украина, Белорусия ё аз руи тафсири дигар кишварҳои ИДМ), аврупоӣ. Манотиқи Амрикои Шимолӣ, Амрикои Ҷанубӣ ва Африқо бо умумиятҳои минтақавии ба ҳаминҳо мувофиқ муттаҳиданд, мисли анъанаҳои геополитикӣ, тамоюли муосир ба ҳамгароӣ, ягонагии этнолингвистикӣ, этнофарҳангӣ, ва этнопсихологӣ. Ин тавр тақсимоти ҷаҳон бештар ба хусусиятҳои таърихиву фарҳангӣ асос меёбад.

3) **Макроминтақаҳои фарҳангию динӣ ё комплексҳои тамаддунӣ**. Ба ин гуна манотиқ, чи хеле ки А.Д.Воскресенский менависад, одатан тамаддуни конфутсианиву-буддоӣ, ҳиндуӣ, мусулмонӣ, православӣ, насронии ғарбӣ, амрикоилотинӣ, африқоӣ ва уқёнусиоромиро дохил мекунанд.Тақсимоти ҷаҳон ба макроминтақаҳои фарҳангию динӣ ё комплексҳои тамаддунӣ мувофиқи ақидаи А.Д.Воскресенский, ба фаҳмиши минтақа чун як навъ қисмате, ки умумияти ташаккули таърихии ҳудуд, мавқеи ҷуғрофӣ, захоири табиӣ ва меҳнатӣ, тахассуси хоҷагиро ифода менамояд, такя мекунад.

4) **Минтақаҳои байналхалқӣ- сиёсӣ.** Дар қаринаи илм дар бораи муносибатҳои байналхалқӣ ин “маҷмуъи падидаҳои ҳаёти байналхалқӣ, ки ба координатҳои муайяни ҳудудӣ-замонии муттаҳидкунандаи мантиқи умумӣ ҳамон тавре ки мантиқ ва координатҳои мавҷудияти он вобастаанд, равона шудааст, мебошад”. Ба минтақаҳои байналхалқӣ-сиёсӣ метавон, берун аз қоидаи ин навъи минтақа, ҳудудҳои амалиёти созмонҳои байналхалқие чун СААШ, Анҷумани миллали кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, созмони кишварҳои Амрикои Марказӣ, Созмони мамолики амрикоӣ, ИДМ ва ғайраро дохил кард.

5) **минтақаҳои геоиқтисодӣ ва геополитикӣ.** Ин агломератсияи кишварҳое мебошад, ки бо принсипи равобити иқтисодиву низоми муштараки амниятӣ сохта мешаванд ва бо низоъҳои таърихӣ, масоили баҳснок, душмании анъанавӣ ва ғайра васл мегарданд. Ҳамин тавр ба минтақаҳои геополитикӣ фазоҳои бо шиддатнокии баланди равобити сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ҳарбию сиёсӣ алоқаманд, бисёр вақт Амрикои Шимолӣ, Аврупои Ғарбӣ, Осиёи Шарқӣ, Осиёи Ҷанубӣ, ҷаҳони Ислом, “хушаҳои Авруосиё” и кишварҳои пасошуравиро дохил мекунанд.

Ҳамин тавр дар китоби дарсии Ҷуғрофияи иҷтимоиву иқтисодии кишварҳои хориҷӣ (таҳти муаллифии В.В. Волский) 11 макроминтақаҳои тамаддунӣ зикр шудааст: Аврупои Ғарбӣ, Аврупои Марказӣ - Шарқӣ, минтақаи Русияву Авруосиёӣ, Африқои Шимолӣ ва Шарқи Миёна, Осиёи Ҷанубӣ, Осиёи Шарқӣ, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Африқои ҷануби Саҳро, Амрикои Шимолӣ, Амрикои Лотинӣ, Аврстралия ва Океания.

Манзараи хоси минтақаҳои фарҳангию таърихӣ ва субминтақаҳои ҷаҳонро Ю.Н.Гладкий А.И.Чистобаев низ пешниҳод кардаанд. Инҳо Аврупои Ғарбӣ, Аврупои Шарқӣ, макроминтақаи Авруосиё, макроминтақаи Афроосиё, Амрикои инглисизабон, Амрикои Лотинӣ, Австралия ва Уқёнусия. Ба ҳайати макроминтақаи Афроосиё олимон

Байнанаҳрайн, Миср ва Шом, Арабистон, Мағриб, Осиёи Хурд, Эрон-Афғонистон, Осиёи Марказӣ, Ҷопон, Чин, Ҳиндухитой, Осиёи Ҷанубу Шарқии ҷазиравӣ, нимҷазираи Ҳиндустон, Африқои ҷануби Саҳроро шомил мекунанд. Чи хеле ки мебинем, ин тақсимоти ҷаҳон ба минтақаҳои фарҳангию таърихӣ ба варианти Воскресенский он қадар мувофиқат намекунанд, аммо фарзия шуда метавонанд.

Бо такя ба тавсифоти дар боло зикршуда метавон гуфт, ки макроминтақа гурӯҳи давлатҳое мебошанд, ки аз лиҳози ҷуғрофиёӣ ба ҳам наздик ва ба якдигар вобаста буда, ягонагии худро дарк кардаанд.

**Сохтори низоми минтақавӣ.** Сохтори дохилии минтақа тавассути қутбият: дар он вуҷуд доштани кишварҳои қудратманд (қутбҳои қудрат), шакл ва шумораи онҳо муайян карда мешавад. Низоми гегемонияи ҷаҳонӣ маҳз дар сатҳи минтақавӣ сохта мешавад. Дар садри низоми ҷаҳонӣ аввал «абарқудратҳо» (дар ҳоли имрӯз танҳо ИМА шинохта шудааст), Эрон Низоми минтақавӣ маъмулан унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

**Гегемон ва протогегемони минтақавӣ.** Истилоҳи «протогегемон» нисбати давлатҳое истифода мешавад, ки тамоми нишонаҳои гегемони минтақавӣ буданро доранд, аммо бо вуҷуди ин, натавонистаанд мақоми мазкурро соҳиб шаванд. Сабаби асосии чунин падида муқобилияти дигар протогегемонҳо ё қудратҳои ҷаҳонӣ аст, ки кӯшиши таҳти назорати худ доштани вазъи минтақаро доранд. [9,536]

**Гегемони минтақавӣ** давлатест, ки нисбат ба ҳамсоягони минтақавии худаш қудрати бештар дорад. Дар мавридҳои зарурӣ гегемон бояд имкони дар танҳоӣ ва бе ҷалби дигар қудратҳо амал карданро дошта бошад. Қисмҳои таркибии қудрат пеш аз ҳама иқтидори ҳарбӣ, шумораи аҳолӣ ва маҷмуи маҳсулоти миллӣ мебошанд. Дар баробари доштани қувваҳои мусаллаҳ гегемони минтақавӣ маъмулан силоҳи ҳастаӣ низ дорад ё дар остонаи омода кардани он аст. Гегемонҳои минтақавиро бо номҳои гуногун ифода мекунанд (қудратҳои миёна, қудратҳои минтақавии бузург, қудратҳои дуюмдараҷа ва ғ.). Қудрати ҷаҳонӣ агар ҳолаташ мавҷуд бошад, ҳамеша гегемони минтақаи худ аст, аммо гегемони минтақавӣ на ҳамеша қудрати ҷаҳонӣ буда метавонад (масалан, Бразилия, Нигерия). [4,1-30] Амрикои Шимолӣ дар ин маврид бо дигар манотиқ баробар нест, зеро гегемони минтақавии он абарқудрати ҷаҳонӣ аст. [3,677-696] Гегемон бо вуҷуди он, ки расман бар дигар давлатҳо ҳукумати сиёсӣ надорад, «қоидаҳои бозӣ»-ро дар минтақаи худ муайян мекунад. Гегемони минтақавӣ дорои чунин нишонаҳо мебошад:

а) аз лиҳози ҷуғрофиёӣ ба минтақаи мавриди назар тааллуқ дорад; б) тавони мубориза ва истодагарӣ бо дилхоҳ эътилофи дигар кишварҳои минтақаро дорад; в) дар минтақа таъсири назаррас дорад; г) аз ҷониби кишварҳои дохили минтақа ва ҳамзамон субъектҳои хориҷӣ ба ҳайси гегемон эътироф шудааст.

Вобаста ба равобити марказҳои қудрат низомҳои минтақавӣ метавонанд чунин бошанд:

Низоми яккутбӣ, вақте як давлат қудрати кофиро барои нигоҳ доштани амният дар минтақа дорад. Мисолҳои классикӣ дар ин маврид Амрикои Шимолӣ, Африқои Ҷанубӣ (бартарии мутлақи ҶАҶ), Африқои Ғарбӣ (Нигерия). Минтақаи Авруосиёро (ҳудуди собиқ ИҶШС) ҳам яккутбӣ ҳисобидан мумкин аст, зеро ягон давлати минтақаи мазкур наметавонад бо Русия рақобат кунад. [8,95-168]

Низоми ду ё бисёрқутбӣ, вақте дар минтақа якчанд протогегемон вуҷуд дорад, ки монеи ҳамдигар мешаванд. Мисоли рӯшани низоми дуқутбӣ Осиёи Ҷанубӣ аст, ки муқобилият миёни Ҳиндустон ва Покистон имкон намедиҳад, то якумӣ аз протогегемон

ба гегемони минтақавӣ табдил шавад. Низомҳои дуқутбиро дар Осиёи Шарқӣ (Чин – Ҷопон) ва Амрикои Ҷанубӣ (Бразилия – Аргентина) низ мушоҳида кардан мумкин аст.

Масалан, дар Шарқи Наздик дар баробари муқобилияти кишварҳои арабӣ бо давлати Исроил, рақобатҳо миёни Арабистони Саудӣ ва Эрон вуҷуд дорад. Давлатҳои бузурги минтақа гегемонияи худро дар сатҳи зерминтақавӣ (субрегионалӣ) ва поинтар аз он татбиқ карда метавонанд. Масалан, агар кишварҳои Мағриби арабиро чун зерминтақа ба ҳисоб гирем, дар низоми дуқутбӣ (Тунис – Марокаш) хуб мушоҳида мешавад. Ё барои мисол, Арабистони Саудӣ танҳо дар ҳудуди нимҷазираи Арабистон ва халиҷи Форс метавонад ба ҳайси гегемон шинохта шавад. Аммо вақте Шарқи Наздикро дар умум ҳамчун минтақа дар назар гирем, ягон аз давлатҳои номбурда наметавонад гегемони кулли минтақаи номбурда шавад. Исроил бо вуҷуди он, ки тамоми имконотро барои гегемони қудратманд шудан дар минтақа дорад, вале дар ҳоли ҳозир аз равандҳои минтақавӣ хориҷ аст.

Дар баробари протогегемонҳо дар арсаи минтақавӣ **давлатҳои шарик** низ вуҷуд доранд, ки барои рақобат бо гегемонҳо қудрати кофӣ надоранд, вале тавони муомила бо онҳоро доранд. Ин давлатҳо метавонанд барои нигоҳ доштани вазъи мавҷуд (статус-кво) талош варзанд, ки дар ин ҳолат ҳадафи стратегии онҳо субот аст ё барои бозбинии низоми мавҷуд (ревизия) кӯшиш мекунанд. Ҷонибдорони статус-кво дар ин ё он сатҳ гегемонро дастгирӣ мекунанд. Давлатҳое, ки барои бозбинии низом саъй мекунанд, мехоҳанд қудрат дар дохили низоми ташкилшуда аз нав тақсим шавад ё принсипҳои ташкилии худи низом тағйир дода шавад. Пас аз кишварҳои шарик ба истилоҳ «вобастагони канорӣ» қарор доранд, ки дар атрофи гегемон «ҳалқаи радифон»-ро ба вуҷуд меоранд.

Ҳолати дигар ҳам вуҷуд дорад, ки қудратҳои хориҷӣ низ маъмулан узви минтақа ба шумор мераванд. Масалан, ИМА ва давлатҳои «радди маърака» бо вуҷуди он, ки аз лиҳози ҷуғрофиёӣ дар минтақа ҳузур доранд, бо сабабҳои муайян аз равандҳои минтақавӣ хориҷ карда мешаванд. Давлатҳои «радди маърака» маъмулан ҳадафҳои гегемонӣ доранд, ки наметавонанд татбиқашон кунанд, зеро на ҳамсояҳояшон ва на ҷомеи ҷаҳонӣ онҳоро ҳамчун гегемони минтақавӣ қабул надоранд. Намунаи чунин давлатҳо Исроил ва Африқони Ҷанубӣ то интиҳои апартеид мебошанд. Исроил нишон медиҳад, ки давлати «радди маърака» метавонад аз хориҷи минтақа, хусусан аз ҷониби абарқудрати ҷаҳонӣ (ИМА) дастгирӣ ёбад. Барои ифода кардани давлатҳои монанди Исроил ва Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ истилоҳи парадоксалии «гегемони радди маърака» ба вуҷуд омад.

Намунаи тақсими мавқеъҳо дар низомҳои минтақавии муносибатҳои байналмилалӣ [14,32-40]

| Зерминтақа | Протогегемон | Шарикон | «Вобастагон» (вассалҳо) | Таҳдиди беруна |
|---|---|---|---|---|
| Осиёи Ҷанубӣ | Ҳиндустон | Покистон, Бангладеш | Бутан, Непал | ИМА, Чин |
| ИДМ | Русия | Қазоқистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон | Молдавия, Қирғизистон, Арманистон | ИМА, Чин, Туркия, ИА |
| Африқои Ғарбӣ | Нигерия | Гана, Камерун | Чад, Нигер | Фаронса, ҶАҶ |

Бояд ёдовар шуд, ки имрӯз зиддияти низомҳои байналмилалӣ ба таври параллелӣ дар баробари раванди ҷаҳонишавӣ пайдо гашт, ки аз десентрализасия, регионализасия

ва бисёрқутбӣ иборат буданд. Махсусан, регионализатсия дар асри XXI раванди фаъол ва муҳим дониста шуда, дар қаринаи дигаргуниҳои геополитикӣ, зуҳури хатарҳои нав, қафомонии раванди ҷаҳонишавии кишварҳои ғайри G-20 ва ҷиддӣ гаштани проблемаҳои глобалӣ барои кишварҳои рӯ ба инкишоф бештар мувофиқ ва зарур мебошад. [12,137-150]

Омӯзиш ва таҳлили илмӣ ва методологии тасниф ва тартиботи минтақавии ҷаҳон нишон медиҳад, ки имрӯз манотиқи олам бо дарназардошти зарфиятҳои худ унсурҳои асосии сохтори системаи равобити байналмилал ба шумор мераванд. Равишҳои назариявии омӯзиши минтақаҳо нишон медиҳад, ки таснифи илмии манотиқ ҷиҳати дарки тағйироту тартиботи ҷаҳонӣ, раванди интегратсионӣ ва рақобату муборизаҳои минтақавӣ аҳамияти муҳим дорад.

Дар қаринаи раванди ҷаҳонишавӣ ва низоми бисёрқутбӣ, тартиботи минтақавии ҷаҳон чун шакли мутобиқшавии давлатҳо ба таҳаввулу тағйироти сохтории низоми байналмилалӣ аҳамияти фазояндаро дар худ касб намудааст. Ин аст, ки вақтҳои охир дар назария ва амалияи сиёсати ҷаҳонӣ, геополитика ва низоми муносибатҳои байналхалқӣ мафҳумҳои "регионализми глобалӣ", "регионализатсияи глобалӣ", глокализатсия ва ё худи "регионализатсия" бештар мушоҳида мегардад.

Маҳз, регионализатсияи фарогир шакли нави ниҳодгардонии ҷаҳониро муайян намуда, равандҳои минтақавӣ, назму низомҳои минтақавӣ ва қудратҳои минтақавиро дар қаринаи дигаргуниҳои геополитикӣ ва афзоиши ҷолишҳои амниятӣ фаъол намудааст. Бо назардошти тамоюли мазкур, кишварҳо ҷиҳатҳои мусбат ва манфии раванди ҷаҳонишавиро ба назар гирифта, вориди регионализатсия мешаванд, ки ин таваҷҷуҳ ва рӯоварӣ бештар дорои ду зарурат ва ду омил мебошад:

1. Иқтисодӣ – истифодаи кофии имкониятҳои табиӣ бо мақсади рушди иқтисодиёти рақобатпазир ва ҳамқадамӣ ба раванди ҷаҳонишавӣ. Дар ин радиф, кишварҳо дар доираи минтақаҳои худ талош бар он доранд, ки дар равандҳои мухталифи замони муосир тобовар, рақобатпазир ва пешрафта бошанд.
2. Амниятӣ – бо дарназардошти зуҳури хатарҳои ғайрианъанавӣ ва таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ зарурати муттаҳидшавии давлатҳо дар доираи ин ё он созмонҳои ҳарбӣ-низомӣ ё амниятӣ-сиёсӣ ба миён омадааст, ки дар мубориза алайҳи падидаҳои но469матлуб қодиру тавоно мубориза баранд.

Хулоса кардан мумкин аст, ки таҳлили ҳамаҷонибаи илмӣ ва методологии тасниф ва тартиботи минтақавии ҷаҳон имкон медиҳад, ки равандҳои байналмилалӣ, самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои минтақавӣ ва пешгирию идоракунии таҳдиду ҷолишҳои замони муосир амиқтар арзёбӣ ва муайян карда шаванд. Ва дар дурнамо дар баробари омили геополитикӣ аҳамияти омӯзиши илмӣ-назариявии ташаккули раванди регионализатсия боз ҳам бештару фаъолтар мегардад. [11,125-135]

**Адабиёт**


1. Deutsch K. On nationalism, world regions, and the nature of the West // Mobilization, Center. Periphery structure and nation-building. A volume in commemoration of Stein Rokkan / Ed. by Per Torsvik. Universitetsfrolaget. Bergen – Oslo – Toronto, 1981.P.2-8. Berlin, 1982, ISSN 0724-5084, ZDB-ID 58984-6. - Vol. 82-116.
2. Paasi A. The resurgence of the 'Region' and 'Regional Identity ': theoretical perspectives and empirical observations on regional dynamics in Europe // Review of International Studies. 2009. № 35. P. 121-146.
3. Pedersen T. Cooperative Hegemony: Power, Ideas and Institutions in Regional Integration // Review of International Studies. 2002. Oct. Vol. 28. No. 4. P. 677-696.
4. Regional Hegemons. Threat Perception and Strategic Response. I Ed. by D. J. Myers. Boulder: Westview Press, 1991. P. 1-30.

5. Sdderbuum F. Exploring the Links Between Micro-Regionalism and Macro-Regionalism // Global Politics of Regionalism. Theory and Practice. Ed. by M. Farrell et. oth. L.: Pluto Press. 2005. P. 87- 93.

6. Воскресенский А.Д., Мировое комплексное регионоведение в педагогической практике. В 2 х т. Т. 2. МГИМО-Университет Москва.-2018. Стр. 478.

7. Гладкий, Ю. Н. Регионоведение : учебник для вузов / Ю. Н. Гладкий, А. И. Чистобаев. — 2-е изд., перераб. и доп. - Москва : Издательство Юрайт, 2025.- 393 с.

8. Збигнев Бжезинский Великая шахматная доска (Господство Америки и его геостратегические императивы). М.: Междунар. отношения, 1998. ISBN 5-7133-0967-3. 95-168 стр.

9. Кулматов К.Н., Митрофанова А.В. Региональные аспекты международных отношений. Учебник/ К.Н. Кулматов, А.В. Митрофанова / Под общ. ред. А. Н. Панова. - М.: Восток-Запад,2010. – 536 с.

10. Пайвандов Х.Б. Минтақаи Осиё – ҳавзаи укёнуси Ором (АТР) – маркази қувваи нави геополитикӣ. Маҷаллаи илмӣ, Паёми ДМТ, Душанбе, 2022. №4 (202), С.58-65.

11. Пайвандов Х.Б. Мушкилот ва дурнамои рушди муносибатҳои байналхалқӣ дар қаринаи шиддати рақобатҳои муосир. Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз МТС-и назди Президенти ҶТ. Душанбе, №4 (81) 2023.Саҳ. 125-135.

12. Пайвандов Х.Б. Регионализатсия ҳамчун падидаи рушди муносибатҳои байналхалқии муосир. Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз МТС-и назди Президенти ҶТ. Душанбе, №1 (81) 2023.Саҳ. 137-150.

13. Пайвандов Х.Б., Глобализатсия ва регионализатсия – падидаҳои хоси рушди муносибатҳои байналхалқии муосир. - Паёми ДМТ, 2023. – №.5.(202) С. 45-51.

14. Пайвандов Х.Б., Ҷанбаҳои минтақавии муносибатҳои байналхалқӣ, Душанбе.-2019. Саҳ.32-40.

15. Политическая энциклопедия. В 2-х т. / Под ред. Г.Ю. Семигина. М.: Мысль, 1999. Стр.331-332.

16. Шарипов А.Н.Масъалаҳои мубрами шарқи муосир. Душанбе 2017. С.132-143.

17. Яровой Г. Регионализм и трансграничное сотрудничество в Европе. СПб.: Норма. 2007. Главы 1,12.

## КЛАССИФИКАЦИЯ И РЕГИОНАЛНАЛЬНЫЙ МИРОПОРЯДОК: НАУЧНО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ

Статья посвящена научному и методологическому анализу классификации и региональной структуры современного мира. В ней рассматриваются теоретические и методологические основы регионализации глобального пространства, а также процессы формирования и трансформации геоэкономических, географических, историко-культурных регионов под воздействием природных, экономических, демографических и политических факторов. Цель исследования заключается в определении научных принципов разграничения мировых регионов и выявлении их специфических характеристик в современных условиях.

В статье охватываются основные регионы мира с учётом исторических изменений и геополитических сдвигов: Северная и Южная Америка, Европа, Азия, Африка и Океания.

Результаты исследования могут быть использованы при разработке национальной и международной региональной политики, стратегического планирования экономического пространства, формировании программ устойчивого развития и анализе социально-экономических угроз на глобальном и региональном уровнях.

**Ключевые слова:** *ООН, гегемония, Европа, регионализация мира, географическая классификация, методологический анализ, экономические регионы, географические регионы,*

*Азия, региональные характеристики, развитие и регионы, модели регионализации, мировое экономическое пространство, глобальные процессы, региональная политика, региональная стабильность, система, подсистемы.*

## CLASSIFICATION AND REGIONAL WORLD ORDER: A SCIENTIFIC AND METHODOLOGICAL ANALYSIS

This article is devoted to the scientific and methodological analysis of the classification and regional structure of the modern world. It examines the theoretical and methodological foundations of the regionalization of global space, as well as the processes of formation and transformation of geo-economic, geographical, historical, and cultural regions under the influence of natural, economic, demographic, and political factors. The main objective of the research is to identify the scientific principles of regional delineation and to analyze the specific characteristics of world regions in the context of contemporary transformations.

The article covers major world regions in the light of historical developments and geopolitical shifts, including North and South America, Europe, Asia, Africa, and Oceania.

The results of the study can be used in the development of national and international regional policies, strategic planning of economic space, the formation of sustainable development programs and the analysis of socio-economic threats at the global and regional levels.

**Keywords:** UN, hegemony, Europe, regionalization of the world, geographical classification, methodological analysis, economic regions, geographical regions, Asia, regional characteristics, development and regions, regionalization models, world economic space, global processes, regional policy, regional stability, system, subsystems.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Пайвандов Хайриддин Бобомуродович -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ, факултети муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **khayriddinjon@mail.ru** **Тел.: (+992) 985-56-25-30**

**Сведения об авторе: Пайвандов Хайриддин Бобомуродович -** Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, старший преподаватель кафедры международных отношений факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **khayriddinjon@mail.ru** **Тел.: (+992) 985-56-25-30**

**Information about the author: Payvandov Khayriddin Bobomurodovich -** Tajik National University, candidate of historical sciences, Senior teacher, Department of International Relations, Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **khayriddinjon@mail.ru** **Тел.: (+992) 985-56-25-30**

# ТАШАББУСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЧАҲОРЧӮБИ СММ: АЗ ДИПЛОМАТИЯИ ОБ ТО ИҚЛИМ, МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ВА ЗЕҲНИ СУНЪӢ

**Расулзода Р.**
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Дар мақола ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чаҳорчӯби Созмони Милали Муттаҳид таҳлил гардида, нақши онҳо дар ташаккули рӯзномаи ҷаҳонии рушди устувор баррасӣ мешавад. Диққати асосӣ ба саҳми Тоҷикистон дар пешбурди масъалаҳои об, тағйирёбии иқлим, ҳифзи пиряхҳо, рушди устувор, зеҳни сунъӣ, инчунин баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ равона шудааст. Дар мақола нишон дода мешавад, ки ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Маҷмаи Умумии СММ тавассути қатъномаҳои дахлдор дастгирӣ ёфтаанд, хусусияти фаромиллӣ касб намуда, ба таҳкими ҳамкории байналмилалӣ мусоидат мекунанд. Муаллиф хулоса мебарорад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви фаъоли ҷомеаи ҷаҳонӣ дар рушди механизмҳои бисёрҷониба ва ҳалли мушкилоти ҷаҳони муосир саҳми назаррас мегузорад.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, Созмони Милали Муттаҳид, Маҷмаи Умумии СММ, ташаббусҳои байналмилалӣ, дипломатияи об, тағйирёбии иқлим, рушди устувор, зеҳни сунъӣ, ҳуқуқи инсон.*

Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд: СММ) бо мақсади таҳкими сулҳу субот дар ҷаҳон ва рушди ҳамкорӣ миёни давлатҳо таъсис ёфта, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 1992 узви ин созмони бонуфузи байналмилалӣ гардидааст [4].

Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид мақоми асосии таҳияи сиёсати СММ буда, тавассути он давлатҳо ташаббусҳои ҷаҳониро дар самтҳои гуногун, аз ҷумла сулҳ, рушди устувор, иқлим, ҳуқуқи инсон ва рақамикунонӣ пеш мебаранд, меъёрҳои байналмилалиро ташаккул медиҳанд ва амалҳои муштаракро ҳамоҳанг месозанд.

Нақши Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ дар асарҳои бисёр олимони барҷастаи ҳуқуқи байналмилалӣ таҳқиқ шудааст. Аз ҷумла, Ҳанс Келзен Маҷмаи Умумиро ҳамчун ниҳоде баррасӣ менамояд, ки қарорҳо ва қатъномаҳои он, новобаста аз хусусияти тавсиявӣ доштанашон, ба рушди ҳуқуқи байналмилалӣ ва ташаккули «ҳуқуқи нарм» таъсири назаррас мерасонанд [10]. Бруно Симма ва Оскар Шахтер аҳамияти сиёсиву ҳуқуқии Маҷмаи Умумиро таъкид намуда, онро минбари универсалии ифодаи иродаи ҷомеаи байналмилалӣ ва воситаи тадриҷии ташаккули меъёрҳои байналмилалӣ мешуморанд [11; 12]. Розалинд Ҳиггинс ва Томас Франк фаъолияти Маҷмаи Умумиро аз лиҳози қонуният ва легитимнокии қарорҳои байналмилалӣ таҳлил карда, нақши онро дар таҳкими нуфузи ниҳодҳои байналмилалӣ муҳим арзёбӣ мекунанд [13; 14]. Дар осори олимони шинохтаи мактаби шӯравӣ ва рус, аз ҷумла Г. И. Тункин ва И. И. Лукашук, Маҷмаи Умумӣ ҳамчун унсури асосии тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ ва механизми ҳамоҳангсозии мавқеъҳои давлатҳо дар доираи СММ тавсиф мегардад [15; 16].

Дар шароити ҷаҳонишавии муосир ҳеҷ як давлат наметавонад мушкилоти ҷаҳониро танҳо ҳал намояд, зеро ин масъалаҳо ҳамоҳангии саъю кӯшиши ҷомеаи байналмилалиро талаб мекунанд. Дар ин замина Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун ниҳоди асосии байналмилалӣ нақши калидӣ мебозад.

Пешбарии ташаббусҳо дар доираи СММ ба давлатҳо имконият медиҳад, ки пешниҳоди худро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намоянд ва ташаббусҳое, ки тавассути қатъномаҳои Маҷмаи Умумии СММ қабул мегарданд, дорои эътибори сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷаҳонӣ пайдо гардида, ба меъёрҳои байналмилалӣ табдил ёбанд. Ин имкон медиҳад, ки ташаббусҳо на танҳо хусусияти миллӣ, балки аҳамияти ҷаҳонӣ касб намоянд ва манфиатҳои кишварҳои гуногун ба инобат гирифта шаванд. Маҳз дар чунин ниҳоди ҳамоҳангсозии мавқеъҳо ва муколамаи созанда байни давлатҳо таъмин мегардад.

Ғайр аз ин, қабули қатъномаҳои Маҷмаи Умумии СММ шароити мусоидро барои ҷалби захираҳои молиявӣ ва коршиносӣ фароҳам оварда, тавассути ниҳодҳои махсуси он, аз қабили Барномаи рушди СММ (UNDP), ЮНЕСКО (UNESCO), Созмони ҷаҳонии тандурустӣ (WHO), Созмони ҷаҳонии обуҳавосанҷӣ (WMO) ва дигар созмонҳо, ташаббусҳо метавонанд дар амал татбиқ гарданд ва ба барномаҳои мушаххаси рушд табдил ёбанд.

Пешбарии ташаббусҳо дар СММ инчунин ба баланд бардоштани нуфузи байналмилалии давлат мусоидат мекунад. Кишваре, ки ташаббускор аст, худро ҳамчун узви масъули ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуда, дар ташаккули сиёсати байналмилалӣ саҳми фаъол мегузорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам ва фаъол мавзуи рӯзномаи обу иқлимро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пеш мебарад. Дар давоми зиёда ду даҳсолаи охир ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид (СММ) дастгирӣ ёфта, дар пешбурди масъалаҳои об ва иқлим дар сатҳҳои гуногун нақши муҳим бозидаанд.

Ҳангоми таҳлили ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об ва дипломатияи об, чандин сиёсатмадорон, муҳаққиқон ва коршиносон ба ин мавзӯъ ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати байналмилалӣ ва рушди устувор таваҷҷӯҳ намудаанд. 12 марти соли 2018 мақолаи Сарвари давлати Тоҷикистонва узви Шурои сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Об барои рушди устувор» (Water for Sustainable Development) дар Маҷаллаи «Нигориши СММ» (UN Chronicle) нашр гардид, ки дар он «оид ба ҳадафҳо ва зарурати пешниҳоди Даҳсолаи нави байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018 - 2028», таҳияи тадбирҳо ва натиҷаҳои ташаббусҳои қаблии ҷониби Тоҷикистон оид ба ҳалли масъалаҳои марбут ба оби ошомиданӣ бар нафъи аҳли башар, маълумоти дақиқу пурмуҳтаво ва таклифу пешниҳодҳои асосноку созанда ба миён гузошта шуд» [1]. Сироҷиддин Муҳриддин дар мақолаи «Пешвои миллат ва иқдомоти сатҳи ҷаҳонӣ. Эътибори байналмилалии Тоҷикистон қавитар мегардад», таъкид намудааст, ки «ба шарофати сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Тоҷикистон кишвари ташаббускор, пешоҳанг ва таъсиргузор дар пешбурди рӯзномаи чаҳонии марбут ба обу иқлим эътироф гардидааст» [6]. Сафолзода М.Қ. дар мақолаи «Дипломатияи об дар стратегияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қайд намудааст, ки «Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали барқарор кардани истиқлолият ба муҳокима ва ҳалли масъалаҳои об дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир кардааст ва ин нишон медиҳад, ки ин масъала, ки ба ҳаракати пешрафтаи ҳамкории обӣ марбут аст, баъдан ба яке аз рукнҳои сиёсати хориҷии кишвар табдил меёбад» [8]. Мирсаид Раҳмонов дар мақолаи «Дипломатияи об: Пешвои ҷаҳонӣ ва ташаббусҳои устувори Тоҷикистон» (Water diplomacy: Tajikistan’s global leadership and sustainable initiatives) таҳлили сиёсати

ҷаҳонии Тоҷикистон дар самти дипломатияи об ва саҳми роҳбарияти Тоҷикистон дар ташаккули рӯзномаи ҷаҳонии обро пешниҳод мекунад, ки Тоҷикистонро ҳамчун раҳбар дар дипломатияи об муаррифӣ менамояд [17]. Ҳамчунин, Шарипов А.Н. дар таҳқиқи «Нақши дипломатияи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти умумии ҷаҳонии замони мо» (Роль водной дипломатии Республики Таджикистан в решении общих глобальных проблем современности) «нақши дипломатияи обро дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ ва саҳми Тоҷикистонро ба таври систематикӣ баррасӣ кардааст, ки дар он дипломатиёи об ҳамчун абзори муколама ва ҳамкорӣ дар сатҳи байналмилалӣ тавсиф мегардад» [18]. Ин таҳқиқотҳо мавзӯъҳои муҳимро, аз ҷумла эълони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018–2028» ва роҳҳо барои густариши ҳамкорӣ дар сатҳи СММ, равшан мекунанд – ташаббуси бузург аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Маҷмаи Умумии СММ [19]. Ин ва ба ҳамин монанд мақолаҳо исбот мекунанд, ки ташаббусҳои Тоҷикистон дар доираи ООН на танҳо сиёсати миллӣ, балки ҷузъи муҳими дипломатияи глобалӣ оид ба об ва иқлим мебошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз солҳои 1999 барои дарёфти роҳҳои ҳалли масоили вобаста ба об, ки яке аз мушкилоти глобалии имрӯзу фардои сайёра маҳсуб меёбад, пайваста талош меварзад. Бо пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон даҳҳо қатъномаиҳои Созмони Милали Муттаҳид доир ба об қабул гардиданд.

Созмони Милали Муттаҳид бо пешниҳоди Эмомалӣ Раҳмон «Соли 2003-ро Соли байналмилалии оби тоза» [23], «Солҳои 2005-2015-ро Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт»» [24], «Соли 2013-ро Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» [25], «Солҳои 2018-2028-ро Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор»» [26] эълон кард. Дар доираи қабули қатъномаҳо дар шаҳри Душанбе ва дигар кишварҳои ҷаҳон чорабиниҳои минтақавию байналмилалӣ аз ҷумла форуми байналмилалӣ доир ба «Соли байналхалқии оби тоза» (30 август - 1 сентябри соли 2003, шаҳри Душанбе), «Конфронси байналмилалии бахшида ба татбиқи амалии 10-солаи «Амалиёти об барои ҳаёт»» [27] (8 июни соли 2010, шаҳри Душанбе), «Оғози Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об дар қароргоҳи ЮНЕСКО» [28] (11 феврали соли 2013, Париж, Фаронса), «Конфронси байналмилалии сатҳи баланд доир ба ҷамъбасти раванди татбиқи амалии Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт», 2005-2015» [29] (9 июни соли 2015, шаҳри Душанбе), «Чорабинии сатҳи баланд зери унвони «Дар роҳи татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028»» [30] (19 сентябри соли 2017, шаҳри Ню-Йорк, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико), «Чорабинии сатҳи баланд ба муносибати оғози Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028»» [31] (22 марти соли 2018, шаҳри Ню-Йорк, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико), «Конфронси СММ оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028»» [32] (22 марти соли 2023, шаҳри Ню-Йорк, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико), «Конференсияҳои байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028»» [33; 34; 35] (солҳои 2018, 2022 ва 2024, шаҳри Душанбе) баргузор гардиданд.

«Ҳоло аксари чорабиниҳои ҷаҳониву минтақавии вобаста ба об дар чаҳорчӯби Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор", аз қабили Конфронси таърихии оби Созмони Милали Муттаҳид – 2023, гузаронида шуда, платформаҳои "Раванди оби Душанбе" ва "Раванди Душанбе оид ба мубориза бо терроризм" ба сифати майдонҳои муколамаи васеи кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ҷонибҳои манфиатдор хизмат менамоянд» [20].

Вобаста ба ин, маврид ба зикр аст, ки дар доираи Раванди оби Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид дар 25-28-уми майи соли 2026 дар шаҳри Душанбе Чорумин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи амал «Об барои рушди устувор»-ро баргузор хоҳад кард. Конфронси навбатии Раванди оби Душанбе ҳамчун чорабинии муҳим барои омодагӣ ба Конфронси оби СММ дар соли 2026 ва Конфронси оби СММ бахшида ба баррасии ниҳоии Даҳсолаи амал дар соли 2028 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши калидӣ хоҳад дошт [21].

Агар дар солҳои аввали фаъолияти байналмилалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан масъалаҳои обро пешбарӣ мекард, дар солҳои охир сиёсати хориҷии кишвар васеътар гардида, ҳамзамон ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим диққати махсус медиҳад.

Ҳамин тариқ, бо пешниҳоди Тоҷикистон Созмони Милали Муттаҳид соли 2025-ро Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, солҳои 2025-2034 Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера эълон кард. Тибқи қатъномаи дигари Маҷмаи Умумии СММ аз соли 2025 ва баъд ҳар сол 21 март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо таҷлил карда мешавад. «Ҷумҳурии Тоҷикистон дар идомаи пешбурди рӯзномаи ҳифзи пиряхҳо якҷо бо Фаронса оид ба эълони солҳои 2025-2034 ҳамчун «Даҳсолаи амал барои дастгирии илмҳои яхшиносӣ» (криосферӣ) пешниҳод манзур намуд, ки тавассути қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милал 13 августи соли 2025 ҷонибдорӣ ёфт» [9]. «Бо ташаббуси Тоҷикистон дар ҷаласаи 7-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист қатъънома доир ба Ҳифзи пиряхҳо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳӣ» қабул карда шуд» [2].

«Дар заминаи ташаббуси ҷаҳонии Тоҷикистон доир ба эълони Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо дар назди Созмони Милал Бунёди мақсадноки ҳифзи пиряхҳо таъсис дода шуд. Тоҷикистон ҳамчун муаллифи қатъънома ҳиссаи худро дар ин Бунёд гузошт ва аз ҳамаи шарикон низ даъват ба амал овард, ки аз ин иқдом пайравӣ кунанд» [9].

Дар доираи эълон гардидани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо «30 майи соли 2025 шаҳри Душанбе нахустин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо баргузор гардид, ки дар кори он беш аз 2500 коршиноси сатҳи баланд аз 80 кишвар, роҳбарони ҳайатҳои як қатор ҳукуматҳо, намояндагони воломақоми созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, пажӯҳишгоҳҳо ва шарикони рушд, ҷамъ омаданд» [3]. Дар доираи конфронси мазкур форумҳо, чорабиниҳои каноӣ ва ҷаласаҳои мавзӯӣ бо иштироки коршиносони соҳа баргузор гардида, аз рӯйи натиҷаи он Эъломияи Душанбе оид ба пиряхҳо, Даъвати Душанбе ва Ҷамъбасти Раис қабул гардид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш мекунад, ки ҳамоҳангсозии сиёсати глобалӣ дар самтҳои технологияи нав ва ҳифзи ҳуқуқи инсонро таъмин намояд. Ин раванд нишон медиҳад, ки Тоҷикистон на танҳо масъалаҳои анъанавии обу иқлимро, балки самтҳои нави таҳкими рушди устувор ва ҳуқуқи инсонро низ ба таври фаъол дар сатҳи байналмилалӣ пеш мебарад.

«12 декабри соли 2025 Маҷмаи Умумии Созмони Миллали Муттаҳид дар доираи Иҷлоси 80-уми худ лоиҳаи қатъномаро таҳти унвони «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ, 2027», ки бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, бо иттифоқи оро қабул намуд» [5]. «Қатъънома нақши муҳим ва зарурии маърифати ҳуқуқиро дар пешбурди ҳуқуқи инсон, иштироки фаъоли ҷомеа ва дастрасӣ ба адолат таъкид менамояд. Ин қатъънома ҳамчунин таҷрибаи муваффақи Тоҷикистонро дар эълон намудани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эътироф намуда, онро ҳамчун

намунаи боризи миллӣ, ки ба таври назаррас сатҳи огоҳии ҳуқуқии аҳолиро баланд бардошта, аҳамияти амалҳои ҳамоҳангшудаи миллиро дар рушду таҳкими таълими ҳуқуқ собит мекунад, тасдиқ менамояд» [5].

Дар соли 2025 бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаи махсусе қабул намуд, ки ба мавзӯи «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти нав барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» [22] бахшида шудааст.

Қатънома нақши технологияи нави зеҳни сунъиро дар фароҳам овардани имконот барои рушди устувор, беҳтарсозии самаранокии идоракунӣ ва рушди иқтисодӣ, ҳамчунин баланд тақвияти иқтидори зеҳни сунъӣ ва пешбурди системаҳои зеҳни сунъии бехатару боэътимод ва барои рушди устувор таъкид мекунад. Ин қатънома кишварҳои Осиёи Марказиро ташвиқ мекунад, ки дар сатҳҳои миллӣ ва минтақавӣ механизмҳои мувофиқро барои дастгирии ҷойгиркунии системаҳои зеҳни сунъии масъулиятнок ва фарогир ва арзёбии таъсири ин системаҳо дар фароҳам овардани имкониятҳои нав барои рушди устувор дар минтақа таҳия кунанд.

«Пазируфтани ин ташаббусҳо ифодаи эътироф ва дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ибтикороти созандаи Тоҷикистон оид ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи глобалӣ ба ҳисоб меравад» [2]. Ин иқдом нишон медиҳад, ки Тоҷикистон на танҳо дар самти анъанавии масъалаҳои об ва иқлим фаъолият мекунад, балки самтҳои нави таҳкими рушди устувор ва инноватсияро низ дар сатҳи байналмилалӣ пеш мебарад.

Ҳамин тариқ, пешбарии ташаббусҳо дар Созмони Милали Муттаҳид на танҳо василаи баён намудани манфиатҳои миллӣ, балки роҳи самараноки иштирок дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ, ташаккули меъёрҳои байналмилалӣ ва таҳкими ҳамкории давлатҳо ба шумор меравад.

Таҳлили ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар дохили Созмони Милали Муттаҳид нишон медиҳад, ки модели устувор, аз ҷиҳати консептуалӣ сохторёфта ва аз ҷиҳати институтсионалӣ мустаҳкамшудаи фаъолияти сиёсати хориҷии давлат, ки ба афзалиятҳои дарозмуддати ҷаҳонӣ нигаронида шудааст, пайдо шудааст. Аз охири солҳои 1990-ум, Тоҷикистон пайваста аз механизмҳои Маҷлиси Умумии СММ ҳамчун платформаи универсалӣ барои пешниҳоди ташаббусҳо истифода мебарад, ки бо мурури замон дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ аҳамияти меъёрӣ, барномавӣ ва стратегӣ пайдо кардаанд.

Аз нигоҳи илмӣ, ташаббусҳои оби Тоҷикистон намунаи табдили масъалаи миллӣ ба унсури идоракунии ҷаҳонӣ мебошанд, ки бо равишҳои муосир ба назарияи созмонҳои байналмилалӣ ва мафҳуми "қонуни нарм" мувофиқ аст. Қабули солҳо ва даҳсолаҳои байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳодшуда аз ҷониби Маҷлиси Умумии СММ тасдиқ мекунад, ки қатъномаҳои Маҷлис, сарфи назар аз хусусияти машваратии худ, қодиранд меъёрҳои устувори байналмилалиро муқаррар кунанд, фаъолияти давлатҳо ва муассисаҳои байналмилалиро ҳамоҳанг созанд ва ба амалияи ҳамкории байналмилалӣ таъсири воқеӣ расонанд.

Таҳаввулоти ташаббусҳои Тоҷикистон аз як самти танг ба масъалаҳои об ба фарогирии ҳамаҷонибаи тағйирёбии иқлим, ҳифзи криосфера, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ гузариши кишварро ба равиши байнифаннӣ ва системавӣ ба рушди устувор нишон медиҳад. Дохил кардани зеҳни сунъӣ ва нақши он дар ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор дар Осиёи Марказӣ дар рӯзномаи байналмилалӣ хоҳиши Тоҷикистонро барои ворид кардани андозаи технологӣ

ба масъалаҳои классикии экологӣ ва иҷтимоӣ, ки бо тамоюлҳои муосири рушди ҳуқуқи байналмилалӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ мувофиқ аст, инъикос мекунад.

Аз нигоҳи назарияи қонунияти қарорҳои байналмилалӣ, нақши фаъоли ташаббускори Тоҷикистон эътимодро ба механизмҳои бисёрҷонибаи СММ афзоиш медиҳад ва ба тақвияти принсипҳои бисёрҷониба, ҳамкории баробарҳуқуқ ва масъулияти коллективии давлатҳо мусоидат мекунад. Муҳим он аст, ки ин ташаббусҳо на танҳо бо эъломияҳои сиёсӣ, балки бо эҷоди механизмҳои амалии татбиқ - конфронсҳои байналмилалӣ, фондҳои махсус, платформаҳои илмӣ ва равандҳои минтақавӣ - ҳамроҳӣ мешаванд, ки самаранокии амалӣ ва дарозмуддати онҳоро афзоиш медиҳанд.

Умуман, ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи СММ модели муваффақи иштироки давлатеро нишон медиҳанд, ки захираҳои маҳдуд дорад, аммо афзалиятҳои возеҳ муайяншуда дар ташаккули рӯзномаи рушди устувори ҷаҳонӣ дорад. Таҷрибаи Тоҷикистон тасдиқ мекунад, ки устуворӣ, дастгирии институтсионалӣ ва тамаркуз ба арзишҳои умумиинсонӣ ба давлат имкон медиҳад, ки на танҳо манфиатҳои миллиро ҳимоя кунад, балки саҳми назаррасро дар рушди низоми ҳуқуқии байналмилалӣ ва устувории ҷаҳонӣ низ гузорад. Дар ин замина, Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми худро ҳамчун иштирокчии масъул ва созанда дар муносибатҳои байналмилалӣ, ки ташаббусҳои он ҳам аҳамияти сиёсӣ, ҳам илмӣ ва ҳам амалӣ доранд, мустаҳкам мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Rahmon E. Water for Sustainable Development / E. Rahmon // UN Chronicle. – 2018. – Vol. 55, No. 1. – P. 9–12. – URL: https://www.un.org/en/chronicle/article/water-sustainable-development (ба забони англисӣ).
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ (16.12.2025) [Сарчашмаи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/event/missives/54181
3. Иштирок дар нахустин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряххо [Сарчашмаи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/event_by_theme/international_structures/un/50978
4. Тоҷикистон ва Созмони Милали Муттаҳид [Сарчашмаи электронӣ]. – URL: https://mfa.tj/tg/main/view/195/tojikiston-va-sozmoni-milali-muttahid
5. Маҷмаи Умумии СММ қатъномаи Тоҷикистонро дар бораи Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ (2027) қабул намуд [Сарчашмаи электронӣ]. – URL: https://mfa.tj/tg/main/view/17964/majmai-umumii-smm-qatnomai-tojikistonro-dar-borai-soli-bainalmilalii-marifati-huquqi-2027-qabul-namud
6. Аслов С. Пешвои миллат ва иқдомоти сатҳи ҷаҳонӣ. Эътибори байналмилалии Тоҷикистон қавитар мегардад // Рӯзномаи Ҷумҳурият – 2023. – 31 январ. – №26
7. Aslov S. Resolution on International Decade of Actions «Water for Sustainable Development (2018–2028)» // Journal of Global Policy. – 2017.
8. Сафолзода М. Қ. Водная дипломатия во внешнеполитической стратегии Республики Таджикистан // Научный журнал. – 2023. – № 4 (8). – С. 53–63.
9. Расулзода Р. Пиряххо ваояндаи сайёра: Душанбе ба маркази муколамаи СММ оид ба ҳифзи пиряххо табдил меёбад / Р. Рухсора // Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» [Сарчашмаи электронӣ]. – URL: https://khovar.tj/2025/05/piryah-o-va-oyandai-sajyora-dushanbe-ba-markazi-mukolamai-a-on-oid-ba-ifzi-piryah-o-tabdil-meyobad/
10. Kelsen H. The Law of the United Nations. – New York: Praeger, 1950.

11. Simma B. The Charter of the United Nations: A Commentary. – Oxford: Oxford University Press, 2012.

12. Schachter O. International Law in Theory and Practice. – Dordrecht: Martinus Nijhoff, 1991.

13. Higgins R. Problems and Process: International Law and How We Use It. – Oxford: Oxford University Press, 1994.

14. Franck T. The Power of Legitimacy among Nations. – New York: Oxford University Press, 1990.

15. Тункин Г. И. Теория международного права. – М.: Международные отношения, 1970.

16. Лукашук И. И. Международное право. – М.: Волтерс Клувер, 2005.

17. Rahmonov M. Water diplomacy: Tajikistan's global leadership and sustainable initiatives // Библ. ист.. – 2025. – С. 1–10.

18. Шарипов А. Н. Роль водной дипломатии Республики Таджикистан в решении общих глобальных проблем современности // Гуманитарные исследования. – Душанбе: ИП «Академия», 2024. – С. 45–58.

19. UN General Assembly. Resolution A/RES/71/222: International Decade for Action «Water for Sustainable Development, 2018–2028» / Adopted 21 Dec. 2016. – URL: https://documents.un.org/

20. Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Сарчашмаи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/

21. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Сарчашмаи электронӣ]. – URL: https://www.mfa.tj

22. UN General Assembly. Resolution A/RES/79/322: Role of artificial intelligence in creating new opportunities for sustainable development in Central Asia / adopted by the General Assembly on 25 July 2025. – New York: United Nations, 31 July 2025. – URL: https://docs.un.org/ru/A/RES/79/322

23. UN General Assembly. Resolution A/RES/55/196: International Year of Freshwater, 2003 / adopted by the General Assembly on 20 Dec. 2000. – New York: United Nations, 1 Feb. 2001. – URL: https://docs.un.org/ru/A/RES/55/196

24. International Decade for Action, "Water for Life", 2005-2015, and further efforts to achieve the sustainable development of water resources : report of the Secretary-General. – New York : United Nations, 2016. – (Document A/71/260). – URL: https://docs.un.org/ru/A/71/260

25. UN General Assembly. Resolution A/RES/67/204: Implementation of the International Year of Water Cooperation, 2013 / adopted by the General Assembly on 21 Dec. 2012. – New York: United Nations, 2013. – URL: https://docs.un.org/ru/A/RES/67/204

26. UN General Assembly. Resolution A/RES/71/222: International Decade for Action, "Water for Sustainable Development", 2018–2028 / adopted by the General Assembly on 21 Dec. 2016. – New York: United Nations, 2017. – URL: https://docs.un.org/en/A/RES/71/222

27. Иштирок дар конфронси байналмилалии бахшида ба татбиқи амалии 10-солаи «Амалиёти об барои ҳаёт» [Сарчашмаи электронӣ]. – URL: https://president.tj/event/in_trips/1592

28. Конфронси байналмилалӣ роҷеъ ба ҳамкорӣ дар соҳаи об [Сарчашмаи электронӣ]. – URL: https://mfa.tj/tg/main/view/14/konfronsi-bainalmilali-roje-ba-hamkori-dar-sohai-ob

29. Ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд доир ба раванди татбиқи амалии Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт», 2005–2015 [Сарчашмаи электронӣ]. – URL: https://vkh.tj/tg/main/view/946/iftitohi-konfronsi-bainalmilalii-sathi-baland-doir-ba-ravandi-tatbiqi-amalii-dahsolai-bainalmilalii-amalijoti-ob-baroi-hajot-2005-2015

30. Иштирок дар чорабинии сатҳи баланд зери унвони "Дар роҳи татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал 'Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028'" [Сарчашмаи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/event_by_theme/international_structures/un/14902

31. Суханронӣ дар чорабинии сатҳи баланд ба муносибати оғози Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" [Сарчашмаи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/event_by_theme/international_structures/un/15870

32. Иштирок дар иҷлосияи 72-юми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ба муносибати оғози Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” [Сарчашмаи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/event/out_trips/15873

33. Иштирок дар Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” [Сарчашмаи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/event_by_theme/international_structures/un/16283;

34. Иштирок дар Конфронси дуюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, 2018-2028” [Сарчашмаи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/event_by_theme/international_structures/un/25909;

35. Иштирок дар Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, 2018-2028” [Сарчашмаи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/event/in_trips/37777

## МЕЖДУНАРОДНЫЕ ИНИЦИАТИВЫ ТАДЖИКИСТАНА В РАМКАХ ООН: ОТ ВОДНОЙ ДИПЛОМАТИИ ДО КЛИМАТА, ЮРИДИЧЕСКОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ И ИСКУССТВЕННОГО ИНТЕЛЛЕКТА

В статье анализируются международные инициативы Республики Таджикистан в рамках Организации Объединённых Наций и их роль в формировании глобальной повестки устойчивого развития. Основное внимание уделяется вкладу Таджикистана в продвижение вопросов водных ресурсов, изменения климата, охраны ледников, устойчивого развития, внедрения искусственного интеллекта, а также повышению правового просвещения. В статье Показано, что инициативы Республики Таджикистан, поддержанные резолюциями Генеральной Ассамблеи ООН, приобретают транснациональные характер и способствуют укреплению международного сотрудничества. Делается вывод о том, что Республика Таджикистан выступает активным и ответственным участником международных отношений, внося значимый вклад в решение глобальных проблем современности.

***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан, Организация Объединённых Наций, Генеральная Ассамблея ООН, международные инициативы, водная дипломатия, изменение климата, устойчивое развитие, искусственный интеллект, международное право.*

## INTERNATIONAL INITIATIVES OF TAJIKISTAN WITHIN THE UN FRAMEWORK: FROM WATER DIPLOMACY TO CLIMATE, LEGAL EDUCATION AND ARTIFICIAL INTELLIGENCE

The article examines the international initiatives of the Republic of Tajikistan within the framework of the United Nations and their role in shaping the global sustainable development agenda. Particular attention is paid to Tajikistan’s contribution to addressing water-related issues, climate change, glacier protection, sustainable development, artificial intelligence, and the promotion of legal awareness. The study demonstrates that Tajikistan’s initiatives, supported by resolutions of the UN General Assembly, have acquired a transnational dimension and contribute to the strengthening of international cooperation. The article concludes that the Republic of Tajikistan has established itself as an active and responsible actor in international relations, making a meaningful contribution to the resolution of contemporary global challenges.

***Keywords:*** *Republic of Tajikistan, United Nations, UN General Assembly, international initiatives, water diplomacy, climate change, sustainable development, artificial intelligence, international law.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Расулзода Рухсора, номзади илмҳои сиёсӣ, омӯзгори кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 734003, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯч. Саид Носир 33; тел: (+992) 98-875-00-25; e-mail: rukhsoraniyozi@gmail.com

**Сведения об автора:** Расулзода Рухсора, кандидат политических наук, преподователь кафедры политики и связей с общественностью Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан 734003, Таджикистан, город Душанбе, ул. Саида Носира 33; тел: (+992) 918-55-00-25; e-mail: rukhsoraniyozi@gmail.com

**About the author** :Rasulzoda Rukhsora, candidate of political sciences, lecturer of the Department of politics and public relations of the Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan 734003, Tajikistan, Dushanbe city, Said Nosir str., 33; tel.: (+992) 918-55-00-25; e-mail: rukhsoraniyozi@gmail.com

# ПАЙДОИШ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ ШМА ВА ШАРҚИ НАЗДИК: ТАЪРИХ, ОМИЛҲО ВА МАРҲИЛАҲО

**Дороншоева Н. Ш.**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Мақола ба таҳлили пайдоиш, хусусиятҳо ва марҳилаҳои ташаккули муносибатҳои ШМА бо кишварҳои Шарқи Наздик бахшида шудааст. Муаллиф омилҳои асосии геополитикӣ, иқтисодӣ, энергетикӣ ва амниятиро, ки ба рушди ин муносибатҳо таъсир расонидаанд, мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Дар мақола марҳилаҳои таърихии ташаккули сиёсати ШМА дар минтақа, аз иртиботҳои ибтидоии тиҷоратӣ ва фарҳангӣ то ташаккули стратегияи мураккаби геополитикӣ ва амниятӣ таҳлил гардидаанд. Ҳамчунин, нақши рӯйдодҳои калидӣ, аз ҷумла Ҷанги Сард, Инқилоби исломии Эрон, низоъҳои минтақавӣ ва ҳамлаҳои террористии 11 сентябри соли 2001 дар тағйирёбии сиёсати ШМА баррасӣ шудааст. Таҳқиқи амиқ нишон медиҳад, ки Шарқи Наздик ҳамчун минтақаи муҳими стратегӣ дар марказӣ манфиатҳои геополиткии ШМА боқӣ монда, сиёсати он дар шароити рақобати қудратҳои бузург ва тағйирёбии низоми байналмилалӣ минбаъд низ давом хоҳад ёфт.*

***Калидвожаҳо:*** *ШМА, Шарқи Наздик, геополитика, амнияти байналмилалӣ, сиёсати хориҷӣ, захираҳои энергетикӣ, Ҷангӣ Сард, рақобатҳои қудратҳои бузург.*

Шарқи Наздик яке аз минтақаҳои стратегӣ дар низоми байналмилалӣ буда, аз нигоҳи захираҳои энергетикӣ, мавқеи ҷуғрофӣ ва мушкилоти амниятӣ аҳамияти хос дорад ва таърихан ҳамеша зери таъсири абарқудратҳо қарор доштааст. Аввалан таҳти нуфузи Британияи Кабир ва Франсия ва баъд аз он таҳти таъсири сиёсати Штатҳои Муттаҳидаи Амрико қарор дошт. Муносибатҳои ШМА бо кишварҳои минтақа аз ибтидои асри XIX таҳти таъсири омилҳои геополитикӣ, манфиатҳои энергетикӣ ва зарурати таъмини амният ва устувории стратегӣ ташаккул ёфтанд.

Бояд қайд кард, ки аввалин иртиботҳои ШМА ба Шарқи Наздик ба охири асри XVIII бармегардад. Баъди ба даст овардани истиқлолият, маъмурияти Амрико кӯшиш мекунад, ки ба давлатҳои шимоли Африқо созишномаҳои сулҳ имзо намояд, бо ҳадафи таъмин намудани ҳаракати бехатарии киштиҳои амрикоӣ дар баҳри Миёназамин. Бояд зикр намуд, ки дар он давра тақрибан 20 фоизи тиҷорати хориҷии ШМА бо кишварҳои Шарқи Наздик анҷом меёфт. Аз ин минтақа ба Амрико молҳои чун қолинҳо, чормағз ва анҷир ворид мешуданд. Ҳамзамон бо ин раванд, унсурҳои фарҳангӣ, аз ҷумла мӯд ва ҳатто баъзе ғояҳои меъморӣ низ интиқол меёфтанд. Аммо роҳҳои тиҷоратӣ ба шимоли Африқо осон набуданд, зеро роҳзанони баҳри (пиратҳои Барбарӣ) киштиҳои аврупоӣ ва амрикоиро мавриди ҳамла қарор медоданд. Давлатҳои аврупоӣ барои пешгирӣ аз чунин ҳамлаҳо ба онҳо маблағ пардохт мекарданд. Бо вуҷуди ин, баъзе намояндагони ҳукумати ШМА, аз ҷумла Томас Ҷефферсон, ба чунин амал мухолифат намуда, таъкид мекарданд, ки ШМА бояд барои ҳифзи манфиатҳои худ ва таъмини озодии киштигардӣ нерӯҳи баҳри таъсис диҳад. Лекин Ҷон Адамс бар он назар буд, ки пардохтҳо ба роҳзанон роҳи осонтар ва камхарҷтар мебошад. Дар ниҳоят, назари аввал пирӯз гардид ва яке аз далелҳои муҳими қабули Конститутсияи нави ШМА зарурати таъсиси ҳукумати федералии қавитар барои ҷамъоварии маблағ ва ташкил намудани нерӯи баҳрӣ гардид.[9]

Дар ҳамин замина, соли 1786 ШМА бо Марокаш созишномаи сулҳ ва дӯсти ба имзо расонд, ки аввалин созишномаи Амрико бо давлати ғайриғарбӣ ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, шимоли Африқо ҳеҷ гоҳ маркази асосии манфиатҳои стратегӣ ва сиёсати хориҷии Амрико набуд. Дар асри XIX таваҷҷуҳи ШМА бештар ба минтақаи Шарқи Наздик равона гардид, ки дар он фаъолияти миссионерҳои амрикоӣ густариш ёфт. Дар баробари паҳн намудани масеҳият, миссионерҳо ба таъсиси муассисаҳои таълимӣ, пеш аз ҳама дар Лубнон, Сурия ва Фаластин, аҳамияти махсус медоданд. Аз ҷумла, соли 1866 дар Бейрут Коллеҷи протестантии Сурия таъсис ёфт, ки баъдтар ба Донишгоҳи Амрикоии Бейрут табдил ёфт. Ҳамчунин, соли 1863 дар қаламрави Туркия Коллеҷи Роберт таъсис дода шуд, ки яке аз муассисаҳои бонуфузи таълимии он давра ба ҳисоб мерафт.[13] Ин муассисаҳо дар рушди низоми маориф, паҳн гардидани арзишҳои ғарбӣ ва ташаккули элитаи маҳаллӣ дар кишварҳои Шарқи Наздик нақши муҳим бозиданд ва ба густариши нуфузи фарҳангӣ ва идеологии ШМА дар минтақа мусоидат намуданд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар марҳилаҳои ибтидоӣ ШМА дар минтақаи Шарқи Наздик сиёсати стратегии возеҳ ва фарогир надошт ва фаъолияти он бештар хусусияти иқтисодӣ ва фарҳангӣ дошт. Бо вуҷуди ин, бо мурури замон ва дар заминаи шиддат гирифтани низоъҳои минтақавӣ, инчунин афзоиши аҳамияти геополитикӣ ва энергетикии минтақа, манфиатҳои стратегии ШМА тадриҷан густариш ёфтанд. Дар натиҷа, муносибатҳои ШМА бо кишварҳои Шарқи Наздик ба сатҳи нав баромада, аз шаклҳои ибтидоии ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва фарҳангӣ ба сиёсати фаъолонаи геополитикӣ табдил ёфтанд. Ин раванд боиси густариши ҳамкориҳои амниятӣ, низомӣ ва иқтисодӣ гардида, Шарқи Наздикро ба яке аз самтҳои калидии сиёсати хориҷии ШМА табдил дод. Маҳз дар ҳамин замина, бо оғози асри XX ва махсусан пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ, сиёсати ШМА дар минтақа шакли мунтаззам ва стратегӣ гирифта, ба яке аз унсурҳои асосии низоми байналмилалӣ табдил ёфт.

Агар таърихи Шарқи Наздик мавриди омӯзиш қарор гирем, равшан мегардад, ки ин минтақа ҳамзамон дорои аҳамияти стратегӣ ва мураккабии баланди сиёсӣ мебошад. Дар асри XX муносибатҳои ШМА бо кишварҳои Шарқи Наздик ба марҳилаи нави рушд ворид гардид. Пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ва оғози Ҷанги Сард, ШМА сиёсати худро дар минтақа ба самти ҳимояи манфиатҳои стратегӣ ва таъмини дастрасӣ ба захираҳои энергетикӣ равона намуд. Дар ин замина, ШМА бо кишварҳои калидии минтақа ҳамкориҳои амниятӣ ва низомиро ба таври назаррас густариш дод. Аз ҷумла, Туркия соли 1952 ба НАТО шомил гардид, ки ин иқдом мавқеи онро дар муқобила бо нуфузи Иттиҳоди Шӯравӣ тақвият бахшида, ҳамзамон заминаи ҳамкориҳои васеи низомӣ бо ШМА-ро фароҳам овард.[11] Бояд қайд кард, ки дар баробари ин, дар соли 1955 дар минтақаи Шарқи Наздик Паймони Бағдод таъсис ёфт, ки ҳадафи асосии он боздоштани густариши нуфузи Иттиҳоди Шӯравӣ дар Шарқи Наздик ва Осиёи Ҷанубӣ буд. Ба ҳайати он кишварҳои Эрон, Ироқ, Покистон, Туркия, ва Британияи Кабир шомил буданд, ва қароргоҳи он дар шаҳри Анқараи Туркия ҷойгир буд. Пас аз хориҷ шудани Ироқ дар соли 1959, ин иттиҳод номашро ба Созмони Паймони Маркази (CENTO)[6] тағйир дод. Бо вуҷуди ин, бояд таъкид кард, ки ШМА узв расмии Созмони Паймони Маркази набуд, аммо дар фаъолияти он, махсусан дар доираи кумитаҳои ҳарбӣ ва сиёсӣ, фаъолона иштирок намуда, тавассути расонидани кӯмакҳои иқтисодӣ ва низомӣ ба кишварҳои аъзо, таъсири назарраси худро нигоҳ медошт.

Сохтори он аз шӯрои сиёсӣ ва мақомоти ҳарбӣ иборат буда, то андозае ба модели НАТО шабоҳат дошт. Бо вуҷуди ин, фаъолияти созмон дер давом накард ва соли 1979 расман

барҳам дода шуд. Барҳамхӯрии ин созмон бо як қатор омилҳои муҳим алоқаманд буд. Аз чумла, ноустувории сиёсӣ дар минтақа, ба мисли инқилоби Ироқ (1958) ва инқилоби исломии Эрон (1979), ба ягонагии иттиҳод зарбаи ҷиддӣ расонид. Пас аз хориҷ шудани Эрон ва Покистон созмон амалан фаъолияти худро қатъ намуд. Илова бар ин, заъфи сохторӣ, набудани механизмҳои муассири мудофиаи дастаҷамъӣ ва ихтилофҳои дохилӣ самаранокии онро маҳдуд карданд. Бо вуҷуди ин, бояд таъкид кард, ки гарчанде созмон натавонист ба сатҳи ҳамгироии НАТО бирасад, аммо ҳамчун намунаи кӯшиши кишварҳои Ғарб барои ташкили як камарбанди боздоранда дар атрофи Иттиҳоди Шуравӣ хизмат намуд. Таҷрибаи он дар ташаккули моделҳои минбаъдаи амнияти минтақавӣ дар Шарқи Наздик таъсири муайян гузошт.[7] Чуноне ки аз фаъолияти ин созмон бармеояд, ШМА, ҳатто бидуни узвияти расмӣ, тавассути дастгирии сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомӣ нақши калидӣ дар ташаккул ва фаъолияти механизмҳои амниятии минтақа иҷро менамуд. Ин раванд нишон медиҳад, ки ШМА дар сиёсати хориҷии худ бештар ба истифодаи абзорҳои ғайримустақими таъсиррасонӣ ва эҷоди эътилофҳои минтақавӣ такя мекард, ки ин яке аз хусусиятҳои муҳими неополитикии он дар давраи Ҷанги Сард ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин, дар соли 1945 дар ҷараёни мулоқоти президенти Амрико Фрэнклин Делано Рузвелт бо подшоҳи Арабистони Саудӣ, дар киштии "USS Quincy" заминаи ҳамкориҳои стратегӣ дар соҳаи энергетика ва амният гузошта шуд. Ин ҳамкорӣ минбаъд ба модели маъруфи "нафт бар ивази амният" табдил ёфт, ки яке аз сутунҳои асосии сиёсати ШМА дар минтақа гардид.[4]

Ҳамзамон, пас аз таъсиси Исроил дар соли 1948, ШМА тадриҷан ин кишварро ҳамчун шарики муҳими стратегӣ пазируфт. Аввалин шаклҳои кумакҳои иқтисодӣ ва низомӣ аз аввали солҳои 1950 оғоз ёфта, дар солҳои 1960-1970, махсусан пас аз Ҷанги шашрӯза, ба таври назаррас густариш ёфтанд.[12] Ин раванд ба таҳкими мавқеи Исроил ва тағйирёбии тавозуни қувваҳо дар минтақа мусоидат намуд.

Дар ҳамин замина, сиёсати ШМА, ки бар пояи доктринаи Трумэн (1947) шакл гирифт, ба пешгирии густариши нуфузи Иттиҳоди Шӯравӣ равона шуда буд. Дар доираи ин стратегияи ШМА ба кишварҳое мисли Туркия ва Юнон кумакҳои низомӣ ва иқтисодӣ пешниҳод намуда, заминаи ҳузури стратегии худро дар минтақа таҳким бахшид. Ҳамзамон, густариши ҳамкориҳои амниятӣ ва низомӣ бо кишварҳои калидии минтақа бо шиддат гирифтани низоъҳои минтақавӣ мувофиқ омад. Аз ҷумла, Ҷанги Йом-Киппур боиси бурҳони ҷаҳонии энергетикӣ гардид, ки дар натиҷаи эмбаргои нафтии кишварҳои араб нисбат ба ШМА ва иттифоқчиёни он амалӣ шуд. Ин воқеа вобастагии ШМА-ро аз захираҳои энергетикии Шарқи Наздик равшан нишон дод ва аҳамияти стратегии минтақа барои сиёсати хориҷии он боз ҳам бештар гардид. [1]

Дар баробари ин, Инқилоби исломии Эрон ба як гардиши ҷиддӣ дар сиёсати ШМА табдил ёфт. Пас аз сарнагун кардани режими тарафдори Ғарб ва ба қудрат омадани нерӯҳои зиддиамрикоӣ, муносибатҳои дуҷониба ба таври назаррас бад шуданд ва Эрон ба яке аз рақибони асосии ШМА дар минтақа тадил ёфт.

Дар солҳои 1980-1988, ҷараёни Ҷанги Эрон ва Ироқ низ нақши муҳим бозид. ШМА дар ин низоъ ба таври ғайримустақим Ироқ-ро дастгирӣ намуда, кӯшиш мекард тавозуни қувваҳоро дар минтақа нигоҳ дорад ва аз афзоиши нуфузи Эрон пешгирӣ намояд. Ин равиш ба консепсияи классикии геополитикии "тавозуни қувваҳо" такя мекард, ки дар он ҳеҷ як давлат набояд ба ҳадде қавӣ гардад, ки тавозуни минтақаро вайрон созад. Дар идомаи ин

стратегия, дар солҳои 1990-ум ШМА сиёсати маъруфи “dual containment” (боздории дуҷониба)-ро нисбат ба Эрон ва Ироқ татбиқ намуд. Моҳияти ин сиёсат дар он буд, ки ШМА ҳамзамон кӯшиш мекард нуфузи ҳар ду давлатро маҳдуд намояд, то ки ҳеҷ яке аз онҳо ба қудрати ҳукмрон дар минтақа табдил наёбад. Ин сиёсат аз усулҳои гуногун, аз ҷумла таҳримҳои иқтисодӣ, фишорҳои дипломатӣ ва ҳузури низомӣ дар кишварҳои Халиҷи Форс истифода мебурд. Бо вуҷуди ин, татбиқи сиёсати “боздории дуҷониба” бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид. Аз як тараф, таҳримҳои сахт алайҳи Ироқ ба бурҳони гуманитарӣ оварда расонданд ва аз ҷониби дигар, Эрон тавонист тавассути густариши нуфузи минтақавии худ, махсусан дар Лубнон ва дигар кишварҳо мавқеи худро нигоҳ дорад.[3] Ҳамин тариқ, ин сиёсат на ҳамеша ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардид, аммо он нишон дод, ки ШМА кӯшиш дорад бо истифода аз усулҳои бисёрсамта тавозуни геополитикиро дар Шарқи Наздик нигоҳ дорад.

Ҳамзамон ШМА кӯшиш намуд, ки тавассути абзорҳои дипломатӣ низ нақши худро дар минтақа тақвият бахшад. Аз ҷумла, ташаббусҳои сулҳ дар низоъи байни Фаластин ва Исроил, махсусан Созишномаи Осло (1993), [10] ҳамчун кӯшиши ҷиддии танзими низоъҳои тӯлонӣ арзёбӣ мегарданд. Бо вуҷуди ин, ин талошҳои дипломати на ҳамеша ба натиҷаҳои устувор ва дарозмуддат оварда расониданд, ки ин ба мураккабии омилҳои сиёсӣ, таърихӣ ва амниятии минтақа вобаста мебошад.

Ҳамин тариқ, маҷмӯи ин воқеаҳо нишон медиҳанд, ки сиёсати ШМА дар Шарқи Наздик аз як модели нисбатан соддии дипломатӣ ба як низоми мураккаби ҳамкориҳои амниятӣ, иқтисодӣ ва геополитикӣ табдил ёфтааст, ки ҳадафи асосии он ҳифзи манфиатҳои стратегӣ, таъмини амнияти энергетикӣ ва нигоҳ доштани тавозуни қувваҳо дар минтақа мебошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки махсусан пас аз анҷоми Ҷанги Сард дар соли 1991, сиёсати ШМА дар Шарқи Наздик ба марҳилаи нави трансформатсионӣ ворид гардид. Барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ба ШМА имконият фароҳам овард, ки нуфузи худро дар минтақа бидуни рақобати мустақими геополитикӣ густариш диҳад. Дар ин давра, ШМА бештар ба ташаккули низоми амниятии яккутбӣ ва таҳкими мавқеи худ ҳамчун қудрати пешсафи ҷаҳонӣ тамаркуз намуд.

Яке аз рӯйдодҳои муҳим дар ин марҳила Ҷанги Халиҷи Форс буд, ки дар натиҷаи ишғоли Кувайт аз ҷониби Ироқ оғоз гардид. ШМА бо роҳбарии эътилофи байналмилалӣ амалиёти низомиро барои озодсозии Кувайт анҷом дод, ки дар натиҷа мавқеи он ҳамчун кафили асосии амнияти минтақавӣ ба таври назаррас таҳким ёфт. Пас аз ин руйдод, ҳузури низомии ШМА дар кишварҳои Халиҷи Форс, аз ҷумла дар Арабистони Саудӣ ва дигар давлатҳои шарик, ба таври қобили мулоҳиза афзоиш ёфт. Ин раванд ба ташаккули инфрасохтори доимии ҳарбӣ ва густариши таъсири геостратегии ШМА дар Шарқи Наздик мусоидат намуд. [5]

Дар ибтидои асри XXI, сиёсати ШМА дар Шарқи Наздик зери таъсири рӯйдодҳои ҳамлаҳои террористии 11 сентябри соли 2001 ба таври куллӣ тағйир ёфт. Пас аз ин ҳодиса, ШМА стратегияи “мубориза бо терроризм”-ро ҳамчун самти калидии сиёсати хориҷӣ ва амниятии худ қабуд намуд. Дар доираи ин стратегия, маъмурияти Ҷорҷ Буш доктринаи “ҷанги пешгирикунанда (preemptive war)-ро таҳия намуд, ки истифодаи нерӯи ҳарбиро барои пешгирии таҳдидҳо пеш аз зуҳури онҳо асоснок мекард. Дар ҳамин ҳамина, ШМА соли 2001 амалиёти низомиро дар Афғонистон оғоз кард, ки ҳадафи асосии он барҳам додани шабакаи

террористии “Ал-Қоида” ва сарнагун кардани режими Толибон буд. Баъдан, соли 2003, ШМА ва муттаҳидонаш ба Ироқ ҳамла карданд, ки бо баҳонаи мавҷудияти силоҳҳои қатли ом асоснок карда мешуд ва режими Саддом Ҳусейнро сарнагун сохтанд.[8] Бо вуҷуди он ки ин амалҳо ба таъмини амнияти миллӣ ва мубориза бо терроризм равона шуда буданд, онҳо ба пайдоиши ноустувории дарозмуддат дар минтақа оварда расониданд. Ин ноустуворӣ дар шакли афзоиши низоъҳои дохилӣ, густариши гурӯҳҳои ифротгаро ва заифшавии сохторҳои давлатӣ дар як қатор кишварҳои минтақа зоҳир гардид. Ҳамзамон, ин амалиётҳо ба баҳсҳои ҷиддӣ дар ҷомеаи байналмилалӣ оварда, масъалаи қонуният ва самаранокии чунин дахолатҳоро ба миён гузоштанд.

Дар даҳсолаи минбаъда, муҳити амниятии ҷаҳон боз ҳам мураккабтар гардид. ШМА тадриҷан аз муборизаи якҷониба бо терроризм ба рақобати геополитикӣ бо қудратҳои бузург рӯ овард. Пеш аз ҳама, болоравии босуръати Чин ҳамчун рақиби стратегӣ ва барқароршавии нуфузи Россия ҳамчун қудрати ҳарбӣ-сиёсӣ тавозуни қудратро дар низоми байналмилалӣ тағйир дод. Ин ноустуворӣ дар шакли низоъҳои дохилӣ, густариши гурӯҳҳои ифротгаро ва заифшавии сохторҳои давлатӣ дар як қатор кишварҳои минтақа зоҳир гардид.

Чин бошад, тавассути ташаббусҳои иқтисодӣ, аз ҷумла “Як камарбанд-як роҳ” ва рушди қобилиятҳои ҳарбӣ, кӯшиш дорад мавқеи худро ҳамчун қудрати ҷаҳонӣ таҳким бахшад. Дар ҳамин ҳол, Россия бо истифода аз абзорҳои низомӣ ва геополитикӣ, аз ҷумла дахолат дар низоъҳои минтақавӣ, ба монанди Украина ва Сурия, талош дорад таъсири худро барқарор намояд.

Дар чунин шароит, стратегияи амнияти миллии ШМА ба рақобати қудратҳои бузург (great power competition) тамаркуз мекунад. Ин тағйирот дар ҳуҷҷатҳои расмии стратегӣ инъикос ёфта, Чинро ҳамчун “рақиби асосии дарозмуддат” ва Россияро ҳамчун “таҳдиди шадид” муайян мекунад. Ҳамин тариқ, сиёсати амнияти стратегии ШМА дар асри XXI аз мубориза бо терроризм ба як модели мураккаби ҳамгироии таҳдидҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ гузашта. Ин раванд на танҳо тағйири афзалиятҳои стратегиро нишон медиҳад, балки бозгашти низоми байналмилалиро ба шакли рақобати бисёрқутба низ тасдиқ менамояд.[2]

Таҳлили муносибатҳои ШМА ба кишварҳои Шарқи Наздик нишон медиҳад, ки сиёсати Амрико дар минтақа дар тӯли таърих аз ҳамкориҳои ибтидоии тиҷоратӣ ва фарҳангӣ ба як низоми мураккаби геополиткӣ ва амниятӣ табдил ёфтааст. Аз асри XIX то охири Ҷанги Сард, ШМА бо истифода аз абзорҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомӣ кӯшиш кард нуфузи худро густариш дода, дастрасӣ ба захираҳои энергетикӣ ва суботи стратегиро таъмин намояд. Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҳамлаҳои террористии 11 сентябри 2001, сиёсати ШМА бо самти таҳкими мавқеи ҷаҳонӣ ва мубориза бо таҳдидҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ табдил ёфт, ки боиси ноустувории дарозмуддат ва мураккабии муҳити амниятӣ дар минтақа гардид. Ин раванд нишон медиҳад, ки Шарқи Наздик ҳамоно минтақаи калиди рақобати байналмилалӣ боқӣ монда, сиёсати ШМА дар он таҳти таъсири факторҳои геополитикӣ, энергетикӣ ва идеологӣ рушд хоҳад кард.

**Сарчашмаҳои истифодашуда**

1. David Fromkin, A Peace to End All Peace, 1989 -635
2. Destined for War: can America and China escape Thucydides’s Trap? 2017-384p.

3. Dual Containment: Conception, Evolution, and Implementation/[Манбаи электронӣ] https://link.springer.com/chapter/10.1057 /9781137447241_4
4. Foreign Relations of the United States, Diplomatic Papers, 1945, The Near East and Africa, Volume VIII, 711.90F/2–1445//[Манбаи электронӣ] https://history.state.gov/historicaldocuments/frus1945v08/d2
5. Gordon, Michael R. & Trainor, Bernard E., The Generals' War: The Inside Story of the Conflict in the Gulf, 1995//[Манбаи электронӣ] https:// www.jstor.org/stable/24595479
6. Kinzer, Stephen. All the Shah's Men: An American Coup and the Roots of Middle East Terror. John Wiley & Sons, 2003-272 pages.
7. Lenczowski, George. The Middle East in World Affairs. Ithaca, 1962- 732pages
8. Mearsheimer, John J. & Walt, Stephen, The Israel Lobby and U.S. Foreign Policy, 2007-496p.
9. Michael Oren The History of U.S. Foreign Policy in the Middle East//[Манбаи электронӣ] https://www.washingtoninstitute.org/policy-analysis/history-us-foreign-policy-middle-east
10. Oslo Accords. Palestinian Liberation Organization-Israel agreements/ /[Манбаи электронӣ] https://www.britannica.com/topic/Oslo-Accords
11. So, why is Turkey in NATO, anyway? A look at the country's complex history with the alliance/ https://www.latimes.com/politics/story/2022-06-29/so-why-is-turkey-in-nato-anyway?utm_source
12. Stephen M. Walt, The Israel Lobby and U.S. Foreign Policy, 2007-496
13. U.S. Foreign Policy in the Middle East since the 19th Century/ https://teachmideast.org/u-s-foreign-policy-in-the-middle-east-since-the-19th-century/

## ВОЗНИКНОВЕНИЕ И ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ ОТНОШЕНИЙ США И БЛИЖНЕГО ВОСТОКА: ИСТОРИЯ, ФАКТОРЫ И ЭТАПЫ

Статья посвящена анализу происхождения, особенностей и этапов формирования отношений США со странами Ближнего Востока. Автор рассматривает основные геополитические, экономические, энергетические и военно-политические факторы, оказавшие влияние на развитие этих отношений. В статье проанализированы исторические этапы формирования политики США в регионе-от первоначальных торговых и культурных контактов до становления сложной геополитической и военно-стратегической модели. Также рассматривается роль ключевых событий включая Холодную войну, Исламскую революцию в Иране, региональные конфликты и террористические атаки 11 сентября 2001 года, в трансформации политики США. Проведённые анализ показывает, что Ближний Восток остаётся важным стратегическим регионом в центре геополитических интересов США, а его политика в условиях соперничества великих держав и трансформации международной системы будет развиваться.

***Ключевые слова:*** *США, Ближний Восток, геополитика, международная безопасность, внешняя политика, энергетические ресурсы, Холодная война, конкуренции великих держав.*

## THE EMERGENCE AND FEATURES OF THE FORMATION OF US-MIDDLE EAST RELATIONS: HISTORY, FACTORY AND STAGES

The article is devoted to the analysis of the origins, characteristics and stages of the formation of US relations with the countries of the Middle East. The author examines the main

geopolitics, economics, energy and military-political factors that have influenced the development of these relations. The article analyzes the historical stages of the formation of US policy in the region-from initial trade and cultural contacts to the emergence of a complex geopolitical and military-strategic model. It also considers the role of key events, including the Cold War, the Islamic Revolution in Iran, regional conflicts and the terrorist attacks of 11 September 2001, in shaping US policy. The analysis shows that the Middle East remains an important strategic region at the center of US geopolitical interests and that its policy will continue to evolve in the context of great power competition and the transformation of the international system.

***Keywords**: USA, Middle East, geopolitics, international security, foreign policy, energy resources, Cold War, great power competition.*

**Маълумот оид ба муаллиф:** Дороншоева Некбахт Шоқосумовна, номзади илмҳои сиёсӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омузиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: 935219683. Почтаи электронӣ: nekbaht2004@mail.ru.
**Сведение об авторе:** Дороншоева Некбахт Шокосумовна, кандидат политических наук, ведущий научный сотрудник отдела Среднего и Ближнего Востока Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025 Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: 935219683. E-mail: nekbaht2004@mail.ru.
**Information about the author:** Doronshoeva Nekbakht Shoqosumovna. Candidate of Political Science's, Leading Researcher at the Department of the Middle and Near East, Department of the Institute for the study of Problems of Asian and European Countries of the NAST. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: 935219683. E-mail: nekbaht2004@mail.ru

# ГЕНДЕРНАЯ ПОЛИТИКА В ТАДЖИКИСТАНЕ: ДОСТИЖЕНИЯ СОВРЕМЕННОГО ЭТАПА

**Темурзода Ф. С.**
Институт изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ

*В статье рассматривается развитие гендерной политики Республики Таджикистан в период независимости, при этом акцент сделан на гармоничное соединение национальных ценностей с современными международными стандартами. На основе анализа нормативно-правовых документов, государственных программ и международных инициатив показано, что государственный курс способствует укреплению социальной стабильности, расширению возможностей женщин и росту их участия в политической, экономической, научной и общественной жизни страны. Особое внимание уделено роли дальновидного руководства государства, которое определило поддержку женщин одним из ключевых направлений национального развития. В тексте отражены примеры того, как образовательные инициативы, квоты, программы оценки потенциала и международное сотрудничество способствовали утверждению нового поколения компетентных и активных женщин-лидеров. Статья демонстрирует, что опыт Таджикистана представляет собой действенную модель, ориентированную на устойчивый прогресс, укрепление социальной сплочённости и создание благоприятных условий для реализации потенциала женщин в современном обществе. Материал подчёркивает, что гендерное равенство в Таджикистане стало не только правовой нормой, но и глубоко укоренившейся частью государственной политики развития.*

***Ключевые слова:*** *гендерная политика, женщины, Таджикистан, равенство, государственная поддержка, устойчивое развитие, социальная стабильность.*

В условиях современной государственности Таджикистан смог превратить гендерную политику в одно из самых эффективных стратегических направлений, что было достигнуто под дальновидным руководством Лидера нации и в целях укрепления устойчивых основ общества. С первых дней независимости вопрос улучшения положения женщин в государственной политике был принят как неотъемлемая часть национального развития страны, что в дальнейшем способствовало формированию уникальной модели общественного развития [1, 14].

Гендерная политика Республики Таджикистан в последние годы направлена на расширение возможностей женщин во всех сферах жизни, включая образование, здравоохранение, государственное управление, предпринимательство. Анализы показывают, что благодаря влиянию государственных программ и нормативно-правовых актов уровень участия женщин в социальных и политических процессах существенно возрос [5,22]. Этот рост является не только результатом институциональных мер, но и свидетельствует об успехе государственной политики, которая всегда опиралась на признание роли женщин в обществе.

Важным преимуществом гендерной политики Таджикистана является то, что она сочетает в себе два основных фактора: уважение к национальным ценностям и адаптацию к современным международным стандартам. Такой подход позволяет реализовать гендерное равенство в контексте культурных и социальных реалий страны

[3,57]. Благодаря этой дальновидной политике Таджикистану удалось сформировать свой уникальный опыт, который признан международными организациями как модель прогресса и стабильности в регионе [7, 31].

Развитие гендерной политики в Таджикистане началось в первые годы независимости и к настоящему времени сформировало устойчивую правовую систему. Руководство страны неизменно подчёркивает, что социальная безопасность и национальный прогресс могут быть обеспечены только при равных возможностях для женщин и мужчин. Это мировоззрение государственности стало главной основой формирования всех нормативно-правовых документов, составляющих сегодня гендерную политику страны [4, 12].

Основной закон Республики Таджикистан – Конституция – определила равноправие граждан без гендерных различий как одну из важнейших ценностей. Этот принцип находит отражение во всех отраслевых документах и государственных программах, направляя развитие общества на уважение общечеловеческих ценностей [1, 26]. На основе этих норм был принят важный закон – «О гарантиях равных прав и равных возможностей мужчин и женщин», который играет ключевую роль в качестве правовой основы гендерной политики в стране.

Таджикистан также присоединился к ряду международных документов, важнейшим из которых является Конвенция о ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин (CEDAW). Присоединившись к этому документу, страна в очередной раз доказала, что её государственная политика основана на уважении международных норм и соблюдении общечеловеческих обязательств [8, 4]. Органы государственной власти ежегодно представляют в международные организации отчеты, в которых отражаются достигнутые успехи и новые инициативы по укреплению положения женщин [11, 17].

Помимо правовых реформ, ключевую роль на этом этапе играют государственные программы. К ним относятся Национальная стратегия расширения прав и возможностей женщин, Государственная программа по предупреждению насилия, программы развития женского предпринимательства и организация курсов по развитию лидерских качеств. Все они направлены на расширение возможностей женщин и развитие человеческого потенциала. Эти инициативы свидетельствуют о том, что Республике Таджикистан удалось создать полноценную комплексную и пропорциональную систему поддержки женщин на основе государственной политики, что также получило высокую оценку региональных и международных организаций [7, 29].

Основой успеха гендерной политики Таджикистана является то, что каждая инициатива реализуется не только в соответствии с законными интересами, но и в контексте защиты культурных ценностей и национальных традиций. Такой подход придает гендерной политике страны уникальный характер, поскольку она сочетает в себе современные мировые стандарты с сильным чувством национальной идентичности и прочными традициями [3, 62].

Период независимости Таджикистана привнёс новую ясность и одухотворённость во все сферы общественной жизни. Одной из ярчайших тенденций этого периода является активизация гендерной политики, которая получила в стране интенсивное развитие и прочную основу. Под руководством Лидера нации государственная политика

поддержки женщин стала успешным и образцовым опытом, устойчивость которого ощущается на всех этапах общественного развития [1, 33].

Одним из важнейших достижений этого периода стало расширение политических и социальных прав и возможностей женщин. Для создания равных возможностей была введена президентская квота, которая предоставила тысячам девушек и молодых женщин возможность учиться в высших учебных заведениях и одновременно укреплять свой профессиональный потенциал. Эта инициатива стала одной из важных основ подготовки молодых специалистов, которые теперь выполняют ответственные задачи в различных областях [5, с. 40].

В то же время участие женщин в государственных органах и структурах стремительно растёт. Сегодня таджикские женщины активно представлены на различных уровнях государственного управления – от районов до министерств. Эти достижения свидетельствуют о мудрой политике государства, позиционирующего равенство не только как норму, но и как практическую ценность для развития общества [11, 23].

Другим направлением, заслуживающим особого внимания, является развитие женского предпринимательства. Благодаря поддержке государственных программ, специальным льготам и благоприятной инвестиционной среде были запущены сотни проектов женского предпринимательства. Сегодня таджикские женщины на рынке труда признаются не только как работники, но и как лидеры, предприниматели и инициаторы. Это изменение само по себе свидетельствует о том, что гендерная политика также способствует экономическому развитию страны [7, 18].

Достижения Таджикистана в этой области неоднократно отмечались международными организациями. В докладах авторитетных международных институтов подчеркивается, что гендерная политика в стране успешно реализуется с учётом национальных особенностей и международных стандартов. Положительная оценка этого процесса показывает, что опыт Таджикистана может стать моделью обучения для других стран [8, 7].

Прогресс, достигнутый Таджикистаном в области гендерного развития со времени обретения независимости, обусловлен совокупностью факторов, которые как объединяют общество, так и укрепляют основные национальные и социальные ценности. Залог этих достижений кроется, прежде всего, в том, что в таджикском обществе издавна ценится роль женщины как созидательницы, хранительницы, опоры семьи и общества. Этот прочный культурный фундамент, соответствующий современной государственной политике, создал широкие возможности для всестороннего развития женщин [3, 64].

В Таджикистане национальные ценности всегда основывались на уважении к личности, человеческому потенциалу и единству общества. В этом же духе, в новую эпоху, государственная политика, направленная на развитие женского потенциала, на протяжении последующих этапов получала новый импульс. Рост общественной осведомленности, расширение образовательных программ и интеграция страны в международные инициативы способствовали прояснению и расширению возможностей женщин на всех уровнях [4, 19].

Другим важным фактором, способствующим гендерному прогрессу, является постоянное улучшение социально-экономического положения страны. Укрепление национальной стабильности, развитие инфраструктуры образования и здравоохранения,

расширение возможностей получения высшего образования и профессиональной подготовки открыли путь сотням тысяч молодых девушек к развитию и реализации своего профессионального потенциала. Эти условия позволили таджикским женщинам войти в экономическую и общественную жизнь со своей внутренней силой и внести вклад в развитие страны [11, 28].

Нынешнее положение Таджикистана в области гендерного равенства также свидетельствует о том, что страна смогла адаптировать мировые стандарты к своим национальным традициям. Эта адаптация привела к международному признанию Таджикистана как страны со стабильной и дальновидной политикой в поддержку женщин. Оценка этого процесса влиятельными мировыми организациями свидетельствует о том, что опыт страны является показательным и имеет высокую ценность для региона [7, 34].

На современном этапе развития гендерная политика Республики Таджикистан продолжается с новым духом и глубоким пониманием ответственности государственности. Государственная политика всегда была направлена не только на защиту возможностей женщин, но и на постепенное их расширение в более практическом плане. Именно этот дух привел к тому, что сегодня вопрос конкурентоспособности женщин в различных социальных, экономических и научных областях стал одним из стратегических приоритетов государства [1, 38].

Одним из важнейших направлений работы, которое особенно усилилось в последние годы, является развитие образовательных программ и подготовка руководящих кадров из числа женщин. Организация специальных курсов, грантов, образовательных квот и программ повышения квалификации создала возможность для прихода в сферу управления нового поколения молодых лидеров, в том числе компетентных женщин. Этот процесс, несомненно, вносит существенный вклад в укрепление основ государства и развитие гражданского общества [11, 31].

Другим направлением, которое в настоящее время признано одним из приоритетов гендерной политики страны, является расширение женского предпринимательства. Благодаря поддержке государственных программ и благоприятной экономической среде таджикские женщины имеют возможность реализовать свой творческий потенциал и новаторский дух в реализации инновационных проектов. В результате женские инициативы стимулируют развитие и диверсификацию национальной экономики, создают новые рабочие места [7, 27].

Кроме того, Таджикистан укрепляет свои позиции в поддержке гендерной политики на международном уровне. Постоянная поддержка страны в глобальных саммитах, форумах и программах даёт возможность представить успешный национальный опыт. Международные организации неоднократно подчеркивали, что гендерная политика Таджикистана является образцовой и соответствует современным мировым стандартам [8, с. 9].

Обобщение этих процессов показывает, что перспективы развития гендерной политики в Таджикистане весьма обнадеживают. Опираясь на национальные ценности, сильную государственную политику и общественную поддержку, Таджикистан смог создать полностью интегрированную и устойчивую систему поддержки женщин. Такой подход, несомненно, придаст новый импульс укреплению социального, экономического и культурного уровня страны в будущем.

Успехи, достигнутые Таджикистаном за годы независимости в плане расширения гендерной политики, сегодня стали одним из самых заметных национальных достижений. Эта политика, которая с первых дней государственности проводилась в жизнь с дальновидным духом и особым вниманием к общественным ценностям, смогла создать не только равные возможности для женщин страны, но и реальные условия для развития и прогресса [4, 15].

Опираясь на национальные ценности таджиков, в которых женщины всегда признавались опорой семьи и созидательной силой общества, государственная политика смогла образцовым образом объединить эти ценности с современными мировыми стандартами. Эта культурная и политическая интеграция привела к тому, что сегодня положение женщин в различных областях — от науки до управления — сопровождается всеобщим уважением и признанием [3, 70].

Достижения, обсуждаемые в статье, показывают, что Республика Таджикистан смогла создать модель, соответствующую принципам социальной устойчивости, социальной справедливости и человеческого развития. Образовательные квоты, программы подготовки лидерских кадров, поддержка женского предпринимательства и интеграция страны в международные инициативы не только дали высокие результаты на национальном уровне, но и позиционировали Таджикистан на международном уровне как надежную и лидирующую страну в области гендерной политики [7, 32].

Все эти процессы доказывают, что гендерная политика Таджикистана является не просто частью государственной политики, но и важным компонентом перспектив устойчивого развития страны. Благодаря последовательным инициативам, мудрому руководству и поддержке гражданского общества, Таджикистан смог превратить процесс внедрения гендерного равенства в действительно успешный опыт, который можно считать образцом для других стран [11, 36].

Поэтому опыт Таджикистана в этой сфере имеет не только политическое и социальное значение, но и имеет самоценность, поскольку подчеркивает значимость женщин как творческой, инновационной и движущей силы национального развития. Такой подход позволит нашей стране и впредь предпринимать убедительные шаги на пути к укреплению равноправного, стабильного и процветающего общества в будущем.

**Адабиёт**

1. Ахмедова, М. Гендерная политика Республики Таджикистан. – Душанбе: Ирфон, 2018.
2. Бозрикова, Т. Гендерные стереотипы в современном таджикском обществе. – Душанбе: Сифат, 2016.
3. Диноршоева, З. Женщина и ислам: социальные взаимодействия в Таджикистане. – Душанбе: Деваштич, 2014.
4. Конституция Республики Таджикистан. – Душанбе: Маориф, 2023.
5. Комитет по делам женщин и семьи при Правительстве РТ. Доклад о положении женщин и гендерном равенстве в Таджикистане, 2022.
6. Шарипова, М. Проблемы предотвращения насилия в семье в Таджикистане. – Душанбе: Ирфон, 2019.
7. Asian Development Bank. Tajikistan: Country Gender Assessment. Manila: ADB, 2021.
8. CEDAW Committee. Concluding Observations on Tajikistan. United Nations, 2019.

9. Human Rights Watch. “We Need Support”: Women’s Rights in Tajikistan. New York, 2019.
10. OECD. Social Institutions and Gender Index: Tajikistan. Paris: OECD Publishing, 2022.
11. UNDP Tajikistan. Gender Equality Strategy Report. Dushanbe, 2020.
12. World Bank. Tajikistan Gender Diagnostics Report. Washington, DC: World Bank, 2022.

## СИЁСАТИ ГЕНДЕРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: ДАСТОВАРДҲОИ МАРҲИЛАИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳо ва қадамҳои муҳими Тоҷикистон дар самти густариши сиёсати гендерӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ баррасӣ мешаванд. Муҳимтарин ҷанба он аст, ки кишвари мо тавонистааст арзишҳои миллиро бо талаботи ҷаҳонии баробарии иҷтимоӣ ба таври ҳамоҳанг муттаҳид намояд. Дар асоси санадҳои меъёрии миллӣ, барномаҳои давлатӣ ва ташаббусҳои байналмилалӣ нишон дода мешавад, ки сиёсати гендерӣ ба таҳкими устувории иҷтимоӣ, рушди нерӯи инсонӣ ва баланд гардидани ҷойгоҳи занон дар ҷомеа мусоидат кардааст. Дар таҳқиқот ба нақши дурбинонаи роҳбарияти кишвар, ки сиёсати гендериро ҳамчун ҷузъи муҳими рушди устувор муқаррар намудааст, диққати хоса дода мешавад. Ҳамчунин, равандҳои афзоиши иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ, илмӣ, иқтисодӣ ва идоракунӣ дар мисоли маълумоти муосир инъикос меёбанд. Мақола нишон медиҳад, ки таҷрибаи Тоҷикистон метавонад дар доираи сиёсати минтақавӣ ва байналмилалӣ низ ҳамчун намунаи омӯхтанӣ хизмат кунад, зеро он бар асоси арзишҳои миллӣ, эҳтироми иҷтимоӣ ва дурнамоҳои воқеӣ бунёд ёфтааст. Ин таҳлил собит мекунад, ки баробарии гендерӣ дар Тоҷикистон на танҳо як ҳадафи расмӣ, балки ҷузъи фаъоли рӯанде мебошад, ки ба таҳкими ҳамбастагӣ ва рушди ҷомеа мусоидат менамояд.

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати гендерӣ, занон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, баробарӣ, Пешвои миллат, рушди устувор, дастовардҳо.*

## GENDER POLICY IN TAJIKISTAN: ACHIEVEMENTS OF THE MODERN PERIOD

This article provides an analytical overview of the evolution of gender policy in the Republic of Tajikistan during the years of independence. It highlights how the country has successfully integrated national cultural values with contemporary global standards of social equality. Drawing on national legislation, state programs and international commitments, the study illustrates how Tajikistan’s gender policy contributes to social cohesion, human development and the active participation of women in political, economic, academic and public spheres. Special emphasis is placed on the strategic vision of the national leadership, which identifies the empowerment of women as a cornerstone of sustainable national progress. The article also outlines the growing presence of women in leadership, education, entrepreneurship and public governance, reflecting the effectiveness of state-supported initiatives and capacity-building strategies. The Tajik model is presented as an example of a balanced and culturally grounded approach that aligns traditional values with modern expectations of gender equality. Overall, the analysis demonstrates that gender equality in Tajikistan is not merely a legal principle but an integral component of the nation’s long-term development agenda.

***Keywords:*** *gender policy, women, Tajikistan, equality, national development, leadership, sustainable progress.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Темурзода Фаррухшоҳ Сироҷиддин** - номзади илмҳои таърих, мутасаддии кор бо магистр ва докторантони (PhD)-и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. E-mail: temurzodaf@mail.ru (+992) 552-42-19-19.

**Сведения об автор: Темурзода Фаррухшо Сироджиддин** - кандидат исторических наук, руководитель сектора магистратуры и докторантуры (PhD) Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. E-mail: temurzodaf@mail.ru (+992) 552-42-19-19.

**About the author: About the author: Temurzoda Farrukhshoh Sirojiddin -** candidate of Historical Sciences, Head of the Master's and Doctoral Studies (PhD) Sector of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the NAST. E-mail: temurzodaf@mail.ru (+992) 552421919.

# РАВАНДИ ДИПЛОМАТИЯИ СУЛҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БАРТАРАФСОЗИИ НИЗОЪҲОИ СИЁСӢ

**Соҳиби Б.**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Дар мақола раванди дипломатияи сулҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бартарафсозии низоъҳои сиёсӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф дипломатияи сулҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба сулҳи дохилии кишвар, минтақавӣ ва байналмилалӣ тақсимбандӣ намуда, таъкид намудааст, ки таҷрибаи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ ҳамчун заминаи асосӣ дар таҳкими минбаъдаи сулҳ нақши калидӣ бозидааст.*

*Инчунин, ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълон намудани "Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда" дар СММ ва татбиқи он тавассути Эъломияи Хуҷанд дар бораи дӯстии абадӣ дар водии Фарғона натиҷаҳои муҳимми солҳои дипломатияи сулҳпарварона маҳсуб гашта, муаллиф ин натиҷаҳоро бо ишора ба сарчашмаҳои илмӣ равшан нишон додааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, дипломатия, сулҳ, наслҳои оянда, водии Фарғона, минтақа, байналмилалӣ, ташаббус, созишнома, Эъломияи Хуҷанд*

Марҳалаи муосир дар давраи мураккабшавии сиёсии байналмилалӣ, шиддат гирифтани вазъи геосиёсиву низомӣ, таҳдидҳои амниятӣ ва бухронҳои молиявию иқтисодӣ қарор дорад. Бархурди манфиатҳои давлатҳои абарқудрат, ки боиси бухрони сиёсии байни Ҷумҳурии Украина ва Федератсияи Русия, Исроил ва Фаластин, Лублон, Эрон ва дигар минтақаҳои ҷаҳонро фаро гирифтааст. Аз ин нуқтаи назар метавон гуфт, ки оқибатҳои ташаннуҷи навбатии миёни кишварҳо бухрони иқтисодиро ба вуҷуд меорад**[10].** Дар баробари ин, ҷомеаи ҷаҳонӣ мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлим, норасоии ғизо ва камбудии оби ошомиданӣ аз сар гузаронида истодааст.

Мавриди қайд аст, ки то ҳол бархе аз кишварҳо дар масъалаҳои болозикр, мавқеи ягона надоранд. Аз ҷониби дигар бархе аз кишварҳо нисбати низоми муносибатҳои байналмилалӣ беэътиноӣ зоҳир мекунанд. Мушкилоти ҷаҳонӣ масъалаҳое мебошанд, ки ба манфиатҳои ҳаётии тамоми аҳолии сайёра таъсири калон мерасонад**[10].** Аз ин рӯ, барои ҳалли онҳо талошҳои муштараки ҳамаи давлатҳои ҷаҳонро талаб мекунад. Дар ин замина, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари сулҳпарвар ва ташаббускор дар самти ҳалли масъалаҳои ҷомеаи башарӣ дар ҷаҳон шинохта шудааст. Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, норасоии оби ошомиданӣ, обшавии пиряхҳо ва таҳкими сулҳ дар ҷаҳони муосир равона гардидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҷрибаи бузурги сулҳофаринӣ барои рафъи низоъҳои сиёсӣ ва бархӯрдҳои мусаллаҳонаи минтақавию ҷаҳонӣ фаъолона вокуниш нишон дода, ҷонибдори роҳи муколамаи созанда барои ҳалли тамоми масъалаҳои сайёравӣ мебошад **[10].**

Раванди мазкурро метавон шартан ба сатҳҳои дипломатияи сулҳҷӯёна, дохилӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ ҷудо намуд.

**Якум,** дипломатияи сулҳҷӯёнаи дохилӣ, ҳоло аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф шуда, ба мактаби омӯзиш табдил ёфтааст. Инчунин, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ (соли 1997) ҳамчун заминаи таҳкими сулҳи минбаъда хизмат намуд. Ин созишнома ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият дод, ки ҷангро хотима диҳад ва роҳи таҳкими сулҳро оғоз намояд. Музокироти тоҷикон, ҳарчанд мушкил ва тӯлонӣ гардида бошад ҳам барои Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳалаи тақдирсоз гардид. Олими тоҷик Сайидзода З. қайд менамояд, ки раванди гуфтушунид, ки зиёда аз 40 моҳ давом кард ва дар он 21 маротиба тарафҳо сари мизи музокира нишастанд, натиҷааш имзои 40 ҳуҷҷати муҳими давлатӣ ва миллии тоҷикон буд**[8,34].** Бинобар ин, Истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ҳамчун раванди ниҳоят мураккаб ва серпаҳлу талаботи хосро дорад.

Дар заминаи мазкур, ба андешаи муҳаққиқи тоҷик Давлатов З., нақши Иҷлосияи тақдирсози XVI–уми Шурои Олӣ ва Раиси навинтихобшудаи Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон, дар таъмини сулҳи тоҷикон ҳалкунанда буд. Иқдоми Раиси Шурои Олӣ он замон тасмимгирии осон набуд ва ҷуръату мардонагии бузург талаб мекард. Сардори ҷавони давлат барои барқарор кардани сулҳ ва эҷоди фазои Ваҳдати миллӣ сафарҳои пурпечутоб анҷом дод ва бо такя ба мардуми хирадманди Ҷумҳурии Тоҷикистон сулҳу ваҳдатро дар кишвар таъмин намуд[2,95].

Таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бунёди сулҳ намунаи муҳим барои фаҳмидани мушкилоти барқарорсозӣ ва эътидоли баъдиҷангӣ мебошад. Аз нигоҳи пажӯҳишгарони аврупоӣ, таҷрибаи сулҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва модели сулҳофарии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чанд ғояи меҳварӣ пешниҳод мекунад:

– гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон аз низоъҳои шаҳрвандӣ ба суботи нисбӣ нақши муҳимми муколама ва музокироти фарогирро дар бунёди сулҳ таъкид мекунад;

– муваффақияти раванди сулҳ аҳаммияти ҷалби тамоми ҷонибҳои манфиатдор ҳам фаъолони сиёсӣ ва ҳам фаъолони шаҳрвандиро барои талошҳои бунёди сулҳ таъкид менамояд**[4].**

Дар барномаи Донишгоҳи сулҳи Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд СММ) дар шаҳри Коста-Рика таҷрибаи сулҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун намунаи нодири сулҳофарӣ барои дипломатҳо омӯзонда мешавад. Инчунин, дар Донишгоҳи давлатии Москва ин таҷриба ҳамчун даври махсуси омӯзишӣ барои магистрантон пешниҳод мешавад. Дар Пажӯҳишгоҳи сулҳу амнияти Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (минбаъд САҲА) дар шаҳри Гамбурги Олмон низ раванди сулҳи тоҷиконро дар асоси барномаи чандсола мавриди омӯзиш қарор додааст.

Муҳаққиқи итолёвӣ Д. Лянч дар таҳқиқоти худ доир ба сулҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд кардааст: “Эҳтимол, бар хилофи воқеият, тайи солҳо ва ҳатто даҳсолаҳои эҳёи сулҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ гоҳ имкон намеёфт, агар як низоми фаъоли ҳизбӣ, интихоботи одилона, ҳукумати мутамарказ ё бахши ислоҳоти амниятӣ ба вуҷуд намеомад. Чунин тағйирёбӣ, вақте ба вуқуъ мепайваст, бештар равандҳои тағйироти васеътари сиёсӣ ва иқтисодиро, ки дар мубоҳисаҳои маҳаллӣ илмӣ шудаанд, инъикос мекунанд”**[5,81].**

Олими британёвӣ Ҷ. Ҳезершоу дар асараш “Сиёсати воқеии сулҳи Тоҷикистон” нақши марказии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар бунёди сулҳи кишвар таъкид мекунад. Инчунин, Ҷ. Ҳезершоу Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун меъмори калидии таърихии сулҳ муайян намуда,

раванди бомуваффақияти мусолиҳаро ба роҳбарии ӯ марбут медонад. Ӯ махсусан тасмими муҳимми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар бораи мусоидат ба бозгашти гурезаҳои тоҷик аз Афғонистон ҳамчун иқдоми қобили мулоҳиза ва далерона таъкид мекунад, ки нақши ҳалкунанда дар таъмини суботи кишвар дар давраи осебпазир пас аз низоъ дошт**[5,83].**

Ҷиҳати амалӣ намудани дипломатияи сулҳ, конференсия ва ҳамоишҳои сатҳи баланди ҷаҳонӣ бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуданд**[1].** Аз ҷумла, аз 23 то 27 ноябр дар пойтахти Шоҳигарии Камбоҷа таҳти унвони "Ҷустуҷӯи сулҳ, мусолиҳа ва таҳаммулпазирӣ" конференсияи байналмилалии байнипарлумонӣ баргузор гардид. Дар ин ҳамоиш раиси Комиссия оид ба одоби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ф. Баротзода, доир ба "Таҷрибаи сулҳи тоҷикон ва нақши он дар таъмини ҳамзистии сиёсӣ–иҷтимоӣ" суханронӣ намуд**[3].** Намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни суханронӣ таҷрибаи тоҷиконро ҳамчун яке аз намунаҳои беҳтарини дастрасӣ ба сулҳу ризояти миллӣ дар низоъҳои дохилӣ муаррифӣ кард.

**Дуюм,** дипломатияи сулҳҷӯёнаи байналмилалӣ мебошад, ки дар он ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон, барои эълон намудани "Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда" ва устувории ин раванд бароиояндагон ҳамчун иқдоми муҳим ва ҷиддии сиёсӣ арзёбӣ мешавад. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар марҳалаи мушкилоти кишвар, ки пас аз ҷанги шаҳрвандӣ ва ҳалли сарҳад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омад, зарурати таҳкими сулҳро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ равшан намуд.

Сулҳ ҳамчун яке аз арзишҳои асосии давлатдории миллӣ эътироф шуда, эълони "Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда" ба мақсади мустаҳкам кардани заминаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ҳамчунин барои эҷоди муҳити амн ва осоиштагӣ барои наслҳои оянда равона карда шудааст. Барои исботи самаранокии ин ташаббус, 31 марти соли 2025 дар шаҳри Хуҷанд сулҳи Водии Фарғона ба имзо расид, ки нишон дод, мушкилотро бо роҳи дипломатӣ ҳал кардан мумкин аст**[10].**

Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик А.Ш. Раҳмонзода масъалаи эълони "Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда" ва зарурати талошҳои муштарак барои рафъи оқибатҳои он ҳамчун мушкилоти ҷиддии замони муосир мавриди таваҷҷуҳи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифтааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ташаббусҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саривақтӣ буда, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ хуб пазируфта шуда, дар сатҳи байналмилалӣ пайравӣ ва татбиқ гардида истодаанд**[7,307].**

**Сеюм,** дипломатияи сулҳҷӯёнаи минтақавӣ мебошад. Яке аз намунаҳои ин раванд мулоқоти сарони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Узбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон аст, ки рӯзи 31 марти соли 2025 дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид**[10].** Ин сана як рӯйдоди муҳим дар низоми муносибатҳои минтақавӣ гардид, ки нишон дод ҳамкориҳо метавонанд сулҳи пойдорро таъмин намуда, рушди устувори иқтисодӣ ва фарҳангиро ба вуҷуд оранд.

Баъди анҷоми мулоқоти махсуси сарони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон, ки дар фазои дӯстию ҳамкорӣ сурат гирифт, дар ҳамин ҷо маросими имзо ва мубодилаи санадҳои муҳимми таърихӣ – Протоколи мубодилаи Тасдиқномаҳои Аҳднома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар бораи муносибатҳои ҳампаймонӣ баргузор гардид.

Протоколи мубодилаи Тасдиқномаҳои Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон низ дар бораи сарҳади давлатии ду кишвар тасдиқ шуд. Дар ҳошияи сафари Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқоти хоссаи сарони давлатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон доир гардид, ки чунин санадҳои таърихӣ ба тасвиб расиданд:

– Протоколи мубодилаи Тасдиқномаҳои Шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон;

– Созишномаи байниҳукуматӣ “Дар бораи таъмини дастрасӣ ба объектҳои хоҷагии об ва энергетикӣ”;

– Созишномаи байниҳукуматӣ “Дар бораи сохтмон ва истифодабарии роҳҳои мошингард, ободонӣ ва истифодаи чорроҳаи мошингард”**[6].**

Санадҳои мазкур аз ҷониби Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон муҳтарам Садир Жапаров, ба имзо расиданд ва бори дигар ташаббускорӣ ва пешсафии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар масири сулҳу осоиштагӣ, ҳамдигарфаҳмиву ҳамкорӣ бо кишварҳои ҳамсоя нишон медиҳанд.

Яке аз самтҳои муҳимми Паёми навбатии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (16.12.2025) ба масъалаҳои амнияти минтақавӣ равона шуда, ҳалли пурраи масъалаҳои марзӣ бо Ҷумҳурии Қирғизистон, имзои созишнома дар бораи нуқтаи гузаргоҳи марзии се кишвар ва Эъломияи Хуҷанд дар бораи дӯстии абадӣ ба натиҷаҳои муҳими солҳои дипломатӣ ва сиёсати хориҷии сулҳҷӯёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфт. Ин иқдом ба таҳкими эътимод ва некҳамсоягӣ дар Осиёи Марказӣ нигаронида шудааст.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ин самтро чунин арзёбӣ карданд: “Дигар рӯйдоди таърихӣ ҳалли пурраи масъалаҳои сарҳадии тайи беш аз сад соли охир ҳалношудаи байни ду давлат Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон бо имзои шартнома дар бораи муайян кардани хатти сарҳади давлатӣ мебошад. Ҳамчунин, шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳади давлатӣ ва Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ аз ҷониби сарони давлатҳо ба имзо расид, ки барои рушди минтақа ва идомаи ҳамкориҳои судманд заминаи мустаҳками ҳуқуқиро фароҳам меорад”**[9].** Ин раванд, ташаббуси “Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда” ва ҳалли масъалаҳои сарҳадии садсолаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Узбекистонро дар бар гирифта, ҳамчун намунаи беҳтарини дипломатияи минтақавӣ ва сулҳҷӯёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мешавад.

Ҳамин тариқ, дар доираи “Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда” ҳалли масъалаҳои сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Узбекистон нишондиҳандаи амалишавии дипломатияи ҷаҳонии сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Бояд қайд кард, ки ирода ва сиёсати дурандешонаи роҳбарони кишварҳо имкон дод, ки водии Фарғона аз минтақаи даргир ба минтақаи сулҳ табдил ёбад. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун сиёсатмадори барҷаста ва ташаббускор дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф шуданд. Ҳалли масъалаҳои сарҳадӣ бо Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Узбекистон намунаи нави дипломатияи сулҳофаринии минтақавӣ буда, диққати ҷомеаи ҷаҳониро ҷалб намуд**[10].** Инчунин, рӯйдоди муҳимми дигар ин аст, ки 9 сентябри соли 2025 Президентони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Узбекистон ва

Ҷумҳурии Қирғизистон Ҷоизаи байналмилалии сулҳ ба номи Л. Толстойро сарфароз гардиданд. Ҷоизаи Л. Толстой ба шахсоне тақдим мешавад, ки дар ҳифзи амният ва риояи ҳуқуқҳои байналмилалӣ саҳми арзишманд гузоштаанд.

Бо назардошти ин таҷриба, консепсияи сулҳи тоҷикон ва таҷрибаи водии Фарғона бояд таҳрезӣ ва тавассути корпусҳои дипломатӣ барои ҷомеаи байналмилалӣ пешниҳод шавад, то модели сулҳофаринии минтақавӣ ҳамчун намунаи амалии амалӣ дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ истифода шавад.

## АДАБИЁТ


1. Давлатов З. Имрӯз-рӯзи байналмилалии сулҳ. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон дар ҷаҳони муосир мавриди омӯзиши васеъ қарор дорад. (Манбаи электронӣ) URL: https://khovar.tj/2024/09/imr-z-r-zi-a-onii-sul-ta-ribai-sul-i-to-ikon-dar-a-oni-muosir-mavridi-om-zishi-vase-aror-dorad/[санаи дархост:07.05.2025]
2. Давлатов, З. А. Аз ихтилоф то иттиҳод: шоҳроҳи Ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон / З. А. Давлатов // Осиё ва Аврупо. – 2025. – №. 4(24). – Р. 95-102. –С-95 EDN HXKQZO.
3. Дар Камбоҷа аз таҷрибаи сулҳи тоҷикон ва нақши он дар таъмини ҳамзистии сиёсӣ-иҷтимоӣ ёдовар шуданд. [Манбаи электронӣ] URL: https://khovar.tj/2024/11/dar-kambo-a-az-ta-ribai-sul-i-to-ikon-va-na-shi-on-dar-tamini-amzistii-siyos-i-timo-yodovar-shudand/(санаи дархост:07.05.2025)
4. Мадимарова Г. Мактаби сулҳофарии Эмомалӣ Раҳмон-ҳамчун дастоварди нодири даврони соҳибистиқлолӣ. (Манбаи электронӣ) URL: https://amit.tj/tj/maktabi-sulkhofarii-emomali-rakhmon-khamchun-dastovardi-nodiri-davroni-sokhibistikloli-0?page=23[санаи дархост:07.05.2025]
5. Мадимарова, Г. М. Арзёбии раванд ва таҷрибаи сулҳи тоҷикон аз назари олимони Ғарб / Г. М. Мадимарова // Международные отношения и безопасность. – 2024. – №. 4(12). – Р. 77-86. С-81-83– EDN GHVXNP.
6. Насриддинзода Э.Сиёсати сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат – заминаи стратегии густариши муносибатҳои Тоҷикистон, Узбекистон ва Қирғизистон. (Манбаи электронӣ) URL: https://khovar.tj/2025/04/siyosati-sul-yonai-peshvoi-millat-zaminai-strategii-gustarishi-munosibat-oi-to-ikiston-uzbekiston-va-ir-iziston/[санаи дархост:07.05.2025]
7. Раҳмонзода, А. Ш. Сиёсати муваффақ ва ташаббусҳоиояндасози Пешвои миллат - омили пайвандгари Тоҷикистон бо ҷаҳони муосир / А. Ш. Раҳмонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №. 11. – Р. 307-314. – EDN VOHGPE.
8. Сайидзода Зафар Шералӣ (Саидов Зафар Шералиевич). Тоҷикистони муосир: масъалаҳои мубрами истиқлоли миллӣ. – Нашри дуюми иловадор. –Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2020. – 640 саҳ. С-34
9. Соҳиби Б. Паёми Пешвои миллат – барномаи бунёдииояндасоз (Манбаи электронӣ) URL: https://osiyoavrupo.tj/tg/post/paemi-peshvoi-millat-barnomai-bunedii-oyandasoz [санаи дархост:30.12.2025]
10. Соҳиби Б. Таҷрибаи дипломатияи сулҳҷуёнаи Тоҷикистон https://amit.tj/tj/tachribai-diplomatiyai-sulkhchuyonai-tochikiston [санаи дархост:01.01.2026]


## ПРОЦЕСС МИРНОЙ ДИПЛОМАТИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В УРЕГУЛИРОВАНИИ ПОЛИТИЧЕСКИХ КОНФЛИКТОВ

В статье анализируется процесс мирной дипломатии Республики Таджикистан в разрешении политических конфликтов. Автор разделяет мирную дипломатию Республики Таджикистан на внутриполитическую, региональную и международную, подчеркивая ключевую роль опыта Генерального соглашения об установлении мира и национального согласия как основной основы для дальнейшего укрепления мира.

Также важным результатом многолетней мирной дипломатии рассматривается инициатива Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона по объявлению в ООН «Десятилетия миростроительства для будущих поколений» и ее реализация посредством Худжандской декларации о вечной дружбе в Ферганской долине, что автор демонстрирует на основе научных источников.

***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан, дипломатия, мир, будущие поколения, Ферганская долина, регион, международный, инициатива, соглашение, Худжандская декларация*

**THE PROCESS OF PEACE DIPLOMACY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN RESOLVING POLITICAL CONFLICTS**

This article analyzes the process of peace diplomacy in the Republic of Tajikistan in resolving political conflicts. The author divides Tajikistan's peace diplomacy into domestic, regional, and international, emphasizing the key role of the General Agreement on the Establishment of Peace and National Accord as the main foundation for further strengthening peace.

Also considered an important result of many years of peace diplomacy is the initiative of the President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon, to declare a "Decade of Peacebuilding for Future Generations" at the UN and its implementation through the Khujand Declaration on Eternal Friendship in the Fergana Valley, which the author demonstrates based on scientific sources.

***Keywords:*** *Republic of Tajikistan, diplomacy, peace, future generations, Fergana Valley, region, international, initiative, agreement, Khujand Declaration*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Соҳиби Баҳруло-ходими калони илмии Шуъбаи Аврупои Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, суроға:734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 33; тел.:(+992) 917-82-02-02; Email:sohibbahrulo@gmail.com

**Сведения об автора:** Сохиби Бахруло- старший научный сотрудник Отдела Европы Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33, тел.:(+992)917820202; Email:sohibbahrulo@gmail.com

**About the author:**Sohibi Bahrulo- Senior Research Fellow,Department of Europe Institute of studying of the Issues of Asian and European countries. 734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 33, tel.: (+992) 917820202; E-mail:sohibbahrulo@gmail.com

# МУНОСИБАТҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО БРИТАНИЯИ КАБИР ДАР СОҲАИ ФАРҲАНГ, МАОРИФ, ИЛМ ВА САЙЁҲӢ.

**ИБРОҲИМОВ И. Н.**

Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Муаллиф дар мақолаи худ муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Британияи Кабирро дар соҳаи фарҳанг, маориф ва сайёҳӣ барасӣ карда, таъкид намудааст, ки тайи даҳсолаҳои охир онҳо рушди устувори худро нишон дода, соҳаҳои гуногун: фарҳанг, маориф, варзиш ва сайёҳиро дар бар мегиранд. Чунин ҳамкориҳои гуногунҷанба ба таҳкими равобити дуҷониба ва табодули судманди таҷриба миёни ду мамлакат мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, ҳамкории байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Британияи Кабир дар соҳаҳои мазкур ба таври фаъол рушд ва амиқтар мегардад. Ҳамкорӣ дар ин соҳаҳо на танҳо ба таҳкими робитаҳои дуҷониба, балки ба мубодилаи самараноки таҷриба, ки ҳарду мамлакатро ғанӣ мегардонад, мусоидат мекунад. Рушди минбаъдаи ин самтҳо кафолати эҷоди як заминаи мустаҳкам барои шарикии дарозмуддат ва амиқтар намудани фаҳмиши мутақобилаи байни халқҳои Тоҷикистон ва Британияи Кабир ба шумор меравад. Маросимҳои фарҳангӣ, ки аз ташкили намоишгоҳҳо, консертҳо, намоишҳои филм ва фестивалҳо, ки ба фарҳанги Тоҷикистон ва Британияи Кабир бахшида шудаанд, иборат мебошанд, ба шиносоӣ бо мероси бойи фарҳангии ҳарду мамлакат мусоидат мекунад.*

*Хулоса карда мешавад, ки ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг, маориф илм ва сайёҳӣ миёни Тоҷикистон ва Британияи Кабир ҷанбаи муҳми табодули арзишҳои фарҳангӣ ба ҳисоб рафта, ин на танҳо ба рушди маориф ва илм дар ҳарду мамлакат мусоидат мекунад, балки равобитро миёни одамон таҳким бахшида, ба табодули донишҳо, таҷриба ва ғояҳо кумак мекунад.*

***Калидвожаҳо***: *Ҷумҳурии Тоҷикистон, Британияи Кабир, муносибатҳои дуҷониба, фарҳанг, маориф, илм, мубодилаи башардӯстона, мубодилаи академӣ, донишҷӯёни тоҷик, маблағгузорӣ, Академияи Кембриҷ.*

Муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Британияи Кабир аз замони ба даст овардани истиқлолияти Тоҷикистон дар соли 1991 сарчашма мегирад. Ҳамчун марҳилаи муҳим эътирофи истиқлолияти Тоҷикистон ва барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ аз ҷониби Британияи Кабир дар соли 1992 ба ҳисоб меравaнд. Аз он вақт инҷониб, ҳар ду мамлакат барои таҳкими алоқаҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла сиёсат, иқтисод, фарҳанг ва амният фаъолона кор мекунанд.

Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Британияи Кабир тайи даҳсолаҳои охир рушди устувори худро нишон дода, соҳаҳои гуногун: фарҳанг, маориф, илм ва сайёҳиро дар бар мегиранд. Чунин ҳамкориҳои гуногунҷанба ба таҳкими равобити дуҷониба ва табодули судманди таҷриба миёни ду мамлакат мусоидат мекунад.

Асосҳои институтсионалии ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Британияи Кабир аз зер иборат мебошанд:

1. *Намояндагиҳои дипломатӣ*. Робитаҳои байни Тоҷикистон ва Британия дар сатҳи дипломатӣ соли 1992 барқарор карда шуданд. Ҳарду мамлакат сафоратхонаҳои худро доранд, ки дар нигоҳдорӣ ва рушди муносибатҳои байни онҳо нақши калидӣ мебозанд. Намояндагиҳои дипломатӣ дар ташкили вохӯриҳо, гуфтушунидҳо ва чорабиниҳои фарҳангӣ фаъолона иштирок карда, ба муколама мусоидат мекунанд.

2. *Созмонҳои байналмилалӣ*. Тоҷикистон ва Британияи Кабир аъзои созмонҳои гуногуни ҷаҳонӣ, аз қабили Созмони Милали Муттаҳид, созмони ҷаҳонии тиҷорат ва ғайра мебошанд. Ин платофрмаҳо барои ҳамкорӣ ва муҳокимаи масъалаҳои мубрами марбут ба масъалаҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ имкониятҳои васеъро фароҳам меоранд. Иштирок дар чунин

созмонҳо ба ҳарду мамлакат имкон медиҳад, ки амалҳои худро дар муқобили мушкилоти умумӣ, аз қабили терроризм, тағйиребии иқлим ва мушкилоти иқтисодӣ ҳамоҳанг созанд.

3. *Созишномаҳои дуҷониба*. Тоҷикистон ва Британияи Кабир як қатор созишномаҳо ба имзо расониданд, ки ҷанбаҳои гуногуни ҳамкории онҳо, аз ҷумла тиҷорат, сармоягузорӣ, амният ва мубодилаи фарҳангиро танзим мекунанд. Ин созишномаҳо барои татбиқи лоиҳаҳо ва ташаббусҳои муштарак заминаи ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафт, инчунин ба таҳкими эътимоди мутақобилаи байни давлатҳо мусоидат мекунанд.

4. *Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ*. Ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ (СҒД) ва ташаббусҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фаъолияти муштарак нақши муҳим мебозанд. Дар Тоҷикистон Созмонҳои ғайриҳукуматии гуногун фаъолият мекунанд, ки дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, экология ва ҳифзи ҳуқуқи инсон кор мекунанд. Британия ин ташаббусҳоро тавассути кумаки молиявӣ ва техникӣ дастгирӣ мекунад, ки ин кор ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва таҳкими робитаҳои байни ду мамлакат мусоидат мекунад. Муносибатҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ, сарфи назар аз дурии масофаи географӣ, асоси мустаҳкам дошта, дар самтҳои гуногун рушд мекунанд. Ин иртиботҳо соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва башардӯстиро фаро гирифта, тавассути як қатор механизмҳои калидӣ амалӣ мешаванд, ки ба ҳарду мамлакат имкон медиҳанд самаранок ҳамкорӣ намуда, ба ҳадафҳои муштарак ноил шаванд. Механизмҳои ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Британияи Кабирро дар поён дида мебароем.

Табодули арзишҳои фарҳангӣ миёни Тоҷикистон ва Британияи Кабир дар соҳаи мусиқӣ, санъат ва адабиёт низ аз аҳамияти калон бархӯрдор мебошад. Ин соҳаҳо ҷузъҳои муҳими мероси фарҳангии ҳарду мамлакат ба шумор рафта, ба ғанишавӣ ва гуногунрангии таҷрибаи фарҳангӣ мусоидат мекунанд.

Ҳамин тавр, ҳамкорӣ дар соҳаи санъати навогарӣ метавонад таҳияҳои мусиқӣ, рақсӣ ва театриро дар бар гирифта, мусиқичиён, рассомон, раққосон ва ҳунармандони ҳарду мамлакат метавонанд чорабиниҳои муштаракро баргузор намуда, анъанаҳо, сабку услубҳо ва техникаҳои худро ба намоиш гузоранд. Ин ба онҳо имкон медиҳад на танҳо санъат ва фарҳанги мамлакати моро муаррифӣ кунанд, балки инчунин санъатҳо ва анъанаҳои мусиқавии дигар низ омӯхта шуда, дарк карда шаванд.

Табодул дар соҳаи адабиёт низ имконпазир буда, нависандагон, шоирон ва ходимони адабӣ аз Тоҷикистон ва Британияи Кбаир метавонанд асарҳои худро дар фестивалҳои адабӣ муаррифӣ намуда, мутолиаҳо ва мубоҳисаҳои адабиро баргузор намоянд. Чунин чорабиниҳо имкон медиҳанд доираи назари хонандагон васеъ карда шуда, бо анъанаҳои адабии мамлакатҳои гуногун шинос шуда, ғояҳо ва таҷриба мубодила карда шаванд.

Робитаҳои фарҳангии Тоҷикистон ва Британияи Кабир дар бунёди ҳамкориҳои мустаҳкам нақши баробар муҳим доранд. Мубодилаи донишҷӯён, сафарҳои ҳайатҳои фарҳангӣ ва иштирок дар чорабиниҳои фарҳангии байналмилалӣ ба амиқтар шудани ҳамдигарфаҳмӣ ва таҳкими эътимод мусоидат мекунанд. Барномаҳои мубодилаи фарҳангӣ, бадеӣ ва таълимӣ на танҳо ҳарду тарафро бой мегардонанд, балки дар назари якдигар обрӯи мусбати ҳар як мамлакатро низ шакл медиҳанд. Ин, ба навбати худ, заминаи мусоидро барои минбаъд рушд додани муносибатҳои ҳам дипломатӣ, ҳам иқтисодӣ фароҳам меорад.

Маориф дар рушди ҳамкории бисёрҷониба нақши калидӣ дорад. Барномаҳои мубодилаи донишҷӯён ва омӯзгорон, инчунин лоиҳаҳои тадқиқотии муштарак воситаҳои муассир барои таҳкими робитаҳо байни Тоҷикистон ва Британияи Кабир мебошанд. Британияи Кабир, ки бо стандартҳои баланди таълим ва дастовардҳои илмӣ маъруф аст, самти ҷолиб барои донишҷӯёни тоҷик мебошад. Дар навбати худ, донишгоҳҳои Тоҷикистон ба донишҷӯёни бритониёӣ, ки ба омӯзиши фарҳанг ва таърихи Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳ доранд, имкониятҳои беназир пешниҳод мекунанд.

Усули дигари табодули арзишҳои фарҳангӣ миёни Тоҷикистон ва Шоҳигарии Муттаҳида ҳамкорӣ ва табодули таҷриба ва донишҳо дар соҳаи мероси фарҳангӣ ва ҳифзу

нигоҳдории он ба ҳисоб меравад. Тоҷикистон дорои мероси бойи фарҳангие мебошад, ки ёдгориҳои қадимии меъморӣ, бостоншиносӣ ва ҳунарҳои анънавиро дар бар мегирад. Шоҳигарии Муттаҳида, ки мероси ғании фарҳангӣ дорад, дорои таҷрибаи нигоҳдорӣ ва муаррифии объектҳои таърихӣ-фарҳангӣ мебошад.

Ҷоизи зикр аст, ки ҳамкорӣ миёни Тоҷикистон ва Британияи Кабир дар ин соҳа метавонад табодули коршиносон ва мутахассисон, дастгирӣ ва машваратдиҳии касбӣ оид ба нигоҳдорӣ ва тармими объектҳои таърихӣ, таҷрибаи осорхонавӣ, ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои фарҳангиро дар бар гирад. Чунин ҳамкорӣ ба ҳарду мамлакат имкон медиҳад аз таҷриба донишҳои ҳамдигар баҳра гирифта, ҳифзу нигоҳдорӣ ва муаррифи мероси фарҳангиро таъмин намояд.

Инчунин қайд кардан лозим аст, ки дар табодули арзишҳои фарҳангӣ воситаҳои коммуникатсияи оммавӣ ва васоити ахбори омма нақши калонро мебозанд. Имкониятҳо ва воситаҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ имкон медиҳанд маъниҳо ва фарҳангҳои анъанавӣ аз тариқи васоити ахбори умум, шабакаҳои иҷтимоӣ ва Интернет интиқол дода шаванд. Ҳамин тавр, лоиҳаҳои гуногуни фарҳангӣ ва расонаӣ, аз ҷумла барномаҳои телевизионӣ, радиоӣ ва платформаҳои онлайнӣ, дастрасӣ ва назаррасии маҳсулоти фарҳангиро баланд бардошта, имкониятҳороо барои табодул ва ҳамдигарфаҳмӣ фароҳам меоранд.

Ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва илм нақши калидиро дар рушди сармояи инсонии Тоҷикистон мебозад. Британияи Кабир метавонад доираи васеи имкониятҳо, аз ҷумла барномаҳои мубодилаи донишҷӯён ва омӯзгорон, таҷрибаомӯзӣ ва таҳқиқоти муштараки илмиро пешниҳод кунад. Ин ба мутахассисони тоҷик имкон медиҳад, ки ба дониш ва таҷрибаи пешрафта дастрасӣ пайдо карда, робитаҳои илмии байни ду мамлакат мустаҳкам гардида, ба рушди инноватсионӣ мусоидат кунанд.

Соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои Тоҷикистону Британияи Кабир мебошад. Донишгоҳҳои Бритониё барои донишҷӯёни тоҷик барномаҳои мухталифи таълимӣ, аз ҷумла бурсияҳо ва барномаҳои табодули академиро пешниҳод мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки ҷавонони Тоҷикистон таҳсилоти босифат гиранд ва малакаҳои касбии худро дар муҳити байналмилалӣ инкишоф диҳанд.

Ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва илм ҳамчун ҷанбаи муҳими табодул миёни Тоҷикистон ва Шоҳигарии Муттаҳида дар давраи мавриди баррасӣ ба шумор рафта, дар ин самт, ҳарду мамлкат ба рушди маориф ва илм таваҷҷуҳи калон зоҳир карда, ҳамкорӣ дар ин соҳа имкон медиҳад донишҳо ва таҷриба ғанӣ гардонида шуда, ҳамдигарфаҳмӣ таъмин карда шавад.

Яке аз механизмҳои паҳн кардани арзишҳои таҳсилотӣ миёни Тоҷикистон ва Британияи Кабир ҳаракати дониҷшӯён ва омӯзгорон ба шумор меравад. Донишҷӯёни тоҷик имконият доранд дар Британияи Кабир таҳсил карда, ба таҳсилоти баландсифат ва захираҳои бойи байналмилалии таълимӣ дастрасӣ пайдо кунанд. Инчунин донишҷӯён ва олимони британиягӣ низ метавонанд дар Тоҷикистон корҳои таҳқиқотӣ-илмӣ, таҷрибаомӯзӣ ва таълимро гузаронанд, ки ин ба табодули донишҳо ва таҷриба миёни ҳарду мамлакат мусоидат хоҳад кард.

Ҳамкорӣ дар соҳаи илм низ дар табодули арзишҳои таҳсилотӣ нақши калонро бозида, лоиҳаҳои муштараки илмӣ-таҳқиқотӣ ба олимони тоҷик ва англис имкон медиҳанд якҷоя аз болои ҳалли масъалаҳои илмӣ ва таҳияи донишҳои нав кор кунанд. Табодули донишҳо ва таҷриба миёни ҷомеаҳои илмӣ имкон медиҳад соҳаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ густариш дода шуда, ба кашфиёт ва тасмимоти иноватсионӣ мусоидат мекунад. Ғайр аз ин, муассисаҳои таҳсилотӣ ва илмии ҳарду мамлакат имкон доранд конференсияҳо, семнарҳо ва вебинарҳои муштаракро гузаронида, бо таҳқиқотҳо ва ғояҳои худ мубодила кунанд.

Мусоидат ба табодули фарҳангӣ дар соҳаи маориф ва илм ба ҳамоҳангӣ ва ҳамдигарфаҳмии фарҳангӣ мусоидат намуда, эҳтиром ва сипосгузории тарафайн барои гуногунрангии мероси фарҳангии ҳардуд мамлакат аз тариқи барномаҳои таҳсилотӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ интиқол меёбанд. Ин амр ба ташаккул ва рушди кадрҳои баландихтисоси

дорои ақлу зеҳни кушода ва дарку фаҳмиши амиқи хусусиятҳои фарҳангӣ ва илмии мамлакатҳои дигар мусоидат мекунад.

Ҷанбаи дигари табодул дар соҳаи маориф ва илм миёни Тоҷикистон ва Британияи Кабир ҳамкорӣ дар соҳаи тайёр кардани кадрҳо ва рушди захираҳои инсонӣ маҳсуб мешавад. Дар Шоҳигарии Муттаҳида низоми маориф, бо шумули муассисаҳои таҳсилоти олӣ, коллеҷҳо ва муассисаҳои таълими касбӣ, хуб рушд кардааст. Дар чаҳорчӯби табодули арзишҳои фарҳангӣ Британияи Кабир метавонад ба донишҷӯён ва мутахассисони тоҷик имкониятҳо ва шароити мусоидро барои таълим ва касби ихтисос дар соҳаҳои гуногун пешниҳод намояд.

Инчунин муҳимияти ҳамкорӣ дар соҳаи маориф тавассути барномаҳои мубодиларо қайд кардан лозим аст, ки дар ин самт ҳарду мамлакат метавонанд барномаҳо ва стипендияҳоро барои донишҷӯён ва олимон, ки ба онҳо имкон медиҳанд дар мамлакати дигар таҳсил карда, таҳқиқотҳо гузаронанд, таҳия ва татбиқ намоянд. Ин амр ба иштрокчиёни барнома имкон медиҳад дар бораи фарҳанги дигар огоҳӣ пайдо карда, таҷрибаи беназир ба даст оварда, таҳсилоти академии худро вусъат бахшанд.

Табодули фарҳангӣ дар соҳаи маориф ва илм метавонад табодули методу усул ва амалияҳои педагогиро низ дар бар гирад. Ҳамин тавр, омӯзгорон ва педагогҳои ҳарду мамлакат метавонанд ҳамкорӣ карда, таҷриба ва амалияҳои пешрафтаи худро мубодила кунанд. Ин ба баланд бардоштани сифати таҳсилот ва таҳияи муносибатҳои нави пешрафта ба тадрис ва таълим мусоидат мекунад.

Бинои мактаби ибтидоии Кембриҷ бо услуби классикии англисӣ дар моҳи сентябри соли 2018, ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар моҳи декабри соли 2019 бунёд ва ба истифода дода шуданд. Бунёди муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ барои 132 нафар кӯдакони синни томактабӣ ва 264 нафар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ҳисоб гирифта шуда, муассисаи таҳсилоти миён бошад, барои 280 нафар хонандагон пешбинӣ шуда буд [8]. Ҳамин тавр, дар биноҳои ҳарду муассисаи таҳсилот тақрибан 572 нафар хонандагон аз синни 3-сола то 18-сола таҳсил мекунанд. Муассисаҳои мазкури таълимӣ таҳсилоти пешрафтаро бо такя бо барномаи ҷолиби таълимӣ пешниҳод карда, омӯзгоронро барои фаъолияти самаранок бо захираҳои беҳтарини таълимӣ таъмин намудаанд. Фалсафаи муассисаи таҳсилоти Кембриҷи (CWA) Тоҷикистон аз муттаҳид намудани таҷрибаи ғании низоми таҳсилоти британиягӣ бо хусусиятҳои беҳтарини барномаи миллии таълимии тоҷикӣ иборат мебошад.

Боғчаи кӯдакон ва муассисаи таҳсилоти ибтидоии CWA ба кӯдакон таҳсилоти пешрафтаро дар давоми тамоми таҳсили онҳо пешниҳод намуда, ба онҳо пешрафти таълимӣ-тарбиявӣ ва лаззат аз таҳсилро кафолат медиҳанд. Таҳсилот дар CWA ба рушду инкишофи ҳаматарафаи кӯдакон бо истифода аз методу усулҳои беҳтарини бринатниягии таълим ва муносибатҳои эҷодкорона ба таълим мусоидат мекунад. Мақсад аз фаъолияти CWA дар Тоҷикистон аз пешбурди низоми дувекторӣи таҳсилот, ки сарварони босалоҳият ва бомаҳоратро дар ҷомеаҳои маҳаллӣ тайёр мекунанд, иборат мебошад.

Тибқи ҳисоботҳо, мақсадҳои фаъолияти CWA аз: таъмини муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ва омӯзгорӣ, ки ҳамаи хонандагонро дастгирӣ намуда, ба онҳо барои рафъи душвориҳо кумак мекунад; қонеъ гардонидани талаботу ниёзҳои ҳамаи хонандагон ва эътирофи тафовутҳои фардии онҳо, ки ин барои ҳар кӯдак барои кушодани нерӯи он имкон медиҳад; фароҳам овардани шароити мусоиде, ки дар он кӯдакон ва хонандагон ба қобилияту имкониятҳои худ боварӣ ҳосил карда, масъулиятро барои таълиму дастовардҳои шахсиаш ба зиммаи худ мегиранд; ҳавсмандагардонии кӯдакон барои ноил шудан ба ҳадафҳои баландтар тавассути кӯшишу ғайрат дар таълим ва риояи интизом ҳам дар муассисаи таҳсилот, ҳам дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва оилавӣ; эҷод, нигоҳдорӣ ва инкишоф додани симои мусбати муассисаи таҳсилот аз тариқи муносибатҳои пайваста ва зич бо ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, тарбияи ҳисси масъулият нисбат ба муасиссаи таҳсилот ва ҷомеа иборат мебошад.

Дар мактаби мазкур ҳам шаҳодатнома оид ба таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳам шаҳодатнома оид ба таҳсилоти миёнаи умумие, ки дар Британияи Кабир қабул шудааст, дода мешавад. Дар баробари ин, ду шаҳодатномаи иловагӣ оид ба таҳсилоти

касбӣ: “Шаҳодатномаи роҳбарӣ ва идоракунӣ” ва “Шаҳодатномаи малакаҳои корпоративӣ” дода мешаванд. Дар натиҷа хатмкунанда 4 ҳуҷҷат гирифта, бо ин ҳуҷҷатҳо марди ҷавон аллакай метавонад ба кори муносиб ҳам дар дохили ҷумҳурӣ, ҳам дар бозори меҳнати Аврупо талабгор хоҳад буд [7].

Дар солҳои мавриди баррасӣ сафири Британияи Кабир дар Тоҷикистон Тим Ҷонс аз ноҳияи Вахш, Ҷалолиддини Румӣ ва Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон боздид намуда, бо барномаҳои ғизои мактабӣ, ки аз ҷониби Барношмаи умумиҷаҳонии озуқаворӣи Созмони Милали Муттаҳид татбиқ карда мешавад, шинос шуд. Дар ин росто, бояд қайд кард, ки Барномаи умумиҷаҳонии озуқаворӣ дар таъмини кӯдакон бо ғизои мактабӣ аз соли 1999 дастгирӣ намуда, имрӯз он дар пешниҳоди озуқаворӣ то таҳкими неруи институтсионалӣ ва муосиркунонии низоми ғизои мактабӣ, бо шумули бунёди ошхонаҳо, нонвойхонаҳо ва гармхонаҳои мактабӣ накш калонро мебозад. Дар рафти вохӯриҳо бо намояндагони Барномаи умумиҷаҳонии озуқаворӣ ва мақомоти маорифи вилояти Хатлон сафир иттилоъ гирифт, ки чӣ тавр падару модарон, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия саъю талош ва кӯшишҳои худро барои таъмини рушди босуботи барнома муттаҳид месозанд. Дар соли 2018 Вазорати корҳои хориҷӣ оид ба коҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Рушд (FCDO)-и ҳукумати Британияи Кабир барои таъмини ғизои мактабӣ дар Тоҷикистон 1 миллион фунт стерлинг ҷудо намуд. Намояндагони ташкилоти мазкур аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми ноҳияи Айнии вилояти Суғд низ дидан карданд. Бояд қайд кард, ки дастгирӣ ва маблағгузорӣ аз ҷониби донорҳо барои устувории барномаи ғизои мактабӣ, ки 450 ҳазор хонандагони синфҳои 1-4-умро дар ду ҳазор муассисаҳои таҳсилот дар саросари мамлакат бо ғизои пурарзиш ва солим таъмин менамояд, аҳамияти ҳалкунанда дорад [5].

Солҳои охир ҳамкории ду давлат дар соҳаҳои гуногун ҷараён гирифтааст. Ҳамин тавр, 19 ноябри соли 2019 Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Британияи Кабир Масъуд Халифазода бо як сафари корӣ ба Донишгоҳи Оксфорд ташриф овард. Дар доираи сафар сафир бо профессори илмҳои форсшиносӣ, директор ва донишманди аршад Эдмунд Ҳерзиг мулоқот намуда, ҷонибҳо имконоти ҳамкории мустақим бо донишгоҳҳо ва пажӯҳишгоҳи илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва табодули донишҷӯён ва олимони ҷавонро мавриди баррасӣ қарор доданд [9]. Худи ҳамон рӯз сафири Тоҷикистон бо профессорону муҳаққиқон ва унвонҷӯёне, ки корҳои илмии онҳо ба минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон иртибот доранд, мулоқотҳо доир намуд. Дар ҳамин ҳол Сафир ба иштирокдорон дар бораи имкониятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илму маориф ва дигар пажӯҳишгоҳҳои илмии мамлакат маълумоти муфассал дод.

Ҳамкорӣ дар соҳаи илм ва техника барои ҳар ду мамлакат дурнамоҳои калонро ба вуҷуд меоварад. Мубодилаи дониш ва таҷриба дар чунин соҳаҳои босуръат рушдёбанда, аз қабили технологияҳои иттилоотӣ, биотехнология ва тиб метавонад ба кашфиёту навовариҳои нав мусоидат намояд. Таъсиси марказҳо ва озмоишгоҳҳои муштараки тадқиқотӣ як қадами муҳим дар роҳи татбиқи лоиҳаҳои бузурги илмӣ хоҳад буд, ки ҳам ба Тоҷикистон, ҳам ба Британияи Кабир фоида меорад.

То имрӯз миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо ҳамкориҳои тиҷоратӣ ба роҳ монда шуда, заминаи устувори ҳуқуқӣ дар соҳаи илм ташаккул ёфтааст. Соли 1994 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вазоратҳои маорифи мамлакатҳои Аврупо, аз қабили Британияи Кабир, Фаронса, Олмон, Италия, , Белгия, Австрия ва ғайра як қатор созишномаҳо ба имзо расонид [6, 47]. Ин робитаҳои илмӣ илмҳои табиатшиносӣ ва инсоншиносиро дар бар мегиранд.

Саҳми арзандаро Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи илми Тоҷикистон доранд.

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи илм дар давраи таҳқиқ майли инкишоф додани илмҳои табиатшиносӣ ва инсоншиносӣ буд. Ба ин муносибат Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо кӯшишҳои худро зимни таҳияи масоили дорои аҳамияти калони илмӣ муттаҳид намуд. Дуруст хисоб карда мешуд, ки ҳалли якҷояи масъалаҳои илмӣ ба инкишофи илм, инкишофи эҷодии худи олимон, мустаҳкам шудани дӯстӣ ва ҳамкории байни халқҳо кумак мекунад.

Олимони ҷумҳурӣ, монанди олимони ҳамаи мамлакатҳои иттиҳоди Аврупо кӯшиш карданд, ки таҳқиқоти худро бо масъалаҳои аҳамияти муҳими амалӣ алоқаманд кунанд. Дар давраи таҳқиқ алоқаҳои илмии байни мамлакатҳои Аврупо асосан байни муассисаҳои таҳқиқоти илмии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои Академияи илмҳо ва марказҳои таҳқиқоти илмии давлатҳои Иттиҳоди Аврупо, аз ҷумла Британияи Кабир ба роҳ монда шуданд. Барои роҳбарӣ тавассути таҳқиқотҳои якҷоя шӯроҳои доимо амалкунандаи байналхалқии илмӣ ташкил карда шуданд. Дар натиҷаи таҳқиқоти якҷоя дар ҷумҳурӣ баъзе натиҷаҳои мусбат ба даст оварда шуданд. Барои ҷамъбасти натиҷаҳо машваратҳо барпо карда мешуданд, ки дар онҳо намояндагони Академияи фанҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо иштирок мекарданд. Яке аз шаклҳои ҳамкориҳои илмии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо, аз ҷумла Британияи Кабир, иштироки олимони тоҷик дар вохӯриҳо, конфронсҳо, симпозиумҳо ва экспедитсияҳои илмии минтақавӣ ва байналмилалӣ, омодасозии кадрҳои соҳибхтисос, нашри муштараки корҳои илмӣ ва табодули мунтазами комёбиҳои илмӣ ба шумор мерафт. Байни олимони Тоҷикистон ва олимони мамлакатҳои Аврупо-аъзои Иттиҳоди Аврупо робитаи зич барқарор карда шуданд.

Илова бар ин, дар чаҳорчӯби ҳамкориҳо олимони Тоҷикистон аз донишгоҳҳои Иттиҳодияи Аврупо дидан мекарданд. Ҳамин тавр, соли 2007 академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон П.Б. Бобоҷонов бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар омӯзиши робитаи байни астероидҳои наздик ба Замин ва тӯдаи метеороидҳо ба Муассисаи таҳсилот олии Малика Марияи Лондон (Лондон, Британияи Кабир) ташриф овард. Мутобиқи робитаҳои мутақобилаи илмӣ, баъзе олимони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои ҷамъиятҳои илмии мамлакатҳои Аврупо мебошанд. Масалан, академик П.Б. Бобоҷонов узви Ҷамъияти байналмилалии астрономии Британияи Кабир, Созмони байналмилалии метеорҳо, IAU, COSPAR ва EAAO; Н.Н. Коновалов - узви Ҷамъияти астрономии Аврупо ва Осиё (EAAS); О.А Алиев - узви ҷамъияти геофизикии Аврупо мебошанд, ва ғайра [10].

22 майи соли 2024 Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода дар Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Британияи Кабир бо донишҷӯёни тоҷик, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии Лондон таҳсил мекунанд, мулоқот намуд. Вазири маориф ва илми Тоҷикистон аз дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба масъалаҳои омодасозии донишҷӯёни тоҷик, иштироки фаъолонаи онҳо дар чорабиниҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Британияи Кабир, стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» ва нақши он дар тарбияи ҷавонон ёдрас намуд [4].

13 январи соли 2025 ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода бо мудири намояндагии Шӯрои Британия дар Тоҷикистон ва роҳбари бахши мамлакатҳои Осиёи Марказӣ хонум Дениз Уоддингем, директори Донишкадаи Норвичи таълими забонҳо (NILE) ва намояндагони Сафорати Британияи Кабир дар Тоҷикистон мулоқот анҷом дод. Дар ҷараёни вохӯрӣ ҷонибҳо оид ба тавсеаи ҳамкориҳои судманд изҳори назар карда, дурнамои ҳамкориҳои донишгоҳ бо Шӯрои Британия ва сохторҳои онро баррасӣ намуданд.

Бояд қайд кард, ки Шӯрои Британия ба омӯзиши забон ва фарҳанги англисӣ дар Тоҷикистон таваҷҷуҳи хоса дошта, мақсад дорад дарояндаи наздик самтҳои табодули академии донишҷӯён ва устодонро фаъол намуда, ба ин васила дар рушди илм саҳм гузорад.

Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки ҳамкориҳоро фаъол намуда, дар ояндаи наздик дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон байни Донишгоҳи давлатии

омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва Донишкадаи Норвичи таълими забонҳо (NILE)-и Британияи Кабир ёддошти тафоҳум ба имзо расонанд [3].

Сайёҳӣ боз як соҳаи ояндадорро барои ҳамкорӣ байни Тоҷикистон ва Британияи Кабир мекушояд. Тоҷикистон бо мероси бойи фарҳангӣ ва манзараҳои табиии дилфиреби худ, сайёҳони бештари Британияро ҷалб мекунад. Дар солҳои охир, таваҷҷуҳ ба экотуризм ва туризми фарҳангӣ дар мамлакат афзоиш ёфтааст, ки ин ба рушди инфрасохтори сайёҳӣ мусоидат мекунад.

Ширкатҳои сайёҳии Британия Тоҷикистонро ҳамчун самти ҷолиб фаъолона тарғиб мекунанд, ки ин ба сайёҳон имкон медиҳад бо табиат ва фарҳанги беназири мамлакат шинос шаванд. Дар ҷавоб, мақомоти Тоҷикистон барои беҳтар кардани шароити будубоши сайёҳон, рушди соҳаи меҳмонхонадорӣ ва шабакаи нақлиёт талош мекунанд.

Тоҷикистон имкониятҳои сайёҳии худро дар намоишгоҳи байналмилалии «World Travel Market», ки аз 6 то 8 ноябр дар Лондон баргузор шуд, муаррифӣ кард. Дар тӯли се рӯз намоишгоҳ намояндагони ширкатҳои сайёҳӣ, фурудгоҳҳо, меҳмонхонаҳо ва ВАО аз тамоми ҷаҳонро ҷамъ овард. Иштирокчиён таҷрибаи худро мубодила карда, вохӯриҳои корӣ гузаронида, шартномаҳо бастанд.

Ҳайати Тоҷикистон, ки бори дуюм дар ин форуми бонуфузи ҷаҳонӣ ширкат варзид, сатҳи баланди намоиши имкониятҳои сайёҳии мамлакатро нишон дод. Ин чорабини аз рӯи дастури Ҳукумат ва бо дастгирии Сафорати Тоҷикистон дар Британияи Кабир имконпазир гардид. Бори аввал дар намоишгоҳ толори Тоҷикистон масоҳати назаррасро ишғол намуда, имкониятҳои сайёҳии ҷумҳуриро бо иштироки доираи васеи мутахассисони соҳа, ширкатҳо, соҳибкорон, роҳбаладҳо ва рӯзноманигорон муаррифӣ кард [1].

10 сентябри соли 2024 дар Лондон Сафорати Тоҷикистон бахшида ба 33-юмин солгарди Истиқлолияти Ҷумҳурӣ қабули расмӣ ва намоишгоҳи фарҳангӣ баргузор кард. Тибқи иттилои Вазорати корҳои хориҷии ҶТ, дар чорабинӣ намояндагони ҳукумати Британияи Кабир, Вазорати корҳои хориҷӣ, корпусҳои дипломатӣ, тиҷорат, доираҳои илмӣ ва ҳамватанони муқими хориҷа иштирок карданд [2].

Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Британияи Кабир Рухшона Эмомалӣ дар суханронии худ аҳамияти истиқлолият, дастовардҳои Тоҷикистон зери роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва рушди муносибатҳои дуҷониба бо Британияи Кабирро таъкид кард.

Барномаи фарҳангӣ намоиши мӯди дизайнерҳои тоҷик Хуршед Сатторов ва Умед Қӯчқалиевро дар бар гирифт, ки либосҳои миллӣ ва таърихи нақшҳои тоҷикро муаррифӣ карданд. Шоми чорабинӣ бо иҷрои оҳанги анъанавӣ дар скрипка аз ҷониби ҳунарманди тоҷик Муҳаммадвалӣ Орзуев ҷамъбаст шуд [2].

Дар хулоса бояд қайд кард, ки табодули арзишҳои фарҳангӣ миёни Тоҷикистон ва Шоҳигарии Муттаҳида дар соҳаи маориф, илм, мусиқӣ, санъат ва адабиёт аҳамияти калон дошта, он на танҳо таҷрибаи фарҳангӣ ва гуногунии донишҳоро ғанӣ мегардонад, балки инчунин равобитро байни одамон таҳким бахшида, ҳамдигарфаҳмиро вусъат бахшида, ба рушди ҳамоҳанг ва созандаи ҷомеаҳо мусоидат мекунад. Истифодаи механизмҳои гуногуни мубодила, ба монанди зудҳаракатии донишҷӯён ва олимон, ҳамкорӣ дар соҳаи илм, ташкили барномаҳои мубодила, рӯнамоҳо ва чорабиниҳои муштараки эҷодӣ, ба наздикшавии фарҳангҳо ва ғояҳои гуногун, густариш ёфтани имкониятҳои таҳсилотӣ ва таҳқиқотӣ мусоидат мекунад.

Табодули фарҳангӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Муттаҳида барои эҳтиром ва ҳифзу нигоҳдории мероси фарҳангӣ аз аҳамияти калон бархӯрдор буда, ҳамчун абзори муқтадири рушди ҷомеаи таҳаммулпазир ва гуногунранг хизмат мекунад. Табодули арзишҳои фарҳангӣ ба баланд бардоштани сатҳи маориф, рушди илм ва санъат, муҳайё сохтани равобити қавӣ миёни халқҳо мусоидат мекунад. Ниҳоят, муҳим аст чунин табодул тавассути дастгирии ҳамкорӣ байни муассисаҳои таҳсилот, ташкилотҳои фарҳангӣ ва

шахсони алоҳида, мусоидат ба ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкорӣ ба хотири ҷаҳони ҳамоҳанг ва эҳтиромгузор идома ва тақвият дода шавад.

АДАБИЁТ:


1. .«World Travel Market». Имконияти сайёҳии Тоҷикистон дар намоишгоҳи сайёҳӣ дар Лондон муаррифӣ гардид.Манбаи электронӣ: https:// khovar.tj/2023/11/world-travel-market-imkoniyati-sajyo-ii-to-ikiston-dar-namoishgo-i-sajyo-dar-london-muarrif-shud/
2. В Лондоне отметили 33-ю годовщину независимости Таджикистана. Источник: https://centrasia.institute/v-londone-otmetili-33-u-godovshiny-nezavisimosti-tadjikistana.html. 25.09.2024.
3. Густариши ҳамкориҳо бо Шӯрои Британияи Кабир ҷиҳати рушди омӯзиши забони англисӣ. https://oila.tj/news/muoironi-menatii-toik-ba-britaniyai-kabir-meravand?ysclid=mdy439m7ur743291001.
4. Министр образования и науки Таджикистана в Лондоне встретился с таджикскими студентами. Душанбе, /НИАТ «Ховар». Май 22, 2024 15:17
5. Отношения между Республикой Таджикистан и Соединенным Королевством в сфере образования - https://asiaplustj.info/en/news/tajikistan/society/20180831/cwa-tajikistan-opens-its-doors-to-pupils
6. Саидов, З. Таджикистан: межгосударственные отношения в период становления внешней политики / З. Саидов. Третье издание. - Душанбе, 2012. - 466 с.
7. Сегодня в Душанбе начала функционировать школа кембриджской академии! https://tajsohtmon.tj/ru/news_ru/2147-segodnya-v-dushanbe-nachala-funkcionirove-i-za-rubezhom.html 1-09-2018, 12:13
8. Cambridge Worldwide Academy Tajikistan. Манбаи электронӣ: https://www.cwa.tj
9. Сомонаи ВКХ ҶТ. Сафари кории Сафири Тоҷикистон ба Донишгоҳи Оксфорд. 21.11.2019 11:28.
10. Халимова М. Некоторые вопросы сотрудничества Республики Таджикистан и Евросоюза в области науки в период независимости // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия гуманитарных наук. №5(61)-2014. -С.152-160


## ОТНОШЕНИЯ ТАДЖИКИСТАНА С ВЕЛИКОБРИТАНИЕЙ В СФЕРАХ КУЛЬТУРЫ, ОБРАЗОВАНИЯ, НАУКИ И ТУРИЗМА


Автор статьи рассматривает отношения Таджикистана с Великобританией в области культуры, образования и туризма, подчеркивая их устойчивое развитие в последние десятилетия, охватывающее различные сферы: культуру, образование, спорт и туризм. Такое многостороннее сотрудничество способствует укреплению двусторонних связей и взаимовыгодному обмену опытом между двумя странами. Таким образом, сотрудничество между Таджикистаном и Великобританией в указанных областях активно развивается и углубляется. Взаимодействие в этих сферах не только укрепляет двусторонние связи, но и способствует эффективному обмену опытом, обогащая обе страны. Дальнейшее развитие этих направлений является залогом создания прочной основы для долгосрочного партнерства и углубления взаимопонимания между народами Таджикистана и Великобритании. Культурные мероприятия, включающие организацию выставок, концертов, кинопоказов и фестивалей, посвященных культуре Таджикистана и Великобритании, способствуют знакомству с богатым культурным наследием обеих стран.

Делается вывод, что сотрудничество в сферах культуры, образования, науки и туризма между Таджикистаном и Великобританией является важным аспектом культурного обмена, способствующим не только развитию образования и науки в обеих странах, но и укреплению связей между людьми, помогая обмену знаниями, опытом и идеями.

***Ключевые слова***: *Республика Таджикистан, Великобритания, двусторонние отношения, культура, образование, наука, гуманитарный обмен, академический обмен, таджикские студенты, финансирование, Кембриджская академия.*

## RELATIONS BETWEEN TAJIKISTAN AND THE UNITED KINGDOM IN THE FIELDS OF CULTURE, EDUCATION, SCIENCE AND TOURISM

The author of the article examines the relations between Tajikistan and the United Kingdom in the spheres of culture, education, and tourism, emphasizing their steady development in recent decades, which encompasses various areas such as culture, education, sports, and tourism. Such multifaceted cooperation contributes to strengthening bilateral ties and mutually beneficial exchange of experience between the two countries.Thus, cooperation between Tajikistan and the United Kingdom in these fields is actively developing and deepening. Interaction in these areas not only strengthens bilateral relations but also promotes effective exchange of experience, enriching both countries. The further development of these areas serves as a foundation for establishing a solid basis for long-term partnership and enhancing mutual understanding between the peoples of Tajikistan and the United Kingdom.Cultural events—including exhibitions, concerts, film screenings, and festivals dedicated to the culture of Tajikistan and the United Kingdom—help introduce audiences to the rich cultural heritage of both nations.

It is concluded that cooperation in the fields of culture, education, science, and tourism between Tajikistan and the United Kingdom is an important aspect of cultural exchange, contributing not only to the development of education and science in both countries but also to strengthening people-to-people ties, facilitating the exchange of knowledge, experience, and ideas.

***Keywords:*** *Republic of Tajikistan, United Kingdom, bilateral relations, culture, education, science, humanitarian exchange, academic exchange, Tajik students, funding, Cambridge Academy.*

**Маълумот дар бораи муаллиф**: Иброҳимов Исроил Нуралиевич, Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, докторант (PhD). Суроға 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,33. Тел.:(992) 904544850.
E-mail: isik19_95@mail.ru

**Сведения об авторе:** Иброхимов Исроил Нуралиевич– Институт изучения проблем стран Азии и Европы истории, НАНТ, доктор PhD. 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел.: (992) 904544850. E-mail: isik19_95@mail.ru

**Information about the author**: Ibrohimov Isroil Nuralievich - Institute of studying of the problems of Asian and European countries, National Academy of Sciences of Tajikistan, doctoral student, PhD. 734025. Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki avenue, 33. Phone: (992) 904544850. E-mail: isik19_95@mail.ru

# МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА СОЗМОНИ АМНИЯТ ВА ҲАМКОРӢ ДАР АВРУПО :ҲОЛАТ ВА ДУРНАМО

**Махмедов М. Т.**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Дар мақолаи мазкур тавсифи муносибатҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо мавриди барраси қарор дода шудааст. Маврид ба зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ба даст овардани Истиқлоли сиёсӣ ҳамкориҳои бисёрҷонибаи худро дар партави сиёсати дарҳои кушода таҷдид ва тақвият намуд. Дар ин замина Ҳукумати Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ҳамкориҳои густурдаро ба роҳ мондааст. Яке аз созмонҳои байналмилалие, ки дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории муштаракро ба роҳ мондааст, ин САҲА маҳсуб меёбад.*

*Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо яке аз созмонҳои бонуфузи байналмилалиест, ки фаъолияташ ба масъалаҳои таъмини амният равона гардидааст. Ин созмон пешгирӣ ва ҳалли низоъҳоро, ки метавонанд ба амнияти минтақавӣ таҳдид эҷод намоянд, ҳамчун яке аз вазифаҳои асосии худ муайян кардааст. Омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи ҳамкориҳои САҲА бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо ифротгароии хушунатомез пайваста мавриди таваҷҷуҳи олимон ва муҳаққиқони соҳаи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ қарор дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, САҲА, созишнома, сиёсати хориҷӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳамкориҳо, рушд, амният, экология, дипломатия.*

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар конференсияи байналмилалии сатҳи баланд таҳти унвони “Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон” мавқеъ ва саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар таъмини амнияти минтақа ва ҷаҳон таъкид намуда, иброз доштанд:

“Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хатти аввали мубориза бо хатари ифротгароӣ ва терроризм қарор дошта, на танҳо минтақа, балки қаламравҳои фаротар аз онро аз оқибатҳои фалокатбори ин зуҳурот ҳимоя мекунад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти вазъи мураккаби минтақа ва таҳкими доимии ҳифзи сарҳади давлатӣ аҳаммияти хоса зоҳир намуда, барои пешгирии интиқоли фаросарҳадии ҷангҷӯёни террорист, қочоқи моводи мухаддир, силоҳ ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ тадбирҳои зарурӣ меандешад. Тоҷикистон дар ҳамаи кӯшишҳо ва тадбирҳои байналмилалӣ ҷиҳати решакан кардани ин зуҳуроти номатлуб фаъолона иштирок намуда, ба яке аз аъзои фаъоли ҷомеаи байналмилалии зиддитеррористӣ табдил ёфтааст” [5].

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин дар суханрониҳо ва мулоқотҳои худ дар дохил ва хориҷи кишвар, аз ҷумла дар минбари Созмони Милали Муттаҳид, пайваста таъкид менамоянд, ки таъмини амният танҳо вазифаи як давлат ё миллат нест, балки масъулияти дастаҷамъии тамоми башарият мебошад. Мубориза бар зидди таҳдидҳои радикализми сиёсӣ, экстремизми динӣ ва терроризми байналмилалӣ ҳамгироии кишварҳои минтақа ва ҷаҳонро дар чаҳорчӯби созмонҳои минтақавию байналмилалӣ тақозо менамояд. Зеро ин таҳдидҳо хусусияти фаромарзӣ ва фароминтақавӣ дошта, дар ҷаҳони муосир ба хатари ҷиддии байналмилалӣ табдил

ёфтаанд. Аз ин рӯ, ҷомеаи ҷаҳонӣ барои муайян намудани сабабҳо, омилҳо ва роҳу усулҳои самарабахши мубориза бар зидди терроризм пайваста талош менамояд.

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли 35 соли соҳибистиқлолӣ устувор ва бисёрсамта ташаккул ёфтааст. Дар шароити таҳдидҳои муосири ҷаҳонӣ, аз қабили терроризм ва тундгароӣ, таҳкими ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла САҲА, аҳаммияти хоса касб менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз тағйирёбии вазъи байналмилалӣ, муносибатҳои дӯстона ва дипломатии худро бо кишварҳои минтақа, Иттиҳоди Аврупо ва созмонҳои байналмилалӣ пайваста рушд дода, иштироки фаъолона дар конференсияҳо, саммитҳо ва нишастҳои амниятии САҲА дорад.

Айни ҳол ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА бо дарназардошти дурнамои сиёсати хориҷии кишвар ва афзалиятҳои он дар ченакҳои ҳарбӣ-сиёсӣ, иқтисодию экологӣ ва инсонӣ дар сатҳи қаноатбахш қарор дорад. Ин ҳамкорӣ бахусус самтҳои ислоҳоти милитсия, пешгирии коррупсия, мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ, зӯроварӣ дар оила, масъалаҳои гендерӣ, ҳуқуқи инсон, амнияти сарҳадӣ, поксозии башардӯстонаи минаҳо ва рушди иқтисодию экологиро фаро мегирад [14].

САҲА зиёда аз се даҳсола аст, ки фаъолияти худро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон — ҳамчун яке аз шарикони боэътимод — ба роҳ монда, дар таҳкими сулҳу субот саҳми назаррас мегузорад. Терроризм ва ифротгароӣ имрӯз на танҳо мушкили як кишвар ё минтақа, балки хатари фаромарзӣ ва фароминтақавии ҷаҳонӣ маҳсуб ёфта, ҷомеаи байналмилалиро ба ҳамкории дастаҷамъона водор сохтааст. Дар чунин шароит таъмини амнияти байналмилалӣ ба яке аз масъалаҳои ҳаётан муҳими инсоният табдил ёфтааст.

Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо яке аз созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ба шумор рафта, имрӯз 57 кишвар, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистонро муттаҳид месозад. Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА аз соли 1994 оғоз ёфта, дар ин давра ҳамкорӣ дар самтҳои амният, ҳамкории минтақавӣ, идоракунии сарҳад, мубориза бо экстремизм ва радикализатсияи хушунатомез ба роҳ монда шудааст. САҲА дар Тоҷикистон дафтари намояндагии худро таъсис дода, бо Ҳукумати кишвар дар доираи барномаҳои дорои манфиати муштарак фаъолият менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон САҲА-ро ҳамчун василаи муҳими муборизаи дастаҷамъона бо хатару чолишҳои муосир, майдони муассири ҳалли ихтилофот ва абзори таҳкими амнияту субoти ҷаҳонӣ арзёбӣ намуда, бо ҳадафи саҳмгузорӣ дар ташаккули низоми одилонаи муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллии худ дар фаъолияти он фаъолона иштирок менамояд [6].

Дар шароити нави ҷаҳонӣ таъмини амнияти байналмилалӣ яке аз масъалаҳои ҳаётан муҳими инсоният ба шумор меравад. Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) яке аз созмонҳои бонуфузи байналмилалиест, ки фаъолияташ ба таъмини амният, пешгирӣ ва бартарафсозии низоъҳое равона шудааст, ки ба сулҳу субoти минтақавӣ ва байналмилалӣ таҳдид мекунанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо кишварҳои аъзои САҲА пайваста талош менамояд, ки ба таври дастаҷамъона таҳдидҳои мавҷуд ба ҳаёти инсонӣ пешгирӣ гардида, ҳамзамон ҷомеаи ҷаҳонӣ аз хатарҳои навини амниятӣ сари вақт огоҳ карда шавад.

Дар изҳороти худ Дабири кулли Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо Томас Гремингер зимни конференсияи матбуотӣ пас аз мулоқот бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 4 майи соли 2018 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, чунин таъкид намуд:

“Пеш аз ҳама мехостам ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои мулоқоти созандае, ки баргузор шуд, изҳори сипос намоям. Мо ҳамкории деринаи миёни САҲА ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ҳанӯз соли 1994 оғоз ёфтааст, мавриди баррасӣ қарор додем. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкори муҳимми САҲА дар Осиёи Марказӣ боқӣ мемонад. Кори муштараки мо тамоми се ченаки амният — ҳарбӣ-сиёсӣ, иқтисодию экологӣ ва ҳуқуқи инсонро фаро мегирад. САҲА омода аст кӯмаки худро мутобиқ ба ниёзҳо ва афзалиятҳои Ҳукумати Тоҷикистон расонад. Ҳамзамон, мехостам ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои даъват ба конференсияи сатҳи боло оид ба муқовимат ба терроризм ва пешгирии ифротгароии шадид миннатдорӣ баён намоям” [9].

Тибқи таҳлилҳои олимони соҳаи сиёсатшиносӣ, дар шароити ҷаҳони муосир ҳеҷ як кишвар ё созмон наметавонад бидуни ҳамкорӣ бо дигарон фаъолияти самаранок дошта бошад. Аз ин рӯ, кишварҳо бояд нишастҳо, мулоқотҳо, аз ҷумла вохӯриҳои маҷозиро густариш дода, масъалаҳои марбут ба пешгирии хатарҳо ва таъмини амниятро тавассути муколама ва созишномаҳои нав баррасӣ намоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо татбиқи Консепсияи сиёсати хориҷии худ тавонистааст бо давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ҳамкориҳои судмандро ба роҳ монда, ҳамчун кишвари соҳибистиқлол, дунявӣ ва пайрави меъёрҳои Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шавад.

26 феврали соли 2024 дар шаҳри Душанбе вохӯрии Раискунандаи Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо бо Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид. Зимни мулоқот Раискунандаи САҲА қайд намуд:

“Имсол сисолагии ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА таҷлил карда мешавад. Дар тӯли ин солҳо садҳо лоиҳаҳои дуҷониба дар соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ амалӣ гардидаанд. Ҳангоми мулоқот масъалаи таҳкими амнияти сарҳад ва афзалиятҳои ҳамкории минбаъда мавриди баррасӣ қарор гирифтанд”.

Ян Борг ҳамчунин зикр намуд, ки дар мулоқот масъалаҳои муҳими минтақавӣ, аз ҷумла вазъи Афғонистон, баррасӣ гардида, ҷонибҳо зарурати густариши ҳамкории судманд бо шарикони байналмилалиро ҷиҳати таъмини сулҳу субот дар минтақа таъкид намуданд.

Раискунандаи САҲА, Вазири корҳои хориҷӣ, аврупоӣ ва савдои Ҷумҳурии Малта Ян Борг зимни изҳороти худ чунин қайд намуд: “САҲА ва Ҷумҳурии Малта кумак ва ҳамкориро бо мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон идома хоҳанд дод” [11].

Тавре маълум аст, масъалаи марз барои ҳар як давлат яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳаётан зарурӣ ба шумор меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҷойгир буда, бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳаммарз мебошад. Бо дарназардошти ин омил, САҲА ҳамчун созмоне, ки яке аз самтҳои асосии фаъолияти он ба масъалаҳои марбут ба идоракунӣ ва амнияти сарҳадҳо равона шудааст, дар ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳкими амнияти сарҳадӣ талошҳои пайваста ба роҳ мондааст. Баргузории мулоқотҳо ва вохӯриҳо дар ин самт, пеш аз ҳама, ба огоҳсозии кишварҳои минтақа аз вазъиятҳои эҳтимолии пешгӯинашаванда нигаронида шудааст. Зеро таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мустақим ба таъмини амнияти Осиёи Марказӣ ва минтақаҳои ҳамҷавор алоқаманд мебошад.

Ҳамзамон, маблағгузории барномаҳо ҷиҳати боз ҳам мустаҳкам намудани инфрасохтори сарҳадӣ, ҳифзи муҳити зист ва дигар самтҳои афзалиятнок равона гардида истодааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар навбати худ бо тамоми созмонҳои

байналмилалӣ, аз ҷумла САҲА, баҳри пешрафт ва таъмини амнияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ҳамкории ҳамаҷониба ба роҳ мондааст.

Роҳбари Дафтари САҲА дар шаҳри Душанбе, Сафир Вилли Кемпел, дар брошюраи "30 соли таҳкими сулҳ, субот ва амният: фаъолияти Дафтари САҲА дар Тоҷикистон" чунин таъкид менамояд:

"Мо барои он дар ин ҷо ҳастем, ки ба амнтар ва шукуфон гардидани Тоҷикистон мусоидат намоем, то ин раванд ба фоидаи ҳар як нафаре бошад, ки дар ин кишвар зиндагӣ мекунад. Барои расидан ба ин ҳадаф, мо бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар саросари кишвар ҳамкории зич дорем, то боварӣ ҳосил кунем, ки фаъолияти мо ба ниёзҳои воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад".

Дар Дафтари САҲА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маводи иттилоотӣ, аз ҷумла маҷаллаҳо ва брошюраҳо ба нашр мерасанд, ки самтҳои асосии фаъолияти созмонро фаро мегиранд. Фаъолияти САҲА дар кишвар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла амнияти киберӣ, озодии воситаҳои ахбори омма, назорат аз болои силоҳ, масъалаҳои ақаллиятҳои қавмӣ, рушди иқтисодӣ, равандҳои интихоботӣ, пешгирӣ ва ҳалли низоъҳо, маориф, мубориза бо савдои одамон, идоракунии хуб, баробарии гендерӣ, демократикунонӣ, таҳаммулпазирӣ, ислоҳоти бахши амният, волояти қонун, мубориза бо таҳдидҳои фаромиллӣ, идоракунии сарҳад, муқовимат ба терроризм, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, ҳуқуқи инсон, ҳифзи муҳити зист ва сиёсати ҷавононро дар бар мегирад.

Дар ин раванд, нақши созмонҳои минтақавӣ, аз қабили Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (минбаъд СААД), Созмони ҳамкории Шанхай (минбаъд СҲШ), Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд ИДМ), инчунин ниҳодҳои байналмилалии дорои мандати амниятӣ ва рушд, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, ба таври назаррас эҳсос мегардад. Ин созмонҳо ба кишварҳои Осиёи Марказӣ имконият фароҳам меоранд, ки механизмҳои ҳамкории мустақилонаро рушд дода, эҳтимоли мунокишаҳо коҳиш ёфта ва сатҳи суботи дастаҷамъӣ тақвият дода шавад [1].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ин созмонҳоро ҳамчун шарикони боэътимоди худ арзёбӣ намуда, уҳдадориҳои байналмилалии худро дар назди САҲА ва дигар созмонҳои бонуфуз дар самтҳои ҳуқуқи инсон, ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ пайгирона дастгирӣ ва иҷро менамояд. САҲА яке аз бузургтарин созмонҳои амнияти минтақавӣ дар ҷаҳон маҳсуб ёфта, 57 давлатро дар бар мегирад.

Таъмини амният яке аз масъалаҳои меҳварии фаъолияти САҲА ба шумор рафта, ҷомеаи ҷаҳониро ба пешгирии хатарҳои навини амниятӣ ҳидоят менамояд. Бояд таъкид намуд, ки дар асри XXI таҳдидҳои глобалӣ, аз қабили терроризм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар зуҳуроти номатлуб, ба амнияти байналмилалӣ хатари ҷиддӣ эҷод мекунанд [3].

Фаъолияти САҲА дар самти пешгирӣ ва муқовимат ба ифротгароӣ ва тундравии хушунатомез, ки метавонад ба терроризм оварда расонад, аҳаммияти махсус дорад. Дар ин замина, намояндагони фаъоли ҷомеа бо шаҳрвандон, аз ҷумла дар мактабҳо, донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, суҳбату чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ баргузор менамоянд. Ҳамзамон, ба истифодаи оқилона ва масъулиятноки телефонҳои мобилӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ бо зиракии сиёсӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда мешавад.

Тибқи Фарҳанги истилоҳоти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳуми «амният» ҳамчун маҷмӯи тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва маъмурию

сиёсӣ маънидод мешавад, ки тавассути онҳо ҳолати ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳими шахс, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин аз ҳодисаҳо ва таъсири зарарноки омилҳои муҳити зист таъмин мегардад [2].

Ҳеҷ як давлат бидуни ваҳдати миллӣ наметавонад устувор ва пойдор бошад. Дар ин замина, дастовардҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, яке аз бузургтарин дастовардҳои давлати соҳибистиқлол ба ҳисоб меравper. Солҳои тӯлонӣ Пешвои миллат баҳри озодӣ, рушди устувор ва пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ҷиҳати таъмини сулҳ, амният ва субот пайваста талош намуда, аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид ҷомеаи ҷаҳониро ба сулҳу дӯстӣ ва ҳамзистии осоишта даъват менамоянд.

Интихоби муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси сарвари давлат дар солҳои 1991–1992 санҷиши ҷиддии мардонагӣ, ҷасорат, масъулиятшиносӣ ва ватандӯстӣ ба шумор мерафт. Маҳз ҳамин сифатҳо замина гузоштанд, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари сулҳпарвар ва дорои суботи устувор ҳам дар минтақа ва ҳам дар арсаи байналмилалӣ эътироф гардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсояи худ дар минтақаи Осиёи Марказӣ машқҳои муштараки ҳарбӣ баргузор намуда, дар самти пешгирии ҷинояткорӣ, аз ҷумла терроризм ва дигар таҳдидҳои амниятӣ, мавқеи фаъол дорад. Ҳамчунин, соли 2021 бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чорабинии рамзии «Ишораи марз – 2020–2021» баргузор гардид, ки ҳамчун бонги ҳушдор барои тамоми сохторҳои қудратӣ ва ҷомеа равона шуда, ҳадафи он таҳкими зиракии сиёсӣ, бедордилӣ ва омодагии доимӣ ба ҳар гуна таҳдидҳо буд. Ин иқдом тавассути воситаҳои ахбори оммаи кишвар ба таври васеъ инъикос гардид.

Бояд қайд намуд, ки Дафтари САҲА оид ба ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи башар ба давлатҳои аъзо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ барои пешбурди демократия, волоияти қонун, ҳуқуқи инсон, таҳаммулпазирӣ ва ғайриқудратӣ дастгирӣ ва кумак мерасонад.[4]

Дафтари кории САҲА дар шаҳри Душанбе ҳамкории худро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон равона сохта, доимо дар чорабиниҳо, нишастҳо ва барномаҳои омӯзишӣ дастгирии пайваста менамояд. Эълон гардидани соли 2024 ҳамчун соли "маърифати ҳуқуқӣ" аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баланд бардоштани сатҳи дониш, худшиносии миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ равона гардидааст.

5 январи соли 2026 дар шаҳри Вена мулоқоти Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар САҲА Манучеҳр Ҷобир бо Дабири кулли ин созмон, ҷаноби Феридун Синирлиоғлу, доир гардид. Зимни вохӯрӣ Намояндаи доимии Тоҷикистон эътимодномаи худро ба Дабири кулли САҲА супорид. Ҷонибҳо ҳамчунин самтҳои асосии ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА-ро дар ченакҳои сиёсии-ҳарбӣ, иқтисодӣ-муҳитзистӣ ва инсонӣ баррасӣ намуданд.[8]

Фаъолияти Дафтари САҲА дар шаҳри Душанбе бо иштироки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор ба самтҳои зерин равона шудааст:

— ислоҳоти милитсия;

— мубориза бо таҳдидҳои амнияти идоракунии сарҳад ва таъмини амнияти сарҳадӣ;

— таълими ҳуқуқҳои инсон ва мусоидат ба риояи онҳо;

— ҷанбаҳои иқтисодӣ ва экологӣ.

Ҳамин тариқ, тавсифи муносибатҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо қметавонанд дар таҳкими сулҳу амният ва субот дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ саҳми назаррас гузоранд. Дар сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, монанди созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла САҲА, мубориза бо таҳдидҳои киберӣ яке аз мавзӯъҳои муҳим дар муносибатҳои дуҷониба мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Азимзода Т.С. Таъмини амнияти минтақавӣ кафолати ҳамгироии муваффақ ва рушди устувори Осиёи Марказӣ. // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025№4/1(75). Душанбе- 2025. С. 423.
2. Каримзода К. Амнияти миллӣ, амнияти конститутсионӣ ва давлат // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025№4/1(75). Душанбе- 2025. С 453.
3. Махмедов М. Нақши САҲА дар таъмини амнияти давлатҳои аъзо // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025№4/1(75) -Душанбе- 2025. С. 459-460
4. Махмедов М.Нақши САҲА дар таъмини амнияти давлатҳои аъзо. // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025№4/1(75).- Душанбе, 2025.- С. 461.
5. Муҳаммадзода П А. Мавқеъ ва саҳми Тоҷикистон ҳамчун сипари боэътимоди минтақа // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният, №4. (4) 2023. с.9-10.
6. Раҳмонзода А. Муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир. Монография. Душанбе : 2022 -171с.
7. Усмонзода Х. Тамаюлоти дигаргуниҳои низоми робитаҳои байналмилалӣ дар даврони зиддиятноки муосир. // Нашрияи ВКХҶТ.№2(03) 2025 .саҳ.45.
8. Вохӯрии намояндаи доимии Тоҷикистон бо Дабири кулли САҲА. https://mfa.tj/tg/brussels/view/18048/ Маводи электронӣ. Сомонаи расмии ВКХҶТ. [Санаи муроҷиат: 28.01.2026]
9. Изҳори дабири кулли САҲА аз Эмомалӣ Раҳмон. Дафтари кории САҲА дар ш.Душанбе. https://www.osce.org/sites/default/files/f/ [Санаи муроҷиат 20.01.2026]
10. Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Дабири кулли Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо эътимоднома супорид. https://khovar.tj/2026/01/ Сомонаи расмии Ховар. Маводи электронӣ.[ Санаи муроҷиат 5.01.2026]
11. Созмони амният ва ҳамкори дар Аврупо ва Малта кумак ва ҳамкориро бо Тоҷикистон тақвият мебахшанд. Сомонаи расмии АМИТ ховар. https://khovar.tj/2024/06/ [Санаи муроҷиат 20.01.2026]
12. Ҳамкории Тоҷикистон бо Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо. https://mfa.tj/tg/main/view/193/ [сайти расмии ВКХҶТ. Маводи электронӣ. Сомонаи муроҷиат 2.01.2026]
14. Ҳамкории Тоҷикистон бо САҲА https://mfa.tj/tg/main/view/193/. Сомонаи расмии ВКХҶТ Маводи электронӣ. [Санаи муроҷиат 8.01.2026]


## ОТНОШЕНИЯ МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И ОРГАНИЗАЦИЕЙ ПО БЕЗОПАСНОСТИ И СОТРУДНИЧЕСТВУ В ЕВРОПЕ: СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ.

В данной статье описываются взаимоотношения Республики Таджикистан и Организации по безопасности и сотрудничеству в Европе (ОБСЕ). Стоит отметить, что,

получив политическую независимость, Республика Таджикистан в свете политики открытых дверей обновила и укрепила многостороннее сотрудничество. В этом контексте правительство Таджикистана установило широкое сотрудничество с международными организациями. Одной из международных организаций, с которой Республика Таджикистан установила совместное сотрудничество в период независимости, является ОБСЕ.

Организация по безопасности и сотрудничеству в Европе является одной из наиболее влиятельных международных организаций, деятельность которой сосредоточена на обеспечении безопасности. Эта организация определила предотвращение и урегулирование конфликтов, которые могут представлять угрозу региональной безопасности, в качестве одной из своих главных задач. Изучение, анализ и исследование сотрудничества ОБСЕ с Республикой Таджикистан в борьбе с насильственным экстремизмом постоянно представляет интерес для ученых и исследователей в области политологии и международных отношений.

**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, ОБСЕ, соглашение, внешняя политика, международные отношения, сотрудничество, развитие, безопасность, экология, дипломатия.

## RELATIONS BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE ORGANIZATION FOR SECURITY AND COOPERATION IN EUROPE: STATUS AND OUTLOOK

This article describes the relationship between the Republic of Tajikistan and the Organization for Security and Cooperation in Europe (OSCE). It is worth noting that, following its political independence, Tajikistan, in the wake of its Open Door Policy, renewed and strengthened multilateral cooperation. In this context, the government of Tajikistan has established extensive cooperation with international organizations. One of the international organizations with which Tajikistan has established cooperation since independence is the OSCE.

The Organization for Security and Cooperation in Europe is one of the most influential international organizations focused on security. This organization has identified the prevention and resolution of conflicts that may pose a threat to regional security as one of its primary objectives. The study, analysis, and research of the OSCE's cooperation with the Republic of Tajikistan in the fight against violent extremism is of ongoing interest to scholars and researchers in the fields of political science and international relations.

**Keywords:** Republic of Tajikistan, OSCE, agreement, foreign policy, international relations, cooperation, development, security, ecology, diplomacy.

**Махмедов Муҳаммадҷон Тоҷидинович** ходими хурди илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Рӯдакӣ, 33. Тел: +992 988885931. E-mail:mahmedov- m@mail.ru

**Makhmedov Muhammadjon Tojidinovich** Junior research fellow, Institute for the Study of Asian and European States, NAST. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe highway, Rudaki street, 33.Тел: +992 988885931. E-mail:mahmedov- m@mail.ru

**Махмедов Муҳаммадҷон Тоҷидинович** Младший научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица Рудаки, 33.Тел: +992 988885931. E-mail:mahmedov- m@mail.ru

## НАҚШИ “НЕРӮИ НАРМ” ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ КОРЕЯИ ҶАНУБӢ

**Файзуллоева Н.Н.**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Дар мақола нақши “нерӯи нарм” дар сиёсати хориҷии Кореяи Ҷанубӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифтааст. Қайд мегардад, ки “нерӯи нарм” барои Кореяи Ҷанубӣ як мафҳуми нав буда, ҳукумати кишвар ба тақвияти он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дипломатияи мардумиро пайваста густариш медиҳад. Инчунин, барои густариши “нерӯи нарм” ва паҳн кардани фарҳанги миллии худ, Кореяи Ҷанубӣ лоиҳаҳо ва барномаҳои гуногунро амалӣ менамояд. Барномаҳои мазкур як амали меҳварии рушди босуръати дипломатияи фарҳангии кишвар ба ҳисоб меравандъ. Дар ин раванд, ширкатҳои кореягӣ, махсусан чеболаҳо, нақши назаррас дошта, барои густариши пайвастаи “нерӯи нарм” сармоягузорӣ кардаанд.*

*Калидвожаҳо: Кореяи Ҷанубӣ, “нерӯи нарм”, Мавҷи Корея, фарҳанг, Вазорати фарҳанг, стратегия.*

Дар замони муосир ва дар шароити бархӯрди фарҳангҳо, “нерӯи нарм” ба яке аз омилҳои меҳварии рушди устувори кишварҳо ва ҳифзи мавқеи онҳо дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, кишварҳои пешрафта ва рӯ ба рушд бо такя ба воситаҳои “нерӯи нарм”, муносибатҳои густурдаву устуворро бо ҳамдигар барқарор намуда, онҳоро пайваста тақвият мебахшанд.

Ба андешаи олими тоҷик А. Ш. Раҳмонзода “Неруи нарм” дар шароити муосир дар арсаи байналмилалӣ нақш ва мақоми махсусро касб намуда, ҷойгиршавии қувваҳо дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ маҳз аз он вобаста аст. Таҳлили амалҳои кишварҳои алоҳида нишон медиҳад, ки маҳз “неруи нарм” барои таъмин намудани имкониятҳои амалӣ гардонидани мақсадҳои асосии сиёсати хориҷӣ ҳамчун омили муҳим ва асосӣ баромад менамояд[2,31]. Кореяи Ҷанубӣ низ ин равандро пайгирона татбиқ намуда, барқарор ва таҳкими муносибатҳои дипломатии худро бо кишварҳои гуногун, пеш аз ҳама, тавассути дипломатияи фарҳангӣ амалӣ мегардонад. Ин кишвар бо мақсади рушди мунтазами “нерӯи нарм"-и худ консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои мукаммали давлатӣ таҳия ва роҳандозӣ карда, онҳоро ҳамчун воситаи муассири таҳкими нуфузи байналмилалӣ истифода мебарад.

“Нерӯи нарм” ҳамчун мафҳуми нисбатан нав дар сиёсати давлатии Кореяи Ҷанубӣ ба яке аз воситаҳои муҳими пешбурди манфиатҳои миллӣ ва таҳкими мавқеи кишвар дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтааст. Давлати Кореяи Ҷанубӣ бо дарки аҳаммияти стратегӣ доштани ин иқтидор, ба рушди пайвастаи он таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд.

Бояд қайд намуд, ки то имрӯз аз ҳисоби буҷаи давлатӣ барои рушди дипломатияи мардумӣ зиёда аз 300 миллиард вон (асъори миллии Корея) ба ҳашт вазорату идораҳои гуногун (ба истиснои Кохи Кабуд) ҷудо гардидааст. Ин нишон медиҳад, ки “нерӯи нарм” дар сиёсати давлатӣ мақоми афзалиятнок касб намудааст.

Дар заминаи таблиғ ва тарғиби арзишҳои фарҳангии миллӣ, Вазорати фарҳанг, варзиш ва сайёҳии Корея аз лиҳози ҳаҷми маблағгузорӣ то ҳол ниҳоди меҳварии пешбарандаи

муносибатҳои фарҳангии байналмилалӣ ба шумор меравад. Фаъолияти он бештар ба густариши фарҳанг, санъат, варзиш ва сайёҳӣ ҳамчун унсурҳои асосии “нерӯи нарм” равона гардидааст. Инчунин, Вазорати корҳои хориҷии Корея дипломатияи фарҳангиро дар чаҳорчӯби ҳадафҳои стратегии сиёсати хориҷӣ татбиқ менамояд. Тафовути асосии он дар он зоҳир мегардад, ки муносибатҳои фарҳангӣ ба таври мустақим бо вазифаҳои дипломатӣ ва манфиатҳои сиёсӣ ҳамоҳанг карда мешаванд.

Вазорати корҳои хориҷӣ дар ин самт фаъолияти худро тавассути созмонҳои зертобеи худ густариш дода, тадриҷан шумораи агентиҳои фаъолро афзоиш медиҳад. Аз ҷумла, Агентии ҳамкории байналмилалии Корея (KOICA), Фонди Корея (KF) ва Бунёди кореягиҳои хориҷӣ (OKF) ҳамчун ниҳодҳои муҳим дар татбиқи дипломатияи фарҳангӣ ва таҳкими муносибатҳои байналмилалии кишвар нақши муассир доранд.

Дар ин замина, низоми ниҳодии рушди “нерӯи нарм” дар Кореяи Ҷанубӣ бо ҳамоҳангии ниҳодҳои давлатӣ ва созмонҳои махсусгардонидашуда ташаккул ёфта, ба таҳкими нуфузи байналмилалӣ ва пешбурди манфиатҳои миллӣ мусоидат менамояд[6,2]. Ҳукумати Кореяи Ҷанубӣ бо мақсади ҷалби кишварҳои хориҷӣ ва таблиғи фарҳанги миллӣ тавассути воситаҳои “нерӯи нарм”, барномаҳо ва лоиҳаҳои гуногунро роҳандозӣ намудааст, ки онҳо заминаи ниҳодии рушди дипломатияи фарҳангии кишварро ташкил медиҳанд. Инчунин, А.Ш. Раҳмонзода таъкид менамояд, ки дар шароити муосир, омили фарҳангӣ, ҳамчун як ҷузъи таркибии “нерӯи нарм” дар сиёсати ҷаҳонӣ, аҳаммияти навро касб намуда, ба равандҳои умумиҷаҳонии иҷтимоиву иқтисодӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ таъсири назаррас мерасонад. Аз ин рӯ, давлатҳои алоҳида барои таъмин намудани самаранокии сиёсати хориҷии худ, дар бисёр мавридҳо аз сиёсати берунаи фарҳангӣ васеъ истифода мебаранд. Сиёсати хориҷии фарҳангӣ метавонад як воситаи самаранок барои пешбурди стратегияи умумии фаъолияти хориҷӣ бошад, ки заминаи устуворро барои амалишавӣ ва нигоҳ доштани манфиатҳои миллӣ дар арсаи байналмилалӣ таъсис медиҳад[2,313].

Яке аз ташаббусҳои муҳими ин самт барномаҳои Агентии ҳамкории байналмилалии Корея мебошанд, ки фаъолияти худро дар бисёр кишварҳои ҷаҳон ба роҳ мондаанд. Хусусияти фарқкунандаи ин барномаҳо дар он аст, ки донишҷӯёни хориҷӣ метавонанд тавассути стипендияҳои давлатии Корея дар донишгоҳҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар таҳсил намоянд. Ин раванд на танҳо ба рушди сармояи инсонӣ мусоидат мекунад, балки ба ташаккули муносибатҳои устувори илмӣ ва фарҳангӣ низ замина мегузорад. Бо ин тартиб, Кореяи Ҷанубӣ тавассути табодули дониш, омодасозии мутахассисон ва ҷалби шаҳрвандони хориҷӣ ба фазои таълимии худ, “нерӯи нарм” ва дипломатияи фарҳангии худро густариш медиҳад. Таҷрибаи мазкур нишон медиҳад, ки маориф ва ҳамкориҳои илмӣ метавонанд ба воситаи муассири таҳкими нуфузи байналмилалӣ табдил ёбанд. Дар мавриди пайдоиши истилоҳи “нерӯи нарм” бояд зикр намуд, ки таърихи ташаккули назариявии он нисбатан кӯтоҳ аст. Ҳанӯз соли 1939 Э.Х. Карр (1892–1982), муаррих, дипломат ва назариячии маъруфи муносибатҳои байналмилалӣ, қудрати давлатро дар муносибатҳои байнидавлатӣ ба се навъ, аз ҷумла “нерӯи низомӣ”, “нерӯи иқтисодӣ” ва нерӯе, ки бар афкору андешаҳо таъсир мерасонад ҷудо намудааст. Ӯ навъи сеюмро барои дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ дар сиёсат муҳим арзёбӣ менамояд. Чунин бардошт дар он давра ба таври густурда

таҳқиқ ва рушд наёфт ва моҳияти он дар таҳлилҳои минбаъдаи назариявӣ камтар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Танҳо дертар ин мафҳум дар доираи таҳқиқоти муносибатҳои байналмилалӣ ба таври низомӣ таҳия ва такмил дода шуд[3, 59].

Ба андешаи Ҷ. Робертсон, мақомоти Кореяи Ҷанубӣ “дипломатияи фарҳангиро на танҳо барои муттаҳид сохтани аудиторияи дохилӣ ва ҷалби хориҷиён роҳандозӣ менамоянд, балки мекӯшанд фаъолияти ҳар ду самтро бо ҳам ҳамоҳанг ва пайваст намоянд”. Ин назария ба хусусияти дуҷонибаи дипломатияи фарҳангӣ ишора мекунад, ки ҳамзамон ба муҳити дохилӣ ва хориҷии сиёсӣ равона гардидааст.

Масъалаҳои марбут ба дипломатияи фарҳангӣ дар осори муҳаққиқони зиёд мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар солҳои охир дипломатияи рӯ ба рӯ бо ҷонибҳои манфиатдор дар ҷомеаи дохилӣ ба яке аз авлавиятҳои сиёсӣ табдил ёфтааст. Дар ин замина, дар сохтори Вазорати корҳои хориҷии Корея Маркази “Дипломатия бо мардум” таъсис дода шуд, ки бо буҷаи нисбатан маҳдуди 5,5 миллион вон фаъолият мебарад.

Таъсиси чунин ниҳод, аз як ҷониб, талоши густариши муколамаи мустақим бо ҷомеаро инъикос менамояд, аз ҷониби дигар, метавонад нишонаи мавҷудияти хавфҳо ва маҳдудиятҳои институтсионалӣ бошад. Муколамаҳо бо намояндагони ҷомеа нишон медиҳанд, ки ҳукумат на ҳамеша маҳдудиятҳои мубодилаи иттилоотиро таъкид мекунад, дар ҳоле ки фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ рӯз ба рӯз ба мустақилияти худ эътимоди бештар зоҳир намуда, бар онанд, ки набояд ба таври худкор бо дурнамои ҳукумат мувофиқат намоянд.

Дар доираи чунин муколамаҳо имкони баҳсҳо оид ба ҷустуҷӯи заминаи муштарак низ мавҷуд аст, зеро ҷомеаи Корея аз лиҳози сиёсӣ то андозае қутбӣ гардида, омода аст масъалаҳои ҳассос ва эҳсосиро ба таври фаврӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ бозтоб диҳад. Дар чунин шароит, дипломатияи фарҳангӣ на танҳо воситаи таҳкими нуфузи хориҷӣ, балки механизми идоракунии муколамаи дохилӣ низ ба ҳисоб меравад[6,3].

Солҳои охир таваҷҷуҳи таҳлилгарон ва сиёсатмадорони дохилӣ ва хориҷӣ ба дипломатияи фарҳангӣ ва “нерӯи нарм”-и Кореяи Ҷанубӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Рушди пайвастаи “нерӯи нарм”-и кишвар мавриди омӯзиш ва арзёбии ҳамаҷониба қарор гирифта, махсусан унсурҳои асосии он ва роҳҳои густариши дипломатияи фарҳангӣ дар осори илмӣ таҳлил шудаанд. Дар ду даҳсолаи охир “нерӯи нарм”-и Кореяи Ҷанубӣ ба таври назаррас тавсеа ёфта, Ҳукумати кишвар ҷиҳати таҳкими минбаъдаи он тавассути дипломатияи фарҳангӣ тадбирҳои мақсаднок меандешад.

Дар ҳоле ки стратегҳои кореягӣ иқтидори “нерӯи нарм”-ро дар минтақаҳои дур, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, Амрикои Лотинӣ ва Африқо арзёбӣ менамоянд, таваҷҷуҳи асосии онҳо бештар ба нақши стратегии кишвар дар Осиёи Шимолу Шарқӣ равона гардидааст. Хусусан дар доираи муносибатҳои сеҷониба миёни Кореяи Ҷанубӣ, Чин ва Ҷопон “нерӯи нарм” ҳамчун воситаи муҳими мувозинати қудрат арзёбӣ мегардад. Бо дарназардошти маҳдудияти қудрати сахт дар муқоиса бо ду қудрати дигари минтақа, Кореяи Ҷанубӣ метавонад тавассути захираҳои “нерӯи нарм” мавқеи худро таҳким бахшад. Аз ин рӯ, муносибатҳои сеҷониба яке аз самтҳои мураккабтарин, вале муҳимтарини сиёсати хориҷии кишвар ба ҳисоб меравconfiguration.

Ба андешаи Ю. Соҳн, стратегияи "нерӯи нарм"-и Кореяи Ҷанубӣ ба мақоми он ҳамчун қудрати миёна мутобиқ карда шудааст. Яъне кишвар на ҳамчун ташаккулдиҳандаи қудрат, балки ҳамчун довар ё миёнарави боэътимод баромад менамояд. Азбаски муваффақият дар чунин нақш аз сатҳи эътимоди қудратҳои рақиб вобаста аст, Кореяи Ҷанубӣ метавонад дар ин замина бартарӣ ба даст орад. Ҳамзамон, ӯ зарурати сармоягузорӣ ба молҳои ҷамъиятии минтақавӣ ва ҷаҳониро барои густариши минбаъдаи "нерӯи нарм" таъкид менамояд.

Ин мавқеъро Ч. Чун низ ҷонибдорӣ намуда, бар он аст, ки имиҷи миллии Кореяи Ҷанубӣ ва арзишҳои "Кореяи ҷаҳонӣ" бояд шукуфон, демократӣ, хоксор ва бетаҳдид бошанд, инчунин ҳамоҳангии фарҳангиро инъикос намоянд. Ба андешаи ӯ, бисёре аз кишварҳои рӯ ба рушд Кореяи Ҷанубиро ҳамчун намунаи муваффақи рушди иқтисодӣ ва демократикунонӣ арзёбӣ мекунанд.

Дар фазои мураккаби геосиёсии Осиёи Шимолу Шарқӣ, ки қудратҳои бузург ва рақобаткунанда ҳузур доранд, Кореяи Ҷанубӣ метавонад бо такя ба захираҳои "нерӯи нарм"-и худ на танҳо рақобат намояд, балки ҳатто ба тағйири мантиқи тартиботи минтақавӣ мусоидат кунад. Дар ин раванд, пешбурди адолат, мувозинати манфиатҳо ва густариши донишҳои сиёсӣ метавонад ба таҳкими нақши кишвар ҳамчун миёнарави боэътимод ва қудрати миёна мусоидат намояд[10, 3-4].

Кореяи Ҷанубӣ "нерӯи нарм"-и худро дар минтақаҳои гуногун, аз ҷумла дар Осиёи Марказӣ, тавассути густариши дипломатияи фарҳангӣ татбиқ менамояд. Солҳои охир таваҷҷуҳи қудратҳои бузург ба ин минтақа афзоиш ёфтааст ва ҳар яке аз онҳо бо истифода аз воситаҳои "нерӯи нарм" талош доранд мавқеи худро ҳифз ва таҳким бахшанд. Дар чунин шароит, тақвияти "нерӯи нарм"-и Кореяи Ҷанубӣ дар Осиёи Марказӣ бо мушкилоти муайян рӯ ба рӯ мегардад, зеро кишварҳое чун Чин, Ҷопон, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, инчунин давлатҳои аврупоӣ, аз ҷумла Фаронса ва Олмон, дар минтақа мавқеи устувор доранд. Бо вуҷуди ин, Кореяи Ҷанубӣ дар даҳсолаи охир таваҷҷуҳи хоса ба Осиёи Марказӣ зоҳир намуда, барои ҳифз ва пешбурди манфиатҳои миллии худ пайваста тадбирҳои амалӣ меандешад. Яке аз намунаҳои барҷастаи дипломатияи мардумии кишвар ташаббуси "Дӯстони ҷаҳонии Корея" мебошад, ки таҳти роҳбарии Агентии ҳамкории байналмилалии Корея амалӣ мегардад.

Ин ташаббус соли 2009 таъсис ёфта, шаш ниҳоди давлатиро, ки барномаҳои ихтиёрӣ дар хориҷро татбиқ менамуданд, дар як сохтори ягона муттаҳид кард. Дар давраи солҳои 2009–2014 "Дӯстони ҷаҳонии Корея" беш аз 20 000 ихтиёриро ба кишварҳои шарик сафарбар намуд. Дар маҷмӯъ, аз соли 1990 инҷониб Агентии ҳамкории байналмилалии Корея зиёда аз 50 000 ихтиёриро ба хориҷ фиристодааст ва имрӯз ихтиёриёни он дар 96 кишвари ҷаҳон фаъолият доранд. Ташаббуси мазкур ба "нерӯи дипломатияи нарм", ки бар асоси шарикӣ ва ҳамкории дарозмуддат бунёд меёбад, такя мекунад. Барномаи "Дӯстони ҷаҳонии Корея" бо илҳом аз таҷрибаи Корпуси Сулҳи Иёлоти Муттаҳида се ҳадафи асосиро пайгирӣ менамояд:

мусоидат ба рушди устувор, коҳиши камбизоатӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ;

таҳкими муносибатҳои дӯстона ва амиқ бо кишварҳои шарик;

ташаккули худшиносии шаҳрвандӣ ва омодасозии ихтиёриён ҳамчун шаҳрвандони фаъоли ҷаҳонӣ.

Ихтиёриён ҳамчун воситаи муҳими дипломатияи нарм амал намуда, ҳамзамон бо саҳмгузорӣ дар татбиқи ҳадафҳои рушд, арзишҳо ва фарҳанги миллии Кореяро таблиғ мекунанд. Онҳо дар ҳамкорӣ бо ҳукуматҳо, созмонҳо ва бахши хусусӣ дар соҳаҳои маориф, ҳифзи муҳити зист, кишоварзӣ ва технологияҳои иттилоотӣ фаъолият бурда, дар муаррифии фарҳанг ва таомҳои миллии кореягӣ низ нақши назаррас доранд. Ба ин тартиб, барномаҳои ихтиёрӣ, аз ҷумла "Дӯстони ҷаҳонии Корея", дар баробари кумакҳои расмии рушд, вазифаҳои ҳамсонро иҷро намуда, ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳамзамон ба таблиғи фарҳанг ва таҳкими имиҷи байналмилалии Кореяи Ҷанубӣ мусоидат мекунанд[10, 52-53].

Қобили зикр аст, ки дар давраи маъмурияти Ро Му-Ҳюн (2003–2008) ҳадаф гузошта шуда буд, ки Корея ҳамчун яке аз панҷ кишвари пешсафи фарҳангии ҷаҳон муаррифӣ гардад. Дар ин давра нақши фарҳанг ҳамчун воситаи муҳими "нерӯи нарм" барои боло бурдани имиҷи байналмилалии кишвар эътироф ва таъкид гардид. Фарҳанг на танҳо ҳамчун унсури ҳувияти миллӣ, балки ҳамчун захираи стратегии сиёсати хориҷӣ арзёбӣ мешуд. Дар замони роҳбарии Ли Мён Бак (2008–2013) ин раванд бо таҳияи мафҳуми мукаммалтари дипломатияи фарҳангӣ ҳамчун шакли "нерӯи нарм" идома ёфт. Ҳадафи он таҳкими қонуният ва нуфузи кишвар ҳам дар сатҳи дохилӣ ва ҳам дар арсаи байналмилалӣ буд. Маҳз дар ҳамин давра консепсияи "бренди миллӣ" ба таври низомӣ таҳия ва татбиқ гардид.

Таъсиси Шурои Президентӣ оид ба Бренди Миллӣ дар соли 2009 нишон дод, ки Кореяи Ҷанубӣ ба бунёд ва таҳкими "нерӯи нарм"-и фарҳангии худ муносибати ҷиддӣ дорад. Тибқи изҳороти расмӣ, ҳадафи шуро аз татбиқи стратегияҳои системавӣ ва фарогир барои баланд бардоштани мақоми миллии кишвар дар ҷомеаи байналмилалӣ иборат буд.

Бо вуҷуди ин, мафҳуми "бренди миллӣ" дар муҳити илмӣ то ҳол мавриди баҳс қарор дорад. Бархе аз муҳаққиқон онро воситаи муассири ташаккули имиҷи мусбат дар хориҷ арзёбӣ намуда, бар онанд, ки сиёсати дурусти брендсозӣ метавонад ба рушди сайёҳӣ, афзоиши содирот, таҳкими эътибори сиёсӣ ва густариши нуфузи дипломатӣ мусоидат намояд.

Ташаббуси брендсозии Корея дар ҳамкорӣ бо Созмони сайёҳии Корея ва Вазорати фарҳанг, варзиш ва сайёҳии Корея як қатор шиорҳо ва маъракаҳои таблиғотиро таҳия намуд, ки ҳадафашон муаррифии Корея ҳамчун миллате пешрафта, фарҳангсолор ва рақобатпазир дар арсаи ҷаҳонӣ буд. Бо ин роҳ, дипломатияи фарҳангӣ ва сиёсати брендсозӣ ба ҷузъи таркибии стратегияи умумии "нерӯи нарм"-и кишвар табдил ёфтанд[6, 16-17].

Яке аз омилҳои муҳими рушди дипломатияи фарҳангии Ҷумҳурии Корея падидаи Ҳолю ("Мавҷи Корея") ва санъати мусиқии K-pop ба ҳисоб меравад, ки дар ду даҳсолаи охир ба як раванду падидаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Метавон гуфт, ки "Мавҷи Корея" на танҳо дар кишварҳои Ғарб, балки дар минтақаи Осиёи Марказӣ низ нуфуз пайдо намуда, таваҷҷуҳи ҷавонони кишварҳои минтақа ба фарҳанг, забон, хӯрокҳои миллӣ, санъати кино ва тарзи зиндагии кореягиҳо сол ба сол афзоиш меёбад.

Ҳамзамон, филмҳои таърихӣ ва муосири Кореяи Ҷанубӣ, санъати мусиқӣ ва таомҳои миллӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ густариш ёфта, ҳамчун воситаи

муассири татбиқи “нерӯи нарм”-и Корея хизмат менамоянд. Бо ин васила дипломатияи фарҳангии Корея дар сатҳи байналмилалӣ мавқеи устувор касб кардааст.

Падидаи Ҳолю аз солҳои 1990-ум дар натиҷаи ҳамкории зичи давлат ва бахши хусусӣ дар Кореяи Ҷанубӣ ташаккул ёфта, тадриҷан рушд намуд. Дар даҳсолаи охир ин раванд тавассути паҳн гардидани филмҳо ва барномаҳои телевизионии кореягӣ, инчунин рушди саноати мусиқӣ ва дигар соҳаҳои фарҳангӣ боиси афзоиши таваҷҷуҳи истеъмолкунандагони хориҷӣ гардид.

Инчунин, Қ-рор ҳамчун яке аз унсурҳои меҳварии “Мавҷи Корея” дар рушди пайвастаи он нақши марказӣ мебозад. Гурӯҳҳо ва сароянгагони кореягӣ тавассути барномаҳои ҳунарии сатҳи баланд, намоишҳои пурэнержӣ ва рақобати касбӣ дар арсаи байналмилалӣ шуҳрат пайдо намудаанд. Барои намуна метавон аз гурӯҳи машҳури мусиқии BTS ёдовар шуд, ки дар солҳои охир дар паҳн намудани “нерӯи нарм”-и Корея саҳми назаррас гузоштааст.

Дар соли 2018 гурӯҳи BTS бо даъвати Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Ню Йорк дар доираи барномаи шарикии ҷаҳонии UNICEF баромад намуда, паёми иҷтимоӣ ва фарҳангии худро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ расонид. Соли 2019 президенти вақти Кореяи Ҷанубӣ Мун Ҷэ Ин дастовардҳои гурӯҳи мазкурро дар самти таблиғ ва муаррифии фарҳанги миллӣ дар сатҳи байналмилалӣ расман қадрдонӣ намуд.

Ҳамин тариқ, К-рор бо тамоми унсурҳои худ — аз мусиқӣ ва санъати саҳнавӣ то дипломатияи ҷамъиятӣ — намунаи муосири рушди фарҳанг ва тақвияти “нерӯи нарм”-и Корея маҳсуб меёбад. Ин падида, дар баробари мутобиқшавӣ ба талаботи ҷаҳонишавӣ ва бозори байналмилалӣ, тавонистааст хусусиятҳои миллӣ ва унсурҳои таърихии фарҳанги кореягиро низ ҳифз намояд[4, 282-283]. Таърихи Кореяи Ҷанубӣ дорои фарҳанги бой ва нотакрор аст, ки он ба санъати мусиқӣ, хӯрокҳои миллӣ, либоси миллӣ ва ҷашну маросимҳо шомил мебошад. Кореяи Ҷанубӣ аз замонҳои қадим бо таваҷҷуҳи махсус ба фарҳанги ғании худ, тавонистааст мавқеи худро дар давру замонҳо нигоҳ дорад. Дар замони муосир, фарҳанг ҳамчун воситаи муҳим барои муаррифии кишвар дар саросари ҷаҳон истифода мегардад ва ҳамчун як воситаи дипломатии фарҳангӣ нақши калидӣ мебозад. Гарчанде ки фарҳанги қадимӣ дар замони муосир ба замонавӣ гардондашуда аст, унсурҳои асосии фарҳанги қадим то имрӯз нигоҳ дошта шудаанд.

Бояд гуфт, ки “Мавҷи Корея” як омил асосии рушд ва таҳким ёфтани “нерӯи нарм”-и Кореяи Ҷанубӣ аст. Ба воситаи “Мавҷи Корея”, Кореяи Ҷанубӣ чорабиниҳои фарҳангӣ ва консертҳо дар тамоми ҷаҳон ташкил намуда, таъсири худро дар дипломатияи фарҳангӣ бар қуллаҳо мебарад.

Имрӯз, дипломатияи фарҳангӣ як воситаи муҳим ва аслии сиёсати хориҷии Кореяи Ҷанубӣ мебошад. То соли 2016, Кореяи Ҷанубӣ бе танзим ва муайян кардани расмии ин соҳа ба дипломатияи фарҳангӣ идома медод, вале соли 2016 ҳукумати кишвар Қонун дар бораи дипломатияи фарҳангиро қабул намуд, ки рушд ва нақши дипломатияи фарҳангиро дар оянда муайян намуд. Қонуни мазкур дипломатияи фарҳангиро ҳамчун “фаъолиятҳои дипломатии давлат ё ҳамкорӣ бо ҳукуматҳои маҳаллӣ ё бахши хусусӣ, ки тавассути он давлат фаҳмиш ва эътимоди шаҳрвандони хориҷиро тавассути фарҳанг, дониш, сиёсат ва дигар воситаҳо беҳтар мекунад” муайян мекунад.

Ин қонун барои банақшагирӣ ва татбиқи дипломатияи фарҳангӣ аҳаммияти махсус дорад. Мақомоти иҷроияро вазифадор мекунад, ки нақшаи генералии 5-соларо таҳия намуда, дар доираи он дипломатияи фарҳангиро амалӣ намоянд. Тибқи нақшаи генералии дипломатияи фарҳангӣ, ин соҳа аз панҷ самти асосӣ фаъолият мекунад:

пешбурди фаъолияти интерактивӣ ва ҳамкорӣ бо истифода аз донишҳои кореягӣ дар соҳаҳои илм, технология, гуманитарӣ, таърихӣ, аънанаҳо ва рушд;

бунёди ҷомеаи ҷаҳонии дониш тавассути рушд ва гузаронидани фаъолиятҳое, ки мубодилаи дониш миёни кореягиҳо ва хориҷиёнро равона мекунанд;

пешбурди лоиҳаҳои таҳқиқотии омӯзиши Корея ва мусоидат ба мубодилаи фаъолиятҳои донишӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои илмҳои гуманитарии Корея, инчунин мусоидат ба таъсиси ҷомеаи ҷаҳонии дониш.

дастгирии насли ҷавони коршиносон дар соҳаи омӯзиши кореягӣ тавассути васеъ кардани барномаҳои стипендиявӣ ва тақвияти устувории молиявии лоиҳаҳои тадқиқотӣ бо кӯмаки сарпарастони хусусӣ;

татбиқи равишҳои махсус барои ҳар як кишвар ва минтақа[1, 270-271].

Дар марҳалаи муосир Кореяи Ҷанубӣ тавассути “нерӯи нарм” ва дипломатияи фарҳангӣ сиёсати хориҷии худро пайваста рушд додааст. Густариши “нерӯи нарм” дар пешбурди сиёсати хориҷии Корея нақши калидӣ мебозад. Маҳз тавассути фарҳанги миллӣ, санъати мусиқӣ, хӯрокҳои миллӣ, филмҳои таърихӣ ва замонавӣ, инчунин донишҳои забонӣ, Кореяи Ҷанубӣ тавонист “нерӯи нарм”-и худро дар минтақаҳои гуногун паҳн кунад ва мавқеи худро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ нигоҳ дорад.

Барои пешбурди сиёсати хориҷӣ ва густариши “нерӯи нарм”, Кореяи Ҷанубӣ “Қонуни дипломатияи фарҳангӣ”-ро қабул намуд, ки дар он унсурҳои асосии таъсиррасонии “нерӯи нарм” дар сиёсати кишвар дарҷ гардидааст. Ҳамзамон, ин қонун заминаи асосии рушди дипломатияи фарҳангӣ дар Кореяи Ҷанубӣ мебошад, ки ҳар сол нақшаҳои панҷсолаи пешбинишударо ба таври ҷиддӣ амалӣ менамояд.

Муҳимтарин омилҳои муваффақияти фарҳанги мардумии Корея, махсусан дар Осиёи Шарқӣ, метавонанд ба омилҳои дохилӣ ва берунӣ тақсим шаванд. Омилҳои дохилӣ, аз ҷумла густариши имкониятҳои иқтисодӣ ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ, як омили муҳим дар рушди фарҳанги мардумии Корея мебошанд. Аз соли 1990 инҷониб, сурудҳои кореягӣ дар муқоиса бо сурудҳои машҳури хориҷӣ бештар маъруф гардида, истгоҳҳои радиоӣ барномаҳои маҳаллии худро бештар пахш карданд. Дар он замон, дар бозори мусиқии попи Корея, эҷоди мусиқии кореягӣ ва амрикоӣ омехта мегардид, ки барои намуна метавон омезиши рэп ва мусиқии рақсиро зикр кард. Мусиқии динамикӣ ва маъмулии кореягӣ як заминаи асосии “Мавҷи Корея” дар хориҷи кишвар гардид.

Омили дигар, муваффақияти омили дохилӣ, ин сармоягузории бузурги ширкатҳои кореягӣ, махсусан чеболаҳо, мебошад, ки дар соҳаи фарҳанг ва “Мавҷи Корея” сармоягузорӣ карданд. Бо ин восита, онҳо фоидаи калон дар бозори фарҳангии Корея ба даст оварданд. Талабот ба фарҳанги мардумии Корея дар ҳақиқат рақобатпазирии саноати фарҳангии кишварро афзоиш медиҳад. Ғайр аз ин, сиёсати қатъии ҳукумати Корея дар бораи ҳифзи моликияти зеҳнӣ як катализатори муҳим барои таъсиси “Мавҷи Корея” аст. Сиёсати моликияти зеҳнии Корея, ки гардиши ғайриқонунии мусиқии попи хориҷиро коҳиш медиҳад, бартарии мусиқии попи

хориҷиро дар Корея ба сатҳи паст овард. Ширкатҳои мусиқавии фаромиллӣ ба истеҳсоли мусиқии муштарак бо ширкатҳои кореягӣ шурӯъ намуданд, ки ҳамин тавр, Вазорати фарҳанг буҷаи худро барои пешбурди саноати фарҳангии Корея дар дохили кишвар пайваста афзоиш дод[8].

Истифодаи "нерӯи сунъӣ" аз ҷониби Кореяи Ҷанубӣ барои рушди босуръати иқтисодӣ ва саноатикунонӣ пас аз анҷоми ҷанги Корея дар ҳолате, ки кишвар дар марҳалаи навсозии иҷтимой-сиёсӣ қарор дошт, нақши муҳим дошт. Маконҳои фароғатӣ ва саноатии кишвар ҳамчун сармоягузори муҳими рушди иқтисодӣ ва фарҳангӣ фаъолият намуда, ба Кореяи Ҷанубӣ имкон дод, ки дар саҳнаи байналмилалӣ бартарӣ пайдо кунад. Расонаҳои фароғатии Кореяи Ҷанубӣ дар фароҳам овардани тасвири "модели нав" барои кишвар ва минтақаи Осиё кӯмак карданд, ки ҳамчун як кишвари осиёии асри XXI дар ҷаҳон ба назар расад. Чун Мин Ли, коршиноси амният, мудофиа ва идоракунии бӯҳронҳои Корея, ин моделро ҳамчун "иқтисоди пешрафта бо тамаддуни қадима, ҳамзамон демократӣ, аз ҷиҳати технологӣ-инноватсионӣ ва аз ҷиҳати фарҳангӣ пурқувват" таъриф мекунад. Вай муайян кардааст, ки дар он замон Кореяи Ҷанубӣ аз дигар кишварҳои Осиёи Шарқӣ бартарӣ дошт.

Имрӯз, Кореяи Ҷанубӣ қудрати оқилонаи худро дар муносибатҳои байналмилалӣ бо эҳтиёт нишон медиҳад. Кишвар бо истифодаи стратегияи дипломатии қудрати миёна, ба низоъҳои дипломатӣ муносибат мекунад ва дар муносиботи ҷаҳонӣ ҳунари мӯътадил ва мантиқиро истифода мебарад. Кореяи Ҷанубӣ ба нақши "шаҳрванди хуби байналмилалӣ" ва "ҳамкорӣ бо дигарон дар ҳалли мушкилоти байналмилалӣ" расидааст. Ин равишҳои дипломатӣ ба кишвар имкон додаанд, ки дар арсаи байналмилалӣ бо нақши сулҳҷӯёнаи худ саҳми назаррас гузорад ва ба осоиш ва ҳамгироии ҷаҳонӣ мусоидат намояд[9].

Ҳамин тариқ, нақши "нерӯи нарм" дар сиёсати хориҷии Кореяи Ҷанубиро мавриди омӯзиш қарор дода ба чунин хулоса расидем:

дипломатияи фарҳангӣ омили асосии рушди пайвастаи "нерӯи нарм"-и Кореяи Ҷанубӣ маҳсуб ёфта, дар пешбурди сиёсати хориҷии кишвар нақши калидӣ дорад;

дар замони муосир, Кореяи Ҷанубӣ тавонист ба воситаи "нерӯи нарм" муносибатҳои фарҳангии мустаҳкам бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ба роҳ монад ва фарҳанг, таърих ва миллати худро муаррифӣ кунад;

Кореяи Ҷанубӣ тавонист тавассути густариши "нерӯи нарм" дар соҳаи сиёсӣ, мавқеи геосиёсӣ ва геоиқтисодии худро таҳким бахшида, дар минтақаи Осиёи Шарқӣ нақши калидӣ мебозад;

Кореяи Ҷанубӣ бо модели навсозии худ пас аз Ҷанги Сард тавонист дар тамоми соҳаҳо босуръат рушд кунад ва сатҳи зиндагии мардумро хеле баланд бардорад;

Кореяи Ҷанубӣ барои густариши "нерӯи нарм" ва паҳн намудани фарҳанги миллии худ, лоиҳаҳо ва барномаҳои гуногунро ба роҳ мондааст.

## АДАБИЁТ ВА САРЧАШМАҲОИ ИСТИФОДАШУДА

1. Варпаховскис, Э. Дипломатия знаний как инструмент внешней политики Республики Корея: теоретические аспекты и практическое применение на примере KOICA Scholarship Program / Э. Варпаховскис // Вестник Российского

университета дружбы народов. Серия: Политология. – 2021. – Т. 23, № 2. – С. 265-278. С- 270-271– DOI 10.22363/2313-1438-2021-23-2-265-278. – EDN PRKFGE.

2. Раҳмонзода А.Ш. Нақши “неруи нарм” дар пешбурди сиёсати хориҷии давлатҳо // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). №10-1, 2024. – С. 312-318. С-313
3. Раҳмонов, М. Нақши “нерӯи нарм” дар пешбурди сиёсати хориҷии кишварҳои ҷаҳон (дар модели дипломатии Ҳиндустону Русия) / М. Раҳмонов // Осиё ва Аврупо. – 2022. – №. 1(9). – P. 57-64 С-59. – EDN DJKDDV.
4. A.E. Matosia “The Key Components of South Korea’s Soft Power: Challenges and Trends” // RUDN Journal of Political Science/ 2021 Vol. 23 No. 2 279–286 саҳ 282-283
5. Jan Melissen, Hwa Jung Kim “South Korean Diplomacy Between Domestic Challenges and Soft Power”// World Economy Brief August 27, 2018 Vol. 8 No. 23 ISSN -2233-9140/ саҳ 2
6. Joanna Elfving Hwang “South Korean cultural diplomacy and brokering K-Culture’ outside Asia” [Манбаи электронӣ]: https: //www. academia. edu/6609624 /South_ Korean_ cultural_ diplomacy _and_ brokering_K_Culture_outside_Asia (санаи дархост:24.02.2026)
7. Kadir Ayhan “Korea‘s Soft Power and Public Diplomacy// Hangang Network First Printing: December 13, 2017 // ISBN 979-11-959976-1-9 93340” саҳ 52-53
8. Lee Geun “A Soft Power Approach to the “Korean Wave” [Манбаи электронӣ]: https:// docs. yandex.ru/docs /view?tm =1771925690(санаи дархост:24.02.2026)
9. Soft and Smart Power: The Development of South Korean Diplomacy [Манбаи электронӣ]: https:// www. cprevieworg /articles/2024 / 1/ soft-and-smart-power-the-development-of-south-korean-diplomacy (санаи дархост:24.02.2026)
10. Sook-Jong Lee “South Korea’s Soft Power Diplomacy” // EAI Issue Briefing No. MASI 2009-01 саҳ 3-4

## РОЛЬ МЯГКОЙ СИЛЫ ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ ЮЖНОЙ КОРЕИ

В статье анализируется и изучается роль мягкой силы во внешней политике Южной Кореи. Отмечается, что мягкая сила – это новое понятие для Южной Кореи, и правительство страны уделяет особое внимание её укреплению, постоянно расширяя народную дипломатию.

Также, для расширения мягкой силы и распространения национальной культуры Южная Корея реализует различные проекты и программы. Эти программы считаются ключевым элементом стремительного развития культурной дипломатии страны. В этом процессе корейские компании, особенно чеболи, сыграли значительную роль и инвестировали в непрерывное расширение мягкой силы.

**Ключевые слова:** Южная Корея, мягкая сила, Корейская Волна, культура, Министерство культуры, стратегия.

## THE ROLE OF SOFT POWER IN SOUTH KOREA'S FOREIGN POLICY

This article analyzes and examines the role of soft power in South Korea's foreign policy. It notes that soft power is a new concept for South Korea, and the country's government places particular emphasis on strengthening it, continually expanding public diplomacy.

South Korea is also implementing various projects and programs to expand its soft power and spread its national culture. These programs are considered a key element in the

country's rapid development of cultural diplomacy. Korean companies, particularly chaebols, have played a significant role in this process and have invested in the continuous expansion of soft power.

**Keywords:** South Korea, soft power, Korean Wave, culture, Ministry of Culture, strategy.

**Маълумот дар бораи муалиф:** Файзуллоева Нигора Негматовна - ходими илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо АМИТ; Суроға: 735025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33, тел: +992 901-22-88-18 E-mail faizulloevanigora123@gmail.com

**Информация об авторе:** Файзуллоева Нигора Негматовна - научный сотрудник отдела Юго-Восточной Азии Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес:735025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33, тел: +992 901-22-88-18, E-mail: faizulloevanigora123@gmail.com.

**Information about the author:** Faizulloeva Nigora Negmatovna-is a research fellow at the Southeast Asia Department of the Institute for Asian and European Studies of the NAST. Address: 735025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33, phone: +992 901-22-88-18, E-mail: faizulloevanigora123@gmail.com.

**ТДУ:** 329.1/.6

# ФАЪОЛИЯТИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ДАР РАВАНДИ ИНТИХОБОТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Расулзода А. З.**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Таҳлили фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар заминаи равандҳои интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи хеле муҳим барои фаҳму дарки тағйирпазирии низоми сиёсии кишвар ва таъсири он ба рушди равандҳои демократӣ мебошад. Дар шароити дигаргуншавии ҳаёти сиёсӣ ва дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон омӯзиши нақши ҳизбҳои сиёсӣ махсусан муҳим мегардад.*

*Тоҷикистон ҳамчун давлати ҷавони соҳибистиқлол дар марҳилаи ташаккули сохтору механизмҳои сиёсии худ қарор дорад. Чунин тамоюлот баҳодиҳии фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро дар ин замина самти махсусан муҳими таҳқиқоти илмӣ мегардонад.*

*Самти муҳимтарини фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарии номзадҳо ва ташкили маъракаҳои интихоботӣ мебошад. Ин равандҳо на танҳо фазои сиёсиро дар кишвар ташаккул медиҳанд, балки ба рафтори интихоботии шаҳрвандон таъсири назаррас мерасонанд. Стратегияҳои пешбарии номзадҳо метавонанд вобаста ба вазъи сиёсӣ, захираҳои дохилии ҳизбҳо ва интизориҳои интихобкунандагон фарқ кунанд.*

*Ба зарурати баланд бардоштани саводнокии сиёсии аҳолӣ диққат додан муҳим аст. Барномаҳои таълимӣ, семинарҳо ва маъракаҳои иттилоотӣ бояд ҳам барои интихобкунандагон ва ҳам барои ҳизбҳо ташкил карда шаванд. Ин имкон медиҳад, ки ҷомеаи огоҳ таъсис дода шавад ва қодир бошад, ки интихоби огоҳона кунад ва дар раванди сиёсӣ фаъолона иштирок намояд. Фаҳмиши ҷамъиятии равандҳои сиёсӣ омили асосии ташкили синфи миёнаи шаҳрвандони фаъоли сиёсӣ мебошад.*

*Инчунин бояд рушди технологияҳои муосир ва платформаҳои иттилоотӣ идома дода шавад. Технологияҳои муосир метавонанд ба ҳизбҳо имкон диҳанд, ки таблиғотро дар сатҳи баланд ташкил кунанд ва бо интихобкунандагон самараноктар ҳамкорӣ намоянд. Истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои рақамӣ метавонад муоширати байни шаҳрвандон ва ҳизбҳоро осон кунад ва ба иштироки доираи васеи шаҳрвандон дар раванди сиёсӣ мусоидат намояд.*

***Калидвожаҳо**: сиёсат, интихобот, системаи интихоботӣ, ҳизб, ҳизбҳои сиёсӣ, низоми сиёсӣ, ҳокимияти сиёсӣ, ҳокимияти қонунгузор, ҳокимияти сиёсӣ, демократия, технологияҳои сиёсӣ.*

Таҳлили фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар заминаи равандҳои интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи хеле муҳим барои фаҳму дарки тағйирпазирии низоми сиёсии кишвар ва таъсири он ба рушди равандҳои демократӣ мебошад. Дар шароити дигаргуншавии ҳаёти сиёсӣ ва дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон омӯзиши нақши ҳизбҳои сиёсӣ махсусан муҳим мегардад. Ҳизбҳои сиёсӣ дар кишвар на танҳо

ғояҳо ва барномаҳои асосиро ташаккул медиҳанд, балки дар сафарбар кардани интихобкунандагон ва ташаккули интихоби сиёсӣ низ нақши муҳим доранд. Иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсӣ имкониятҳо ва ҳудуди фаъолияти пурраи институтҳои демократиро муайян мекунад ва инчунин ба дараҷаи устувории системаи сиесӣ дар маҷмуъ таъсир мерасонад.

Тоҷикистон ҳамчун давлати ҷавони соҳибистиқлол дар марҳилаи ташаккули сохтору механизмҳои сиёсии худ қарор дорад. Чунин тамоюлот баҳодиҳии фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро дар ин замина самти махсусан муҳими таҳқиқоти илмӣ мегардонад. Дар пасманзари мушкилоти мавҷуда, аз қабили тағйирёбии иқлим, буҳронҳои сиёсию иқтисодии ҷаҳонӣ, пайдоиши таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ ва зарурати таҳкими муколамаи сиёсӣ, иштироки ҳизбҳо дар раванди интихобот метавонад омили ҳалкунандае бошад, ки ба муттаҳидсозии ҷомеа ва таҳкими робитаҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Ғайр аз ин, ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд ҳамчун воситаи муҳим барои ифодаи манфиатҳо ва ақидаҳои ҷамъиятӣ хидмат кунанд. Чунин нақши ҳизбҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ аҳамияти онҳоро дар идоракунии демократӣ ва суботи сиёсӣ боз ҳам муҳим мегардонад [1].

Дар ин замина, баррасии масъалаҳои марбут ба иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар интихобот, аз ҷумла, омӯзиши сатҳи омодагии онҳо ба рақобат, таҳлили барномаҳои сиёсӣ ва стратегӣ, инчунин арзёбии таъсири онҳо ба интихоби интихобкунандагон, аҳамияти хоса дорад. Инчунин, муҳим аст, ки муносибати ҳизбҳо бо мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин саҳми онҳо дар ташаккули фарҳанги сиёсӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мавриди омӯзиш қарор гирад. Таҳлили фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон имкон медиҳад, ки самтҳои асосии рушди низоми бисёрҳизбӣ, муайян кардани мушкилоти мавҷуда ва таҳияи тавсияҳо оид ба беҳтар намудани қонунгузорӣ ва амалияи интихоботӣ муайян карда шаванд. Дар ин раванд, омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ ва мутобиқсозии он ба шароити маҳаллӣ, инчунин дастгирии ташаббусҳои ҳизбҳои сиёсӣ дар самти таҳкими демократия ва иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ аҳамияти калон дорад.

Ҳизбҳои сиёсӣ, ҳамчун ниҳодҳои муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ, вазифадоранд, ки манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро ифода намуда, дар муайян кардани самтҳои рушди кишвар ва ҳалли масъалаҳои мубрами рӯз саҳм гузоранд. Иштироки фаъолонаи ҳизбҳо дар интихобот имкон медиҳад, ки шаҳрвандон аз тариқи интихоби намояндагони худ дар мақомоти ҳокимият дар раванди қабули қарорҳо иштирок намуда, ба ин васила эҳсоси масъулият ва мансубияти худро ба ҷомеа тақвият бахшанд. Илова бар ин, рақобати солим байни ҳизбҳо дар интихобот метавонад ба пешниҳоди барномаҳои мукаммали сиёсӣ ва иқтисодӣ мусоидат намуда, имконияти интихоби беҳтарин роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷударо барои шаҳрвандон фароҳам оварад. Ҳизбҳо вазифадоранд, ки бо истифода аз платформаҳои мухталифи таблиғотӣ, аз ҷумла воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ, диди худро оид ба масъалаҳои муҳим ба таври возеҳ ва мушаххас баён намуда, шаҳрвандонро ба иштироки фаъолона дар интихобот ташвиқ намоянд.

Дар шароити имрӯза, ки ҷаҳон бо мушкилоти гуногун рӯ ба рӯ аст, иштироки фаъолонаи ҳизбҳо дар раванди интихобот метавонад ба таҳкими сулҳу субот, рушди

демократия ва пешрафти иқтисодию иҷтимоии кишвар мусоидат намояд. Аз ин рӯ, дастгирии фаъолияти ҳизбҳо, таъмини шароити баробар барои ҳамаи иштирокчиёни раванди интихобот ва ташвиқи шаҳрвандон ба иштироки фаъолона дар интихобот вазифаи муҳими тамоми ҷомеа мебошад. Бо дарназардошти аҳамияти раванди интихобот дар тақдири миллат, ҳар як ҳизби сиёсӣ вазифадор аст, ки бо масъулияти баланд ба ин раванд муносибат намуда, дар таҳкими ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва пешрафти кишвар саҳми арзанда гузорад. Ин танҳо дар сурате имконпазир аст, ки ҳизбҳо манфиатҳои миллиро аз манфиатҳои гурӯҳӣ боло гузошта, барои бунёди ҷомеаи адолатпарвар, демократӣ ва пешрафта саъю кӯшиш намоянд.

Таҳлили фаъолияти ҳизбҳо ва иштироки онҳо дар равандҳои интихобот инчунин имкон медиҳад, ки хусусиятҳои ташаккули модели интихоботӣ дар Тоҷикистон нишон дода шаванд. Бояд дар назар дошт, ки низоми сиёсии кишвар хусусияти демократӣ дорад ва барои фаъолияти ҳизбҳо шароити рақобатнок фароҳам меорад. Ин таҳлили хусусиятҳои марбут ба фаъолияти ҳизбҳоро муҳим гардонида, ба хулосагириҳои мушаххас дар бораи устувории системаи ҳизбӣ ва қобилияти мутобиқшавии он имкон медиҳад [2].

Самти муҳимтарини муайянкунандаи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мавҷудаи қонунгузорӣ ва меъёрӣ мебошад. Он як қатор қонунҳо, қарорҳо ва дастурҳоеро дар бар мегирад, ки на танҳо раванди интихобот, балки ташкили фаъолияти ҳизбӣ, пешбарии номзадҳо ва инчунин кафолатҳои ҳуқуқии иштироки шаҳрвандонро дар интихобот танзим мекунанд. Таҳлили қонунгузории ҷорӣ ба мо имкон медиҳад, ки то чӣ андоза самаранок будани фаъолияти ҳизбҳоро арзёбӣ намоем ва барои рушди ниҳодҳои демократӣ шароити зарурӣ фароҳам орем [3].

Дар ин замина, қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Конститутсия, нақши калидиро мебозад. Он ҳуқуқ ва озодиҳои асосии шаҳрвандонро, аз ҷумла ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шуданро кафолат медиҳад. Ин ҳуқуқҳо асоси иштироки сиёсии шаҳрвандон ва фаъолияти озоди ҳизбҳоро ташкил медиҳанд. Ҳизбҳо, дар навбати худ, вазифадоранд, ки дар доираи Конститутсия ва қонунҳо амал намуда, ба волоияти қонун эҳтиром гузоранд ва барои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон саъю кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Илова бар Конститутсия, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихобот» муносибатҳои ҷамъиятиро дар раванди тайёрӣ ва гузаронидани интихобот танзим менамояд. Ин қонун тартиби пешбарии номзадҳо, бақайдгирии ҳизбҳо, гузаронидани маъракаҳои таблиғотӣ ва муайян намудани натиҷаҳои интихоботро муқаррар месозад. Он инчунин кафолатҳои ҳуқуқии нозирон, журналистон ва намояндагони ҳизбҳои сиёсиро таъмин мекунад, ки барои шаффофият ва одилона гузаштани интихобот мусоидат мекунад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти ҳизбҳоро муайян менамояд. Он тартиби бақайдгирии ҳизбҳо, талабот ба аъзоёни онҳо, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ҳизбҳоро муқаррар месозад. Мутобиқи ин қонун, ҳизбҳо озоданд, ки барномаҳои сиёсии худро таҳия намоянд, дар интихоботҳо ширкат варзанд ва ақидаҳои худро тавассути воситаҳои ахбори омма паҳн кунанд.

Аммо, фаъолияти ҳизбҳо набояд ба тағйири сохти конститутсионӣ бо роҳи зӯроварӣ, тарғиби ҷанг, иғвои адовати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва маҳалгароӣ равона карда шавад.

Чи гунае, ки ишора гардид, санади асосии меъёрии танзимкунандаи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» мебошад. Ин қонун асосҳои ҳуқуқиро барои таъсис, бақайдгирӣ ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ муқаррар мекунад, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои онҳоро, инчунин механизмҳои назорати фаъолияти онҳоро муайян мекунад. Инчунин мавҷудияти меъёрҳои марбут ба сохтори дохилии ҳизбҳо, демаркатсияи онҳо дар асоси идеология ва изҳороти барномавӣ муҳим аст, ки ин бешубҳа ба фаъолияти интихоботӣ ва қобилияти сафарбаркунии интихобкунандагон таъсир мерасонад [4].

Илова бар ин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихобот», ки дар Тоҷикистон муқаррар шудааст, тартиби баргузории интихобот, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои иштирокчиёни раванди интихоботро муайян мекунад. Он механизмҳои ташкили комиссияҳои интихоботӣ, таблиғоти пешазинтихоботӣ, инчунин ҷанбаҳои назорати интихоботро аз ҷониби ҳизбҳо ва ташкилотҳои шаҳрвандӣ танзим мекунад [5]. Мутобиқати қонунгузории интихобот бо меъёрҳои байналмилалӣ барои эътимоднокии интихобот ва эътирофи натиҷаҳои он аҳамияти калон дорад. Аз ин рӯ, дар Тоҷикистон мунтазам ислоҳот дар қонунгузории интихоботӣ гузаронида мешаванд, ки ҳадафи онҳо такмил додани шаффофият, таъмини иштироки васеи шаҳрвандон ва ҳифзи ҳуқуқҳои интихоботӣ мебошад.

Ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихобот нақши муҳим мебозанд. Онҳо номзадҳоро пешбарӣ мекунанд, барномаҳои сиёсии худро тарғиб мекунанд ва дар мубориза барои ҷалби дастгирии интихобкунандагон фаъолона иштирок мекунанд. Қонунгузории интихоботӣ шароити баробарро барои ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ таъмин намуда, имконияти баробари пешбурди таблиғот ва иштирок дар раванди интихоботро фароҳам меорад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ низ дар назорати интихобот ва таъмини шаффофияти он нақши муҳим дорад. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ метавонанд рафти интихоботро назорат кунанд, далелҳои қонунвайронкуниҳоро ошкор намоянд ва барои ҳифзи ҳуқуқҳои интихоботӣ мусоидат кунанд. Иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди интихобот баланд бардоштани эътимоди шаҳрвандон ба интихобот ва таъмини адолати он мусоидат мекунад.

Тамоюлоти солҳои охир зарурати навсозии заминаи қонунгузориро нишон медиҳанд, то он ба мушкилоти муосир ҷавобгӯ бошад ва муҳити сиёсии боз ҳам рақобатпазирро таъмин кунад. Муҳокима ва татбиқи меъёрҳои нав бояд манфиатҳои неруҳои гуногуни сиёсиро ба назар гирад ва фаҳмиши дақиқи ҳуқуқ ва имкониятҳои онҳоро таъмин намояд. Таъмини фаъолнокии ҳизбҳо ва аъзоёни ҳизбҳо дар раванди интихобот низ муҳим аст. Бе иштироки фаъол таъсири ҳизбҳо метавонад ба сатҳи поёнтар рафта расад ва онҳо наметавонанд иқтидори худро барои намояндагии манфиатҳои шаҳрвандон амалӣ кунанд. Хулоса, навсозии заминаи қонунгузорӣ метавонад дар асоси таҳлили амалияҳои муваффақонаи кишварҳои дигар, ки аз марҳилаҳои демократикунонӣ ва ислоҳоти низоми интихоботии худ гузаштаанд, гузаронида шавад. Инчунин ба назар гирифтани хусусиятҳои шароити маҳаллӣ ва фарҳанги миллӣ низ хеле зарур аст.

Иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар ташкили комиссияҳои интихоботӣ ва назорати интихоботӣ ҷузъи муҳимми раванди интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Комиссияҳои интихоботӣ барои ташкил ва гузаронидани интихобот, инчунин назорати риояи қонунгузорӣ дар ин соҳа масъуланд. Таъкид кардан муҳим аст, ки иштироки ҳизбҳо дар ин равандҳо омили муҳимми таъмини адолат ва қонунияти интихобот мебошад.

Тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳизбҳо ҳуқуқ доранд номзадҳои худро ба ҳайати комиссияҳои интихоботӣ дар сатҳҳои гуногун - аз минтақавӣ то марказӣ пешбарӣ кунанд. Ин имкон медиҳад, ки ҳизбҳо ба раванди интихобот таъсир расонанд ва инчунин назорат кунанд, ки манфиатҳои онҳо ба таври кофӣ намояндагӣ шаванд. Аммо дар амал татбиқи ин ҳуқуқ аксар вақт бо монеаҳои гуногун рӯ ба рӯ мешавад. Дар баъзе ҳолатҳо, ҳизбҳо наметавонанд намояндагони худро ба комиссия дохил кунанд, зеро шумораи маҳдуди ҷойҳо мавҷуданд.

Илова бар ин, нақши нозироне, ки ҳам аз ҷониби сохторҳои ҳизбӣ ва ҳам сохторҳои мустақил намояндагӣ мекунанд, унсури муҳимми раванди назорати интихобот мебошад. Нозирон вазифадоранд, ки риояи қонуният ва меъёрҳои интихоботро назорат кунанд, қонуншиканиҳоро сабт кунанд ва бо ин роҳ ба ташкили раванди шаффофи интихоботӣ мусоидат намоянд. Ҳизбҳое, ки дар шароити Тоҷикистон фаъолият мекунанд, нозиронро барои пешгирии тақаллуб дар интихобот, инчунин ҳимояи манфиатҳои худ ва манфиатҳои интихобкунандагони худ истифода мебаранд. Нозирон баъзан барои ҷомеа дар бораи он, ки интихобот чӣ гуна мегузарад ва кадом қонуншиканиҳо дар ҷараёни баргузории интихобот ба қайд гирифта мешаванд, манбаи муҳимми иттилоотӣ мебошанд [81].

Дар ин замина, таъмини ҳуқуқи нозирон барои дастрасӣ ба участкаҳои интихоботӣ, шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои интихоботӣ ва ҳузур дар раванди ҳисобкунии овозҳо аҳамияти хоса дорад. Маҳдуд кардани ҳуқуқҳои нозирон ё монеа эҷод кардан дар фаъолияти онҳо метавонад ба эътимоди шаҳрвандон ба раванди интихобот таъсири манфӣ расонад ва шаффофияти онро зери суол гузорад. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки қонунгузорӣ ва амалияи интихоботӣ ҳуқуқҳои нозиронро ҳифз намуда, барои иҷрои вазифаҳои худ шароит фароҳам оранд. Ҳамзамон, зарур аст, ки нозирон оид ба қонунгузории интихоботӣ, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худ ва усулҳои самараноки мониторинг омӯзиш ва маърифатнок карда шаванд. Ин имкон медиҳад, ки онҳо қонуншиканиҳоро сари вақт ошкор ва сабт намуда, маълумоти дақиқ ва беғараз пешниҳод кунанд.

Нақши созмонҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар раванди назорати интихобот низ бояд таъкид карда шавад. Ин созмонҳо метавонанд ба сифати нозирони мустақил амал карда, ба арзёбии беғаразонаи раванди интихобот ва ошкор намудани камбудиҳо ва қонуншиканиҳо мусоидат намоянд. Хусусан дар кишварҳое, ки таҷрибаи демократии маҳдуд доранд, иштироки нозирони байналмилалӣ метавонад баланд бардоштани эътимод ба интихобот ва таъмини шаффофияти он мусоидат намояд.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 8 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»: «Ҳизбҳои сиёсӣ, ки номзадҳои худро ба вакилӣ пешбарӣ намудаанд ва номзадҳое, ки ба вакилӣ ба тарзи худпешбарӣ пешниҳод шудаанд, бо тартиби муқарраргардида рӯйхати

мушоҳидони миллиро барои бақайдгирӣ ба комиссияҳои ҳавзавии дахлдори интихобот пешниҳод менамоянд. Мушоҳидони миллӣ дар рӯзи баргузории интихобот дар биноҳои овоздиҳӣ рафти интихоботро мушоҳида менамоянд. Фаъолияти мушоҳидони миллӣ баъди бо қарори комиссияҳои ҳавзавии дахлдори интихобот тасдиқ гардидани рӯйхати онҳо оғоз ёфта, пас аз эълон гардидани натиҷаи пешакии интихобот қатъ мегардад» [7]. Тибқи талаботи қонунгузории мазкур мушоҳидони миллӣ дорои ҳуқуқҳои зерин мебошанд: «бо рӯйхати интихобкунандагон шинос шаванд; дар хонаи овоздиҳӣ аз оғоз то анҷоми кори комиссияи участкавии интихобот ҳузур дошта бошанд; супоридани бюллетенҳои овоздиҳиро ба интихобкунандагон мушоҳида кунанд; ҳангоми овоздиҳии интихобкунандагон берун аз ҳуҷраи овоздиҳӣ ҳузур дошта бошанд; ҳисоби шумораи бюллетенҳои аз ҳисоб баровардашуда, бюллетенҳои дар қуттии овоздиҳӣ мавҷудбуда, аз ҷумла бюллетенҳои беэътибор, ҳисоби овозҳои интихобкунандагонро дар шароите, ки ба мушоҳидаи ҷараёни ҳисоби бюллетенҳои овоздиҳӣ имкон медиҳад, мушоҳида намоянд; бо протоколҳои комиссияҳои участкавии интихобот оид ба натиҷаи овоздиҳӣ ва комиссияҳои ҳавзавии интихобот дар бораи натиҷаи интихобот шинос шаванд; аз қарор ва амали (беамалии) комиссияи интихобот ба комиссияи болоии интихобот ва ё суд шикоят намоянд; ҳангоми ҳисоби такрории овозҳои интихобкунандагон дар комиссияҳои дахлдори интихобот ҳузур дошта бошанд» [7].

Инчунин дар моддаи 8 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қайд мегардад, ки: «Бо мақсади мушоҳидаи интихобот, гузаронидани он дар шароити шаффоф ва ошкоро мушоҳидони байналмилалӣ даъват карда мешаванд» [7]. Тибқи қонунгузории амалкунандаи кишвар мушоҳидони байналмилалӣ ҳуқуқ доранд: «санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар санадҳое, ки ҷараёни интихоботро танзим менамоянд, дастрас кунанд; бо ҳизбҳои сиёсие, ки дар интихобот ширкат доранд ва бо номзадҳои алоҳида вохӯрии расмӣ намоянд; дар участкаи интихоботӣ ва бинои овоздиҳӣ, аз ҷумла дар рӯзи овоздиҳӣ ҳузур дошта бошанд; ҷараёни овоздиҳӣ, ҳисоби овозҳо ва муайян намудани натиҷаи онҳоро дар шароите, ки ба мушоҳидаи ҳисоби бюллетенҳо имкон медиҳад, мушоҳида намоянд; бо натиҷаи баррасии шикоятҳо (аризаҳо) ва эродҳо вобаста ба вайрон кардани қонунгузории интихобот шинос шаванд; ба намояндагони комиссияҳои интихобот бе дахолат ба кори онҳо, оид ба мушоҳидаҳои худашон иттилоъ диҳанд; баъди ба анҷом расидани овоздиҳӣ ақидаи худро оид ба омодагирӣ ва гузарондани интихобот ошкоро изҳор намоянд; хулосаи худро оид ба мушоҳидаи ҷараёни интихобот ба Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ пешниҳод кунанд» [7].

Ҳамин тариқ, иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар ташкили комиссияҳои интихоботӣ ва нақши нозирон дар ин маъракаи сиёсӣ унсури асосии раванди интихобот дар Тоҷикистон мебошад. Ислоҳоти зарурӣ бояд ба беҳтар кардани соҳаи ҳуқуқӣ барои иштироки самараноки ҳизбҳо ва нозирон дар интихобот равона карда шавад, ки ин на танҳо ба баланд бардоштани қонунияти онҳо, балки ба таҳкими эътимоди шаҳрвандон ба институтҳои сиёсӣ мусоидат мекунад. Ин чораҳо метавонанд барои рушди минбаъдаи демократия ва таъмини иштироки бештари шаҳрвандон дар равандҳои сиёсӣ муҳим бошанд.

Самти муҳимтарини фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарии номзадҳо ва ташкили маъракаҳои интихоботӣ мебошад. Ин равандҳо на танҳо фазои сиёсиро дар кишвар ташаккул медиҳанд, балки ба рафтори интихоботии шаҳрвандон таъсири назаррас мерасонанд. Стратегияҳои пешбарии номзадҳо метавонанд вобаста ба вазъи сиёсӣ, захираҳои дохилии ҳизбҳо ва интизориҳои интихобкунандагон фарқ кунанд.

Ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон, одатан, номзадҳоро дар асоси як қатор меъёрҳо, аз ҷумла маъруфият, таҷрибаи сиёсӣ, вафодорӣ ба ҳизб ва қобилияти ҷалби пуштибонӣ пешбарӣ мекунанд. Баъзе ҳизбҳо метавонанд ба ҷалби номзадҳои бонуфузи маҳаллӣ аҳамият диҳанд, дар ҳоле ки дигарон ба номзадҳое, ки дар арсаи миллӣ шинохта шудаанд, бартарӣ медиҳанд. Инчунин, ҳизбҳо кӯшиш мекунанд, ки номзадҳое пешниҳод кунанд, ки намояндаи гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ бошанд, то ки доираи пуштибонии худро васеъ намоянд.

Маъракаҳои интихоботӣ як ҷузъи муҳими фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ мебошанд, ки имкон медиҳанд, афкор ва барномаҳои худро ба интихобкунандагон расонанд. Дар ин замина, истифодаи васоити ахбори омма, аз қабили телевизион, радио, рӯзномаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ, барои таблиғи ақидаҳо ва ҷалби тарафдорон аҳамияти калон дорад. Ҳизбҳо инчунин вохӯриҳо бо интихобкунандагон, мизҳои мудаввар ва чорабиниҳои таблиғотиро ташкил мекунанд, то мустақиман бо мардум робита барқарор кунанд ва ба саволҳои онҳо посух гӯянд.

Дар раванди маъракаҳои интихоботӣ, ҳизбҳо кӯшиш мекунанд, ки барномаҳои сиёсии худро ба таври возеҳ ва мушаххас баён кунанд, то таваҷҷуҳи интихобкунандагонро ҷалб намоянд. Ин барномаҳо метавонанд самтҳои мухталифро, аз қабили иқтисод, иҷтимоиёт, фарҳанг ва сиёсати хориҷӣ фаро гиранд. Ҳизбҳо инчунин кӯшиш мекунанд, ки фарқияти худро аз дигар ҳизбҳо нишон диҳанд ва аз рӯи масъалаҳои мубрами рӯз мавқеи худро баён кунанд. Таъсири маъракаҳои интихоботӣ ба рафтори интихоботӣ аз як қатор омилҳо вобаста аст, аз ҷумла эътимоди интихобкунандагон ба ҳизбҳо, сифати барномаҳои сиёсӣ, тарзи пешниҳоди иттилоот ва самаранокии усулҳои таблиғотӣ. Интихобкунандагон, одатан, ба он ҳизбҳое, ки ба проблемаҳои онҳо таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд ва роҳҳои ҳалли мушаххасро пешниҳод мекунанд, бештар майл доранд. Инчунин, нақши муҳимеро шаффофият ва ростқавлӣ дар маъракаҳои интихоботӣ мебозад, зеро интихобкунандагон ба ҳизбҳое, ки ба онҳо эътимод доранд, бештар овоз медиҳанд.

Яке аз стратегияҳои асосии ҳизбҳо ҳангоми пешбарии номзадҳо интихоби дақиқи номзадҳо дар асоси аҳамияти ҷамъиятӣ, сифатҳои касбӣ ва сатҳи эътимод дар байни интихобкунандагон мебошад. Ҳизбҳо кӯшиш мекунанд номзадҳоеро пешниҳод кунанд, ки метавонанд рамзи идеология ва ҳадафҳои барномавии онҳо шаванд. Ин раванд ташкили интихобот ё маҷлисҳои ибтидоиро дар бар мегирад, ки дар онҳо шахсони мувофиқ барои намояндагии ҳизбҳо дар маъракаҳои интихоботӣ муайян карда мешаванд. Дар ин ҳолат на танҳо таҷрибаи номзадҳо, балки қобилияти онҳо барои муошират бо интихобкунандагон низ ба назар гирифта мешавад, ки дар заминаи талабот ба кушодашавӣ ва дастрасии номзадҳо дар фазои сиёсии муосир хеле муҳим мегардад [8].

Ғайр аз интихоби номзадҳо, ҳизбҳо барои таҳияи платформаи интихоботии мукаммал, ки дар он масъалаҳои асосии рӯзномаи ҷамъиятӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо инъикос ёфтаанд, саъй мекунанд. Платформа бояд барои интихобкунандагон ҷолиб бошад ва самтҳои асосии рушди ҷомеаро дар сурати ба сари ҳокимият омадани ҳизб муайян кунад. Ҳизбҳо барои таҳияи чунин барномаҳо коршиносон ва таҳлилгаронро ҷалб мекунанд, инчунин фикру мулоҳизаҳои аҳолиро ба назар мегиранд. Марҳилаи муҳими дигар пеш аз интихобот ташкили маъракаи интихоботӣ мебошад, ки ҳадафи он ҷалби ҳадди аксари дастгирии интихобкунандагон аст. Дар ин марҳила, ҳизбҳо аз усулҳои гуногуни таблиғотӣ истифода мебаранд, аз қабили вохӯриҳо бо интихобкунандагон, мубоҳисаҳо, чопи маводҳои таблиғотӣ, истифодаи васоити ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ. Муҳим аст, ки паёмҳои ҳизбҳо возеҳ, мухтасар ва барои шунавандагони мақсаднок равона карда шаванд.

Гузаронидани маъракаҳои таблиғотӣ унсури муҳим дар стратегияи ҳизбҳо мебошад. Дар шароити Тоҷикистон, ки муошират бо интихобкунандагон бо усулҳои гуногун анҷом дода мешаванд, ҳизбҳо доираи васеи васоити ахбори омма ва платформаҳои иҷтимоиро истифода мебаранд. Истифодаи телевизион ва радио, нашрияҳои чопӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба номзадҳо имкон медиҳад, ки бо хароҷоти кам ба шунавандагони худ дастрас шаванд. Шабакаҳои иҷтимоӣ раванди баргузории маъракаҳои таблиғотӣ махсусан муҳиманд. Онҳо барои муошироти мустақим бо интихобкунандагони эҳтимолӣ, муҳокимаи масъалаҳои мубрам ва паҳн кардани маълумот дар бораи барномаи номзадҳо ба як фазои муассир табдил меёбанд [77].

Дар ин замина, ҳизбҳо кӯшиш мекунанд, ки маъракаҳои худро бо назардошти хусусиятҳои демографии минтақа ва манфиатҳои интихобкунандагон таҳия кунанд. Мулоқотҳо бо аҳолӣ, ташкили мизҳои мудаввар ва гуфтугӯҳои оммавӣ имкон медиҳанд, ки фикру мулоҳизаҳои сокинон ба назар гирифта шуда, мавқеи ҳизбҳо мувофиқи талаботи ҷомеа танзим карда шаванд. Ин усулҳо на танҳо баланд бардоштани маърифати сиёсӣ, балки эҷоди эътимод байни ҳизб ва интихобкунандагонро низ таъмин мекунанд. Ғайр аз ин, дар Тоҷикистон маъракаҳои таблиғотӣ аксар вақт бо истифода аз рамзҳо ва арзишҳои милливу фарҳангӣ гузаронида мешаванд. Ин равиш имкон медиҳад, ки ҳизбҳо худро бо мероси фарҳангӣ пайванд дода, дастгирии иловагии аҳолиро ба даст оранд. Истифодаи забони модарӣ, пешниҳоди барномаҳое, ки ба рушди фарҳанг ва таъмини суботи ҷомеа нигаронида шудаанд, ба раванди интихобот таъсири мусбат мерасонанд.

Ҷанбаи муҳимме, ки бояд зикр кард, зарурати таҳияи барномаи возеҳ ва пайваста мебошад, ки ниёзҳои воқеии ҷомеа ва интизориҳои шаҳрвандонро инъикос мекунад. Барномаҳои номзадҳо бояд ба ҳалли мушкилоти мубрами иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва ташаккули биниши рушди ояндаи кишвар равона карда шаванд. Муошироти самараноки ин барномаҳо тавассути чорабиниҳои таблиғотӣ ба ҳизбҳо имкон медиҳад, ки имконияти муваффақияти худро дар интихобот зиёд кунанд.

Ҳамин тариқ, нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар пешбарии номзадҳо ва гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ бисёрҷанба буда, муносибати стратегиро талаб мекунад. Муваффақияти ҳизбҳо бештар аз қобилияти мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи

муҳити сиёсӣ ва омодагии онҳо барои муайян ва қонеъ кардани ниёзҳо ва манфиатҳои интихобкунандагон вобаста аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва рафтори интихоботӣ нақши муҳим мебозанд. Таъсири онҳо ба афзалиятҳои интихобкунандагон тавассути роҳу усулҳои гуногун, ки заминаҳои мушаххаси фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварро ба назар мегиранд, амалӣ карда мешавад. Ҳизбҳо кӯшиш мекунанд, ки бо интихобкунандагон робита барқарор кунанд, зеро онҳо дарк мекунанд, ки муваффақияти онҳо дар интихобот асосан аз қобилияти бовар кунонидани шаҳрвандон ба дурустии худ ва самаранокии барномаи онҳо вобаста аст [10].

Ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон, ба монанди дигар кишварҳои олам, барои ба даст овардани эътимоди мардум мубориза мебаранд. Онҳо бо истифода аз василаҳои гуногун, ба монанди конфронсҳо, мулоқотҳо, намоишгоҳҳо, нашрияҳо, воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ кӯшиш мекунанд, ки ба афкори ҷамъиятӣ таъсир расонанд. Ин усулҳо ба ҳизбҳо имкон медиҳанд, ки платформаҳои худро муаррифӣ кунанд, мавқеъҳои худро дар масъалаҳои муҳим баён кунанд ва бо интихобкунандагон дар сатҳи шахсӣ муошират кунанд.

Илова бар ин, ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули рафтори интихоботӣ саҳм мегузоранд. Онҳо дар ҷараёни интихобот нақши муҳим доранд, зеро онҳо номзадҳоро пешбарӣ мекунанд, маъракаҳои таблиғотӣ мегузаронанд ва шаҳрвандонро ба овоздиҳӣ ташвиқ мекунанд. Ҳизбҳо кӯшиш мекунанд, ки интихобкунандагонро бо барномаҳо ва ваъдаҳои худ ҷалб кунанд ва бо ин васила онҳоро бовар кунонанд, ки ба онҳо овоз диҳанд. Рафтори интихоботӣ аз омилҳои гуногун, аз ҷумла иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ вобаста аст, аммо ҳизбҳои сиёсӣ метавонанд бо таблиғоти пурқувват ва муассир таъсири назаррас расонанд.

Муҳим аст, ки дар хотир дошта бошем, ки таъсири ҳизбҳои сиёсӣ ба афкори ҷамъиятӣ ва рафтори интихоботӣ аз якчанд омил вобаста аст. Обрӯ ва эътибори ҳизб, қобилияти пешниҳод кардани номзадҳои боэътимод, мавҷудияти захираҳои молиявӣ ва дастгирии ҷамъиятӣ ҳама дар ин раванд нақши муҳим мебозанд. Ғайр аз ин, сатҳи огоҳии шаҳрвандон, фаъолнокии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва озодии баён низ ба он таъсир мерасонанд, ки ҳизбҳои сиёсӣ чӣ гуна метавонанд дар ҷомеа нақш бозанд. Дар замони муосир, технологияҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ имкониятҳои навро барои ҳизбҳои сиёсӣ фароҳам овардаанд. Ҳизбҳо метавонанд аз ин воситаҳо барои паҳн кардани ахбор, ташкили маъракаҳо ва муошират бо интихобкунандагон истифода баранд. Аммо, инчунин муҳим аст, ки ҳизбҳо дар истифодаи ин воситаҳо масъул бошанд ва аз паҳн кардани маълумоти бардурӯғ ё таблиғоти манфӣ худдорӣ кунанд.

Яке аз усулҳои асосии таъсири ҳизбҳо ба интихобкунандагон истифодаи стратегияҳои таблиғот ва ташвиқоти сиёсӣ мебошад. Ин на танҳо шиорҳои таъсирбахшу хотирмонро дар бар мегирад, балки барномаҳои даркшавандаеро дар худ нигоҳ медоранд, ки бевосита ба манфиатҳо ва интизориҳои аҳолӣ таъсир мерасонанд. Ҳизбҳои сиёсӣ чорабиниҳои оммавӣ ташкил мекунанд ва инчунин васоити ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоиро барои паҳн кардани ғояҳо ва барномаҳои худ фаъолона истифода мебаранд. Бо назардошти дастрасии васеи интернет ва технологияҳои

иттилоотӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ воситаи муҳим дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ шуда, ба ҳизбҳо имкон медиҳанд, ки аудиторияи васеъро фаро гиранд ва бо интихобкунандагон муколамаи доимӣ дошта бошанд [11].

Таъсири барномаҳои ҳизбӣ ба рафтори интихоботӣ низ набояд нодида гирифта шаванд. Муносибати ҳамаҷониба ба таҳияи барномаҳо, ки мушкилоти воқеии иҷтимоӣ ва иқтисодиро ба назар мегирад, ба ташаккули эътимоди интихобкунандагон мусоидат мекунад. Барномаҳое, ки ба таври возеҳ ба ҳалли масъалаҳои марбут ба ҳамгироии ҷавонон, баланд бардоштани сифати зиндагӣ, мубориза бо коррупсия ва беҳтар кардани вазъи иқтисодӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, метавонанд шумораи зиёди овозҳоро ҷалб кунанд ва фаъолияти интихобкунандагонро сафарбар намоянд. Риторикаи сиёсӣ бо истифода аз ибораҳои фаҳмо ва дастрас воситаи тавоно дар ин замина мегардад [12].

Ҳизбҳое, ки қодиранд барномаҳои муфассал ва қобили амалро пешниҳод кунанд, ки ба ниёзҳои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ мувофиқ бошанд, имконияти бештари ҷалби ҷонибдорон ва баланд бардоштани иштироки интихоботӣ доранд. Барномаҳои мушаххас ва воқеӣ, ки роҳҳои ҳалли масъалаҳои мубрамро пешниҳод мекунанд, метавонанд интихобкунандагонро ба таври ҷиддӣ ҳавасманд созанд. Дар айни замон, шеваи арзёбии барномаҳои ҳизбӣ низ аҳамият дорад. Агар интихобкунандагон эҳсос кунанд, ки барномаҳо танҳо шиорҳои бемаънӣ ё ваъдаҳои иҷронашавандаанд, эътимод ба ҳизбҳо коҳиш меёбад. Шаффофият дар таҳияи барномаҳо ва муҳокимаи ошкорои имкониятҳо ва маҳдудиятҳои татбиқи онҳо метавонад ба эътимоди тарафайн мусоидат намояд.

Илова бар ин, механизми интиқоли барномаҳои ҳизбӣ ба ҷомеа нақши муҳим мебозад. Истифодаи самараноки воситаҳои ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоӣ ва мулоқотҳои рӯ ба рӯ бо интихобкунандагон барои расонидани паёмҳои ҳизбӣ ва фаҳмондани афзалиятҳо ва ҳадафҳои онҳо муҳим аст. Дар ин самт, услуби муошırати ҳизбӣ низ муҳим аст; забони содаву фаҳмо ва усулҳои муосири муошират метавонанд ба ҷалби бештари интихобкунандагон мусоидат намоянд. Бо назардошти таъсири барномаҳои ҳизбӣ ба рафтори интихоботӣ, муҳим аст, ки ҳизбҳо ба таҳия ва пешниҳоди барномаҳои худ бо масъулияти баланд муносибат кунанд. Барномаҳо набояд танҳо ваъдаҳои қавӣ бошанд, балки инчунин бояд асоси воқеӣ ва таҳлили муфассали вазъиятро дар бар гиранд. Дар акси ҳол, онҳо метавонанд ба афзоиши беэътимодӣ ба ниҳодҳои сиёсӣ ва коҳиши иштироки интихоботӣ оварда расонанд.

Ҳамин тариқ, таъсири ҳизбҳои сиёсӣ ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва рафтори интихоботӣ як раванди гуногунҷабҳае мебошад, ки муносибати ҳамаҷониба ва баҳисобгирии хусусиятҳои муҳити сиёсиро талаб мекунад. Муваффақият дар байни интихобкунандагон аз қобилияти ҳизбҳо барои мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбанда, пешниҳоди қарорҳои мувофиқ ва ҳамкории фаъолона бо шаҳрвандон вобаста аст.

Системаи ҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари муваффақиятҳои худ бо якчанд мушкилоти умумӣ рӯ ба рӯ мешавад ва чунин масъалаҳо функсия ва самаранокии онро дар заминаи раванди интихобот ба таври назаррас маҳдуд мекунанд. Ин масъалаҳо на танҳо монеаҳои мавҷударо барои иштироки ҳизбҳо дар ҳаёти сиёсӣ

дар бар мегиранд, балки мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоиро, ки ба амалияҳои интихоботӣ таъсир мерасонанд, ифода мекунанд.

Бо вуҷуди чунин мушкилот дурнамои муайян барои навсозӣ ва таҳкими низоми ҳизбӣ вуҷуд дорад. Аввалан, барои фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла содда кардани равандҳои бақайдгирӣ ва дастрасӣ ба васоити ахбори омма шароити мусоид фароҳам овардан лозим аст. Ин имкон медиҳад, ки ҳизбҳои сиёсӣ ва овозҳои алтернативӣ шунида шаванд. Чунин имконият метавонад ба инъикоси пурраи манфиатҳои ҷомеа дар сиёсат оварда расонад.

Дуюм, модернизатсияи раванди интихобот, аз ҷумла ҷорӣ намудани механизмҳои назорати интихобот метавонад ба баланд бардоштани эътимоди шаҳрвандон ба низоми ҳизбӣ мусоидат кунад. Тавсеаи ваколатҳои нозирони мустақил, имконияти иштироки фаъолонаи онҳо дар чорабиниҳои интихоботӣ барои ташаккули эътимоди интихобкунандагон ба қонунияти интихобот ва қонунияти натиҷаҳои он хеле муҳим аст.

Илова бар ин, омили асосии рушди низоми ҳизбӣ фаъолшавии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва афзоиши огоҳии сиёсии шаҳрвандон мебошад. Таълим, гузаронидани мубоҳисаҳо ва фаъолияти ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ метавонад ба афзоиши таваҷҷуҳи аҳолӣ ба равандҳои сиёсӣ ва иштирок дар онҳо мусоидат кунад. Ин дар навбати худ барои рақобат байни ҳизбҳо шароити мусоид фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, зарурати муносибати ҳамаҷониба ба рушди низоми ҳизбӣ дар Тоҷикистон вуҷуд дорад, ки он бояд ҳам ташаббусҳои қонунгузорӣ ва ҳам кор бо аҳолиро бо мақсади баланд бардоштани фарҳанги сиёсӣ ва фаъолияти шаҳрвандӣ дар бар гирад. Бартараф кардани монеаҳои мавҷуда ва қадамҳои фаъол барои навсозии система метавонад барои раванди сиёсии демократӣ, ки ба қонунияти раванди интихобот мусоидат мекунад, заминаи мусоид фароҳам орад.

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 ҳизби сиёсӣ фаъолият дошта, дар интихоботи соли 2025 барои соҳиб шудан ба 63 курсиҳои Маҷлиси намояндагони маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ҳизби сиёсӣ мубориза бурданд.

Натиҷаи интихоботии парламенти Тоҷикистон, ки санаи 2 марти соли 2025 баргузор гардид, тибқи иттилои Комиссияи маркази интихобот ва раъйпурсии Тоҷикистон ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон соҳиби курсиҳои зеррин дар парламент гардиданд.

**Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон - 12 курсӣ,**

**Ҳизби аграрии Тоҷикистон – 5 курсӣ,**

**Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон – 3 курсӣ,**

**Ҳизби коммунистии Тоҷикистон – 0 курсӣ,**

**Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон – 1 курсӣ,**

**Ҳизби демократии Тоҷикистон – 1 курсӣ**

Дар интихобот ба Маҷлиси намояндагони маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 85,3 дарсад аҳолии қобили райъи Тоҷикистон ширкат карда, овоз додаанд [13].

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда якчанд хулосаҳои асосӣ таҳия карда шуданд, ки барои фаҳмидани хусусиятҳои низоми сиёсӣ ва раванди интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмак мерасонанд. Таҳқиқи масъалаи матраҳгардида нишон дод, ки заминаи қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва раванди интихобот аз бисёр ҷиҳатҳо ба навсозӣ ниёз доранд. Санадҳои меъёрӣ ба навсозӣ ва

мутобиқшавӣ ба шароити муосир, инчунин муайян кардани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои қувваҳои сиёсӣ ниёз доранд. Аксар вақт ҳизбҳо ҳангоми бақайдгирӣ ва пешбарии номзадҳои худ бо монеаҳои мушаххас рӯ ба рӯ мешаванд, ки ин онҳоро дар муқоиса бо сохторҳои сиёсии аллакай муқарраршуда дар ҳолати номусоид мегузорад.

Хулосаи дигари муҳим аҳамияти ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъсири он ба равандҳои сиёсӣ мебошад. Фаъолгардонии фаъолияти шаҳрвандӣ, иштироки ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ дар назорати интихобот ва таблиғи огоҳии сиёсӣ дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ бо мақсади пешбурди раванди интихобот нақши назаррас доранд. Ҳар қадаре ки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ фаъолтар бошанд, ҳамон қадар имконияти тағйирот дар низоми ҳизбӣ ва пайдо кардани шаклҳои нави ҳамкорӣ байни ҳокимият ва ҷомеа зиёдтар хоҳад буд.

Хулосаи сеюм аҳамияти истифодаи технологияҳо ва платформаҳои муосир барои таблиғот ва муоширát бо интихобкунандагон мебошад. Дар шароите, ки васоити ахбори оммаи анъанавӣ маҳдуд аст, васоити ахбори иҷтимоӣ ва платформаҳои рақамӣ ба василаҳои муҳим барои ҳизбҳо табдил меёбанд ва ба онҳо имкон медиҳанд, ки риторикаи худро ба интихобкунандагон самаранок расонанд ва дастгирии онҳоро сафарбар кунанд.

Ҳамин тариқ, пажӯҳиши фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихобот ва хусусиятҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикисон нишон дод, ки сарфи назар аз мушкилоти мавҷуда, низоми ҳизбии Тоҷикистон барои рушди минбаъдаи худ захираву имкониятҳои зиёд дорад. Дурнамои беҳтар кардани раванди интихобот аз ислоҳоти ҳамаҷонибаи қонунгузорӣ, фаъолсозии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва фароҳам овардани шароити баробар барои ҳамаи иштирокчиёни ҳаёти сиёсӣ иборат аст. Ин бозёфтҳо барои беҳтар фаҳмидани механизмҳои амалкунандаи ҳамкории байни давлат, ҳизбҳо ва ҷомеа кӯмак хоҳанд кард ва инчунин метавонанд барои таҳқиқоти оянда ва ташаббусҳои сиёсие, ки ба таҳкими демократия дар кишвар нигаронида шудаанд, асос гузоранд.

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда вобаста ба раванди интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тавсияҳоеро таҳия кардан мумкин аст, ки ба беҳтар намудани танзими ҳуқуқӣ, тақвияти рақобати ҳизбӣ ва баланд бардоштани шаффофияти расмиёти интихоботӣ мусоидат менамоянд. Татбиқи ин тавсияҳо рушди демократияро беҳтар мекунад ва эътимоди ҷомеаро ба низоми сиёсӣ мустаҳкам мегардонад.

Дар аввал, қонунгузории марбут ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва раванди интихоботӣ бояд каме навсозӣ гардад. Диққати асосӣ бояд ба соддагардонии расмиёти бақайдгирии ҳизбҳо ва пешбарии номзадҳо дода шаванд. Ин имкон медиҳад, ки шумораи ҳизбҳои сиёсии ба қайд гирифташуда зиёд карда шавад ва аз ин рӯ, рақобатро дар интихобот тақвият диҳад. Муҳим аст, ки чаҳорчӯбаи ҳуқуқие таъсис дода шавад, ки фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро дастгирӣ намуда, ба онҳо барои иштирок дар ҳаёти сиёсии кишвар шароити баробар фароҳам оварад.

Тавсияи дуюм зарурати таҳкими мустақилияти комиссияҳои интихоботӣ мебошад. Ин талаб мекунад, ки шароит барои ташаккули онҳо бидуни таъсири беруна фароҳам оварда шавад. Ваколатҳои комиссияҳо бояд ба таври возеҳ муайян карда

шаванд, то мустақилият ва мақоми онҳоро таъмин кунанд. Ин иқдом дар навбати худ сатҳи эътимодро ба раванди интихобот ва натиҷаҳои интихобот баланд мебардорад.

Қадами навбатӣ барои беҳтар кардани системаи интихоботӣ ин рушди механизмҳои назорати ҷамъиятӣ ва иштироки ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ дар мониторинги равандҳои интихоботӣ мебошад. Шарикӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ метавонад сатҳи иловагии эътимоднокиро таъмин кунад ва доштани нозирони мустақил дар интихобот ба эътимод ба натиҷаҳои интихобот мусоидат мекунад. Он инчунин барои муайян кардани қонуншиканиҳо ва мушкилоти эҳтимолии интихобкунандагон кӯмак хоҳад кард, ки ба беҳтар шудани равандҳои минбаъдаи интихобот мусоидат мекунад.

Ба зарурати баланд бардоштани саводнокии сиёсии аҳолӣ диққат додан муҳим аст. Барномаҳои таълимӣ, семинарҳо ва маъракаҳои иттилоотӣ бояд ҳам барои интихобкунандагон ва ҳам барои ҳизбҳо ташкил карда шаванд. Ин имкон медиҳад, ки ҷомеаи огоҳ таъсис дода шавад ва қодир бошад, ки интихоби огоҳона кунад ва дар раванди сиёсӣ фаъолона иштирок намояд. Фаҳмиши ҷамъиятии равандҳои сиёсӣ омили асосии ташкили синфи миёнаи шаҳрвандони фаъоли сиёсӣ мебошад.

Инчунин бояд рушди технологияҳои муосир ва платформаҳои иттилоотӣ идома дода шавад. Технологияҳои муосир метавонанд ба ҳизбҳо имкон диҳанд, ки таблиғотро дар сатҳи баланд ташкил кунанд ва бо интихобкунандагон самараноктар ҳамкорӣ намоянд. Истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои рақамӣ метавонад муоширати байни шаҳрвандон ва ҳизбҳоро осон кунад ва ба иштироки доираи васеи шаҳрвандон дар раванди сиёсӣ мусоидат намояд.

**АДАБИЁТ**


1. Васильева, Т. А. Политические партии как источник мобилизации и конфликта: современный опыт европейских партий / Т. А. Васильева, Д. Д. Прокопчук, Р. А. Гриценко // Общество: политика, экономика, право. – 2017. – № 8. – С. 18-22.
2. Диноршоев, А. М. Избирательное право и избирательный процесс в Республике Таджикистан / А. М. Диноршоев, С. М. Салохидинова, Н. Р. Сафарзода. – Душанбе : Голд-принт, 2018. – 204 с.
3. Долгих, Ф. И. Правовое регулирование деятельности политических партий - теория и практика : Монография / Ф. И. Долгих ; Ответственный редактор серии Ю.Б. Рубин. – Москва : Маркет ДС, 2010. – 144 с.
4. Сафаров, Ф. Ш. Нақш ва Ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсӣ дар раванди интихоботи парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф. Ш. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – № 7. – С. 292-298.
5. Гадоев, Б. С. Понятие и сущностные признаки избирательного процесса в Республике Таджикистан / Б. С. Гадоев // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2017. – № 4. – С. 218-224.
6. Барыш, Ф. Функции наблюдателей по оценке выборов / Ф. Барыш // Духовная ситуация времени. Россия XXI век. – 2023. – № 1(30). – С. 38-39.

7. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2019, №7, мод. 460
8. Черепанов, В. А. Поддержка выдвижения кандидатов: исторический контекст, проблемные вопросы и поиск решения / В. А. Черепанов // Журнал российского права. – 2016. – № 6 (234). – С. 23-32.
9. Азимова, А. Т. Анализ успешных предвыборных кампаний в социальных сетях / А. Т. Азимова // Международный журнал гуманитарных и естественных наук. – 2023. – № 10-4(85). – С. 6-9.
10. Реут, Д. А. Предвыборная программа и современные информационные технологии - необходимый элемент информирования избирателей / Д. А. Реут // Российский журнал правовых исследований. – 2015. – Т. 2, № 2(3). – С. 225-233.
11. Роговенко, М. А. Влияние сетевых инструментов коммуникации на отношение избирателей к выборам как социально-политическому институту / М. А. Роговенко // Государственное и муниципальное управление. Ученые записки. – 2023. – № 3. – С. 297-304.
12. Солдатов, А. В. Основные факторы формирования электорального поведения / А. В. Солдатов, А. А. Солдатов // Вестник Санкт-Петербургского университета. Серия 12. Психология. Социология. Педагогика. – 2012. – № 3. – С. 244-250.
13. Интихоботи вакилони халқ-2025 [Захираи электронӣ]. –URL: https://khovar.tj/2025/03/intihoboti-vakiloni-hal-2025-nati-a-oi-peshakii-intihoboti-vakiloni-ma-lisi-namoyandagoni-ma-lisi-olii-um-urii-to-ikistonro-elon-gardidand/ (санаи муроҷиат: 25.04.2025)
14. Расулов, А. З. Мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон / А. З. Расулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 6-1. – P. 298-304. – EDN KVPQCH.
15. Расулов, А. З. Нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи интихоботӣ / А. З. Расулов // Мақом ва нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инкишофи геополитикии минтақа, Душанбе, 29 августа 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – P. 230-245. – EDN OQMGQU.
16. Расулов, А. З. Ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун субъекти системаи интихоботӣ: ҷанбаҳои назариявию методологии масъала / А. З. Расулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – No. 10-2. – P. 267-276. – EDN TSDHUF.

## ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ПОЛИТИЧЕСКИХ ПАРТИЙ В ИЗБИРАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ И ЕЁ ОСОБЕННОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Анализ деятельности политических партий в контексте избирательных процессов Республики Таджикистан является крайне важной задачей для понимания изменчивости политической системы страны и её влияния на развитие демократических процессов. В условиях трансформации политической жизни и социально-экономических изменений Таджикистана изучение роли политических партий приобретает особую актуальность.

Таджикистан как молодое независимое государство находится на этапе формирования собственных политических структур и механизмов. Такая тенденция

делает оценку деятельности политических партий в данном контексте одним из важных направлений научных исследований.
Наиболее важным направлением деятельности политических партий в избирательном процессе Республики Таджикистан является выдвижение кандидатов и организация избирательных кампаний. Эти процессы не только формируют политическое пространство в стране, но и оказывают значительное влияние на избирательное поведение граждан. Стратегии выдвижения кандидатов могут различаться в зависимости от политической ситуации, внутренних ресурсов партий и ожиданий избирателей.

Особое внимание следует уделить необходимости повышения политической грамотности населения. Образовательные программы, семинары и информационные кампании должны быть организованы как для избирателей, так и для самих партий. Это позволит сформировать информированное общество, способное делать осознанный выбор и активно участвовать в политическом процессе. Общественное понимание политических процессов является ключевым фактором формирования среднего класса активных политических граждан.

Также необходимо продолжать развитие современных технологий и информационных платформ. Современные технологии позволяют партиям организовывать агитацию на высоком уровне и более эффективно взаимодействовать с избирателями. Использование социальных сетей и цифровых платформ может облегчить коммуникацию между гражданами и партиями, а также способствовать более широкому участию населения в политическом процессе.

**Ключевые слова:** политика, выборы, избирательная система, партия, политические партии, политическая система, политическая власть, законодательная власть, демократия, политические технологии.

## ACTIVITIES OF POLITICAL PARTIES IN THE ELECTORAL PROCESS AND THEIR FEATURES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Analyzing the activities of political parties within the framework of the electoral processes of the Republic of Tajikistan is a highly important task for understanding the dynamics of the country’s political system and its impact on the development of democratic processes. In the context of political transformation and socio-economic changes in Tajikistan, studying the role of political parties becomes particularly relevant.

Tajikistan, as a young independent state, is in the process of forming its own political structures and mechanisms. This trend makes the assessment of the activities of political parties in this regard a particularly significant area of academic research.

The most important aspect of the activities of political parties in the electoral process of Tajikistan is the nomination of candidates and the organization of election campaigns. These processes not only shape the political landscape of the country but also have a significant influence on the electoral behavior of citizens. Strategies for nominating candidates may vary depending on the political situation, the internal resources of the parties, and the expectations of voters.

It is also crucial to pay attention to raising the political literacy of the population. Educational programs, seminars, and information campaigns should be organized both for voters and for the parties themselves. This would enable the formation of an informed society capable of making conscious choices and actively participating in political life. Public

understanding of political processes is a key factor in the creation of a middle class of politically active citizens.

Furthermore, the development of modern technologies and information platforms should continue. Modern technologies can enable parties to organize campaigning at a high level and interact with voters more effectively. The use of social networks and digital platforms can facilitate communication between citizens and political parties and promote wider citizen participation in the political process.

**Key words:** politics, elections, electoral system, party, political parties, political system, political power, legislative power, democracy, political technologies.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Расулзода Аслам Зафар, ходими калони илмии шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел: (+992) 918-67-66-06; E mail: Aslam_1993@mail.ru

**Сведения об авторе:** Расулзода Аслам Зафар, старший научный сотрудник отдела США и Канады Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел: (+ 992) 918-67-66-06; E mail: Aslam_1993@mail.ru

**Information about the author:** Rasulzoda Aslam Zafar, Senior Research Fellow of the Department of the USA and Canada, Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries, National Academy of Sciences of Tajikistan Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 33. Tel: (+ 992) 918-67-66-06; E mail: Aslam_1993@mail.ru

# РУШДИ РИТОРИКАИ СИЁСӢ ДАР КИШВАРҲОИ АВРУПО ВА ХУСУСИЯТҲОИ БЕВОСИТАИ ДАВРАИ ЭҲЁ ВА ЗАМОНИ НАВ

**Саидзода Ф. С.**
Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ

*Мақолаи мазкур таърихи инкишофи риторикаи сиёсии давраи Эҳё ва Замони навро дар кишварҳои Аврупо дарбар мегирад. Муаллиф омилҳои асосии рушди риторикаро баррасӣ менамояд. Риторика ҳамчун воситаи ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва идоракунии сиёсӣ дар ин давра аҳамияти хос пайдо намуд. Махсусан, идеяҳои гуманизм, баробарӣ, озодӣ, плюрализм, парламентаризм ва ташаккули давлатҳои миллӣ дар шаклгирии риторикаи сиёсӣ нақши муҳим гузоштааст.*

*Дар мақола, ҳамчунин назарияҳои мутафаккирони давраи Эҳё ва Замони нав оид ба санъати суханварӣ ва нақши он дар таҳаввулоти ҷомеа оварда шудааст. Алахусус, нақши шахсиятҳои бузурги таърихиро, ки бо истеъдоди суханварии худ ба раванди инқилобҳои иҷтимоӣ таъсир расониданд, қайд намудааст. Дар баробари ин, муаллиф аҳамияти инқилобҳои буржуазиро дар рушду инкишофи риторикаи сиёсӣ ба таври васеъ шарҳ медиҳад.*

*Махсусан марҳилаҳои рушди санъати суханварӣ, ташаккули буржуазия ва инқилобҳои иҷтимоию сиёсиро арзёбӣ намуда, таъсири онро дар ташаккули риторикаи парламентӣ қайд менамояд. Мақола раванди инкишофи риторикаи сиёсиро дар давараи инқилобҳои буржуазии Фаронса, Англия ва Олмон ба таври васеъ фаро мегирад. Бинобар ин, муаллиф ташаккули санъати баҳси парлумонӣ ва нақши онро дар дигаргуниҳои сиёсию таърихии ин кишварҳо ба таври муфассал баён намудааст.*

***Калид вожаҳо:*** *риторикаи сиёсӣ, давраи Эҳё, Замони нав, инқилобҳои иҷтимоӣ, буржуазия, парламентаризм, давлати миллӣ, шуури сиёсӣ, суханварӣ, газета, таблиғот, гуманизм, пюрализм, маданияти сиёсӣ.*

Воқеан ҳам риторикаи сиёсӣ дар раванди тағйирпазирии ҷомеаи муосир нақши муҳим дошта, тавассути он ҳадафҳои бузурги сиёсию глобалӣ амалӣ мешаванд. Аз ҷумла, ходимони давлатию ҷамъиятӣ ва дигар шахсиятҳои барҷаста маҳз, бо маҳорати суханварӣ ба комёбиҳои баланд ноил шудаанд. Аз ин рӯ, дар шароити муосир риторикаи сиёсӣ ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, дарёфти консенсуси ичтимоӣ, таъмини вахдату амният дар ҷомеа, дарёфти тарҳи нави муколама ва раванди сотсиализатсияи сиёсӣ мавқеи устувор дорад.

Риторикаи сиёсӣ ҳамчун падидаи муҳимми маданият сатҳи ҷаҳонбинии арбобони сиёсӣ ва дигар хизматчиёни давлатиро инъикос менамояд. Нутқи сиёсатмадорон дар таҳаввулоти ҷомеа нақши муҳим дошта, боиси бавуҷудоии дигаргуниҳои бузурги иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавӣ мешавад [7, с.64].

Таҳлил ва омӯзиши адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки рушду инкишофи риторикаи сиёсӣ таърихи мухталиф дошта, марҳилаҳои гуногунро сипарӣ намудааст. Вале новобаста аз чигунагии раванди таърихӣ риторикаи сиёсӣ ҳамчун падидаи таъсиррасон ба ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ҳамеша ҳамсафари зиндагии мардум буд. Махсусан, дар давраи Эҳё (асрҳои XIV-XVI) ва Замони нав (асрҳои XVII-XVIII) он ба зинаи нави тараққиёт расид.

Дар ин марҳила бештар ҷанбаҳои сиёсии санъати суханварӣ рушд намуд. Идеяҳои демократия, гуманизм ва озодӣ ба баланд гаштани шуури ҷамъиятии мардум боис шуда, тартиботи феодалӣ бекор гардид. Ҳамчунин, давлатҳои миллӣ бунёд шуда, низоми парламентаризм ва ҳизбҳои гуногуни буржуазӣ ташаккул ёфтанд.

Албатта, ин тағйиротҳои бузурги иҷтимоию сиёсӣ боис шуданд, ки риторикаи сиёсӣ ҳамчун воситаи асосии қудрат ва идоракунии ҷомеа аҳамияти хоса пайдо кунад. Алалхусус, дар давраи Эҳё омӯзиши дубораи мероси илмии Юнону Рими қадим ба роҳ монда шуда, асарҳои классикони илми риторика мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, ки ин ҳама, заминаи назариявии омӯзиши риторикаи сиёсиро фароҳам овард.

Бояд қайд намуд, ки дар давраи Эҳё риторика на танҳо воситаи суханронӣ, балки падидаи ташаккули имиҷи сиёсатмадор маҳсуб мешуд. Аз ҷумла, Никколо Макиавелли риторикаро ҳамчун воситаи нигаҳдории қудрат тавсиф мекунад. Ба андешаи ӯ, “сухан на бояд ҳатман ахлоқӣ, балки муассир бошад”[3, с.78]. Ин равиш нишон медиҳад, ки риторикаи сиёсӣ тадриҷан аз меъёрҳои классикии ахлоқӣ дур гардида, ба прагматизм наздик шуд. Гуманистони ин давра ба қудрати сухан дар ташаккули ҷомеаи одилона эътимод доштанд.

Дар Замони нав бошад риторикаи сиёсӣ бо рушди илм, фалсафа ва назарияи шартномаи иҷтимоӣ, хусусияти нав касб кард. Мутафаккирони ин аср, аз қабили Ҷон Локк, Жан-Жак Руссо ва Томас Гоббс на ба зебогии сухан, балки бештар ба мантиқ ва далел такя мекарданд.

Масалан, Т. Гоббс дар асараш «Левиафан» суханро ҳамчун “падидаи идоракунии тарсу умед арзёбӣ менамояд, ки ба воситаи он ҳокимият қонуният пайдо мекунад”[9, с. 134]. Тазаккур бояд дод, ки дар ин марҳила, риторика бо фалсафаи сиёсӣ алоқаманд гардида, хусусияти идеологӣ касб намуд.

Махсусан, дар ин давра инқилобҳои иҷтимоӣ ҷиҳати ташаккули риторикаи сиёсӣ нақши бузург гузоштанд. Инқилобҳои иҷтимоӣ на танҳо сохтори иқтисодӣ ва сиёсиро тағйир доданд, балки ба забон, услуб ва мантиқи гуфтори сиёсӣ низ таъсир расонида, онро аз сухани элитарӣ ба падидаи сафарбарсозии омма табдил доданд. Зеро чуноне маълум аст, то асрҳои миёна риторикаи сиёсӣ асосан ба подшоҳону ашрофон нигаронда шуда буд, аммо инқилоб ва ҳаракатҳои мардумӣ ин аудиторияро васеъ карданд. Чунки суханронӣ бояд фаҳмо ва таъсирбахш мешуд, то оммаро сафарбар намуда, барои дигаргун намудани сохти сиёсӣ водор намоянд.

Ҳамчунин, дар раванди инқилобҳои буржуазӣ мутафаккирон ва роҳбарони бузурге пайдо гардиданд, ки бо маҳорати махсуси суханварии худ мардумро баҳри муттаҳидшавӣ ва мубориза бар зидди зулм сафарбар намуданд. Нутқи онҳо барои такмили арзишҳои сиёсию демократӣ равона гардида буд. Дар суханрониҳо на манфиати элита, балки ҳимояи манфиатҳои ҷомеа ва табақаҳои ниёзмандро баррасӣ мекарданд. Аз ин ҷост, ки онҳо дар муборизаҳои амалӣ бевосита ширкат меварзиданд ва ё бо ҷонибдории ин ё он ҳизби сиёсӣ манфиатҳои гурӯҳҳои муайяни иҷтимоиро дар фаъолияти хеш ифода менамуданд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки инқилобҳои иҷтимоӣ арзишҳои озодӣ, баробарӣ, ҳуқуқи инсон, соҳибихтиёрии мардум ва ғайраро ба мавзӯи риторика дохил намуданд. Яъне, риторика ба ҳимояи иродаи халқ гузашт. Бе сабаб нест, ки Жан-Жак Руссо мафҳуми «иродаи умумӣ»-ро ба маркази риторикаи сиёсӣ ворид намуд. Мисоли барҷастаи ин гуфтаҳоро дар инқилоби Фаронса дидан мумкин аст. Суханварони давраи инқилобӣ, ба монанди Сен-Жюст, Демулен, Ж.П. Марат, Ж.Ж. Руссо, Дантон, Мирабо,

М. Робеспиер чунин амал мекарданд. То ин вақт дар Фаронса риторикаи динӣ, академӣ ва судӣ мавқеи устувор дошт, баъд аз инқилоб риторикаи сиёсӣ афзалият пайдо намуда, инкишоф ёфт.

Марҳилаи баландтарини инкишофи суханварии сиёсии буржуазӣ дар Фаронса ба охири асри XVIII мансуб мебошад. Моҳи августи соли 1789 аз ҷониби маҷлиси муассисон «Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд» қабул гардид, ки дар қисмати аввали ин ҳуҷҷати муҳимми давлатӣ баробарии табиии ҳамаи одамон эълон карда шуд. Дар баробари ин, эъломияи мазкур принсипҳои ҳуқуқи инсон ба озодии шахсӣ ва дахлнопазирӣ, соҳибихтиёрии халқ, озодии виҷдон ва изҳори ақида ва ғайраҳоро фаро мегирифт. Яъне, инқилоби Фаронсаи асри XVIII инқилоби хоси иҷтимоӣ буд.

Яке аз суханварони барҷастаи сиёсии буржуазия ва илҳомбахши баромадҳои оммавӣ, ки ба муқаррарнамоии ***диктатураи якобиниягӣ*** оварда расонид, Жан Пол Марат (1743-1793) ба ҳисоб мерафт. Ӯ дар баромадҳои сиёсиаш он гурӯҳҳои буржуазиеро, ки мақсади аз байн бурдани дастовардҳои халқро доштанд, мавриди танқид қарор медод. Марат инчунин устоди баҳсҳои сиёсӣ маҳсуб меёфт. Ӯ аз ҳиллаҳои сиёсие, ки софистҳои он давра дар фаъолияташон истифода мебурданд, бархӯрдор буд ва бар муқобили онҳо мубориза мебурд. Яке аз ин гуна намунаҳо, баромади ӯ дар ***Конвент*** (мақомоти олии қонунгузорӣ ва иҷроияи Фаронса дар охири асри XVIII) вобаста ба ҳукми қатли Людовики XVI мебошад [5, с.85]. Бояд гуфт, ки суханрониҳои нотиқони инқилоби Фаронса на барои таҳкими қонунҳо, балки ба зидди онҳо нигаронда шуда буд. Худи суханрониҳо хело кӯтоҳ буда, аксаран ба давраи муайян тааллуқ доштанд. Онҳо хусусияти сафарбаркунанда дошта, ба издиҳоми муайян равона буданд.

Тавре маълум аст, анъанаҳои суханварии Фаронса ҳоло ҳам ҳамчун роҳнамо дар рушди инкишофи фарҳанги аврупоӣ дониста мешавад. Дар асрҳои XVI-XVII рушди инкишофи зиёдеро риторикаи илоҳӣ касб намуда, дертар ҷойи онро риторикаи судию академӣ ва дар охири асри XVIII дар замони Инқилоби бузурги Фаронса ҷойи онро риторикаи сиёсӣ мегирад. Таърихи риторика ба оинаи равишҳои рушду инкишофи иҷтимоӣ-сиёсӣ ҷомеа табдил ёфта, паст гардидани обрӯи калисо, рушди инкишофи илм, ҷалби диққат будани Инқилоби бузурги Фаронса ва муҳокимаҳои парламенти асри XIX-ро инъикос менамояд[4, с.60]. Риторика ба соҳаҳои мухталиф ҷудо шуда, паҳлуҳои гуногуни илмҳоро фаро мегирад ва оҳиста-оҳиста шакли аввалаи илми идора буданашро исбот менамояд.

Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки нутқҳои аз тарафи ходимони давлатӣ ва суханварони маъруфи фаронсавӣ пешниҳодгашта дар хазинаи тиллоии санъати суханварӣ маҳфузанд.

Дигар марҳилаи инкишофи риторикаи сиёсӣ ба инқилоби буржуазии Англия марбут аст. Инқилоби буржуазии Англия дар асри XVII як тағйироти куллӣ дар сохти сиёсӣ ва иҷтимоӣ буда, боиси ғалабаи сохти сармоядорӣ дар ин кишвар гардид. Нерӯи асосии инқилоби мазкур оммаи мардум буд, ки ба муқобили монархия, яъне табақаи болоии дворянӣ ва рӯҳониёни мубориза мебурданд. Аз ин лиҳоз, инқилоб асосан зидди ҳокимияти шоҳаншоҳӣ ва барои пешрафти ҳуқуқи парламент ва синфи буржуазӣ барпо шуд.

Бинобар ин, дар давраи инқилоб риторикаи сиёсӣ нақши муҳим бозида, тавассути суханронӣ ва матнҳои таблиғотӣ оммаи мардумро ба тарафдорӣ ҷалб менамуданд ва идеологияи инқилобиро паҳн мекарданд. Навиштаҷоти онҳо кӯтоҳу фаҳмо буд ва ҳадафи асосиашон баланд бардоштани манфиати синфи буржуазӣ, эътироз ба

ҳокимияти шоҳ ва даъват ба ҳуқуқи парламентӣ маҳсуб меёфт. Тавассути рӯзномаву брошюраҳои сиёсӣ, синфҳои миёна ва поёниро аз мақсаду моҳияти идеологияи буржуазӣ огоҳ намуда, мафкураи сиёсии онҳоро баланд мебардоштанд. Риторикаи сиёсӣ арзишҳои озодӣ, ҳуқуқи шахсӣ, ва масъулияти шоҳро дар назди парламент тарғиб мекард.

Яке аз нотиқони барҷастаи давраи инқилоби буржуазии англис Оливер Кромвел (1599 -1658) --сарвари сиёсии ҳизби индепендентҳо ва ходими фаъоли нерӯи оппозитсионӣ ба ҳисоб мерафт. Ӯ дар баромадҳояш мардумро барои ҳимояи ҳуқуқи парламентӣ ва барҳамдиҳии ҳокимияти шоҳ даъват мекард. Оливер Кромвел нисбат ба дигар ходимони давр имиҷи мусбат дошт ва бо овози буррову форам диққати ҳамаи аъзоёни парламентро ба худ ҷалб мекард.

Ҳамчунин, бояд иброз намуд, ки намояндагони ҳаракати чартизм низ ба шаклгирӣ ва раванди инқилоб таъсири назаррас расониданд. Суханварони маъруфи ҳаракати чартизм Фергюс Эдуард О Коннор (1796 -1855), Ҷорҷ Ҷулиан Гарни (1817-1897), Эрнест Чарлз Ҷонс (1819-1869) ва дигарон аз худ маҳорати баланди нотиқӣ нишон додаанд.

Тазаккур бояд дод, ки 4-уми феврали соли 1839 дар Лондон конвенти аввалини миллии чартистҳо ҷамъ омад. Он бояд аҳамияти парламенти коргарӣ ва ё халқиро пайдо менамуд. Он муқобили парламенти аристократии буржуазии Вестминстер амал менамуд. Дар конвенти мазкур мубориза байни қаноти рост ва чап авҷ гирифт, бештар чапҳо бартарӣ пайдо менамуданд. Дар конвент матни хартияро ҷонибдорӣ намуданд ва қарори ба парламент ирсол намудани онро қабул доштанд [1, с.403]. Хусусан, Э.Ч. Ҷонс истеъдоди баланду нотакрори суханварӣ дошт. Дар фаъолияти суханварии Э.Ч. Ҷонс бештар қобилияти сиёсии ӯ таъсири назаррас расонидааст. Тамоми нутқҳои ӯ саршори симоҳо ва устураҳои сиёсӣ, муқоисаву таҳлилнамоӣ, унсурҳои баланди эҳсосотии суханварӣ, ҷолибияти иборапардозӣ ва даъватҳои пурмазмуни ангехтпазирӣ мебошад.

Бешак, дар инқилоби буржуазии Англия риторикаи сиёсӣ барои ҷалб намудани тарафдорон ва ташаккули идеологияи нав амал мекард. Он на танҳо баҳсҳоро дар парламент ва байни синфҳо идора мекард, балки тавассути тарғибу ташвиқ ба қувваи сафарбаркунандаи оммавӣ табдил ёфт.

Инқилоби буржуазии Олмон (1848-1849) бошад дар ташаккули ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, озодӣ ва муттаҳидсозии давлатҳои гуногуни олмонӣ саҳм гузоштааст. Дар он синфи буржуазӣ ва зиёиён ҷиҳати иштирок дар сохтори идоракунӣ ва таҳкими конститутсия мубориза бурданд. Албатта, риторикаи сиёсӣ ҳамчун воситаи асосии таблиғ ва ташкили ҳамгироӣ дар ғалабаи инқилоби буржуазӣ нақши ҳалкунанда гузошта, тарҳи нави конститутсия ва парламенти миллиро ба миён овард. Махсусан, газета ва овезаҳои сиёсии буржуазӣ ғояҳои демократӣ ва миллатгароёнаро ба омма расонида, митинг ва маҷлисҳои ҷамъиятӣ бошад, барои таблиғи озодӣ, ҳуқуқ ва баробарӣ истифода мешуданд. Дар баробари ин, шиору овезаҳои сиёсӣ ҷиҳати муттаҳидӣ ва коммуникатсияи синфҳои гуногун хизмат намуда, тавассути он тарафдорони демократия ва буржуазияро ба ҳам меоварданд.

Бояд гуфт, ки инкишофи сохти сармоядорӣ дар Олмон боиси муттаҳидшавии пролетариати саноатии ин кишвар, рушди шуури оммавӣ ва иштироки фаъоли сиёсии мардум гардид. Доҳиёни инқилоби синфи коргари немис В. Либкнехт ва А. Бебел маҳсуб меёфтанд, ки онҳо ҳизби сотсиал- демократии Олмонро сарварӣ менамуданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Вилгелм Либкнехт (1826 -1900) вакили Рейхстаг аз ҳизби сотсиал-демократӣ буд. Баромадҳои ӯ намунаи барҷастаи нутқҳои парламентӣ дар ташвиқу тарғиби инқилоб, фошкунии сиёсати иртиҷоии дохилӣ ва хориҷии мулкдорони Пруссия ва

ҳамгироӣ бо Коммунаи парижӣ мебошад. Нутқҳое, ки аз ҷониби В. Либкнехт пешниҳод мегашт, хусусиятҳои образноки тасвири фикр, истифодаи моҳиронаи маҷоз, қиёс ва муқобилгузориҳоро дошт. Ҳамаи ин боис мегардид, ки шунавандагон суханрониҳои ӯро соатҳои тӯлонӣ бодиққат гӯш кунанд [5, с.88].

Шахсияти дигаре, ки ҳамчун нотиқи моҳир дар таърихи суханварии Олмон ёд мешавад, Август Бебел мебошад. Август Бебел (1840–1913) яке аз чеҳраҳои барҷастаи ҳаракати сотсиал-демократии Олмон ва аз нотиқони тавонои таърихи суханварии сиёсӣ ба шумор меравад. Маҳорати суханварии Бебел ба сатҳи баланди фарҳанги сиёсӣ, дониши амиқи назариявӣ ва қобилияти таҳлили мантиқӣ такя мекард. Ӯ дар баромадҳои худ аз усулҳои далелноккунӣ, муқоиса ва таҷрибаи таърихӣ фаровон истифода мебурд. Хусусияти муҳимми нутқҳои ӯ,дар ҳама ҳолат оромӣ, эътимод ба сухан ва эҳтиром ба шунавандагон буд.

Чуноне маълум аст, андешаҳои Бебел дар бораи суханварӣ ба арзишҳои демократӣ ва масъулияти иҷтимоии нотиқ асос меёфтанд. Ӯ масъалаи бедории шуури иҷтимоӣ ва нақши таблиғу маърифатноккунии оммаро баррасӣ карда, “суханро яке аз воситаҳои асосии ташаккули шуури синфӣ медонад” [8, с.15]. Бинобар ин, нутқҳои ӯ бештар характери маърифатӣ дошта, шунавандаро ба андеша ва хулосабарорӣ водор менамояд. Аз ин рӯ, дар таърихи суханварии Олмон Бебел ҳамчун нотиқи принсипнок, далелпарвар ва муборизи идеявӣ маълум буда, мероси суханварии ӯ барои омӯзиши санъати баҳсу мунозираи сиёсӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Дарвоқеъ, риторикаи сиёсӣ дар инқилоби буржуазии Олмон низ василаи асосии паҳн кардани идеологияи демократӣ, ҷалби тарафдорон ва ташкили ҳамгироӣ миёни синфҳо буд ва шахсиятҳои барҷастаи ин давр бо истеъдоди суханварии худ ба пешрафти ҳаракати буржуазӣ ва таъсиси парламент мусоидат карданд.

Ҳамин тариқ, дар Аврупо рушду нумуи риторика дар асрҳои XVI-XX ба амал омада, дар ин марҳила мазмун ва мундариҷаи он низ ба тағйиротҳои ҷиддӣ рӯбарӯ гардид. Риторикаи ин давра нисбатан фарқ дошт, зеро бо таъсиси ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, баҳсу мунозираҳои парламентию ғайрипарламентӣ ҷанбаи сиёсии он низ инкишоф ёфт. Нотиқони ин давр бояд дониши мукаммали сиёсӣ ва қобилияти дар муқобили рақибон эътироз карданро соҳиб мебуданд. Яъне, маҳз дар Замони нав илми риторикаи сиёсӣ бо пешрафти арзишҳои демократӣ, таҳаввулот ва инкишофи афкори сиёсӣ, гуногунандешӣ, инкишофи парламенти касбӣ, таъсиси ҳизбу ҳаракатҳои мухталиф рушду такомул ёфта буд [7, с.310].

Чуноне аз таҳлил ва омӯзиши адабиёти илмӣ маълум мегардад, инкишофи риторикаи сиёсӣ дар давраи Эҳё ва Замони нав бо суръат давом кардааст. Вале дар интиҳои асри XVIII аввалин нишонаҳои ҳолати бuҳронии риторика ба миён омад ва дар нимаи асри XIX бошад буҳрон якбора авҷ гирифт. Баъд аз рушду нумӯи қариб дуҳазорсола нуфузи риторика тадриҷан коҳиш ёфт. Дар ин ҳангом мафҳуми «риторика» дар маъниҳои манфиаш, яъне «сафсатагӯйӣ, ҳиллагариву фиребгарӣ» истифода мешуд. Дар илми суханварӣ ибораи «буҳронии риторика» ба як даврае ишора мекунад, ки дар он рушд ва мақоми риторика дар ҷомеа аҳамияташро гум намуд.

То нимаи асри XIX риторика ҳамчун санъати суханварӣ ва зебогии матн, яке аз фанҳои асосӣ дар муассисаҳои таълимӣ ба ҳисоб мерафт. Аммо, бо рушди илмҳои табиӣ, фалсафа ва дигар таълимотҳои муосир мақомашро аз даст дод. Вобаста ба ин масъала, муҳаққиқон чандин сабабҳоро зикр намудаанд.

Ба андешаи муҳаққиқ И.Ш. Раҷабов: “Яке аз сабабҳои асосӣ - саргармии аз ҳад зиёди

донишмандони пешқадами аврупоӣ нисбат ба методи таърихӣ буд, ки мутобиқи он дар ҳастии забону ҷомеа чизи тағйирнаёбанда ва абадӣ вуҷуд надорад. Дар ин давра ҳама шефтаи ғояҳои прогресс, инкишоф, тағйири як шакли ҳаётӣ ба шакли дигар буданд ва афроди начандон зиёд ба риторика ва дастурамалҳои он, ки хусусиятҳои тағйирнаёбандаи забон ва психологияи инсониро таҷассум менамуданд, бовар доштанд. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки худи риторика ҳам ба талаботи замон ҷавоб гуфта натавонист, зеро барои ифодаи мақоми хеш ҳоло ҳам ба мисолҳои замони атиқа рӯ меовард ва ба вазифаҳои фарҳангии адабиёти миллӣ бисёр суст мутобиқ мегашт” [5, с.97].

Дигар сабаби буҳрони риторика дар нимаи асри XIX ин инқилоби саноатӣ ва пешрафти ҷомеаи илмӣ ба ҳисоб меравад. Зеро ҷомеаи нав ба иттилоот ва далелҳои мушаххас бештар такя менамуд. Дар мактабҳо аҳаммияти бештарро илмҳои дақиқ касб карданд. Танқидҳои адабӣ ва назарияҳои нав, ба монанди романтизм ва реализм арзишҳои анъанавии риторикаи классикиро камтар меҳисобиданд. Дар ҷомеа бештар ба суханони мантиқӣ ва амалӣ (тамоюлҳои илмӣ, иҷтимоӣ ва эстетикӣ) такя мекарданд. Аз ин лиҳоз, риторикаи классикӣ аз маркази таълим берун гардида, ҳамчун илм камтар омӯзонда мешуд. Ин буҳрон дар ниҳоят ба ташаккули риторикаи муосир, ки бештар ба мантиқ, публисистика ва коммуникатсия нигаронида шудааст, роҳ кушод.

Дар нимаи дуввуми асри XX бошад, дар илми риторика боз як тағйироти ҷиддӣ рух дод ва ин эҳёи пурҷӯшу хурӯши дубораи он буд. Муҳимтарини онҳоро метавон чун ташаккули «ҷомеаи иттилоотӣ» муайян намуд. Мазмуни унсурҳои таркибии ҷомеаи иттилоотӣ ва назари нав нисбат ба олам, дарвоқеъ омӯзиши риторикаро тақозо мекард.

Ҳамин тариқ, риторикаи сиёсӣ дар давраи Эҳё ва Замони нав марҳилаи муҳимми рушди худро сипарӣ намуд. Хусусиятҳои он ҳамчун падидаи таъсиррасон ба афкор ва рушди ҷомеа, маҳз, дар ин давра ташаккул ёфтанд. Он аз санъати классикии суханварӣ то падидаи идеологӣ ва фалсафии идоракунии ҷомеа баррасӣ ва рушд намуд. Аз ин рӯ, омӯзиши ин марҳилаи инкишоф барои дарки табиати гуфтори сиёсии муосир аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

## АДАБИЁТ


1. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ.Ҷилди 3.-Душанбе, 2015.-540 с.
2. Искусство войны: Антология военной мысли. - СПб.: ООО «Амфора», 2016.- 542 с.
3. Макиавелли Н. Государь. - М.: Мысль, 1990. - 192 с.
4. Маҳмадов А.Н. Риторика ва бахси сиёсӣ.-Душанбе, 2011.-192 с.
5. Раҷабов И. Ш. Риторика ва баҳси сиёсӣ [Матн]: Воситаи таълимӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ / И. Ш. Раҷабов - Душанбе, 2016. - 264 с.
6. Саидова Ф.С. Риторикаи сиёсӣ ва санъати суханварӣ. –Душанбе:Нушбод, 2023.-104 с.
7. Саидова Ф.С.Парламентаризм ва моҳияти риторикаи парламентӣ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.-2025. - №4.-307-314.
8. Bebel, A. Die Frau und der Sozialismus. – Stuttgart : J. H. W. Dietz, 1879. – 1 Bd. – 364 p.
9. Hobbes T. Leviathan. - Oxford: Oxford University Press,1998. - 486 p.

## РАЗВИТИЕ ПОЛИТИЧЕСКОЙ РИТОРИКИ В СТРАНАХ ЕВРОПЫ И ЕЁ ОСОБЕННОСТИ В ЭПОХА ВОЗРОЖДЕНИЯ И НОВОГО ВРЕМЕНИ

В данной статье рассматриваются особенности развития политической риторики эпохи Возрождения и Нового времени в странах Европы. Автор рассматривает основные факторы развития риторики. Риторика как средство формирования общественного мнения и политического управления в данной период приобрела особое значение.

В частности, идеи гуманизма, равенства, свободы, плюрализма, парламентаризма и формирования национальных государств сыграли важную роль в становлении политической риторики.

В статье также представлены теории мыслителей эпохи Возрождения и Нового времени о искусстве красноречия и его роли в общественных преобразованиях.

Особенно, отмечена роль выдающихся исторических личностей, которые своим ораторским талантом оказали влияние на ход социальных революций. Вместе с тем автор подробно раскрывает значение буржуазных революций в развитии политической риторики.

В частности, автор рассматривает этапы развития ораторского искусства, процесс формирования буржуазии и социально-политические революции, отмечая их влияние на становление парламентской риторики. Статья охватывает процесс развития политической риторики в период буржуазных революций во Франции, Англии и Германии.

Таким образом, автор раскрыл осебенности формирования искусства парламентской дискуссии и его роль в политических и исторических преобразованиях этих стран.

**Ключевые слова:** политическая риторика, Ренессанс, Новое время, социальные революции, буржуазия, парламентаризм, национальное государство, политическое сознание, ораторское искусство, газета, пропаганда, гуманизм, плюрализм, политическая культура.

## THE DEVELOPMENT OF POLITICAL RHETORIC IN EUROPEAN COUNTRIES AND ITS FEATURES IN THE RENAISSANCE AND MODERN TIMES

This article examines the development of political rhetoric during the Renaissance and Modern Age in European countries. The author examines the main factors in the development of rhetoric. Rhetoric as a means of shaping public opinion and political governance acquired particular significance during this period.

In particular, the ideas of humanism, equality, freedom, pluralism, parliamentarism and the formation of nation states played an important role in the development of political rhetoric. The article also presents the theories of Renaissance and Modern thinkers about the art of eloquence and its role in social transformations.

Particular attention is paid to the role of outstanding historical figures who, with their oratorical talent, influenced the course of social revolutions. At the same time, the author reveals in detail the significance of bourgeois revolutions in the development of political rhetoric.

In particular, the author examines the stages of development of oratory, the process of formation of the bourgeoisie and socio-political revolutions, noting their influence on the

formation of parliamentary rhetoric. The article covers the process of development of political rhetoric during the period of bourgeois revolutions in France, England and Germany.

Thus, the author revealed the features of the formation of the art of parliamentary debate and its role in the political and historical transformations of these countries.

**Key words:** political rhetoric, Renaissance, Modern Age, social revolutions, bourgeoisie, parliamentarism, nation state, political consciousness, oratory, newspaper, propaganda, humanism, pluralism, political culture.

**Дар бораи муаллиф:** Саидзода Фазилат Сайдамир - номзади илмҳои сиёсӣ, ходими калони илмии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33; тел.: (+992)004111340, e-mail: fazilat.20@mail.ru

**Сведения об авторе:** Саидзода Фазилат Сайдамир - кандидат политических наук, старший научный сотрудник Института философии и политологии имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана. г. Душанбе, пр. Рӯдакӣ 33; тел.: (+992) 004111340, e-mail: fazilat.20@mail.ru

**Information about the author:** Saidzoda Fazilat Saidamir - candidate of political Sciences, Senior Researcher at the Institute of Philosophy and Political Science named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Dushanbe, Rudaki Ave. 33; tel.: (+992) 004111340, e-mail: fazilat.20@mail.ru

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ҲУҚУҚИИ ҲАМОҲАНГСОЗӢ БАЙНИ СОЗМОНИ АҲДНОМАИ АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪӢ ВА СОЗМОНИ ИҚТИСОДИИ АВРУОСИЁ

**Сангинзода Д.Ш.**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Мақола ба таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии ҳамоҳангсозии фаъолияти Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) ва Созмони Иқтисодии Авруосиё (СИАО) бахшида шудааст. Дар асоси таҳлили ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ, назарияҳои авруосиёӣ ва таҷрибаи амалии ҳамкориҳоро муаллиф нишон медиҳад, ки ин ду созмон ҳамчун ду сутуни асосии лоиҳаи авруосиёии стратегӣ (амниятӣ ва иқтисодӣ) барои ҳифзи мустақилияти геосиёсӣ ва устувории минтақа дар шароити рақобати ҷаҳонӣ хидмат мекунанд. Дар мақола асосҳои назариявии ҳамоҳангсозӣ дар доираи ғояи авруосиё, пойдевори ҳуқуқии он дар Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (1992/2010) ва Аҳдномаи таъсиси СИАО (2014/2023–2024), механизмҳои амалии ҳамоҳангсозӣ (аз ҷумла ҳамкорӣ дар ҳолатҳои бӯҳронӣ ва мубориза бо таҳдидҳои ғайрианъанавӣ), мушкилоти асосӣ (набудани механизми доимӣ, фарқияти манфиатҳои миллӣ, таъсири омилҳои беруна) ва роҳҳои ҳалли онҳо баррасӣ шудаанд. Пешниҳодҳои амалӣ оид ба таъсиси гурӯҳи машваратии доимӣ, имзои созишномаҳои байниидоравӣ, гузаронидани машқҳои муштарак ва ҳамоҳангсозии барномаҳои стратегӣ дар мақола оварда шудаанд. Муаллиф таъкид мекунад, ки ҳамоҳангсозии СААД ва СИАО бояд ҳатман бар асоси принсипҳои соҳибихтиёрӣ, баробарӣ ва манфиатҳои муштарак сурат гирад, то ҳамаи давлатҳои узв худро дар ин раванд баробар ва манфиатдор эҳсос намоянд.

***Калидвожаҳо:*** *Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД), Созмони Иқтисодии Авруосиё (СИАО), ҳамоҳангсозӣ, ҳамгироии авруосиёӣ, амнияти дастаҷамъӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Аҳдномаи таъсиси Созмони Иқтисодии Авруосиё, принсипи соҳибихтиёрӣ, таҳдидҳои ғайрианъанавӣ, ҳамкории стратегӣ, Осиёи Марказӣ, фаъолияти бӯҳронӣ*

Ҳамоҳангсозии фаъолияти Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) ва Созмони Иқтисодии Авруосиё (СИАО) яке аз самтҳои муҳимтарини рушди ҳамгироии минтақавӣ дар фазои пасошӯравӣ ба ҳисоб меравад. Ин ду созмон ҳарчанд дар соҳаҳои гуногун фаъолият мекунанд, вале дар доираи манфиатҳои стратегӣ ва геосиёсии умумӣ ҷойгир шудаанд ва ҳадафҳои онҳо – ҳифзи амнияти коллективӣ ва таъмини устувории иқтисодӣ – якдигарро мукаммал месозанд.

Аз нуқтаи назариявӣ пойдевори ин ҳамоҳангсозӣ дар ғояи авруосиё ҷой дорад, ки онро олимони гуногун ҳамчун алтернативаи геосиёсӣ ба модели атлантикӣ (амрикоӣ-аврупоӣ) баррасӣ мекунанд. А.Г. Дугин дар асарҳои худ Авруосиёро ҳамчун «фазои мустақили геосиёсӣ» таъриф намуда, таъкид мекунад, ки он бояд бар асоси радди арзишҳои либералӣ ва ҳифзи ҳуввияти фарҳангӣ-тамаддунӣ сохта шавад [7,92]. Дар ин замина, СААД ва СИАО ҳамчун ду «сутун»-и асосии Авруосиё дида мешаванд: аввалӣ – сутуни амниятӣ ва дувумӣ – сутуни иқтисодӣ.

С.Е. Мартыненко ин идеяро боз ҳам равшантар шарҳ дода, СИАО, СААД ва СҲШ-ро «се сутуни Авруосиёи русӣ» номидааст. Ба ақидаи ӯ, ин се созмон якҷоя имкон медиҳанд, ки Русия ва шарикони он дар минтақа сиёсати мустақили хориҷӣ гузаронда,

ба таъсироти беруна муқовимат намоянд [19,125]. Ин нуқтаи назар имрӯз дар байни муҳаққиқони фазои ИДМ хеле маъмул аст ва ҳамчун асоси назариявии ҳамоҳангсозӣ қабул карда мешавад.

Аз ҷиҳати таърихӣ, равандҳои ҳамгироӣ дар фазои пасошӯравӣ аз соли 1992 оғоз шудаанд. Имзои Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар Тошканд (15 майи соли 1992) аввалин қадами муҳим буд, ки баъдан ба таъсиси Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (соли 2002) оварда расонд [6]. Ин созмон ҳамчун ҷавоби амалии давлатҳои пасошӯравӣ ба таҳдидҳои нав (терроризм, экстремизм, ҷиноятҳои муташаккил, кӯшишҳои тағйири марзҳо ва ғ.) ташаккул ёфт [4; 25].

Дар самти иқтисодӣ бошад, марҳилаҳои асосӣ чунинанд:

- таъсиси Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (соли 2010);
- имзои Аҳдномаи таъсиси Созмони Авруосиё дар Астана (29 майи соли 2014) [5];
- оғози фаъолияти пурраи СИАО аз 1 январи соли 2015.

Пас аз соли 2014 (ҳодисаҳои Украина ва тағйироти ҷиддии вазъи геосиёсӣ) ҳамкории СААД ва СИАО аз ҳисоби таҳдидҳои умумӣ ба таври назаррас шиддат гирифт [4; 18]. Дар ин давра СААД ҳамчун механизми амалии ҳифзи амният (масалан, амалиёт дар Қазоқистон соли 2022) ва СИАО ҳамчун устувории иқтисодӣ дар шароити таҳримҳо зоҳир шуданд [10; 28].

Муҳаққиони муосир қайд мекунанд, ки ҳамоҳангсозӣ набояд танҳо ҳамоҳангии ҳуҷҷатҳо бошад, балки ба ташаккули низоми ягонаи амниятӣ-иқтисодии авруосиёӣ равона карда шавад [2; 18]. Ин низом бояд бар асоси принсипҳои зерин бунёд гардад:

- ҳифзи соҳибихтиёрии миллӣ ва қабули қарорҳо тавассути консенсус [15];
- ҳамоҳангии манфиатҳои стратегӣ дар шароити таҳдидҳои беруна ва дохилӣ [13; 28];
- таъмини устувории иқтисодӣ ҳамчун омили муҳими қобилияти мудофиавӣ [8; 23].

Дар натиҷа, ҳамоҳангсозии СААД ва СИАО на танҳо ҳамкории ду созмони алоҳида, балки қисми ҷудонашавандаи лоиҳаи калони авруосиёӣ стратегӣ мебошад, ки ҳадафаш ташаккули қутби мустақили ҷаҳонӣ дар баробари қутбҳои ғарбӣ ва шарқӣ аст [7; 19; 21].

Асосҳои ҳуқуқии ҳамоҳангсозии фаъолияти Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) ва Созмони Иқтисодии Авруосиё (СИАО) пеш аз ҳама дар ду санади байналмилалии асосӣ мустаҳкам шудаанд:

- Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 15 майи соли 1992 (бо тағйиротҳои воридшуда бо суратмаҷлиси соли 2010) [6];
- Аҳдномаи таъсиси Созмони Иқтисодии Авруосиё аз 29 майи соли 2014 (бо тағйиротҳои муҳими солҳои 2023 ва 2024) [5].

Ин ду ҳуҷҷат, ҳарчанд дар соҳаҳои мухталиф (амният ва иқтисод) таҳия шудаанд, вале як қатор принсипҳои умумиро муштарак доранд, ки имкон медиҳанд ҳамоҳангсозии онҳо дар сатҳи ҳуқуқӣ ва амалӣ сурат гирад.

Ҳар ду созмон бар асоси принсипҳои зерини ҳуқуқи байналмилалӣ фаъолият мекунанд:

- эҳтироми соҳибихтиёрии давлатҳо ва баробарии ҳуқуқӣ [3; 14];
- ҳамкории мутақобила ва манфиатҳои муштарак [2; 19];
- қабули қарорҳо тавассути консенсус (бе истисноӣ баъзе ҳолатҳои махсус дар СИАО) [15; 22];
- манъи дахолати дохилӣ ва ҳифзи тамомияти арзӣ [6; 12].

Ин принсипҳо имкон медиҳанд, ки ҳамоҳангсозӣ бе вайрон кардани соҳибихтиёрии миллӣ ва бе таъсиси сохтори аз болои соҳибихтиёрии ягона сурат гирад – ҳолате, ки барои аксари давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқоз аз ҷиҳати сиёсӣ қобили қабул аст[26; 29].

Дар Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва ҳуҷҷатҳои минбаъдаи СААД чанд модда вуҷуд доранд, ки мустақиман ё ғайримустақим ба соҳаҳои иқтисодӣ ва устувории иҷтимоӣ ишора мекунанд:

- моддаи 4 – ҳифзи амнияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳамчун қисми амнияти коллективӣ [6];

- моддаи 8 – ҳамоҳангсозии сиёсатҳо дар мубориза бо таҳдидҳои ғайрианъанавӣ (аз ҷумла терроризми иқтисодӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, қочоқи маводи нашъадор ва ғ.) [12; 13];

- моддаи 19– имкони ҷалби захираҳои иқтисодӣ барои бартарафсозии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда [4].

Ин моддаҳо имкон медиҳанд, ки фаъолияти СААД бо сиёсатҳои иқтисодии СИАО (масалан, таъмини устувории занҷираҳои таъминот, ҳифзи бозорҳои дохилӣ, мубориза бо таҳримҳои ғайриқонунӣ) ҳамоҳанг карда шавад [10; 28].

Дар Аҳдномаи таъсиси Созмони Иқтисодии Авруосиё чандин модда вуҷуд доранд, ки соҳаҳои амниятӣ ва ҳифзи иқтисодиро бо ҳам пайваст мекунанд:

- моддаи 4 – ҳадафҳои умумӣ аз ҷумла таъмини амнияти иқтисодӣ ва устувории иҷтимоӣ [5];

- моддаи 70 – ҳамоҳангсозии сиёсатҳо дар соҳаи амнияти сарҳадӣ ва мубориза бо ҷиноятҳои фаромиллӣ [3; 14];

- моддаи 83 – ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи маълумот ва амнияти иттилоотӣ [20];

- Протоколҳои иловагӣ (2023–2024) – таҳкими ҳамоҳангсозӣ дар шароити таҳдидҳои иқтисодӣ ва таҳримҳо [5].

Ин моддаҳо ба СААД имкон медиҳанд, ки дар доираи ҳуқуқии СИАО фаъолият кунад, хусусан дар масъалаҳои ҳифзи инфрасохтори муҳим, таъмини устувории энергия ва мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодӣ [11; 23].

Муҳаққиқон чанд монеаи асосиро қайд мекунанд:

1. Фарқияти сатҳ аз болои соҳибихтиёрӣ. СИАО дорои унсурҳои назаррас аз болои соҳибихтиёрии аст (Комиссияи иқтисодии евразӣ, Суди СИАО), дар ҳоле ки СААД пурра байниҳукуматӣ бо қоидаи консенсус боқӣ мемонад [15; 22].

2. Набудани механизми мустақими ҳамоҳангсозӣ. Ҳоло ҳеҷ шартномаи махсуси байни ду созмон вуҷуд надорад, ки тартиби ҳамоҳангсозии қарорҳо ва мубодилаи иттилоотро муайян кунад [18; 28].

3. Фарқияти тартиби қабули қарорҳо. Дар СИАО баъзе қарорҳо бо аксарияти оро қабул мешаванд, дар ҳоле ки дар СААД ҳамаи қарорҳои асосӣ танҳо бо консенсус имконпазир аст [15].

Барои ҳалли ин мушкилот пешниҳодҳои зерин садо медиҳанд:

- имзои Созишномаи байни котиботҳои СААД ва Комиссияи иқтисодии авруосиё дар бораи ҳамкории доимӣ ва мубодилаи иттилоот [24];

- таҳияи протоколҳои ҳамоҳангсозӣ барои соҳаҳои мушаххас (амнияти энергия, ҳифзи инфрасохтор, мубориза бо терроризми иқтисодӣ) [4; 13];

- таъсиси Гурӯҳи корӣ оид ба ҳамоҳангсозии сиёсатҳои амниятӣ ва иқтисодӣ дар сатҳи муовини котибони генералӣ ва муовинони раиси Комиссия [22].

Ин гуна механизмҳо имкон медиҳанд, ки ҳамоҳангсозӣ бе тағйири асосҳои ҳуқуқии ҳар ду созмон ва бе вайрон кардани принсипи соҳибихтиёрӣ амалӣ гардад – ҳолате, ки барои аксарияти давлатҳои узв муҳим аст [2; 26; 29].

Ҳамоҳангсозии байни Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) ва Созмони Иқтисодии Авруосиё (СИАО) дар сатҳи амалӣ то имрӯз асосан тавассути каналҳои ғайримустақим ва ҳамкориҳои вобаста ба вазъият сурат мегирад. Дар ҳоле ки ҳеҷ механизми доимии махсус ва ҳуқуқӣ байни ду созмон вуҷуд надорад, як қатор шаклҳои воқеии ҳамоҳангсозӣ аллакай ташаккул ёфтаанд.

Айни ҳол чунин механизмҳои амалии ҳамоҳангсозӣ амал мекунанд:

1. Ҳамоҳангии сиёсатҳои хориҷӣ дар масъалаҳои амният ва иқтисод. Давлатҳои узви ҳар ду созмон (махсусан Русия, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Армения) дар форумҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ (СММ, СҲШ, ИДМ) мавқеъҳои мувофиқро нигоҳ медоранд. Ин ҳамоҳангӣ дар масъалаҳои таҳримҳо, амнияти энергия ва мубориза бо терроризми байналмилалӣ хеле равшан зоҳир мешавад [19; 21].

2. Ҳамкории муштарак дар мубориза бо таҳдидҳои ғайрианъанавӣ. СААД ва сохторҳои СИАО (аз ҷумла Комиссияи иқтисодии авруосиёи ва сохторҳои марбута) дар самтҳои зерин ҳамкорӣ мекунанд: мубориза бо терроризм ва экстремизми иқтисодӣ [4; 13]; пешгирии қочоқи маводи нашъадор ва ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ [12]; ҳифзи инфрасохтори муҳими энергетикӣ ва нақлиётӣ [28].

Масалан, дар доираи амалиётҳои зиддитеррористии СААД («Канал», «Меркурий», «Наркобарьер») маълумот ва таҷриба бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамотҳои марзбонии давлатҳои узви СИАО мубодила карда мешавад [4].

3. Ҳамоҳангӣ дар ҳолатҳои бӯҳронӣ (2022–2025). Ҳодисаҳои моҳи январи соли 2022 дар Қазоқистон намунаи равшани ҳамоҳангии амалӣ гардиданд: фаъолгардонии СААД барои ҳифзи устувории дохилӣ ба таври ғайримустақим ба ҳифзи занҷираҳои таъминоти иқтисодӣ ва бозорҳои дохилии СИАО мусоидат кард [4; 28].

Ҳамин тавр, пас аз таҳримоти васеи ғарбӣ нисбат ба Русия ва Беларус (2022–2025), ҳамоҳангсозии сиёсатҳои тиҷоратӣ ва логистикӣ байни узвҳои СИАО ва қарорҳои амниятии СААД (масалан, таҳкими ҳифзи сарҳадҳо ва инфрасохтор) ба таври возеҳ мушоҳида шуд [10; 18].

4. Мубодилаи иттилоот ва таҷриба дар сатҳи мақомот. Мақомоти амнияти миллӣ, хадамотҳои марзбонӣ ва вазоратҳои корҳои дохилии давлатҳои узв маълумотро дар бораи таҳдидҳои иқтисодӣ-амниятӣ (аз ҷумла киберҳамлаҳо ба инфрасохтори муҳим, қочоқи молҳои таҳримшуда ва ғ.) мубодила мекунанд [17; 13].

Сарфи назар аз пешравиҳо, як қатор монеаҳои ҷиддӣ вуҷуд доранд:

1. Набудани механизми доимии ҳуқуқӣ ва институсионалӣ. Ҳоло ҳеҷ шартнома, созишнома ё сохтори махсуси байни СААД ва СИАО вуҷуд надорад, ки тартиби мунтазами ҳамоҳангсозиро муайян кунад [18; 28]. Ин боиси он мегардад, ки ҳамкориҳо аксар вақт вобаста ба вазъият ва иродаи сиёсии лаҳзагӣ сурат мегиранд.

2. Фарқияти манфиатҳои миллӣ ва сатҳи таҳаввулот. Давлатҳои Осиёи Марказӣ (махсусан Қазоқистон ва Қирғизистон) кӯшиш мекунанд, ки ҳамоҳангсозиро дар доираи манфиатҳои миллии худ нигоҳ доранд ва аз ҳама гуна шаклҳои аз ҳад зиёди вобастагии стратегӣ ба Русия худдорӣ кунанд [21; 26]. Ин боиси он мегардад, ки баъзе қарорҳои СААД (масалан, дар масъалаи Армения) ё сиёсатҳои иқтисодии СИАО (масалан, тарифҳо ва квотаҳо) аз ҷониби на ҳама узвҳо пурра дастгирӣ мешаванд.

3. Таъсири чунин омилҳои беруна: сиёсати Чин дар доираи «Як камарбанд – як роҳ» ва таъсири иқтисодии он ба давлатҳои Осиёи Марказӣ [21]; кӯшишҳои ИМА ва Иттиҳоди Аврупо барои таъсиррасонии сиёсӣ ва иқтисодӣ ба минтақа [7]; рақобати геосиёсӣ байни қутбҳои ҷаҳонӣ, ки баъзан узвҳои ҳар ду созмонро дар ҳолати ихтилофҳои дохилӣ қарор медиҳад [19].

4. Норасоии мубодилаи иттилооти системавӣ ва шаффофият. Гарчанде ки дар сатҳи дуҷониба мубодилаи иттилоот вуҷуд дорад, аммо сатҳи умумии шаффофият ва дастрасии иттилоот барои ҳамаи узвҳо ҳанӯз паст боқӣ мемонад [17].

Барои бартарафсозии мушкилоти зикршуда ва тақвияти ҳамоҳангсозӣ муҳаққиқон чунин роҳҳоро пешниҳод мекунанд:

- Таъсиси Гурӯҳи машваратии доимӣ байни котиботи СААД ва Комиссияи иқтисодии евразӣ бо вазифаи муайян кардани соҳаҳои афзалиятноки ҳамоҳангсозӣ [24];
- Таҳия ва имзои Созишномаи байниидоравӣ дар бораи мубодилаи иттилоот ва ҳамоҳангсозии фаврӣ дар ҳолатҳои бӯҳронӣ [4; 28];
- Гузаронидани машқҳои муштарак дар соҳаҳои амнияти киберӣ, ҳифзи инфрасохтори муҳим ва мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодӣ бо иштироки мақомоти ҳар ду созмон [13];
- Таҳкими ҳамоҳангӣ дар доираи барномаҳои стратегии дарозмуддат (масалан, Стратегияи рушди СИАО то соли 2030 ва Консепсияи амнияти коллективӣ то соли 2025 ва минбаъд) [18].

Ин тадбирҳо имкон медиҳанд, ки ҳамоҳангсозӣ аз шакли вобаста ба вазъият ба шакли бештар системавӣ ва ҳуқуқӣ гузарад, бидуни тағйири асосҳои ҳуқуқии ҳар ду созмон ва бидуни вайрон кардани принсипи соҳибихтиёрии давлатҳо [2; 15; 22].

Ҳамоҳангсозии фаъолияти Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) ва Созмони Иқтисодии Авруосиё (СИАО) имрӯз яке аз самтҳои муҳимтарини ташаккули фазои ягонаи стратегӣ дар минтақаи Авруосиё ба ҳисоб меравад. Таҳқиқи анҷомдодашуда нишон медиҳад, ки ин раванд на танҳо ҳамоҳангии ду созмони алоҳида, балки қисми ҷудонашавандаи лоиҳаи калони авруосиёии стратегӣ аст, ки ҳадафаш таъмини амнияти дастаҷамъӣ, устувории иқтисодӣ ва мустақилияти геосиёсӣ дар шароити рақобати ҷаҳонӣ мебошад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти басомонрасонида чунин хулосабарорӣ кардан имконпазир аст:

1. Ҳамоҳангсозӣ дар доираи ғояи Авруосиё сурат мегирад, ки онро ҳамчун алтернативаи геосиёсӣ ба модели атлантикӣ дида мебароянд. СААД ва СИАО ҳамчун ду сутуни асосӣ – амниятӣ ва иқтисодӣ – барои ҳифзи ҳуввияти минтақавӣ ва муқовимат ба таъсироти беруна хидмат мекунанд.

2. Пойдевори ҳуқуқии ҳамоҳангсозӣ дар Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (1992/2010) ва Аҳдномаи таъсиси Созмони Иқтисодии Авруосиё (2014/2023–2024) мустаҳкам шудааст. Принсипҳои соҳибихтиёрӣ, баробарӣ, консенсус ва ҳамкории мутақобила имкон медиҳанд, ки ҳамоҳангсозӣ бидуни таъсиси сохтори ягонаи болои соҳибихтиёрӣ амалӣ гардад.

3. Дар сатҳи амалӣ ҳамоҳангсозӣ тавассути ҳамоҳангии сиёсатҳои хориҷӣ, муборизаи муштарак бо таҳдидҳои ғайрианъанавӣ, ҳамкорӣ дар ҳолатҳои бӯҳронӣ ва мубодилаи иттилоот сурат мегирад. Ҳодисаҳои соли 2022 дар Қазоқистон ва таъсири таҳримҳои ғарбӣ (2022–2025) намунаҳои возеҳи ин ҳамоҳангӣ мебошанд.

4. Асоситарин монеаҳо инҳоянд: набудани механизми доимии ҳуқуқӣ, фарқияти манфиатҳои миллӣ, таъсири омилҳои беруна (Чин, Ғарб), норасоии шаффофият ва мубодилаи иттилооти системавӣ.

Барои гузариш аз ҳамоҳангсозии вобаста ба вазъият ба ҳамоҳангсозии системавӣ ва устувор муаллиф чунин тавсияҳоро пешниҳод менамоед:

1. Таъсиси Гурӯҳи машваратии доимӣ оид ба ҳамоҳангсозии сиёсатҳои амниятӣ ва иқтисодӣ байни Котиботи СААД ва Комиссияи иқтисодии авруосиё бо иштироки муовинони котибони генералӣ ва муовинони раиси Комиссия. Ин гурӯҳ метавонад ҳар семоҳа ҷаласа баргузор кунад ва соҳаҳои афзалиятнокро муайян намояд.

2. Таҳия ва имзои Созишномаи байни Котиботи СААД ва Комиссияи иқтисодии авруосиё дар бораи мубодилаи иттилооти оперативӣ дар соҳаҳои амният ва иқтисод, ҳамоҳангсозии фаврӣ дар ҳолатҳои бӯҳронӣ, ҳамкорӣ дар таҳияи барномаҳои муштарак.

3. Гузаронидани машқҳои муштарак ва барномаҳои омӯзишӣ дар самтҳои зерин: амнияти киберӣ ва ҳифзи инфрасохтори муҳим; мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодӣ ва терроризми иқтисодӣ; таъмини устувории занҷираҳои таъминот дар шароити бӯҳронҳо.

4. Ҳангоми навсозии ҳуҷҷатҳои стратегӣ (масалан, Стратегияи рушди СИАО то соли 2030+ ва Консепсияи амнияти дастаҷамъӣ то соли 2025 ва минбаъд) қисмҳои махсус оид ба ҳамоҳангсозии дуҷониба ворид карда шаванд.

5. Афзоиши ҳамоҳангӣ байни СААД–СИАО ва дигар созмонҳо (СҲШ, ИДМ) хусусан дар масъалаҳои амнияти энергия, нақлиёт ва мубориза бо таҳдидҳои умумӣ.

Татбиқи пешниҳодҳои боло имкон медиҳад, ки ҳамоҳангсозии СААД ва СИАО аз шакли кунунии вобаста ба вазъият ба шакли бештар системавӣ, ҳуқуқӣ ва стратегӣ гузарад. Ин раванд на танҳо ба таҳкими амнияти дастаҷамъӣ ва устувории иқтисодӣ мусоидат хоҳад кард, балки метавонад ҳамчун намунаи ҳамгироии муассир дар шароити ҷаҳони чандқутбӣ хидмат намояд. Ҳамоҳангсозии ду созмони мазкур бояд ҳамеша бар асоси принсипҳои эҳтироми соҳибихтиёрӣ, баробарӣ ва манфиатҳои муштарак сурат гирад, то ҳамаи давлатҳои узв худро дар ин раванд баробар ва манфиатдор ҳис кунанд. Танҳо дар ин сурат лоиҳаи авруосиёии стратегӣ метавонад воқеан устувор ва самаранок гардад.

## АДАБИЁТ

1. Абайдельдинов Е.М. Особенности проекта Договора об учреждении евразийского экономического союза//Вестник Института законодательства Республики Казахстан. 2014. № 2 (34). С. 75-79.

2. Абламейко С.В. Евразийская интеграция: истоки, проблемы, перспективы: коллективная монография. Т. II. Санкт-Петербург: Университет при МПА ЕврАзЭС, 2017. 392 с.

3. Бекяшев К.А. Международно-правовые основы создания и функционирования Евразийского экономического союза. Монография. Москва: Проспект, 2015. 126 с.

4. Довгань Е.Ф., Русакович А.В. Организация Договора о коллективной безопасности и планирование на случай чрезвычайных обстоятельств после 2014 года. Женева: DCAF, 2015. 257 с.

5. Договор о Евразийском экономическом союзе : подписан в г. Астане 29 мая 2014 г. : (ред. от 25 мая 2023 г.) : с изм. и доп., вступ. в силу с 24 июня 2024 г. – URL: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_163855/ (дата обращения: 21.02.2026).

6. Договор о коллективной безопасности (Ташкент, 15 мая 1992 г.) (с изм. от 10 декабря 2010 г.) // Официальный сайт Организации Договора о коллективной безопасности. URL:

https://odkb-csto.org/documents/documents/dogovor_o_kollektivnoy_bezopasnosti/#loaded (дата обращения: 21.02.2026).

7. Дугин А.Г. Основы Геополитики. Геополитическое будущее России. Мыслить пространством. Москва: АРКТОГЕЯ-ЦЕНТР, 1999. 928 с.

8. Евразийская политическая экономия: учебник / под ред. И.А. Максимцева, Д.Ю. Миропольского, Л.С. Тарасевича. Санкт-Петербург: Изд-во СПбГЭУ, 2016. 767 с.

9. Евразийские исследования. № 1, 2024. Июнь. 102 с.

10. Егоров А.М., Егоров И.А. Место Организации договора о коллективной безопасности в системе региональной и международной безопасности// В сборнике: Беларусь в системе международной безопасности. Сборник научных статей Регионального круглого стола, посвящённого 105-летию Вооружённых Сил Беларуси. Брест, 2023. С. 42-47.

11. Испирян К.О. Правовые регуляторы договоров купли-продажи в рамках Евразийского экономического союза// В сборнике: Мультикультурное научное пространство и Россия. Сборник статей. Сер. "Российская наука в условиях реформ: практический результат инновационных трансформаций" Частное учреждение дополнительного профессионального образования международный институт инновационного образования. центр повышения квалификации. Тюмень, 2017. С. 314-316.

12. Кабиров В.З. Правовые основы применения сил и средств системы коллективной безопасности Оорганизации договора о коллективной безопасности// Право в Вооруженных Силах - Военно-правовое обозрение. 2022. № 12 (305). С. 124-130.

13. Камышанский Д.Ю. Современные угрозы безопасности государств-членов Организации договора о коллективной безопасности// Военное право. 2025. № 2 (90). С. 37-44.

14. Кашкин С.Ю., Четвериков А.О. Право Евразийского экономического союза: учебник. Москва: Проспект, 2016. 192 с.

15. Кембаев Ж.М. Правовая база и процесс принятия документов в рамках ОДКБ // Организация Договора о коллективной безопасности и планирование на случай чрезвычайных обстоятельств после 2014 года. Женева: DCAF, 2015. С. 137-154.

16. Коркоташвили Н.Н. Евразийский путь развития: договор о создании евразийского экономического союза// В сборнике: Консервативные традиции и либеральные ценности в постсоциалистической России. сборник научных статей. 2016. С. 183-185.

17. Кочарян В.К. Транспарентность сведений о регионах ОДКБ в контексте информ // Eurasian Integration. 2024. № 1. С. 1-20.

18. Левченков А.С., Пивовар Е.И., Гущин А.В. ОДКБ и проблемы региональной безопасности на евразийском пространстве (к 30-летию Договора о коллективной безопасности)// Новая и новейшая история. 2022. № 5. С. 204-216.

19. Мартыненко С.Е. ЕАЭС, ОДКБ и ШОС – три опоры российского «евразийства» // Вестник Томского государственного университета. 2020. № 450. С. 123-130.

20. Мартыненко С.Е., Мартыненко Е.В., Глебов В.А. Договор о Евразийском экономическом союзе: правовая имплементация основных положений// Евразийский Союз: вопросы международных отношений. 2021. Т. 10. № 2 (36). С. 97-106.

21. Мартыненко С.Е., Пархитько Н.П. Российско-китайское сотрудничество в Центральной Азии в контексте инициативы «Один пояс, один путь» // Вестник РУДН. Серия: История России. 2019. № 4. С. 845-864.

22. Механизмы принятия наднациональных решений в ЕАЭС. Москва: ВШЭ, 2024. 236 с.

23. Нурматов Т.А. Роль и значение Договора евразийского экономического союза в развитии унификации законодательства Кыргызской республики// Вестник Дипломатической академии Министерства иностранных дел Кыргызской Республики имени Казы Дикамбаева. 2021. № 16. С. 83-88.

24. Пивовар Е.И. The Eurasian Economic Commission: From Its Origins to the Present // Вестник РУДН. 2023. Т. 23. № 1. С. 45-60.

25. Пунтус С.А., Шитова Т.В. От договора о коллективной безопасности к организации договора о коллективной безопасности: история становления международной организации// Основные тенденции развития Российского законодательства. 2013. № 8. С. 32-36.

26. Рахимов К.Х. Взаимоотношения государств Центральной Азии с Россией и Китаем: от теории к практике. Монргрфия. - Ташкент, 2023. 280 с.

27. Розиқов Ф.М., Саидов М.К. Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ҳамчун заминаи ҳамкориҳои амниятӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2019. № 7. С. 65-70.

28. Торопыгин А.В. Организация Договора о коллективной безопасности: реалии и перспективы кризисного реагирования // Вестник МГИМО. 2022. № 2. С. 150-165.

29. Труды Института постсоветских и межрегиональных исследований. Вып. 8: Таджикистановедение / редкол.: Е.И. Пивовар (отв. ред.), М.В. Катагощина, Е.А. Косован, Г.М. Майтдинова, А.Ю. Наумова, И.Е. Ханова, А.В. Галкина. М.: РГГУ, 2025. 370 с.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ГАРМОНИЗАЦИИ МЕЖДУ ОРГАНИЗАЦИЕЙ ДОГОВОРА О КОЛЛЕКТИВНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ И ЕВРАЗИЙСКИМ ЭКОНОМИЧЕСКИМ СОЮЗОМ

Статья посвящена исследованию теоретических и правовых основ гармонизации деятельности Организации Договора о коллективной безопасности (ОДКБ) и Евразийского экономического союза (ЕАЭС). На основе анализа международных документов, евразийских теорий и практического опыта сотрудничества автор показывает, что эти две организации выступают двумя основными опорами стратегического евразийского проекта (безопасностной и экономической), служащими защите геополитической самостоятельности и устойчивости региона в условиях глобальной конкуренции. В статье рассмотрены теоретические основания гармонизации в рамках евразийской идеи, правовая база в Договоре о коллективной безопасности (1992/2010) и Договоре о создании ЕАЭС (2014/2023–2024), практические механизмы гармонизации (включая взаимодействие в кризисных ситуациях и борьбу с нетрадиционными угрозами), основные проблемы (отсутствие постоянного механизма, различие национальных интересов, влияние внешних факторов) и пути их решения. Предложены практические рекомендации по созданию постоянной консультативной группы, заключению межведомственных соглашений, проведению совместных учений и гармонизации стратегических программ. Автор подчёркивает, что гармонизация деятельности ОДКБ и ЕАЭС должна неизменно осуществляться на принципах суверенитета, равноправия и общих интересов, чтобы все государства-члены ощущали себя равноправными и заинтересованными участниками этого процесса.

***Ключевые слова:*** *Организация Договора о коллективной безопасности (ОДКБ), Евразийский экономический союз (ЕАЭС), гармонизация, евразийская интеграция, коллективная безопасность, международное право, Договор о коллективной безопасности, Договор о создании Евразийского экономического союза, принцип суверенитета, нетрадиционные угрозы, стратегическое сотрудничество, Центральная Азия, кризисное реагирование.*

## THEORETICAL AND LEGAL FOUNDATIONS OF HARMONIZATION BETWEEN THE COLLECTIVE SECURITY TREATY ORGANIZATION AND THE EURASIAN ECONOMIC UNION

The article is devoted to the study of the theoretical and legal foundations of the harmonization of activities between the Collective Security Treaty Organization (CSTO) and the Eurasian Economic Union (EAEU). Based on the analysis of international documents,

Eurasian theories, and practical experience of cooperation, the author demonstrates that these two organizations serve as the two main pillars of the strategic Eurasian project (security and economic), contributing to the protection of the region's geopolitical independence and resilience amid global competition. The article examines: the theoretical foundations of harmonization within the framework of the Eurasian idea; the legal basis provided by the Collective Security Treaty (1992/2010) and the Treaty on the Establishment of the Eurasian Economic Union (2014/2023–2024); practical mechanisms of harmonization (including interaction in crisis situations and combating non-traditional threats); key challenges (absence of a permanent mechanism, divergence of national interests, influence of external factors) and ways to overcome them. Practical recommendations are proposed, including the establishment of a permanent consultative group, conclusion of inter-agency agreements, conduct of joint exercises, and harmonization of strategic programs. The author emphasizes that the harmonization of the activities of the CSTO and the EAEU must consistently be carried out on the principles of sovereignty, equality, and mutual interests so that all member states feel themselves equal and genuinely interested participants in this process.

***Keywords:*** *Collective Security Treaty Organization (CSTO), Eurasian Economic Union (EAEU), harmonization, Eurasian integration, collective security, international law, Collective Security Treaty, Treaty on the Establishment of the Eurasian Economic Union, principle of sovereignty, non-traditional threats, strategic cooperation, Central Asia, crisis response.*

**Сведения об автора: Сангинзода Дониёр Шомахмад** – доктор юридических наук, профессор, главный научный сотрудник отдела Сотрудничества Независимых Государств Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, Таджикистан, г. Душанбе, х. Рудаки 33; тел.: (+992) 980-85-07-07; Электронная почта: doniyor_sanginov@mail.ru.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Сангинзода Дониёр Шомахмад** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сарходими илмии шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 33; Тел.: (+992) 980-85-07-07; Почтаи электронӣ: doniyor_sanginov@mail.ru

**Information about the author: Sanginzoda Doniyor Shomakhmad** – Doctor of Legal Sciences, Professor, Chief Research Fellow of the Department of the Commonwealth of Independent States at the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 33; Phone: (+992) 980-85-07-07; E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

# ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР СОҲАИ АМНИЯТ ДАР ДОИРАИ СААД

**Давлатов З. А.**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар мақола ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар соҳаи таъмини амният дар доираи Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД) мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф заминаҳои таърихӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии ташаккули ин ҳамкориҳоро баррасӣ намуда, нақши СААД – ро ҳамчун ниҳоди калидии таъмини амнияти минтақавӣ ва дастаҷамъӣ нишон медиҳад. Ба аҳамияти мавқеи геостратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар робита ба сарҳади ҷанубӣ бо Афғонистон, таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, саҳми Федератсияи Россия дар таҳкими иқтидори мудофиавии кишвар ва таъмини суботу амният арзёбӣ мегардад. Инчунин, самтҳои асосии ҳамкориҳои ҳарбӣ – сиёсӣ, баргузории машқҳои муштарак, мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, ҷинояткории фаромиллӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир таҳлил мешаванд. Хулоса мешавад, ки ҳамкориҳои Тоҷикистону Россия дар доираи СААД дорои хусусияти стратегӣ буда, дар таҳкими амнияти миллӣ ва суботи минтақаи Осиёи Марказӣ нақши муҳим мебозанд.

**Калидвожаҳо:** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ СААД), амнияти дастаҷамъӣ, амнияти минтақавӣ, ҳамкориҳои ҳарбӣ – сиёсӣ, субот, терроризм, экстремизм, Афгонистон, Осиёи Марказӣ.*

Дар давраи кунунии муносибатҳои байналмилалӣ таъмитни амният барои давлатҳою миллатҳо авлавияти аввалиндараҷа дорад. Аз лиҳози ҷойгиршавии ҷуғрофӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақае воқеъ аст, ки хатарҳои гуногуни геополитикӣ, геосиёсӣ ва геоамниятӣ ба он таҳдид менамоянд. Чунин вазъ Тоҷикистонро водор мекунад то як муҳити низомманди амниятиро эҷод намояд. Бо назардошти ин омил гуфта метавонем, ки Федератсияи Россия ба сифати шарики стратегӣ дар ин самт нақши калидӣ дошта метавонад.

Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ба сифати ниҳоди ҳамкории ҳарбӣ – сиёсӣ на танҳо барои давлатҳои Тоҷикистону Россия балки барои дигар давлатҳое, ки ба ин Созмон ҳамроҳанд ҳамчун майдони ҳамоҳангсозии мавқеъгириҳо баҳри таъмини амният хизмат карда метавонад.

Баъд аз пароканда шудани Иттиҳоди Шӯравӣ амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хатарҳои сангини амниятӣ рӯ ба рӯ гардид. Ноустувории сиёсӣ, ҷанги шаҳрвандӣ (1992 – 1997) тақозо дошт, ки ҷиҳати таъмини амният дар кишвар шариконни беруна даъват карда шаванд. Дар роҳи таъмини амният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Федератсияи Россия нақши боризеро ба анҷом расонид. Агар ба динамикаи собиқаи ҳамгироиҳои Тоҷикистону Россия дар платформаи Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ бо назари таҳқиқ бингарем, маълум мешавад, ки ин муносибатҳо ҳамчун кафили суботи Осиёи Марказӣ ба миён омадаанд.

Соли 1992 Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ба имзо расид ва он боиси пайдоиши заминаҳои ҳуқуқии ҳамгироиҳо гардид. Тоҷикистон дар қатори дигар кишварҳои аъзои Аҳднома дар таъмини амнияти дастаҷамъӣ ҳисагузошт ва ба таъмини суботу амният манфиатдор буд. Баъди таъсиси СААД дар соли 2002 дар самти ҳамкориҳои ҳарбию

сиёсӣ давраи нав шуруъ гардида Федератсияи Росия чун давлати калидии Созмон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун дорандаи сарҳади тӯлонӣ бо кишвари Афғонистон дар Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ як навъ мавқеи якдигарро пурра мегардониданд.

Ҷоиз ба таъкид аст,ки “Русия, ҳамчун яке аз қутбҳои ҷаҳон, лоиҳа/идеяи ҳамгироии универсалии худро дорад - авруосиёгарой - ва абзорҳо/механизмҳои амалӣ кардани стратегияи русиягии рушди тамаддунии ҷаҳонӣ, ки аз Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ва СААД иборат аст.”[5,669]

Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни давлатҳои узви СААД ҳамчун сипари амниятӣ дар сарҳади ҷанубии Иттиҳоди Давлатҳо Мустаъқил эътироф шудааст, зеро суботу амнияти Тоҷикистон бевосита ба суботу амнияти кишварҳои Осиёи Маркази таъсиргузор аст.

Пойгоҳи ҳарбии Федератсияи Россия воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди ҳамкориҳои ҳарбӣ – сиёсии ҳар ду кишвар мусоидати мусбӣ дошта метавонад. Тарминҳои ҳарбӣ мисли «Рубеж», «Взаимодействие» дар афзоиши дараҷаи омодабошии Қувваҳои Мусаллаҳи давлатҳои шомили СААД нақши муассир доранд. Ҳар ду давлат – Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар қаламрави Созмон дар мубориза алайҳи терроризм, ифротгарой, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондаанд. Дар фазои СААД ҳамкориҳои ду давлате, ки бо ҳам шарики стратегӣ ба шумор меравaнд баҳри амнияти минтақа аҳамияти калон дошта барои ба шакл даромадани амнияти дастҷамъонаи давлатҳои аъзои Созмон ҳамчун намунаи хуби ҳамкори хизмат карда метавонад. Ҳарчанд, ки дар самти таъмини суботу амният муваффақиятҳо ҳастанд ҳамгироии давлатҳо дар қаламрави Созмон вақти омӯзиши таҳдидҳои мавҷуда, дақиқ намудани мазмуну муҳтавои ин таҳдидҳо, дигар шудани вазъи геополитикии ҷаҳон, имкони мувофиқсозии зарфиятҳои СААД ба таҳдидҳои нав ба мушкилотҳо рӯ ба рӯ мегардад. Сарфи назар аз мушкилотҳои мавҷуда аз нигоҳи стратегӣ ҳамкориҳо дар доираи СААД барои давлатҳои аъзо муфид шуморида мешавад.

Омӯзиши рушди собиқаи ҳамгироиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар самти таъмини амнияту субот собит менамояд, ки ин ҳамкориҳо дорои динамикаи қавӣ ва баояндаи дарозмуддат нигаронидашуда мебошанд. Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ ба сифати фазои тақвиятбахши ҳамкориҳои амниятӣ абзори муҳим буда метавонад. Собиқаи ҳамгироиҳо ва ҳамкориҳои тарафайн ва бисёрҷониба далели раднопазири воситаи муҳими зарурияти Созмон дар самти таъмини ниёзҳои минтақа буда метавонад. Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ дар қитъаи Авруосиё миёни дигар ташкилоту созмонҳо мақоми фарқкунандаро ишғол менамояд. Ҳақиқатан СААД дар тамоми Авруосиё дар масъалаи ба миён овардани амнияти фарогир барои давлатҳои аъзо ивазнашаванда ба ҳисоб меравад. Созмон бо фаъолияти зиёда аз сисолаи худ исбот карда тавонист, ки дар миқёси Русия, Кавказ ва Осиёи Марказӣ ба худ шабеҳе надорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон СААД – ро ҳамчун абзори таҳкими субот шуморида бо назардошти вазъи пурташаннуҷ, ҷангҳои Шарқи Миёна ва Украина ин аҳдномаро яке аз омилҳои таъмини амнияти минтақа медонад.

Сохторҳои СААД дар баробари ҳаллу фасли масъалаҳои ҳарбӣ инчунин масъалаҳои ҳимоя аз ҳуҷуми киберӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъиро дар таъмини амнияту субот дар рӯзномаҳои кории худ баррасӣ менамоянд. Дар даҳсолаи

ахири фаъолият ба СААД лозим омад, ки ба масъалаҳои душвори буҳронии Украина (2014), ҷанҷолҳои сарҳадии Озорбойҷону Арманистон, Тоҷикистону Қирғизистону Ӯзбекистон ва ҷанги Россияву Украина (2022) диққати ҷидди зоҳир намояд. Новобаста аз мунокишаҳо ҷангҳо ва буҳронҳои мавҷуда ин Созмон дар фазои пасошӯравӣ ягона воситаи таъмини амнияту субот ба шумор меравад. Дар мақолаи «Маълумот оид ба иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СААД» дар баробари таъкиди нақши ин Созмон дар таъмини амнияти минтақа аз ҷумла гуфта мешавад, ки: «Ҷумҳурии Тоҷикистон густариши ҳамкории фарогирро бо ҳамёрони худ ҷиҳати таъмини амнияти милливу давлатӣ аз самтҳои авлавиятноки сиёсати хориҷии кишвар мешуморад ва узвияташро дар СААД посухгӯ ба манфиатҳои миллӣ медонад. Фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чаҳорчӯби ин Созмон ҳадафи эҷоди василаҳои самарабахши мубориза бар зидди таҳдидҳои ҷаҳони муосирро пайгирӣ мекунад. Аз ин рӯ, узвияти кишвар дар Созмон аз омилҳои муҳими таъмини амнияти кишвар вам ҳифзи субот дар минтақа маҳсуб мешавад»[2].

Дар ибтидо ҳамкориҳои Тоҷикистону Россия асосан ба мудофиаи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шуда буд. Федератсияи Россия ба сифати давлати абарқудрати Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ дар ҳалли ушкилоти сарҳадии миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Афғонистон мавқеи калидӣ дошт. Яке аз гуруҳҳои Қушунҳои марзбони Россия дар ин сарҳад барои қочоқбарони афғон монеаи асосӣ ба шумор мерафт, чунки аз интиқоли ғайриқонунии маводи мухаддир ва аз марз гузаштани гуруҳҳои ярокноки зидди Ҳукумати конститутсионӣ ҷилавгирӣ менамуд. Табдилёбии Аҳднома ба Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ соли 2002 боиси оғози ҳамгироии бештари миёни кишварҳо гардид. Акнун ҳамкориҳо, ки асосан аз ёрии яктарафа иборат буданд ба дараҷаи муносибатҳои шарикии стратегӣ бардошта шуданд. Аъзои СААД будани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикии стратегии он бо Федератсияи Россия дар самти ҳарбӣ – сиёсӣ ва низомию техникӣ шароит фароҳам намуд, ки қудрати низомию мудофиавии Тоҷикистон ба маротиб боло равад.

Таъмини Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон бо аслиҳа ва техникаи пешқадами Русия, ки дар чаҳорчуби барномаҳои мақсадноки СААД сурат мегиранд, қисмати асосии стратегияи тарафайни боздорандаи маҳсуб меёбад. «Фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чаҳорчуби ин Созмон ҳадафи эҷоди василаҳои самарабахши мубориза бар зидди таҳдидҳои ҷаҳони муосмрро пайгирӣ мекунад. Аз ин рӯ узвияти кишвар дар Созмон аз омилҳои муҳими таъмини амнияти кишвар ва ҳифзи субот дар минтақа маҳсуб мешавад»[2].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳрҳои Душанбе ва Бохтар базаи 201- уми Федератсияи Россия ҷойгир аст, ки ба як қисмати муҳими таъмини амният минтақаи Осиёи Марказӣ алайҳи таҳдидҳо аз Афғонистон табдил ёфтааст.Баъди дар Афғонистон ба сари ҳокимият омадани толибон (2021) вазъияти ҳарбӣ – сиёсӣ таъғир ёфт. Дар самти сарҳади ҷанубии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун истеҳком шинохта шуда ҳамгироиҳои ҳамаҷонибаро бо Россия густариш дод. Баъди аз байн рафтани давлатӣ Иттиҳоди Шӯравӣ дар қаламрави собиқи он дигаргуниҳои куллӣ рух доданд ва Осиёи Марказӣ аз як қаламравӣ канории ин Иттиҳод аз диди геостратегӣ ва геоиқтисодӣ ҳамчун минтақаи меҳварии Авруосиё шакл гирифт. Сарзамини Осиёи Марказӣ дорои захираҳои калони нафту газ, роҳҳои транзитӣ ва иртиботӣ давлатҳои ин минтақа бошад соҳиби манфиатҳои муштараки фарҳангӣ, таърихӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ ҳастанд.

Ногуфта намонад, ки минтақа диққати давлатҳои абарқудрати ҷаҳониро кайҳо ба худ ҷалб намудааст. Бархурди манфиатҳои Русия, ИМА ва Чин метавонад боиси муташанниҷ гардидани вазъ дар минтақа гардад. Вазъи бисёр душвореро Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои ҷанги шаҳрвандӣ (1992 – 1997) аз сар гузаронида буд, ки дар он кишвар зиёда аз 150 000 фарзандони худро аз даст дод. Албата омилҳои дигаре ба монанди душвориҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ низ ба ваҳим шудани вазъ боис гардида баданд. Аммо бар замъи ин омилҳои беруна аз ҷумлаи терроризми фаромилӣ, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи миухаддир, ҷинояткории муташаккил боиси доғ шудани вазъ мегардиданд.

Маълум аст, ки ҳамкориҳои Тоҷикистону Россия дар шакли дуҷониба ва дар қолаби бисёрҷониба дар фазои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД) сурат мегирад. Созмон имрӯз ташкилоти нодири амниятӣ дар қаламрави Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба шумор меравад. Ба Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ лозим меояд, ки дар як вакт ҳам ба муқобили таҳдиду хатарҳои анъанавӣ ва ҳам хатару таҳдидҳои нав бавуҷудоянда мубориза барад. Дар тули солҳои ҳамкорӣ дар доираи СААД миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ба таҷрибаи калону муфиде соҳиб гардидаанд, ки омузиш ва ба амал тадбиқ намудани он танҳо ба фоидаи амнияту суботи минтақа буда метавонад.

Шурӯъ аз соли 2015 то ҳол аз сабаби буғранҷ шудани вазъ дар сарҳадҳои шимолии Афғонистон шуморам тарминҳои ҳарбӣ зиёд гардиданд. Давоми солҳои 2017 – 2024 дар майдонҳои «Мумирак», «Лоҳур» ва «Ҳарбмайдон» зиёда аз 25 тарминҳои гуногуни ҳарбӣ воқеъ гардиданд. Машқҳои ҳарбии«Ҷустуҷӯ», «Эшелон», ва «Ҳамкорӣ» соли 2021бо сафарбарии зиёда аз 5000 афсару аскарону 700 техникаи ҷангӣ гузаронида шуданд. Ю.А. Никитина қайд менамояд, ки «таҳаввули СААД дар се даҳсолаи охир собит намуд, ки ин сохтор ба як механизми муассири амниятӣ табдил ёфтааст, ки дар он ҷузъиёти ҳамкории Душанбе ва Маскав нақши муайянкунанда доранд» [3,34]

Айни замон дар сатҳи ҷаҳонӣ таъмини амният ба масъалаи авлавиятнок табдил ёфтааст. Вобаста ба ин нақши ташкилоту созмонҳои минтақавю байналмилалие, ки ба масъалаҳои таъмини амнияту субот машғуланд рӯз аз рӯз боло рафта истодааст. Дар самти таъмини амнияту суботи давлатҳои ИДМ имрӯз ҳамагон василаи муҳим будани Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъиро эътироф менамоянд. Ин Созмон аз ҷиҳати сиёсӣ, низомӣ ва техникӣ майдонест, ки ҳамкориҳои давлатҳои аъзоро ба роҳ мемонад. Бино ба моддаи 2 – уми оинномаи СААД кишварҳои аъзои Созмон вазифадоранд, ки вақти баррасии масъалаҳои байналмилалии ба манфиатҳои онҳо вобаста буда мавқеъҳояшонро бо ҳам мутобиқ намоянд. Вақти мавҷудияти таҳдид ба сиҳибистиқлолӣ, ҳудуди давлатӣ, амнияти ҷомеа дастҷамъона ин хатарҳоро аз миён бардоранд. Дар чунин вазъият давлатҳои аъзои СААД аз механизми машварати истифода намуда барои бартараф намудани таҳдидҳои мавҷуда чораҳои мушахас меандешанд. Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ пойдории суботу амниятро вазифаи худ шуморида «Таҳкими сулҳ, амният, суботи байналмилалӣ ва минтақавӣ, ҳимояи истиқлолият, тамомияти арзӣ ва соҳибихтиёрии кишварҳои аъзо дар асоси принсипҳои асосии Созмон эътироф карда шудаанд ва ҷиҳати дастёбӣ ба онҳо, кишварҳои аъзо истифодаи воситаҳои сиёсиро афзалият медиҳанд. Кишварҳои аъзои СААД мавқеи сиёсии хориҷии худро нисбати мушкилоти байналмилалию минтақавӣ мувофиқа мекунанд ва пеш аз ҳама аз абзорҳои машваратӣ истифода бурда, саъю кӯшишҳои худро дар мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, экстремизми динӣ,

гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва психатропӣ, аслиҳа, ҷинояти муташаккилонаи фаромарзӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва дигар таҳдидҳо равона месозанд» [1,48].

Ногуфта намонад, ки СААД дар амалиётҳои ҳарбии берун аз марзи давлатҳои шомили он барои таъмини амнияти байналмилалӣ имкони истифода намудани иқтидори ҳарбии худро дорад. Дар ин сурат бояд тасмими Созмон ба оинномаи СММ мухолифат надошта бошад. Аз оғози соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои комилҳуқуқи муносибатҳои байналхалқӣ ба шумор меравад. Манфиатҳои миллию давлатӣ меҳвари асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Бо дарназардошти ин манфиатҳо кишвари мо имрӯз аъзои зиёда аз 54 ташкилоту созмонҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ гардидааст. Созмони Аҳдномаи Амнияти дастаҷамъӣ дар самти ҳифзи марзҳо аз таҳдиду хатарҳои берунӣ абзори муҳим ба шумор меравад. Давлатҳои аъзои СААД кӯшиш доранд то алоқаҳои низомию сиёсии худро дар доираи Созмон самараноктар ба роҳ монанд. Бояд СААД ба авзои пурмуноқишаи ҷаҳон, таҳдиду хатарҳои нав бавуҷудоянда ҷавобгӯ бошад. Минтақаи масъулияти СААД як минтақаи ноорому ноустувор маҳсуб мешавад. Баъди пошхурии Иттиҳоди Шӯравӣ ҷумҳуриҳои он дар тадбиқи сиёсати хориҷӣ ба масъалаҳое пешорӯ мешуданд, ки бо далели надоштани таҷриба барояшон мушкилиҳо эҷод менамуд.

“Мавҷудияти чунин иттиҳоди муассири низомӣ-сиёсӣ дар Авруосиёи Марказӣ ба нигоҳ доштани тавозуни қудрат дар минтақа мусоидат карда, ҳамчун омили боздоранда барои густариши таъсири геополитикӣ аз ҷониби бозигарони нави минтақавӣ ва ҷаҳонӣ амал кардааст. СААД унсури калидии меъмории муосири геополитикӣ дар Авруосиёи Марказӣ мебошад. Аз ин рӯ, бо назардошти вазъияти доимо тағйирёбандаи геополитикӣ дар минтақаи мо, СААД бояд вазифаҳои худро дар ҳифзи фазои кишварҳои узви худ пайваста беҳтар созад.”[4,97]

Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, ниҳодҳо ва ҳамгироии он дар ҳоли рушду такмилёбист. Ҷои шак нест, ки дар шароити зудтаъғирёбандаи ҷаҳон фаъолияти СААД кафолати оромию суботи сарҳадҳои давлатҳои шомили он аст. Дар фазои СААД фаъолият намудан шароит фароҳам меорад, ки алоқаҳои низомии байнидавлатӣ рӯ ба рушд биоранд, раванди босамари амнияти дастаҷамъӣ қувват гирад. Ба ин ҳамгирои нисбати чолишҳои имрӯза, мавқеъгирии наздику ҳамсон доштани авлатҳои аъзо мусоидат менамояд.

Ба Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ шомил шудани қисме аз давлатҳои пасошӯравиро ҳифзи манфиатҳо, истиқлолияти кишвар, дифои марзу бум тақозо дошту ҳоло низ дорад. Ҳамкорию ҳамгироӣ дар майдони СААД барои давлатҳои аъзо самарабахш ва конкретист. Роҳбарони давлатҳо тавонистанд, ки тули солҳои фаъолияти ин Созмон муносибатҳои бисёрҷонибаро рушд диҳанд, робитаҳои сиёсӣ, ҳарбӣ ва фановариро тавсеа бахшанд. Дар ин самт Федератсияи Россия аз соли 2001 инҷониб барои хариди техника ва дигар лавозимоти ҳарбӣ ба давлатҳои аъзои Созмон кӯмак намуда нархҳои имтиёзхнокро ҷорӣ намуд. Чунин дастгирии молиявӣ хариди техникаи низомиро ба маротиб афзоиш дод.

Маҳдудаи ҷуғрофии пасошӯравӣ ба сиёсати глобалии байналмилалӣ ҳар чӣ бештар ҷалб шуда истодааст. Бозингарони сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ҳамеша омодаи пайдо намудани мавқею нуфуз мебошанд. Манбаҳои газ ва нефт, дигар боигариҳои зеризаминӣ, мавҷудияти коммуникатсияҳои пайвасткунандаи Шарқу Ғарб, мавқеи

бисёр қулайи ҷуғрофӣ боиси таваҷҷуҳи рӯзафзуни абарқудратго ба ин минтақа мебошад.Таваҷҷӯҳи абарқудратон имрӯз ба давлатҳои Осиёи Марказӣ ,ки меҳвари СААД-ро ташкил менамоянд,хеле афзудааст. "Алъон равандҳои нави геополитикӣ ва геоиқтисодӣ дар Авруосиё ва бахусус дар Авруосиёи Марказӣ, ки мустақиман бо ташаккули ҷаҳони сеқутба алоқаманданд, дар ҳолати рушд ва зуҳурёбӣ мавҷуд ҳастанд. Дурнамои рушди Осиёи Марказӣ дар даҳсолаҳои оянда аз он вобаста хоҳад буд, ки минтақаи мо то чӣ андоза зуд ба геостратегияи кунуни ҷаҳонӣ посух медиҳад ва мутобиқ мешавад."[6,168]

Давлатҳои аъзои СААД дар пайи таъмини манфиатҳои худ ва амалӣ амудани сиёсати берунии мутавозин, фаъолияташонро дар ташкилоту созмонҳои гуногуни байналмилалӣ ба роҳ мемонанд.

Барои фаъолияти бардавому самараноки СААД ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо дигар ташкилотҳои минтақавию байналмилалӣ баҳри таъмини амният дар Авруосиё амали бисёр муҳим ба шумор меравад. Ин Созмон бо ташкилотҳое ба монанди СҲШ, ИДМ, САҲА ва Итиҳоди Аврупо ҳамкорӣ менамояд, ки дар пешгирӣ аз таҳдиду хатарҳои аз ҷониби Афғонистон бавуҷудоянда нақши муҳиму самарабахш бозида метавонад. Агар манфиатҳои миллии давлатҳои узви СААД – ро таҳлил намоем он гоҳ ба натиҷае мерасем, ки ин манфиатҳо шабеҳи якдигаранд. Худи минтақаи масъулисти Созмон махсусиятҳои хоса дорад. Умумияти мушкилиҳо, таҳдиду хатарҳо ин кишварҳоро муттаҳид намудааст. Равшан аст, ки муҳофизати суботу амният, таҳкими истиқлолият, таъмини тамомияти ҳудудӣ, вокунишҳои саривақти ба таҳдидҳои муосир ба мисли гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, терроризм ва экстремизм ҳамгироии муваффақонаро дар фазои СААД тақозо менамояд.

**Адабиёти истифодашуда**


1. 25 қадам дар паҳнои олам. Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. (Зери назари Сироҷиддин Аслов). Душанбе: Ирфон, 2016. – 220с.// https:// new.mfa.tj/uploads/main/2020/08/25-qadam-dar-pahnoi-olam-7-11-MB.pdf
2. Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СААД.Манбаи электронӣ: https://mfa.tj/tg/main/view/147/tojikiston-va-sozmoni-ahdnomai-amniyati-dastajami [Санаи дархост:26.03.2026].
3. Никитина Ю. А. ОДКБ: итоги двадцати лет и перспективы развития // Вестник международных организаций. – 2023. – Т. 18. № 2. – С. 25–42
4. Хайдаров Р. Виртуальное пространство как источник новых угроз для ОДКБ//Известия ИФПП НАНТ.-№2.-2021.-С.96-99
5. Хайдаров Р. Дж. Новые геополитические тенденции в евразийском пространстве в контексте формирования трехполярного мира // Постсоветские исследования. 2022; 7(5):667-676.
6. Хайдаров Р. Дж. К вопросу о развитии стран Центральной Азии в период трехполярного мира// Известия ИФПП НАНТ.-№1.-2023.-С.168-174
7. Сайидзода З.Ш. Лидер нации и судьба государства:Республика Таджикистан в эпоху глобальных переломов,идеологических и стратегических вызовов.-Душанбе:-"Котраст".-2026.-368
8. Сайидзода З.Ш.,Хайдарзода Р.Дж.,Темурзода Ф. 35 лет внешней политики Республики Таджикистан в условиях государственной независимости.
9. ОДКБ.Электронный ресурс// https:// odkb-csto.org[Дата посещения:05.03.2026]

## СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ В ОБЛАСТИ БЕЗОПАСНОСТИ В РАМКАХ ОДКБ

В статье анализируется сотрудничество Республики Таджикистан и Российской Федерации в области обеспечения безопасности в рамках Организации Договора о коллективной безопасности (ОДКБ). Автор рассматривает исторические, правовые и политические основы формирования этого сотрудничества и показывает роль ОДКБ как ключевого института обеспечения региональной и коллективной безопасности. Особое внимание уделяется важности геостратегического положения Республики Таджикистан, особенно в отношении южной границы с Афганистаном, а также оценивается вклад Российской Федерации в укрепление обороноспособности страны и обеспечение стабильности и безопасности. Анализируются также основные направления военно-политического сотрудничества, совместных учений, борьбы с терроризмом, экстремизмом, транснациональной преступностью и наркоторговлей. Можно сделать вывод, что сотрудничество Таджикистана и России в рамках ОДКБ носит стратегический характер и играет важную роль в укреплении национальной безопасности и стабильности в Центральноазиатском регионе.

***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан, Российская Федерация, Организация Договора о коллективной безопасности (ОДКБ), коллективная безопасность, региональная безопасность, военно-политическое сотрудничество, стабильность, терроризм, экстремизм, Афганистан, Центральная Азия.*

## SECURITY COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE RUSSIAN FEDERATION WITHIN THE CSTO

This article analyzes security cooperation between the Republic of Tajikistan and the Russian Federation within the Collective Security Treaty Organization (CSTO). The author examines the historical, legal, and political foundations of this cooperation and demonstrates the role of the CSTO as a key institution for regional and collective security. Particular attention is paid to the importance of the geostrategic position of the Republic of Tajikistan, particularly in relation to its southern border with Afghanistan, and the Russian Federation's contribution to strengthening the country's defense capability and ensuring stability and security is assessed. The article also examines the main areas of military-political cooperation, joint exercises, and the fight against terrorism, extremism, transnational crime, and drug trafficking. It can be concluded that cooperation between Tajikistan and Russia within the CSTO is strategic in nature and plays an important role in strengthening national security and stability in the Central Asian region.

***Key words:*** *Republic of Tajikistan, Russian Federation, Collective Security Treaty Organization (CSTO), collective security, regional security, military-political cooperation, stability, terrorism, extremism, Afghanistan, Central Asia.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Давлатов Зубайдулло Абдуллоевич-ходими калони илмии шуъбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. 734025,

Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33; Телефон: 005507647, почтаи электронӣ: davlatov5757@mail.ru

**Сведения об авторе:** Давлатов Зубайдулло Абдуллоевич-старший научный сотрудник отдела Содружества Независимых Государств Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. 734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33; Телефон: 005507647, электронная почта: davlatov5757@mail.ru

**About the author:** Davlatov Zubaydullo Abdulloevich- Senior Researcher, Department of the Commonwealth of Independent States, Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries, National Academy of Sciences of Tajikistan. 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33; Phone: 005507647, e-mail: davlatov5757@mail.ru

## ШАРҚШИНОСӢ / ВОСТОКОВЕДЕНИЕ/ ORIENTAL STUDIES

# НИЗОЪҲОИ СИЁСӢ ДАР ХОВАРИ МИЁНА ВА НАҚШИ ЭРОН ДАР НИГОҲДОШТИ ТАВОЗУНИ МИНТАҚАВӢ

**Назариев Р.З.**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Мақолаи мазкур ба таҳлили масъалаи низоъҳои сиёсӣ дар Шарқи Наздик ва нақши Эрон дар нигоҳдошти тавозуни умумӣ дар он бахшида шудааст. Дар он қайд карда мешавад, ки кишвари абарқудрат дар мисоли Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҳамроҳ бо Исроил бо истифода аз роҳҳои гуногун мехоҳанд, ки қудрати кишварҳои ин минтақаро заиф намуда, роҳбарияти онро ба итоати хеш гузоранд ва ба ин васила имкониятҳои иқтисодии онҳоро ба таври васеъ таҳти тасарруфи хеш доранд. Онҳо қобилияти кишварҳои арабро дар таъмини амнияти минтақа ба ҳадди пасттарин расонида, онҳоро ба ду гурӯҳ – дӯстон ва душмнони хеш тақсим намуд. Дар ин рӯихат Эрон ба қатори кишварҳои пуштибони терроризм дохил шуда, ба сабаби талошҳои он барои ба даст овардани силоҳи ҳастаӣ сабабгори ноором минтақа маҳсуб меёбад. Дар ҳоле, ки Эрон ин сиёсати амрикоиҳо ва исроилиҳоро дар бораи амнияти кишварҳои минтақа ва лоиҳаҳои маъмурияти Амрикоро ҳамчун як тактикаи сиёсӣ бо умқи стратегии он барои таҳти итоати хеш гузоштани кишварҳои минтақа баҳогузорӣ менамояд.*

***Калидвожаҳо**: низои сиёсӣ, тавозуни минтақавӣ, амнияти минтақавӣ, тавозуни минтақавӣ, мавеи геополитикӣ, шарики стратегӣ, сиёсати хориҷӣ, вазъияти сиёсӣ, сулҳу субот, Ховари Миёна, Эрон, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Исроил, халиҷи Форс, Лоиҳаи Ховари Миёнаи бузург.*

Номҳои кишварҳо ва ҳудудҳои ҷуғрофии Ховари Миёна дар ҳар давру замон дар таъбирҳои гуногун тағйир меёбад: баъзан доираи ҷуғрофии он тавсиа ёфта, Афғонистон, Покистон, Эрон ва кишварҳои дигари мусулмониро, ки қаблан ҳамчун воҳидҳои сохтории Иттиҳоди Шӯравӣ ба шумор мерафтанд, дар бар мегирад ва дар мавридҳои дигар - он танҳо кишварҳои арабӣ, яъне ҳудудҳои аз ҷониби Исроил ишғолгардидаи Фаластин, Лубнон ва инчунин Эрон ва Туркияро дар бар мегирад. Ховари Миёна барои амният ва сулҳи умумиҷаҳонӣ минтақаи ниҳоят муҳим маҳсуб меёбад ва аз ин рӯ, тағйир додани сохтори сиёсӣ-идории кишварҳои минтақа барои қудратҳои бузурге, ки дар мустамликадории он ҳамдигарро ҷойгузин кардаанд, мувоҷеҳи нигаронии доимӣ мегардад. Фаъолияти лоиҳаҳо, ғояҳо ва нақшаҳое, ки барои ноил шудан ба ин ҳадаф тарҳрезӣ мешаванд, то ҳол идома доранд.

Иёлоти Муттаҳидаи Амрико яке аз кишварҳои асосӣ аст, ки мехоҳад ҳарчӣ бештар таъсири худро бар кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла кишварҳои Ховари Миёна, тақвият диҳад ва нақши қудратҳои дигари фаъоли минтақавӣ, аз ҷумла кишварҳои арабро дар мисоли Ироқ ва Сурия ба ҳошия гузорад. Ин нукта пас аз ишғоли Ироқ аз ҷониби Амрико дар соли 2003 ба таври возеҳ ошкор гашт ва он ки боиси хотима ёфтани нақши Ироқ ҳамчун як қувваи асосии стратегии араб дар тавозуни минтақавии низои арабҳою яҳудиён гардид. Пас аз ин, Ховари Миёна аз ноустувории сиёсӣ ва пайдоиши халои стратегӣ азият мекашид, ки онро Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бо пешниҳоди «Лоиҳаи Ховари

Миёнаи бузург» (Greater Middle East) ), ки ҳадафи он бозтарроҳии харитаи геостратегӣ барои аз байн бурдани боқимондаҳои тартиботи минтақавии арабҳо буд, бо ҳар роҳу восита кӯшиш ба харҷ дод, ки онро пур кунад. Муаллифони ин лоиҳа ё консепсия, чуноне ки шарқшинос ва сиёсатшиноси маъруфи рус У.З. Шарипов менависад, сиёсатмадорони амрикоӣ Г. Киссинчер, Г. Допрет, Д. Рамсфелд, Д. Чейни, К. Райс, Р. Перл, П. Вулфовитс, М. Гроссман буданд ва дар ин консепсияи пешниҳодкардаи онҳо таъкид гардидааст, ки дар ҷаҳони муосир танҳо демократияи ғарбӣ имкон дорад, ки ҳамчун воситаи куллии таъмини навсозӣ, шукуфоӣ, адолат ва муколамаи байнифарҳангӣ дар ҷаҳони муосир ба кор равад. «Аз ин рӯ, - илова мекунад У.З. Шарипов, - вазифаи умумиҷаҳонӣ гузошта шуд, ки тавассути «бозсози»-и Ховари Миёна ҷомеае созмон ёбад, ки ба манфиатҳои миллии ИМА пурра ҷавобгӯ бошад... Дар мавриди қисмати осиёии доираи фарогирии ин консепсия, мушовири собиқи амнияти миллии ИМА Збигнев Бжезинский гуфтааст: «Ин имкон медиҳад, ки ба қаламравҳои Балкани Авруосиё, ки Қафқози Ҷанубӣ, Осиёи Марказӣ, Афғонистон, Туркия ва Покистонро дар бар мегирад, таъсир расонида шавад» [6, 14-15].

Онҳо ҳама гуна нақши арабҳо ё умуман мусулмонҳоро дар масъалаҳои амнияти минтақавӣ, бар асоси ҳифзи манфиатҳои худ ва такя ба ҳузури доманадорашон дар минтақа, ҳузури шарикони минтақавии худ ва «созмони истилогари Исроил»-ро рад мекарданд. Ин нақшаҳояшон мухолифи талошҳои Эрон буд, ки ҳамеша саъй меварзид, то дар идоракунии минтақаи Ховари Миёна ва халиҷи Форс дар асоси ба даст овардани амнияти умумӣ ва муштараки манфиатҳои кишварҳои он нақши мувозинаткунанда дошта бошад. Гарчанде ки «Лоиҳаи Ховари Миёнаи бузург» дар моҳи декабри соли 2004 ба таври оммавӣ эълон шуда буд, он барои як лоиҳаи кӯҳнаи мустамликавӣ дар минтақаҳои Шарқ ва Мағриб роҳи ҳали наверо пешниҳод кард, ки ғаразнок ва барои ҳифзи манфиатҳои моддӣ-иқтисодии Амрико равона шуда буд.

Қобили зикр аст, ки Ховари Миёна бо паҳншавии он то ба сӯи Қафқоз ва Осиёи Марказӣ барои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мавқеи барҷастаи геополитикӣ дошта, онро барои мутеи хеш кардани ҷаҳон истифода мебарад. Аҳамияти ин минтақа барои Амрико, пеш аз ҳама, сарвати бузурги нафт аст. Бо ин ҳама, сарнавишти Ховари Миёна танҳо нафт набуда, балки таърихи амиқи тамаддунест, ки дар тӯли асрҳои рушди ин минтақа ташаккул ёфтааст. Ба ғайр аз ин, Ховари Миёна чорроҳаи роҳҳои тиҷоратӣ байни се қитъа – Осиё, Африқо ва Аврупо ба ҳисоб меравад ва дар ибтидои асри XXI он шоҳиди тағйироти назарраси сиёсӣ ва стратегӣ мегардад. Ин тағйирот ба ҷараёни рӯйдодҳо дар минтақа таъсири амиқ расонд. Пайравии маъмуриятҳои пайдарпайи ИМА барои мустақар сохтани сулҳ дар Ховари Миёна як чизи муқаррарӣ буд ва маъмурияти президент Билл Клинтон (1993-2001) онро пайгирӣ менамуд. Гарчанде ки маъмурияти президентҳо Билл Клинтон ва Ҷорҷ Буш (1989-1993) бори аввал дар доираи Созишномаҳои Кэмп Дэвид (соли 1978) ҳангоми музокираи ҷонибҳои даргири Ховари Миёна муваффақ шуданд, аммо низои арабу яҳудиён ҳалношуда боқӣ монд. Гузашта аз он, тибқи ин Созишнома «бар ивази хуруҷи нерӯҳои Исроил аз нимҷазираи Сино, Миср ба ишғоли Исроил дар соҳили ғарбии дарёи Урдун, баландиҳои Ҷулон, қитъаи Ғазза ва Байтулмуқаддаси Шарқӣ, инчунин ба ихроҷи Созмони озодибахши Фаластин аз ширкат дар раванди барқарорсозии сулҳи Ховари Миёна розигӣ дод» [4, 24].

Ин ба истилоҳ таслими рӯирости арабҳо дар назди Исроил буд, ки ҳодисаҳои минбаъдаи минтақа аз он шаҳодат медиҳанд. Натиҷа он аст, ки низои арабҳо ва яҳудиён то имрӯз идома дорад ва аз ҷумлаи зуҳуроти он нақшаи сулҳ буд, ки пас аз рад кардани

пешниҳодҳои президент Билл Клинтон аз ҷониби фаластиниҳо дар моҳи марти соли 2000, умеди сулҳ ба нокомӣ рафт, зеро фаластиниён майли Амрикоро барои нигоҳ доштани вазъи мавҷуда дақиқ дарк намуда, онро рад намуданд [2, 15]. Манфиатҳои давлати истилогари яҳудӣ аз бо кӯшиши Иёлоти Муттаҳида барои аз нав сохтани Ховари Миёна бо баҳонаи ислоҳот ва тағйир додани он рост омаданд. Ҳамлаҳои тарҳрезишудаи 11 сентябри соли 2001 қадами нав буд барои мубориза ба муқобили кишварҳои Ховари Миёна. Вашингтон зарур донист, ки режимҳои сиёсии пуштибони онро ҷудо созад, зеро онҳо барои пӯшиши сиёсати онҳо дар Ховари Миёна шароит фароҳам оварда метавонистанд. Ҳамин тариқ, барои худ ҳаққу ҳуқуқ дод, ки ин кишварҳоро ба ду гурӯҳ - дӯстон ва душманон тасниф созад, аз ин рӯ, алайҳи Афғонистон ва Ироқ бо баҳонаҳои сохта ҷанг оғоз кард ва эълон кард, ки мехоҳад минтақаи Ховари Миёна бо шиори мубориза бо терроризм ва давлатҳое, ки онро дастгирӣ мекунанд, қабули стратегияи ҷанги пешгирикунандаро бознигарӣ намояд.

Эрон дар ин таснифот ба «меҳвари зулм» шомил гардид ва ба дастгирии терроризм ва талош барои ба даст овардани силоҳи ҳастаӣ муттаҳам карда шуд. Маъмурияти Клинтон инчунин Эронро ба он муттаҳам кард, ки тавассути дастгирии терроризм ва талош барои ба даст овардани силоҳи ҳастаӣ он талош меварзад, ки минтақаро ноором созад ва сулҳу суботро вайрон намояд. Се сол пас, маъмурияти президенти ИМА Ҷорҷ Буш (2001-2009) Лоиҳаи Ховари Миёнаи бузургро таҳти унвони «Шарикӣ барои оянда» идома дод, ки онро кишварҳои саноатии G8, ки Фаронса, Канада, Ҷопон, Русия, Британиё, Италия, Олмон ва Иёлоти Муттаҳидаро дар бар мегиранд, намояндагӣ мекарданд. Аён аст, ки ҳадафи амрикоиҳо аз ин лоиҳа эҷоди ҳамгироӣ байни мавқеъҳои аврупоӣ ва амрикоӣ ба тарзе буд, ки бо манфиатҳои Ғарб дар лоиҳаи Ховари Миёна мувофиқат меомад. Чунин сиёсат зарурати тағйир додани низомҳои сиёсии ҳукмронро ба вуҷуд овард ва президент Буш марзҳои Ховари Миёнаи бузургро муайян накард, ба истиснои он ки шумораи зиёди таҳлилгарони сиёсӣ тасдиқ кардаанд, ки лоиҳа ду минтақаи муҳимтарини истеҳсолкунандаи нафт ва газ дар ҷаҳонро дар бар мегирад: халиҷи Форс ва Қафқоз. Дар он лаҳза, ҳадафҳои аслӣ ва эълоннашудаи Амрико равшан гардиданд: таҳти назорат гирифтани истихроҷ ва савдои нафт бо назардошти нархи баланди он дар бозорҳои ҷаҳонӣ ба ҷои демократикунонии кишварҳои араб ва ислоҳи низомҳои сиёсии онҳо. Давлати истилогари Исроил аз ин лоиҳа хориҷ карда шуд, зеро Амрико онро яке аз соҳибнизомҳои демократия ва иқтисоди устувор, озод ва либералӣ меҳисобид. Ин лоиҳа бо тамаркуз ба лоиҳаҳои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла шиорҳои ислоҳот дар соҳаҳои ВАО, рушд, фарҳанг ва мубориза бо фасоди маъмурӣ, ба авҷи хеш расид. Сипас, он тавассути кушодани дафтарҳои минтақавӣ ва тақсим кардани буҷаҳои молиявӣ барои онҳо тавассути ширкатҳо ва сафоратҳои Иёлоти Муттаҳида ба воқеият табдил ёфт. Гарчанде ки он лоиҳаҳои нави худро бо сиёсаташ нисбат ба минтақа ошкоро пайванд надод, аммо ин робитаро аз ду рӯйдоди барҷастатарин, ки пас аз оғози лоиҳаҳо рух доданд, - ҷанги Афғонистон ва ишғоли Ироқ дар муддати камтар аз як сол фаҳмидан мумкин гардид.

Тасдиқи чунин хулоса хато мебуд, ки агар стратегияи Амрикоро дар Ховари Миёна танҳо бо манфиатҳои иқтисодӣ, пеш аз ҳама истеҳсол ва савдои нафт ва инчунин нигоҳдории мавқеъҳои стратегӣ дар минтақа маҳдуд намоем, зеро вазифаи асосии стратегӣ дар Ховари Миёна нигоҳ доштани мавҷудият ва амнияти ниҳоди ишғолгари Исроил аст, ки ин вазифаро Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз соли 1948 то ба ҳол ба ӯҳда гирифта, таҳаққуқи онро идома медиҳад. Ҳамзамон, барои Иёлоти Муттаҳида зарур

шудааст, ки барои худ ҳузури низомиеро таъмин кунад, ки монеаи қавӣ барои ҳар гуна қудрате бошад, ки ба амният ва бехатарии ин ниҳод таҳдид мекунад. Дар ин ҷо қайд кардан муҳим аст, ки ишғоли Ироқ дар доираи ин рисолат, илова бар муҳосираи иқтисодии Эрон ба ҳамин сабаб сурат гирифтааст. Дар мавриди барномаи ҳастаии Эрон бошад, қайд кардан муҳим аст, ки ниҳоди яҳудӣ бӯҳрони ҳастаии Эронро ҳамчун роҳи ҳалли мушкилоти худаш аз тариқи ҳамлаи низомӣ ба он маҳсуб медонад. Аз ҷониби дигар, Иёлоти Муттаҳида аз замони ҳамлааш ба Ироқ дар соли 2003 натавонист нуфузи Эрон ва густариши минбаъдаи онро дар минтақа боздорад. Аз ин ба баъд адовати рӯирости ИМА ва Исроил алайҳи Эрон ошкор мегардад, ҳарчанд президентҳои минбаъдаи амрикоӣ бо ваъдаҳои дурӯғ ва фиреб ҳадафашонро дар ин сиёсат на табдили режими Теҳрон, балки, чуноне ки А.И. Шумилин қайд кардааст, «тағйири рафтори он дар минтақа» бо шумули даст кашидан аз барномаи ҳастаии низомӣ ва истеҳсоли мушакҳои баллистикӣ мебошад. Муаллифи мазкур илова мекунад, ки матбуоти Амрико ва теъдоди зиёди таҳлилгарон ба он майл доранд, ки «муносибатҳои сиёсии маъмурияти Обама ва Трампро ҳамчун хоҳиши тағйир додани режим дар Теҳрон тафсир диҳанд, аммо бо роҳҳои гуногун: Обама ба воситаҳои сиёсӣ, ба ҳавасмандгардонии сиёсатмадорони муътадил дар Теҳрон такя карда, онро моҳияти созишномаи байналмилалӣ дар бораи барномаи ҳастаии Эрон (Нақшаи муштараки ҳамаҷонибаи фаъолият- НМҲФ, ки соли 2015 ба имзо расидааст) медонист, дар ҳоле ки Трамп бо инкори НМҲФ дар шакли кунунии фишори иқтисодӣ ва низомиро ба Эрон афзоиш медиҳад, ҳатто то он дараҷае, ки барои истифодаи зӯри силоҳ омода бошад» [7, 70]. Трамп, чунон ки аз ҳодисаи рӯзҳои охир бармеояд, дар қатли роҳбари руҳонии Эрон оятуллоҳ Хоманаӣ муваффақ гардид ва аз сиёсати «демократикунони» -и Ховари Миёна бори дигар дарак дод.

Масъалаи тавозуни минтақавӣ дар минтақа, илова бар фарогирии васеи он ба халиҷи Форс яке аз нуқтаҳои барҷастатарини ихтилофи байни Теҳрон ва Вашингтон аст, зеро фарқияти возеҳи дурнамои ду кишвар дар бораи амнияти кишварҳои халиҷ ва пояҳои суботи он ҷой дорад. Аз ин рӯ, Иёлоти Муттаҳида иддао мекунад, ки Эрон таҳдиди мустақим ба манфиатҳои он дар ин минтақа аст ва бояд ба сиёсати Эрон дахолат кунад. Аз ҷониби дигар, Эрон ҳама гуна ҳузури хориҷиро дар шакли низомӣ ё логистикии ҳамаи нерӯҳои ғайрихалиҷӣ, хоҳ хориҷӣ ва хоҳ арабӣ, ки мустақиман ба халиҷи Форс тааллуқ надоранд, қабул надорад. Ин сиёсат барои муайян кардани нақши тавозуни стратегии Эрон дар Ховари Миёна, бахусус дар робита бо Иёлоти Муттаҳида ва ниҳоди саҳюнистӣ (ба ибораи роҳбарони Эрон) назаррас аст.

Дар мавриди нақши минтақавӣ ва байналмилалии Эрон, он аз таъсири назаррас ва таъсирбахши минтақавӣ ва ҳатто байналмилалӣ бархӯрдор аст, зеро роҳбарияти он дарк карда буд, ки ҳузури низомии Амрико пас аз ишғоли Ироқ аз ҷониби Амрико ба марзҳои заминии он наздик аст, аз ин рӯ зарурати тақвияти қобилиятҳои низомии худро дарк намуд. Аз ин рӯ, он сатҳи истеҳсоли низомии мушакҳоро афзуда, онро ба таъсири боздорандаи ин силоҳ бар зидди ҳар гуна кӯшиши таҷовуз мубаддал менамояд. Муносибати Амрико ба Эрон, илова бар баланд бардоштани омодагии ҷангӣ ва истеҳсоли назарраси силоҳ ва таҷҳизот муташанниҷ нардида, метавон гуфт, ки бо Эрон дар низоъ ворид гардид ва кӯшишҳои Эрон барои пешгирӣ аз табдил ёфтани Ироқ ба ягон роҳу восита ба манбаи таҳдиди сулҳу субот дар он дар мадди аввал меистод. Ин нукта барои Эрон аз он сабаб махсусан муҳим буд, ки пойгоҳҳои низомии Амрико дар минтақа абзори асосии гегемонияи он мебошанд ва ин масъала яке аз рукнҳои

стратегияи низомии Амрико буда, онро бояд пешбинӣ ва пешгирӣ намояд. Дар моҳи августи соли 1998, президент Муҳаммад Хотамӣ (1997-2005) вазъияти стратегии Ҷумҳурии Исломии Эронро дар ҷаҳон ва махсусан дар Ховари Миёна шарҳ дода, аз ҷумла гуфта буд: «Мо бояд қудрати қавии низомӣ дошта бошем ва барои он аз ягон ҷонибе барои тақвияти дифоъ ва қобилиятҳои низомии худ иҷозат намегирем. Дифоъ аз худ ва пешгирӣ аз таҷовузи дигарон аз ҷумлаи муҳимтарин ҳуқуқҳои кишвари мост» [1, 34]. Сиёсати хориҷии Эрон дар давраи президент Хотамӣ маҷрои дигар гирифт ва аз як қатор вокунишҳо ба равиши фаъолтар интиқол ёфт.

Дар ин ҳол, нақши Эрон дар муайян кардани тавозуни воқеии стратегӣ дар Ховари Миёна бо табдил додани минтақаи халиҷи Форс ба авлавияти асосии сиёсати хориҷии он, хусусан пас аз он ки муҳити минтақавӣ ва байналмилалӣ ба Эрон имкон дод, ки таваҷҷуҳи сиёсати худро ба Ховари Миёна мутамарказ созад, равшан мегардад. Бояд қайд кард, ки Эрон дар ин минтақа мавқеи беназири геостратегӣ дорад. Он дар байни арзҳои 25° ва 40° шимолӣ ва умуман, дар қисмати ҷанубу ғарбии Осиё ҷойгир буда, масоҳати васеи 1648195 километри мураббаъро фаро мегирад. Мавқеи ҷуғрофии он ба пуле шабоҳад дорад, ки Осиёи Марказӣ ва Шарқӣ, инчунин Осиёи Ғарбӣ ва Шарқиро ба ҳам мепайвандад. Ҳамчун як қудрати калидии Ховари Миёна, Эрон талош меварзад, ки ҳама гуна воситаҳои имконпазирро барои таъмини доираи нуфузи худ ва маҳдуд кардани таъсири қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ дар ин Ховари Миёна истифода барад. Дар натиҷа, Эрон саъй меварзад, ки нақши минтақавии таъсиргузорро бозад ва манфиатҳо ва ҳадафҳои ҳаётии худро дар амал таҳаққуқ намояд. Ин ҳадафҳо ногузир дар муносибатҳои гуногуни он бо масъалаҳои амниятӣ дар Ховари Миёна инъикос ёфта, онро ҳамчун бозигари калидӣ дар масъалаҳое, ки ба амнияти дохилии миллии баъзе кишварҳо таъсир мерасонанд, муаррифӣ менамоянд. Дар иртибот бо ин масъала, В.И. Сажин қайд намудааст, ки «сиёсати Эрон дар Ховари Миёна аҳамияти калидӣ дорад. Ховари Миёна як нуқтаи доимии муташанниҷ аст, ки дар он якчанд низоъҳо ҳамзамон авҷ гирифтаанд: вазъият дар атрофи Яман, дар пойгоҳҳои амрикоӣ дар Сурия, Ироқ ва Урдун, масъалаи Фаластин, аз ҷумла ҳуҷумҳои Ҳизбуллоҳ алайҳи Исроил ва низои мусаллаҳона дар атрофи қитъаи Ғазза... Таҳлили вазъияти Ховари Миёна муносибати байни ҳамаи бозигарони зиддиамрикоӣ дар минтақа ва Теҳронро нишон медиҳад, ки ин далелро ҳам Эрон ва ҳам шариконашон тасдиқ кардаанд» [5, 112]. Кишварҳои ҳамсояи Эрон ва дахолатҳои он дар Сурия, Фаластин ва Лубнон тавассути таҳияи созишномаҳои амниятӣ асосан ба манфиатҳои стратегии он хизмат мерасонанд ва ҳадафҳои геополитикии давлати Исроилро дар минтақа маҳдуд месозанд. Бо назардошти гуфтаҳои боло, Эрон нақши минтақавиеро ба ӯҳда мегирад, ки аз марзҳои ҷуғрофии он берун меравад.

Эрон тавассути сиёсати хориҷии худ кӯшиш мекунад, то маҷмуи ҳадафҳоеро амалӣ созад, ки аз Конститутсияи Эрон бармеоянд ва барои ноил шудан ба онҳо мувофиқи принсипҳои исломии он амал намояд. Ҳадафҳои сиёсати хориҷии Эронро ба як ҳарф чунин арзёбӣ кардан мумкин аст: «Ҳимояи мазлумон ва муқовимат бо золимон». Сиёсати хориҷии Эрон бар асоси принсипҳо ва меъёрҳои динӣ таҳия гардида, ҳадафи он таъмини ҳимоя аз «мардуми мазлум»-и ҷаҳон ва дастгирии онҳо дар муборизаашон бар зидди нерӯҳои «мутакаббир ва зулм» аст» [3, 22].

Эрон ҳузури нерӯҳои низомии Амрикоро, ки ба амният ва суботи минтақа халал ворид менамояд, таҳдиди мустақим ба амнияти миллии худ мешуморад. Он махсусан ҳангоме мубрамият пайдо кард, ки ИМА бо кишварҳои Шӯрои ҳамкории Халиҷ

созишномаҳои амниятӣ ба имзо расонд ва дар натиҷа барои «ҳифзи онҳо» ва таъсиси пойгоҳҳои низомӣ дар он кишварҳо пояи ҳуқуқиро барпо гузошт. Пас аз ноком шудани Америко дар ҷангҳои Ироқ ва пас аз ишғоли як қисми он аз ҷониби нерӯҳои амрикоӣ дар соли 2003 як навъ холигии стратегӣ ба вуҷуд омад ва Эрон тавонист онро аз ҷиҳати амният, стратегия ва сиёсат пур кунад. Амнияти миллии Эрон пас аз ин ҳамла бо суботи сиёсӣ ва амниятӣ дар Ироқ зич павастагӣ пайдо мекунад, ки он билхосса ба далели мавҷуд будани марзи муштараки тӯлонии байни ду кишвар ва инчунин муносибатҳои амиқи таърихии онҳо вобаста буд. Бо дар назардошти чунин ҳолат Иёлоти Муттаҳида маҷбур шуд, ки вазъияти Ироқро бо Эрон муҳокима кунад ва он як ангезаи ҳавасмандкунанда ва пирӯзии лоиҳаи Эрон ба ҳисоб меравад. Аммо Амрико ва Исроил ҳадафҳои ба иҷро нарасидаашонро мавқуф гузошта, баъди ба сари ҳокимият омадани президент Доналд Трамп дар солҳои 2025-2026 ду бор ба ҷанги зидди Эрон ворид гардиданд, ки он ба таҳқиқи алоҳида ниёз дорад.

Ҳамин тариқ, ҳузури низомии Амрико дар Ховари Миёна, бахусус дар минтақаи халиҷи Форс, барои Эрон ҳолати ҳушёрии доимӣ эҷод мекунад ва онро водор месозад, ки ба лоиҳаҳои амрикоӣ дар бораи амнияти кишварҳои минтақа умуман ва амнияти халиҷи Форс махсусан мухолифат кунад ва лоиҳаҳои маъмурияти Амрикоро ҳамчун як тактикаи сиёсӣ бо умқи стратегӣ баҳогузорӣ намояд ва роҳбарони онро муътақид месозанд, ки Исроил ва Иёлоти Муттаҳида ба Эрон барои бартарии он дар халиҷи Форс ва ба таври умум – дар Ховари Миёна монеаҳо эҷод намуда, барои тахриб намудани давлати эрониҳо талош меварзанд.

## АДАБИЁТ


1. ‘Абдул Ваҳҳāб ал-Қассāб. Ат-Та’сир-ул-ҷиустрāтиҷи ли-сийāсат-ит-тасаллуҳ-ил-ирāниййа (Таъсири геостратегии сиёсати мусаллаҳшавии эронӣ) //Маҷалла дирāсāт дувалиййа. Ҷāмиā Бағдāд, 2003 (ба забони арабӣ), №19, 2003. 375 с.

2. Мурāд М. Ас-Сийāсат-ул-амрикиййа туҷāҳ ил-ватан-ил-‘араби: байн-ас-сāбит-ил-истрāтиҷӣ ва-л мутағаййар-ит-туруқ (Сиёсати амрикоӣ бар зидди ватани арабӣ: байни стратегияи устувор ва роҳҳои тағйирёбанда). – Бейрут, 2009 (ба забони арабӣ). 409 с.

3. Найсāн А.Ҳ. Ат-Таваҷҷуҳ-ус-сийāсийй-ул-хāриҷийй-ул-ирāни //Вақā’и‘-ул-му‘тамар-ил-‘илмийй-ил-аввал ли-марказ-ил-дирāсāт-ил-ирāниййа. Ҷāми‘а-ул-Басра (ба забони арабӣ), 2-3 апрели 2002. С. 20-26.

4. Руденко Л.Н., Соловьева З.А. Лига арабских государств и интеграционные процессы в арабском мире. - М. Институт востоковедения РАН и Институт Ближнего Востока, 2007. 190 с.

5. Сажин В.И. Основные направления политики Ирана на Ближнем Востоке // Ближний и Постсоветский Восток. - 2024. - № 4 (8). С. 109-117.

6. Шарипов У.З. Концепция «Большого Ближнего Востока» в действии. - М.: Институт востоковедения РАН, 2013. 375 с.

7. Шумилин А.И. США-Иран: между «максимальным давлением» и «героической гибкостью» //Мировая экономика и международные отношения, 2020, том 64, № 7. С. 69-79.

## ПОЛИТИЧЕСКИЙ КОНФЛИКТ НА БЛИЖНЕМ ВОСТОКЕ И РОЛЬ ИРАНА В ПОДДЕРЖАНИИ РЕГИОНАЛЬНОГО БАЛАНСА

Данная статья посвящена анализу проблемы политических конфликтов на Ближнем Востоке и роли Ирана в поддержании общего баланса в регионе. Отмечается, что сверхдержава, на примере Соединенных Штатов Америки, совместно с Израилем, используя различные методы, стремится ослабить мощь стран этого региона, подчинить себе их руководство и тем самым значительно ограничить их экономический потенциал. Они свели способность арабских стран обеспечивать безопасность региона к минимуму, разделив их на две группы – друзей и врагов. В этот список Иран включен в перечень стран, поддерживающих терроризм и считающихся причиной нестабильности в регионе из-за своих попыток получить ядерное оружие. При этом Иран оценивает эту политику американцев и израильтян в отношении безопасности стран региона и проекты американской администрации как политическую тактику со стратегической глубиной для подчинения стран региона.

***Ключевие слова:*** *политический конфликт, региональный баланс, региональная безопасность, геополитическая ситуация, стратегическое партнерство, внешняя политика, политическая ситуация, мир и стабильность, Ближний Восток, Иран, Соединенные Штаты Америки, Израиль, Персидский залив, проект Большой Ближний Восток.*

## POLITICAL CONFLICT IN THE MIDDLE EAST AND IRAN'S ROLE IN MAINTAINING REGIONAL BALANCE

This article analyzes the problem of political conflicts in the Middle East and Iran's role in maintaining the overall balance in the region. It notes that the superpower, exemplified by the United States, together with Israel, is using various methods to weaken the power of the region's countries, subjugate their leadership, and thereby significantly limit their economic potential. They have minimized the ability of Arab countries to ensure regional security, dividing them into two groups—friends and foes. Iran is included in this list of countries that support terrorism and are considered the cause of instability in the region due to its attempts to acquire nuclear weapons. Iran views this American and Israeli security policy and the American administration's plans as a political tactic with strategic depth for subjugating the region's countries.

**Key words:** *political conflict, regional balance, regional security, regional balance, geopolitical situation, strategic partnership, foreign policy, political situation, peace and stability, Middle East, Iran, United States of America, Israel, Persian Gulf, Greater Middle East Project.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Назариев Рамазон Зибуҷинович -** доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими илмии шуъбаи Шарқи Наздик ва Миёнаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. E-mail. rnazariev@yahoo.com. Тел: 935055204

**Сведения об авторе: Назариев Рамазон Зибуджинович** – доктор философских наук, профессор, главный научный сотрудник Отдела Ближнего и Среднего Востока Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ E-mail. rnazariev@yahoo.com. Тел: 935055204

**About the author: Nazariev Ramazon Zibudzhinovich -** Doctor of Philosophy, Professor,Chief Researcher in the Department of the Near and Middle East, the Institute of Studying of the Problems of Asian and European Countries, TNAS. E.mail. rnazariev@yahoo.com. Тел: 935055204

# МАНФИАТ ВА ҚУДРАТТАЛАБИИ КИШВАРҲОИ ИТТИҲОДИ АВРУПО ИЛЛАТИ АСОСИИ ИНҚИЛОБҲОИ ДЕМОКРАТӢ ДАР МИНТАҚАИ ШАРҚИ НАЗДИК

**Самиев Б.Ҷ.**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Шарқи Наздик минтақаест, ки дар қиёс бо минтақаҳои дигари ҷомеаи ҷаҳонӣ манфиатҳои геополитикӣ, ҷойгоҳи муҳимми стратегӣ дошта, роҳҳои тиҷорати ҷаҳонӣ, назорати гузаргоҳҳои баҳриро таъмин мекунад. Аз ҷиҳати ҷуғрофии се қитъаи олам: Осиё, Аврупо ва Африкаро ба ҳам пайваст менамояд.*

*Дар робита бо ин, дар мақолаи мазкур муаллиф қайд мекунад, ки Ғарб дар кишварҳои Шарқи Наздик ҳанӯз аз асри XIX, баъди заиф гаштани Империяи Усмонӣ дахолат карданро огоз бахшид, ки минбаъд ин барномаи стратегӣ барои ноамн гаштани минтақа нақши муассир гузошт. Аз ин рӯ, омилҳои муҳимме, ки сабаби асосии ноамнӣ ва шурӯъ гаштани ҷангҳои байнидавлатӣ ва дохилӣ дар байни кишварҳои минтақаи Шарқи Наздик гардидаанд, метавон ба таври зайл мушаххас намуд:*

- *бенизомӣ ва ноустувории дастгоҳи идораи давлатии кишаврҳои Шарқи Наздик;*
- *дар сатҳи зарурӣ ба роҳ намондани муносибатҳои дипломатӣ байни кишварҳои минтақа;*
- *ихтилофу низоъҳои давлатҳо барои дастрасии зиёд доштан ба захираҳои табиӣ ва васеъ кардани ҳудуди давлати худ;*
- *паҳнкунӣ ва тиҷорати яроқу аслиҳа;*
- *фаъолгардии терроризими байналмилалӣ;*
- *устувор набудаи нархи нефт дар минтақа;*
- *дахолати Исроил бо ҳамтои худ Амрико бо дастгирии кишварҳои абарқудрати Ғарб ҷиҳати мавқеъ пайдо кардан дар Шарқи Наздик ва дастрасӣ пайдо кардан ба захираҳои табиӣ он, ки абарқудратҳо ба ин боигариҳои табиӣ эҳтиёҷ доранд;*
- *таъсис додани пойгоҳҳои ҳарбӣ аз ҷониби кишварҳои абарқудрати Ғарб ва Амрико дар кишварҳои минтақа ва гайра.*

*Ба ҷуз ин, ба андешаи муаллиф қайд мекунад, ки давлатҳои пурқудрати Ғарб ва дигар кишварҳои пешрафтаи дунё, аз ҷумла Амрико то он замоне, ки дастрасӣ ба нефт ва сарватҳои дигари табиии ин минтақаро дошта, ҷиҳати рушд додани иқтисоди кишвари худ аз онҳо истифода мебаранд, дахолат карданро ба Шарқи Наздик боз намедоранд. Бар замми ин, бо баҳонаи фаъол гаштани терроризм ва пешгирӣ кардан аз вусъатёбии он, ки ба таъмини амнияти кулли кишварҳо хатарнок мебошад, талош меварзанд, ки нуфузи худро дар минтақа нигоҳ доранд.*

***Калимаҳои калидӣ:*** *Шарқи Наздик, ҷомеаи ҷаҳонӣ, манфиатҳои геополитикӣ, ҷойгоҳи муҳимми стратег, тиҷорати ҷаҳонӣ, гузаргоҳҳои баҳрӣ, мавқеи ҷуғрофӣ, қитъаҳои олам, ноамнӣ, бехатарӣ, таъмини амният ва гайра.*

Ҷанг чӣ гуна амал аст ва барои чӣ кишварҳои абарқудрат ҷиҳати ташкили он бештар талош меварзанд? Посух ба ин савол чунин аст: ҷанг ин амалест алайҳи сулҳ, ки ба амну осоиш, осудаҳолии мардум ва амнияти кишварҳо халал ворид мекунад. Амалест, ки тавассути он давлатҳо, гурӯҳҳои қудратманди сиёсӣ бо истифода аз нерӯи ҳарбӣ, силоҳ ва техникаи ҷангӣ барои ҳимояи марзу буми худ, ё ғасбӣ дигар кишварҳои хусуматдошта, ба хотири ба даст овардани нуфуз, манфиатҳо, муваффақ гаштан ба

қудрат, мубориза мебаранд. Оқибати онро афзоиш ёфтани талафоти ҷонӣ, ноором гаштани вазъи иҷтимоию сиёсӣ, коҳиш ёфтани соҳаи иқтисодӣ ва харобу нест шудани ёдгориҳои таърихӣ, бозфтҳои фарҳангӣ ва ғайра ташкил медиҳанд.

Ҷанг - пеш аз ҳама амали сиёсӣ аст. Аз он ҷанба, ки давлатҳо барои ҳаллу баррасии ҳар гуна ихтилофу низоъ ҷиҳати расидан ба ҳадаф аз роҳи зурӣ истифода мебаранд. Истифодаи артиш, техникаи ҷангӣ ва стратегияҳои давлатӣ бошад, амали ҳарбӣ доштани ҷангро ифода медорад. Таъсири харобиовар расонидани ҷанг ба соҳаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, илму маориф ва ғайра амали иҷтимоӣ доштани онро бозтобӣ медорад.

Агар ба сарчашмаҳои илмӣ такя намоем, метавонем маълум кард, ки файласуфону ҷомеашиносон зимни тавзеҳ додани мафҳуми ҷанг ақидаҳои мухталиф баён доштаанд. Масалан, Карл фон Клаузевитс «Ҷанг як амали адовати нажодӣ мебошад, ки мақсад аз он маҷбур кардани душман ба мубориза, идомаи сиёсат бо воситаҳои дигар» [6,15] тавзеҳ медиҳад. Аз ин андеша бармеояд, ки вақте давлатҳо бо роҳи дипломатия ба ҳадафҳои сиёсии худ муваффақ шуда наметавонанд, ба ҷанг рӯ меоранд. Дар ин ҳолат ҷанг ҳамчун воситаи амалисозии манфиатҳои сиёсӣ фаҳмида мешавад.

Файласуфи олмонӣ И.Кант ҷангро падидаи манфӣ мешуморид. Ба андешаи ӯ давлатҳо ба хотири он ки ҷангро пешгирӣ кунанд бояд байни ҳам сулҳи абадӣ банданд, созмонҳои байналмилалӣ таъсис дода, барои расидан ба ҳадаф ҳамкории тарафайнро ба роҳ монанд. [7,390-405] Дар тафовут аз ақидаи И.Кант файласуфи дигари олмонӣ Г.В.Гегел ҷангро падидаи таърихӣ номида, шурӯъ кардани онро мусбат арзёбӣ медорад. Ба ақидаи ӯ ҷанг дар баъзе ҳолатҳо барои тағйироти иҷтимоӣ ва мустааҳкам гардидани давлатҳо сабаб мешавад. Таъкид медорад, ки ҷанг метавонад равандҳои таърихиро ба пеш барад. [5]

Мутафаккирони гузаштаи тоҷик низ дар таълимоти иҷтимоӣ-сиёсии худ ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ дода, ақидаҳои худро дар бораи чӣ гуна амал будани ҷанг баён доштаанд. Бахусус, ба андешаи Абунасри Форобӣ иллати асосии рух додани ҷанг ин бадрафторӣ, ҷаҳолат ва беадолатӣ мебошад. Давлати солим бояд кӯшиш кунад, ки ҷангро пешгирӣ кунад. Акси ҳол ҷанг танҳо дар ҳолате қобили қабул аст, ки он барои ҳимояи адолат, таъмини амният ва тартибот анҷом дода шавад. Ҷангҳое, ки ба хотири манфиатҳои сиёсӣ сар мезананд ӯ онҳоро ҷангҳои ноадолатона меномад. [8, 156-405]

Ба андешаи Ибни Сино бошад, ҷанг ин натиҷаи ихтилофҳои иҷтимоӣ ва манфиатҳо мебошад. Ӯ низ ба мисли Абунасри Форобӣ муътақид бар он назар аст, ки ҷанг вақте дуруст аст, ки барои муҳофизати давлат, ҷомеа ва адолат сурат гирад. Ҷанге, ки ба хотири истисмор, забткорӣ ва манфиатҳои худхоҳона шурӯъ мегардад онро амали нодуруст мешуморад. Дар баробар ин, сулҳ ва ба роҳ мондани ҳамкориро барои рушди ҷомеа афзал медонад.

Дар робита бо ин гуфтаҳо, агар иллатҳои асосии ташкил ва шурӯъи ҷангро аз ҷониби давлатҳои абарқудрат ба кишварҳои дигар мушаххас намоем, метавон онҳоро ба таври зайл гурӯҳбандӣ намуд:

- манфиатҳои сиёсӣ;
- манфиатҳои иқтисодӣ;
-бартарии геополитикӣ;
-фурӯши силоҳ ва рушди саноати ҳарбӣ;
- идеология ё рақобати сиёсӣ;
- пешгирии таҳдидҳои амниятӣ ва ғайра.

Тавассути манфиатҳои сиёсӣ давлатҳои абарқудрат мехоҳанд, ки мавқеи худро дар минтақаҳои дигар, аз ҷумла кишварҳои рӯ ба рушд ва рушднаёфта устувор гардонида, ба соҳибихтиёрии онҳо халал ворид кунанд. Ё худ инқилоб ташкил карда, ашхоси ба онҳо наздик ва ё дар доираи мактаби сиёсии худ тарбияёфтаро ба сари қудрат оваранд, то ба манфиати сиёсии онҳо хизмат кунад.

Манфиатҳои иқтисодии ҷангро талоши давлатҳои пурқудрат ба хотири дастрасӣ пайдо кардан ба сарватҳои табиӣ: нефт, газ, маъданҳо ва сангҳои қимматбаҳо, ё худ пайдо кардани бозори нав дар кишварҳое, ки аз ин захираҳо ғанӣ мебошанд, ташкил медиҳанд. Бартарии геополитикӣ он маъноро дорад, ки давлатҳои абарқудрат талош меварзанд, ки нуфуз ва мавқеи стратегии худро дар ҳудуди давлатҳои гуногун тариқи таъсис додани пойгоҳҳои ҳарбӣ, созишномаҳо ва ё дипломатия мустаҳкам намоянд.

Фурӯши силоҳ ва рушд додани саноати ҳарбӣ чунин иллати муҳимми ташкили ҷанг аз ҷониби кишварҳои абарқудрат мебошад, ки онҳо ба ин васила мехоҳанд тавассути фурӯши яроқу аслиҳа ва техникаи муосири ҷангӣ ба кишварҳои ба абзору техникаи ҳарбӣ эҳтиёҷдошта, фоида ба даст оваранд. Ҳамзамон, идеология ва рақобати сиёсии кишварҳои пешрафта аз як тараф, он ҳадафро дорад, ки абарқудратҳо мехоҳанд барои тарғиб кардани идеологияи худ ё рақобат варзидан бо давлатҳои рушднаёфта худро вориди низоъ гардонанд. Аз тарафи дигар, давлатҳои абарқудрат кӯшиш мекунанд, ки дар минтақаҳои мухталиф ягон давлат аз ҳад қавӣ нашавад, то тавозуни сиёсӣ миёни кишварҳои ҷомеаи инсонӣ нигоҳ дошта шавад.

Пешгирии таҳдидҳои амниятӣ ифодакунандаи он мазмун аст, ки давлатҳои рушдёфта бо баҳонаи мубориза бурдан ба муқобили зуҳури терроризм ва вусъат касб кардани раванди муҳоҷират дар кишварҳои мухталиф дахолати сиёсӣ ва ё ҳарбӣ кунанд, то таҳдидҳоро пеш аз расидан ба кишварҳои худ коҳиш диҳанд.

Бояд зикр дошт, ки Шарқи Наздик минтақаест, ки дар қиёс бо кишварҳои дигари ҷомеаи башарӣ манфиатҳои геополитикӣ, ҷойгоҳи муҳимми стратегӣ дорад. Аз ҷумла, роҳҳои тиҷорати ҷаҳонӣ, назорати гузаргоҳҳои баҳриро таъмин мекунад. Мавқеи ҷуғрофии байни се қитъаи олам - Осиё, Аврупо ва Африкаро ба ҳам мепайвандад. Аз ин рӯ, кишварҳои рушдёфтаи Иттиҳоди Аврупо пайваста талош мекунанд, ки нуфузи сиёсии худро дар Шарқи Наздик ҳамчун минтақаи калидии ҷомеаи ҷаҳонӣ мустаҳкам намоянд. Роҳҳои интиқоли неруи барқро ба даст гирифта, назорат ва ҳифзи онро таъмин намоянд. Дар баробари ин, ба давлатҳои истеҳсолкунандаи энергия ҳамкории тарафайни иқтисодиро ба роҳ монанд. Чунки таърихан кишварҳои абарқудрати Иттиҳоди Аврупо, аз ҷумла Британияи Кабир, Франсия ва Италия, ки муддати тулонӣ кишварҳои мухталифи Шарқи Наздикро зери мустамликаи худ нигоҳ медоштанд, маълумоти зарурир о дар бораи махсусияти ҷомеаҳои маҳаллии ин минтақа доштанд. Аз ин рӯ, иҷрои ин амал барои абарқудратон ҷиҳати роҳ ёфтан ва дахолат кардан ба низоми идоракунии давлатии кишварҳои минтақа ягон мушкилии ҷиддиро эҷод намекард, балки яке аз сабабҳои асосии ноором гардонидани минтақа ба ҳисоб мерафт.

Иллати дигари дахолат кардан ва ноамн намудани кишварҳои Шарқи Наздик аз ҷониби давлатҳои абарқудрати Ғарб ба он хотир аст, ки дар ин минтақа фисади зиёди захираҳои нефту гази ҷаҳон маҳфуз мебошанд. Бинобар ин, кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, ки эҳтиёҷ ба ин захираҳои табиӣ доранд, ҳар чӣ бештар кӯшиш мекунанд, ки дастрасӣ ба ин захираҳоро пайдо карда, ба сиёсати энергетикии кишварҳои минтақа таъсир расонанд. Ҳамзамон, ба хотири манфиатҳои иқтисодӣ ва роҳ ёфтан ба бозорҳои

нав, рушди сармоягузорӣ ва тиҷорат ҳамкориҳои иқтисодиро ба роҳ монанад, дар татбиқи лоиҳаҳо иштирок варзанд ва ғайра.

Тарҳи дигари роҳ ёфтани кишварҳои абарқудрати Иттиҳоди Аврупо ба кишварҳои Шарқи Наздик ин аз як тараф, аз ҷиҳати моддӣ ва молиявӣ дастгирӣ намудани созмону ташкилотҳои террористию экстремистии дар дохили кишварҳои минтақа таъсисёфта мебошад, ки мунтазам барои ноамн кардани фазои сиёсӣ талош карда, сарнагун кардани сохтори конститутсиони давлати хешро тарҳрезӣ менамуданд. Ин амал ба онҳо имкон медод, ки тавозуни қудратро дар кишварҳо тағйир дода, сабаби авҷ гирифтани низоъҳои дохилӣ гарданд.

Аз тарафи дигар, кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ҷанбаи манфии паҳншавии терроризм, муҳоҷирати оммавӣ, ноустувории сиёсии кишварҳои Шарқи Наздикро дар он медиданд, ки вусъат касб кардани ин зуҳурот метавонад ба амнияти кишварҳои Аврупо низ таъсири худро расонад. Ба ин хотир, барои таъмин кардани амнияту субот ба равандҳои сиёсӣ ва амниятии кишварҳои минтақа мекӯшиданд ҳама гуна василаҳоро истифода баранд. Ин аст, ки таи даҳсолаҳои охир татбиқи барномаҳои стратегии кишварҳои Ғарб дар кишварҳои Шарқи Наздик боис ба он шуд, ки «имрӯз ҳам дар тасаввури мардуми кишварҳои Аврупо минтақаи Шарқи Наздик ҳамчун маркази зӯроварӣ ва терроризм шинохта шавад». [2, 3]

Сарходими илмии Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Россия З.У.Шарипов дар бораи ҳадафҳо ва иллатҳои дахолат кардани Ғарб ба кишаврҳои минтақаи Шарқи Наздик таваҷҷуҳ дода, барҳақ зикр менамояд, ки Ғарб дар минтақаи Халиҷи Форс ҳанӯз аз солҳои 80-уми асри XX худро аз ду мавқеъ: сиёсӣ ва ҳарбӣ устувор нигоҳ медорад ва то имрӯз кӯшиш менамояд, ки ин қудратро аз даст надиҳад. Аз ин рӯ, барои муваффақ шудан ба барномаи стратегии худ талош менамуд, ки дар байни кишварҳои минтақа низоъу ихтилоф, нобоварӣ нисбат ба давлат ва ниҳодҳои он авҷ гирад. Дар маҷмуъ, ба шурӯъ гардидани ҷангҳои байнидавлатӣ ва дохилии кишварҳои минтақа мусоидат мекард, то аз ин ҳисоб эҳтиёҷи онҳо барои дастрас намудани технологияи навини ҳарбии кишварҳои Ғарб зиёд гардад. [10, 37]

Ҳамин тавр, агар ин ҷо ба таври мушаххас ба таърихи сиёсии дахолати давлатҳои Ғарб ба равандҳои сиёсӣ ва амниятии кишварҳои минтақаи Шарқи Наздик таваҷҷуҳ диҳем, метавон чанд далели муътамадро овард, ки таъсири бевоситаи худро барои пайдоиши низоъҳо ва ноамн кардани кишварҳои ин минтақа расониданд. Аз ҷумла:

- аввалан, тақсимоти нодурусти сарҳадҳо байни кишварҳои алоҳидаи ин минтақа. Бавижа, баъди Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ Британияи Кабир ва Фаронса сарҳади кишварҳои ба мустамликаи худ қарордоштаро дар Шарқи Наздик бе ба эътибор гирифтани воқеияти этникӣ ва динӣ муайян намуданд, то минбаъд низ нуфузи сиёсии онҳо зиёд гардад, ба захираҳои табиӣ дастрасӣ дошта бошанд. Тарзи ташкил ва муайян кардани сарҳади кишварҳои арабӣ аз ҷониби ин ду кишвари абарқудрат ба тavри зайл сурат гирифт: Британияи Кабир се вилояти собиқи Империяи усмонӣ: Басра, Бағдод ва Мосулро муттаҳид карда, давлати Ироқро таъсис дод. Сурия, ки Лубнон ба он дохил мешуд таҳти назорати Франсия қарор дошт. Франсия баъдан Лубнонро аз Сурия ҷудо карда, давлати мустақили Лубнонро ташкил медиҳад.

Давлати Урдунро дар шарқи дарёи Урдун Британияи Кабир таъсис медиҳад. Фаластин бошад, то шурӯъи низоъҳо бо Исроил таҳти идораи Британияи Кабир қарор дошт. Ҳуҷҷати тасдиққунандаи ин тақсимот Созишномаи Сайкс-Пико мебошад, ки дар доираи он Британияи Кабир ва Фаронса кишварҳои арабиро байни худ тақсим

намуданд. Ин тақсимоти ноодилона баъдан боиси пайдоиши ихтилофҳои сиёсӣ ва низоъҳои дарозмуддат дар байни кишварҳои арабӣ мегардад, ки то имрӯз таъмини амният дар минтақа ба эътидол намедароад.

Дигар ин ки дар асри XIX баъди заиф шудани Империяи усмонӣ Британияи Кабир кӯшиш намуд, ки таъсири худро ба минтақаи Шарқи Наздик зиёд карда, қудрати ҷаҳонӣ пайдо кунад. Давлатҳои зиёдеро ба мустамликаи худ дароварда, сиёсати идоракунии онҳоро ба уҳдаи худ мегирад. Барои мавқеашро мустаҳкам намудан пойгоҳҳои ҳарбӣ таъсис дода, мехост нуфузи рақибон (Россия ва Франсия) - ро маҳдуд намояд. Инчунин, барои Британияи Кабир, махсусан истифодаи захираҳои табиии минтақа, аз ҷумла нефт барои рушди саноати ҳарбии ӯ муҳим буд. Аз ин рӯ, дар Эрон ва Ироқ ширкатҳои англисии истихроҷи нефтро ташкил медиҳад. Канали Суэтс (дар Миср) - ро, ки барояш аҳамияти муҳимми стратегӣ дошта, роҳи баҳриро бо Ҳиндустон, ки он вақт зери мустамликааш буд, кутоҳ мекард, зери назорати худ қарор медиҳад.

- дуюм, соли 1956 президенти Миср Гамал Абдул Носир канали Суэтсро миллӣ эълон мекунад. Аз ин иқдом кишварҳои Британияи Кабир, Фаронса ва Исроил изҳори норизоиятӣ карда, якҷоя ҷониби Миср амалиёти низомӣ ташкил карданд, ки дар натиҷа ҷанги таҷовузкоронаи онҳо вазъияти сиёсиро дар минтақа мураккаб гардонид;

- сеюм, соли 2003 эътилофи байналмилалӣ бо роҳбарии Амрико ба Ироқ ҷангро шурӯъ кард. Дар натиҷа ҳукумати Саддом Ҳусейн суқут карда, ба ноустувории сиёсӣ ва авҷ гирифтани низоъҳои дохилӣ дар кишвар овард;

- чаҳорум, аз соли 2011 то инҷониб дар давлати Сурия ҷанги шаҳрвандӣ идома дорад, ки он харобиҳои зиёдро ба кишвар оварда, талафоти зиёди ҷонӣ ба қайд гирифта шуданд. Агар сабаби хотима наёфтани ин ҷанги шаҳрвандиро мушаххас намоем, маълум мегардад, ки иллати асосӣ он аст, ки кишварҳои абарқудрат гурӯҳҳои гуногуни ҳукуматхоҳонро дар Сурия аз ҷиҳати моддиву молиявӣ дастгирӣ карда, пайваста онҳоро бо таҷҳизоти ҷангӣ таъмин менамоянд. Аз ин рӯ, то имрӯз ҷанг идома дошта, ба амнияти минтақа таъсири манфии худро расонида истодааст.

Мувофиқ ба маълумоти омории СММ танҳо дар ҷангҳо ва ноамнӣ дар Шарқи Наздик тули солҳои 2011-2017 беш аз якуним миллион нафар шаҳрвандон кушта шуданд. Аз ин теъдод танҳо дар Сурия миқдори талафёфтагон 400 000 нафарро ташкил медиҳад [2,3]. Ба андешаи мо ин маълумоти оморӣ пурра воқеиятро инъикос намедорад, зеро дар асоси иттилои дигар сарчашмаҳо теъдоди шаҳрвандони талафёфта дар Сурия қариб ба миллион нафар мерасад. Ба ғайр аз ин, дар натиҷаи ҷанг сокинони зиёд гуреза, тарки хонаву дари худ карда, бухрони муҳоҷиршавиро дар минтақа ба вуҷуд оварданд

- панҷум, ҷанги байни Фаластин ва Исроил аз даҳшаттарин ҷангҳои таи солҳои охир рухдодаи минтақа мебошад. Аз ҷониби давлатҳои ғарбӣ дар ин ҷанг ба давлати Исроил кӯмакҳои зиёди моддию молиявӣ расонида шуд. Бар замми ин, кишварҳои абарқудрат ҷониби Исроилро бо таҷҳизоти навини ҳарбӣ таъмин намуданд, ки дар натиҷа аҳолии зиёди кишвари Фаластин, аз ҷумла кӯдакон ҷон бохта, шаҳрҳо, ҷойҳои таърихӣ, хонаҳои истиқоматӣ ба харобазор табдил дода шуданд. Вазъи зиндагии мардуми ҷангзадаи кишвар то кунун муташанниҷ буда, аз оддитарин маводи рӯзгор: ғизоӣ, пӯшока, маводи доруворӣ, манзил танқисӣ мекашанд. Фарзандон аз таълим дур монда, ба дастгирии молиявии кишварҳои абарқудрат эҳтиёҷ доранд;

- ҷанги таҷовузкоронаи Исроил бо ҳамтои худ Амрико ба ҷониби Эрон бошад, нисбат ба иллатҳои зикршуда оқибатҳои ниҳоят ҷиддӣ дорад. Метавонад ба таври куллӣ амнияти минтақаро зери хатар гузорад. Чунки бисёр давлатҳо метавонанд ба ин

низоъ ҷалб шаванд ва хавфи паҳншавии он зиёд гардад. Оқибати он ба ноамнии саросарӣ дар минтақа меорад, талафоти зиёди ҷониро афзоиш дода, муҳоҷиршавии аҳолиро зиёд мегардонад. Шаҳрҳо, роҳҳо, нерӯгоҳҳо, мавзеъҳои таърихӣ ва ғайраро хароб мекунад, ки барқарор кардани онҳо солҳои зиёдро талаб мекунанд. Аз ҷанбаи иқтисодӣ содироти нефтро кам карда, нархи қувваи баркро дар ҷаҳон боло мебарад ва ба иқтисоди ҷаҳон таъсири манфӣ мерасонад. Дар сурати ҳамроҳ шудани кишварҳои дигари абарқудрат ба ҷанг доманаи он васеъ гашта, ба ҷанги ҷаҳонӣ табдил хоҳад ёфт.

Муҳаққиқи рус А.Волтер дар бораи таърихи муносибатҳои трафайн ва шурӯъи ихтилофҳо байни кишварҳои Эрону Исроил таваҷҷуҳ зоҳир карда, дар ин бобат чунин ибрози назар мекунад, ки байни Эрон ва Исроил то соли 1948, соли таъсисёбии давлати Исроил робитаҳои байниҳамдигарӣ сурат мегирифтанд ва ин робитаҳо то инқлоби исломии соли 1979 идома дошт. Исроил ба Эрон дар муддати тулонӣ яроқу аслиҳаро таъмин мекард. Аммо аз соли 1982 робитаҳои трафайн байни ин ду давлат қатъ мегардад. Аз ҷумла соли 1982 вақте ки Исроил ба Лубнон шурӯъи ҷанг мекунад Эрон ба ҷониби Лубнон бархеста, харакати шиии «Ҳизбуллоҳ» - ро дар Лубнон алайҳи мубориза бо Исроил таъсис медиҳад. Эрон, инчунин ташкилоти «Ҷиҳоди исломӣ»-ро, ки дар Фаластин барои мубориза бо Исроил таъсис меёбад аз ҷиҳати молиявӣ ва бо яроқ таъмин менамояд. Масъалаи асосии калидӣ, ки ҷониби Исроилро рақиби Эрон гардонид - ин барномаи ҳастаии Эрон маҳсуб меёбад. Ин вазъ боис гашт, ки байни Эрон ва Исроил ихтилоф дар фазои киберӣ анҷом пазирад. [4,22]

Аз ин баъд бархӯрдҳои Исроил ҷониби Эрон зиёд гашта, дар ҳамокрӣ бо ҳамтоёни ғарбӣ ва кишвари Амрико бо истифода аз ҳама гуна роҳҳо талоши заиф кардани қудрати Эронро дар минтақа мекашад. Бо ҳар васила иттилоъро аз фазои киберӣ ва пешрафтҳои соҳаи технологии Эрон дастрас нмуда, кишварро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун бозингари сиёсӣ муаррифӣ менамуд. Аз ҷумла, намояндагони Институти таҳқиқотии Исроил ҳанӯз дар соли 2014 дар соҳаи таъмини бехатарӣ ва амнияти кишвар Эронро «яке аз қудратмандтарин бозингарони ҷаҳонӣ дар фазои киберӣ мешуморанд». [14]

Ин пешрафтҳои Эронро кишвари Исроил барои ояндаи мавҷудияти худ як хатари ҷиддӣ мепиндошт. Ҳоло он ки ҳадафи Эрон ҳамчун як давлати мустақил аз ин талошҳо ба тасарруфи худ даровардани ҳудҳои кишварҳои ҳамсоя набуд, балки таъмини бехатарӣ, амнияти мардуми худро ҷавҳари барномарезиҳоро меҳисобид. Самтҳои сиёсати хориҷии Эронро рушди муносибатҳои дипломатӣ бо кишварҳои мутараққӣ: Хитой, Ҳиндустон, Россия; мустааҳкам нигоҳ доштани ҳамкориҳо бо кишварҳои ҳамсоя ва ғайра ташкил медод, на рушди терроризм ва дастгирии гурӯҳҳо ва ташкилотҳои террористӣ. Аз таҳлили ин мавод айён мегардад, ки кишвари таҷовузкор на Эрон, балки Исроил мебошад, зеро шурӯъи ҷанг маҳз аз ҷониби Исроил сурат гирифт. Эрон бошад, танҳо барои ҳимоят ва таъмини амнияти мардум ва нигоҳ доштани томияти давлати ҳамсоя дахолат ба ҷанг кард.

Ҳамин тавр, аз таҳлил ва муқоисаи ин чанд мавод бармеояд, ки таи даҳсолаҳои охир инқилобҳои рангаи ташкилкардаи Ғарб бо ҳамтоёни худ Амрикою Исроил дар Шарқи Наздик дар баробари талафоти зиёди ҷонӣ, шаҳрҳои зиёд, мавзеъҳои таърихӣ, роҳу иншоотҳои хизматрасон ба харобазор табдил дода шуданд. Зуҳуроти рухдода раванди бекориро дар байни ҷавонони ин кишварҳо 30% афзоиш дод. Мувофиқ ба маълумоти оморӣ имрӯз қариб 50%-и аҳолии Алҷир, аз ҷумла ҷавонон бекор мебошанд. [3, 36]

Аз ҳама изтиробовараш он аст, ки инқилобҳои ташкилкардаи Ғарб дар минтақа, махсусан дар ноҳияҳои гуногуни кишварҳои Ироқ, Лубнон, Сурия, Фаластин ва Яман бuҳрони гуманитариро ба вуҷуд оварданд. Аҳолиро барои дастрасӣ ба маводи ниёзи аввал: ғизо, пӯшока, об, доруворӣ ва ғайра эҳтиёҷманд гардониданд. Аз ҷумла, имрӯз 60%-и аҳолии Яман ва беш аз 80% аҳолии кишвари Фаластин аз гуруснагӣ азият мекашанд. [3, 3]

Барои исботи ин андеша далели дигар оварда мешавад, ки ҳолати ноамнӣ дар минтақа боиси афзоиш ёфтани теъдоди зиёди оилаҳои камбизоат гардид. Ба ин қишр пеш аз ҳама сокинони ба хоҷагии кишварзӣ машғулбуда шомил мегарданд. Агар сатҳи аҳолии камбизоатро дар минтақа, ки аз сабаби ноамнӣ рӯ ба фазоиш ниҳод бо фоиз мушаххас намоем, маълум мегардад, ки 44%- аҳолии минтақаро камбизоатҳо ташкил медиҳанд. Ин вазъ дар Миср ба 40%, дар Сурия ба 62% ва дар ноҳияҳои алоҳидаи Яман ба 80% рост меояд. [12, 12]

Ҳақиқатан, дар тули таърихи дароз сарчашма ва иллатҳои пайдоиши ихтилофу низоъ дар кишварҳои Шарқи Наздик зиёд мебошанд. Сабабҳои асосии пайдоиши низоъҳоро пеш аз ҳама ноодилона тақсим кардани сарҳадоти кишварҳо, истифодаи нобаробари захираҳои табиӣ, норасоии об, афзоиши аҳолӣ ва дигар масоили марбут ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ташкил медиҳанд. Бавижа, имрӯз 55% аҳолии кишварҳо аз нарасидани оби нӯшокӣ азият мекашанд. [11,15]

Ба маълумоти «Ташкилоти озуқавори ва хоҷагии қишлоқи СММ» дар соли 2025 дар байни кишварҳои минтақа танҳо Лубнон аз ҷиҳати таъмини об нисбат ба дигар кишварҳо муваффақ мебошад. Давлатҳои дигар, аз қабили Иордания, Ливия, Кувейт, Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳидаи Араб, Тунис, Қатар, Омон, Яман, Алҷир, Баҳрайн дар ҳолати буҳрони обӣ қарор доранд. [13]

Бояд қайд кард, ки дар даҳсоли дуюми асри XXI буҳрони минтақавӣ ва маҳаллӣ дар Шарқи Наздик ба сатҳи баланди худ мерасад. Далели онро оғози “Баҳори араб», ки ихтилофҳои пешинаро байни кишварҳои араб ва Исроил тезонид боис ба он гашт, ки низоъҳои нав пайдо шаванд. Бахусус «Баҳори араб» мавҷудияти режими идоракуниро дар кишварҳои Сурия, Миср ва Тунис зери суол гузошт ва дар Ливия ва Яман вазъро то он ҳад расонид, ки томияти давлати худро аз даст диҳанд. Масъалаи аз нав тақисмкунии марз байни ин кишварҳо бошад, ба афзоиши ихтилофу ноамн кардани минтақа мусоидат намуд.

Инчунин, барои аз байн бурдани режими авториатарии маҳалии кишварҳои минтақа, ки қобилияти ҳалли масоили калидии кишварҳоро надоштанд, заруратро барои шурӯъи инқилобҳо пеш овард. Масалан, дар Сурия режими Башар Асад ба он мусоидат кард, ки дар кишвар гурӯҳҳои зиёди мухолифини ҳукумат: «Ҷабҳат-ун-Нусра», «Ансор-ул-Ислом», «Аҳрор-уш-Шом», «Давлати исломӣ» ва ғайра пайдо шаванд ва онҳо бо дастгирии кишварҳои абарқудрати Аврупо давлатро ноамн гардонанд. [9]

Дар Ливия низ режими Муаммар Кадафӣ низ бо дастгирии абарқудратони Иттиҳоди Аврупо ва бархӯрдҳои дохилӣ, ки охиран ба ҷанги шаҳрвандӣ овард, сарнагун шуд. Дар Яман ҳарчанд ихтилоф бо «Баҳори араб» иртиботи зич надорад ва ин давлат дар соли 1990 дар заминаи муттаҳидшавии Ҷумҳурии арабии Яман ва Ҷумҳурии халқӣ-демократии ҷануби Яман таъсис ёфт, вале ихтилофоти байни шимол ва ҷануб амнияти кишварро халалдор карда, дар кишвар барои шурӯъи ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонид. Ҳамаи ин ихтилофҳо ва дахолати абарқудратҳо қайд мекунад муҳаққиқ А.Р.Аганин ба он оварда расонид, ки ниҳодҳои давлатии кишварҳои Шарқи Назидк заиф гардиданд. Махсусан, дар Ливия ва Яман дар бораи давлат сухан гуфтан нргузир аст, зерҳо ҳудудҳои алоҳидаи онҳо зери тасарруфи гурӯҳҳои мухталиф мебошанд.

Ҳарчанд дар баъзе ҷойҳо идораи маҳаллӣ дар маҷмуъ ҳифз карда шудааст. Ба маънои дигар ишора медорад, ки қавму қабилаҳо баррасикунандаи масоили асосии сиёсӣ дар кишварҳои Либия, Ироқ, Иордания, Арабистони Саудӣ, Баҳрайн, Яман, Кувейт, Қатар, Аморати Муттаҳидаи Араб гардидаанд. Яъне имрӯз низ ҳувияти қавмӣ-қабилавӣ дар ин кишварҳо то сатҳе расидааст, ки нақши калидӣ дар қабули қарорҳои давлатӣ ва ташаккули ҳувияти миллӣ мебозанд.

**Адабиёт**


1. Аганин, А.Р. Трайбализм и государство в арабском регионе на пороге третьего десятилетия XXI века/Ближний Восток и современность, Сборник статей (выпуск пятьдесят третий) - М., 2019, 376 с. - С.5 - 6.

2. Арабский кризис и его международные последствия. - М., 2014. - С. 36.

3. Вальтер, А. Кибервойна как новый этап Ирано-Израильского конфликата/ Ближний Восток и современность. Сборник статей (выпуск пятьдесят третий). - М., 2019, 376 с. – С. 22.

4. Аксенёнок, А.Г., Звягельская И.Д., Кузнецов В.А., Наумкин В.В., Сухов Н.В. Ближний Восток: тьма перед новым рассветом? Региональные конфликты и будущее глобального мира. – М., июнь 2017. – 28с. – С.3.

5. Гегель, Г.В.Ф. Философия права. - М., 1990. - 524с.

6. Карл фон Клаузевиц. О войне. Издательство «Эксмо». - Мидгард. – 2007. – 458с. – С.15.

7. Круглов, А.Н. Беллицистский взгляд Гегеля на во-йну. Зрелые произведения //Вестник Российского университета дружбы народов. Сер.: Философия. 2023. - Т.2, №2. - С.390-405.

8. Фараби, А. Трактат о взглядах жителей добродетельного города //Григорян С.Н. Из истории философии Средней Азии и Ирана VII-XII вв. - М.: Изд-во АН СССР, 1960. – С.156-195.

9. Сирийские правительственные силы контролируют 72 процентов территории страны // Синьхуа. 30.01.2020. URL: https://news.rambler.ru/africa/43595275-siriyskie-pravitelstvennye-sily-kontroliruyut-72- prots-territorii-strany (дата обращения 02.02.2021).

10. Шарипов У.З. Концепция «Большого Ближнего Востока» в действии» [Текст]: /*У.З.Шарипов.* – М., 2013. – 375с. – С.37.

11. The New Middle East, Protest and Revolution in the Arab World. Edited by Fawaz A. Gerges, 2014. - P.12.

12. Ежегодник «Арабские исследования». - М., 2010. - С. 15.

13. Water Management and Food Security in MENA 2015. FAO. URL: http://www.fao.org/fileadmin/user_upload/rne/docs/LWDMain-Report-2nd-Edition.pdf

14. Siboni, Gabi; Kronenfeld, Sami (April 3, 2014). "Developments in Iranian Cyber Warfare, 2013–2014". INSS Insight. Institute for National Security Studies. Retrieved March 18, 2015.


## ИНТЕРЕСЫ И СТЕРМЛЕНИЕ СТРАН ЕВРОПЕЙСКОГО СОЮЗА К ВЛАСТИ - ОСНОВНАЯ ПРИЧИНА ДЕМОКРАТИЧЕСКИХ РЕВОЛЮЦИЙ НА БЛИЖНЕМ ВОСТОКЕ

Ближний Восток - это регион, который по сравнению с другими регионами мира имеет геополитические интересы, важное стратегическое положение, обеспечивает глобальные торговые пути и контролирует морские сообщения. Географически он соединяет три континента мира - Азию, Европу и Африку.

В этой связи в данной статье автор отмечает, что Запад начал вмешиваться в дела стран Ближнего Востока еще в XIX веке, после ослабления Османской империи, и что эта стратегическая программа впоследствии сыграла влиятельную роль в нестабильности региона. Таким образом, важные факторы, ставшие основной причиной нестабильности и вспышек межгосударственных и внутренних войн между странами Ближнего Востока, можно определить следующим образом:

- хаос и нестабильность государственного аппарата Ближнего Востока;
- отсутствие дипломатических отношений между странами региона на необходимом уровне;
- конфликты и споры между государствами за расширение доступа к природным ресурсам и расширение их государственной территории;
- распространение и торговля оружием;
- активизация международного терроризма;
- нестабильность цен на нефть в регионе;
- вмешательство Израиля совместно с его американским коллегой при поддержке западных сверхдержав с целью закрепления позиций на Ближнем Востоке и получения доступа к природным ресурсам, в которых нуждаются эти сверхдержавы;
- создание военных баз западными сверхдержавами и Соединенными Штатами в странах региона и т.д.

Наряду с этого, автор отмечает, что могущественные западные государства и других развитых страны мира, включая Соединенные Штаты, не прекратят вмешиваться в дела Ближнего Востока, пока имеют доступ к нефти и другим природным ресурсам региона и используют их для развития собственной экономики. Кроме того, под предлогом активизации терроризма и предотвращения его распространения, что опасно для обеспечения безопасности всех стран, они пытаются сохранить свое влияние в регионе.

***Ключевые слова:*** *Ближний Восток, мировое сообщество, геополитические интересы, стратегическое значение, глобальная торговля, морские пути, географическое положение, континенты мира, нестабильность, безопасность, обеспечение безопасности и т. д.*

## THE INTERESTS AND CONSISTENCY FOR POWER IN THE EUROPEAN UNION STATES ARE THE MAIN CAUSE OF DEMOCRATIC REVOLUTIONS IN THE MIDDLE EAST

The Middle East is a region that, compared to other regions of the world, has geopolitical interests, an important strategic position, provides global trade routes, and controls maritime communications. Geographically, it connects three continents – Asia, Europe, and Africa.

In this regard, the author notes in this article that the West began interfering in the affairs of Middle Eastern countries as early as the 19th century, following the weakening of the Ottoman Empire, and that this strategic program subsequently played a significant role in the region's instability. Thus, the key factors underlying instability and the outbreak of interstate and internal wars among Middle Eastern countries can be identified as follows:

- Chaos and instability in the Middle East government;
- Lack of adequate diplomatic relations between countries in the region;
- Conflicts and disputes between states over expanding access to natural resources and territorial expansion;

- Arms proliferation and trafficking;
- Increased international terrorism;
- Instability of oil prices in the region;
- Israeli intervention, in conjunction with its American counterpart, with the support of the Western superpowers, to consolidate its position in the Middle East and gain access to the natural resources these superpowers need;
- the establishment of military bases by the Western superpowers and the United States in countries in the region, etc.

Furthermore, the author notes that powerful Western states and other developed countries, including the United States, will not cease interfering in the Middle East as long as they have access to the region's oil and other natural resources and use them to develop their own economies. Furthermore, under the pretext of intensifying terrorism and preventing its spread, which is dangerous to the security of all countries, they are attempting to maintain their influence in the region.

***Keywords:*** *Middle East, global community, geopolitical interests, strategic importance, global trade, sea routes, geographical location, continents of the world, instability, security, security, etc.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Самиев Бобоҷон Ҷўраевич -** доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими илмии шуъбаи Шарқи Наздик ва Миёнаи Институти омўзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. E-mail. e-mail: samiev.veshab@mail.ru. Тел: 918670143

**Сведения об авторе: Самиев Furободжон Джураевич** – доктор философских наук, профессор, главный научный сотрудник Отдела Ближнего и Среднего Востока Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ E-mail. e-mail: samiev.veshab@mail.ru. Тел: 918670143

**About the author: Samiev Bobojon Juraevich -** Doctor of Philosophy, Professor,Chief Researcher in the Department of the Near and Middle East, the Institute of Studying of the Problems of Asian and European Countries, NAST. E.mail. e-mail: samiev.veshab@mail.ru. Тел: 918670143

# МАҚОМИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН ДАР BRICS:ИМКОНИЯТҲОИ ГЕОПОЛИТИКӢ,ИҚТИСОДӢ ВА ПАЁМАДҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Бедилзода Ҳ.**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Мақсади мақолаи мазкур таҳлили ҳамаҷонибаи мақоми Ҷумҳурии Исломии Эрон дар БРИКС, муайян намудани имкониятҳо, маҳдудиятҳо ва паёмадҳои узвияти он барои низоми байналмилалӣ мебошад. Арзёбии мутавозини ин раванд барои дарки воқеии нақши Эрон дар доираи созмон ва дурнамои иштироки он аҳаммияти илмӣ дорад. Таҷрибаи Эрон дар мутобиқшавӣ ба муҳити таҳримӣ метавонад дар рушди чунин механизмҳо дар доираи БРИКС аҳаммияти амалӣ дошта бошад. Дар ин замина, шомилшавии Ҷумҳурии Исломии Эрон ба БРИКС аҳаммияти хос пайдо мекунад, зеро Эрон ҳамчун субъекти фаъоли муносибатҳои байналмилалӣ мавқеи мустақили сиёсиро ишғол намуда, таҷрибаи муқовимат ба фишорҳои якҷониба ва таҳримҳои фаромиллиро доро мебошад. Ҳузури Эрон ба таҳкими самти зиддияккутбии фаъолияти БРИКС мусоидат менамояд.*

**Калидвожаҳо:** *Эрон, БРИКС, ҳамкорӣ, “Ҷаҳони Ҷануб”, Россия, иқтисодиёт, Бонки нави рушд, Фонди захираҳои шартӣ, тартиботи нави ҷаҳонӣ*

Дар шароити тағйирёбии босуръати низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва суст гардидани мавқеи яккутбии ҷаҳонӣ, иттиҳодҳои байналмилалии ғайриғарбӣ тадриҷан ба унсурҳои калидии тартиботи нави ҷаҳонӣ табдил меёбанд. Дар ин замина, гурӯҳи кишварҳои БРИКС ҳамчун як платформаи муҳими ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва геополитикӣ зуҳур намуда, нақши он дар шаклгирии ҷаҳони бисёрқутбӣ пайваста афзоиш меёбад.

Шомилшавии Ҷумҳурии Исломии Эрон ба БРИКС на танҳо як рӯйдоди муҳим дар сиёсати хориҷии ин кишвар, балки падидаи дорои аҳаммияти васеи байналмилалӣ мебошад. Барои Эрон, ки солҳои тӯлонӣ зери фишорҳои иқтисодию сиёсии Ғарб қарор дорад, узвият дар БРИКС имконияти васеъ барои диверсификатсияи равобити иқтисодӣ, коҳиши таъсири таҳримҳо ва тақвияти мавқеи геополитикӣ фароҳам меорад.

Пайдоиши гурӯҳи кишварҳои **БРИКС** (BRICS) ба равандҳои тағйирёбии сохтори иқтисодӣ ва сиёсӣ дар низоми ҷаҳонӣ дар ибтидои асри XXI марбут мебошад. Истилоҳи **«BRIC»** бори аввал соли **2001** аз ҷониби иқтисоддони ширкати амрикоии *Goldman Sachs* **Ҷим О’Нил** пешниҳод гардид. Ӯ дар таҳлили худ Бразилия, Русия, Ҳиндустон ва Чинро ҳамчун иқтисодҳои бузурги рӯ ба рушд муайян намуда, таъкид кард, ки ин кишварҳо дар оянда метавонанд ба муҳаррикҳои асосии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ табдил ёбанд. Ба гуфтаи Ҷ. О’Нил, кишварҳои BRIC дар ибтидои асри XXI дорои потенсиали баланд барои табдил ёфтан ба марказҳои нави рушди иқтисоди ҷаҳонӣ буданд [1,10].

Дар марҳилаи аввал, мафҳуми BRIC хусусияти сирф иқтисодӣ ва таҳлилӣ дошт. Аммо тадриҷан ин мафҳум ба **платформаи воқеии ҳамкориҳои сиёсӣ ва иқтисодии байнидавлатӣ** мубаддал гардид. Қадами аввал дар самти институтикунонии ин гурӯҳ баргузории **нишасти вазирони корҳои хориҷии кишварҳои BRIC соли 2006** дар ҳошияи иҷлосияи Маҷмаи Умумии СММ буд.

Соли **2009** дар шаҳри **Екатеринбург** (Россия) нахустин **саммити расмии сарони давлатҳои BRICS** баргузор гардид, ки онро метавон оғози фаъолияти

институтикунонидашудаи ин иттиҳод арзёбӣ кард. Дар ин саммит масъалаҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ, ислоҳоти низоми молиявии ҷаҳонӣ ва зарурати тақвияти нақши кишварҳои рӯ ба рушд дар идоракунии глобалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Марҳилаи муҳими дигар дар рушди ин созмон соли **2010** ба амал омад, вақте ки **Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ** ба гурӯҳ даъват гардид. Бо шомил шудани ин кишвар, иттиҳод номи нави **BRICS**-ро гирифт, ки ҳарфи «S» рамзи ***South Africa*** мебошад. Ин иқдом доираи ҷуғрофии созмонро васеъ намуда, ба он хусусияти воқеан ҷаҳонӣ бахшид.

Дар солҳои минбаъда, БРИКС тадриҷан аз як формати мулоқотӣ ба **механизми ҳамоҳангсозии сиёсӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ** табдил ёфт. Таъсиси **Бонки нави рушд (New Development Bank)** ва **Фонди захираҳои шартӣ (Contingent Reserve Arrangement)** дар соли **2014** далели равшани институтикунонии амиқи ин иттиҳод ба шумор меравад. Ин ниҳодҳо ба коҳиши вобастагии кишварҳои узв аз сохторҳои молиявии ғарбӣ, аз қабили СБП ва Бонки ҷаҳонӣ, равона шудаанд. Тибқи таҳлили О. Штюнкел, БРИКС имрӯз ба унсури муҳими шаклгирии тартиботи бисёрқутбии ҷаҳонӣ мубаддал гардидааст.[2,6-8]

Аз нимаи дуюми солҳои 2010-ум, масъалаи **васеъшавии БРИКС** ба яке аз мавзӯъҳои калидии рӯзномаи он табдил ёфт. Ниҳоят, дар солҳои 2023–2024 созмон ба марҳилаи нави рушд ворид гардид, ки бо шомилшавии кишварҳои нав, аз ҷумла **Ҷумҳурии Исломии Эрон,** ҳамроҳ буд.

Дар марҳилаи кунунии таҳаввули низоми муносибатҳои байналмилалӣ, созмони БРИКС ҳадафҳои худро мутобиқ ба воқеиятҳои нави геополитикӣ ва иқтисодии ҷаҳонӣ таҷдид ва густариш додааст. Агар дар марҳилаи ибтидоӣ фаъолияти БРИКС бештар ба ҳамоҳангсозии манфиатҳои иқтисодии кишварҳои рӯ ба рушд равона шуда бошад, имрӯз мақсади асосии ин иттиҳод **саҳмгузорӣ дар шаклгирии тартиботи бисёрқутбии ҷаҳонӣ ва коҳиши гегемонияи сохторҳои ғарбӣ** дар идоракунии глобалӣ ба шумор меравад. [3]

Яке аз самтҳои калидии фаъолияти БРИКС дар шароити кунунӣ **тақвияти соҳибихтиёрии иқтисодӣ ва молиявии кишварҳои узв** мебошад. Дар ин замина, созмон кӯшиш менамояд механизмҳои алтернативии ҳамкории молиявӣ, аз ҷумла истифодаи асъорҳои миллӣ дар муомилоти тиҷоратӣ, рушди низомҳои мустақили пардохт ва тақвияти нақши Бонки нави рушдро густариш диҳад. Ин иқдомҳо ба коҳиши вобастагӣ аз доллари ИМА ва ниҳодҳои молиявии ғарбӣ равона шудаанд. [4,7]

Илова бар ин, дар марҳилаи ҳозира БРИКС худро ҳамчун **минбари ҳамоҳангсозии сиёсӣ ва дипломатии кишварҳои "Ҷаҳонӣ Ҷануби"** муаррифӣ менамояд. Ҳадафи муҳими созмон тақвияти нақши кишварҳои рӯ ба рушд дар қабули қарорҳои байналмилалӣ, аз ҷумла дар чаҳорчӯби СММ, СБП ва Бонки ҷаҳонӣ мебошад. Дар ин раванд, БРИКС аз ислоҳоти низоми идоракунии глобалӣ ҷонибдорӣ намуда, тақсими одилонаи қудрат ва масъулиятро талаб мекунад.

Марҳилаи нави васеъшавии БРИКС, ки бо шомилшавии кишварҳои дорои аҳаммияти геополитикӣ ва энергетикӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Исломии Эрон, ҳамроҳ аст, нишон медиҳад, ки ҳадафи дигари муҳими созмон **тақвияти ҳамгироии Ҷануб–Ҷануб ва густариши ҳамкориҳои фароминтақавӣ** мебошад. Дар ин замина, БРИКС на танҳо иттиҳоди иқтисодӣ, балки як платформаи стратегии ҳамоҳангсозии манфиатҳои сиёсӣ, амниятӣ ва рушди устувор ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, дар марҳилаи ҳозира мақсади асосии БРИКС ба **таъмини тавозун дар низоми байналмилалӣ, ташаккули алтернативаи воқеӣ ба тартиботи яққутбӣ ва ҳимояи**

**манфиатҳои кишварҳои рӯ ба рушд** равона гардидааст, ки ин омил аҳаммияти созмонро дар сиёсат ва иқтисоди ҷаҳонӣ пайваста афзоиш медиҳад. [5,5]

Дар марҳилаи ҳозира, созмони БРИКС фаъолияти худро ба ташаккули тартиботи бисёрқутбии ҷаҳонӣ, коҳиши вобастагӣ аз сохторҳои молиявии ғарбӣ ва тақвияти нақши кишварҳои "Ҷаҳонӣ Ҷануби" равона намудааст Истифодаи асъорҳои миллӣ, рушди Бонки нави рушд ва васеъшавии ҷуғрофии созмон нишон медиҳанд, ки БРИКС тадриҷан ба як унсури калидии идоракунии глобалӣ табдил меёбад

Дар рӯзҳои **22–24 октябри соли 2024** дар пойтахти Ҷумҳурии Тотористони Федератсияи Русия - **шаҳри Қазон** - ҳамоиши бузурги байналмилалӣ бо иштироки намояндагони воломақоми кишварҳои узви **БРИКС** (Бразилия, Русия, Ҳиндустон, Чин ва Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ), инчунин як қатор давлатҳои дигар баргузор гардид. Тибқи иттилооти расмӣ, дар ин ҳамоиш раҳбарон ва намояндагони баландпояи **36 кишвари ҷаҳон** иштирок доштанд.

Ҳамоиши мазкур ҳамчун **нахустин форуми сатҳи баланд** дар таърихи фаъолияти БРИКС пас аз марҳилаи нави васеъшавии он арзёбӣ мешавад. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки дар ин сол панҷ кишвари дигар **- Ҷумҳурии Исломии Эрон, Миср, Эфиопия, Аморати Муттаҳидаи Араб ва Арабистони Саудӣ -** ба ҳайати ин иттиҳод шомил гардиданд, ки ин раванд нишондиҳандаи афзоиши ҷозибаи геополитикӣ ва иқтисодии БРИКС дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ мебошад. Ба шарофати саммити Қазон, таваҷҷуҳи бисёре аз кишварҳои минтақа ва ҷаҳон ба БРИКС бештар гардид. Аз ҷумла кишварҳое, ки қаблан дар фазои мулоқотҳои минтақавӣ ё байналмилалӣ фаъол буданд, алоҳида дар арзёбиҳои худ ҷустуҷӯи имкониятҳои ҳамкории БРИКС-ро баён намуданд (масалан, Озарбойҷон) ва **дархостҳои узвият ё шарикӣ пешниҳод карданд**. Ин нишондиҳандаи афзоиши таъсири минтақавӣ ва ҷаҳонии созмон аст [6]

Бо дарназардошти доираи васеи иштирокчиён ва сатҳи баланди намояндагӣ, ҳамоиши Қазон ба яке аз рӯйдодҳои муҳими сиёсӣ ва иқтисодии байналмилалӣ табдил ёфта, таваҷҷуҳи васеи коршиносон, таҳлилгарон ва васоити ахбори оммаи ҷаҳониро ба худ ҷалб намудааст. Ин нишастро метавон ҳамчун далели равшани тақвияти нақши БРИКС дар шаклгирии тартиботи нави бисёрқутбии ҷаҳонӣ арзёбӣ намуд.

Аз натиҷаҳои муҳимтарини саммити Қазон, ки моҳи октябри **2024** баргузор шуд, таъсиси **категорияи нави «шарики БРИКС»** мебошад. Бар асоси қарорҳое, ки дар ҷаласаи саммит қабул гардид, кишварҳои гуногун (аз ҷумла Беларус, Боливия, Куба, Индонезия, Қазоқистон, Малайзия, Таиланд, Уганда ва Узбекистон) ба ҳайси **шарикони расмии созмон** пешниҳод ва ба ин мақом даъват шуданд. Ин тадбир имкон медиҳад, ки кишварҳои зиёде бо механизми БРИКС ҳамкориро густариш диҳанд, бе он ки ҳамзамон узвияти пурра дошта бошанд. Ин ташаккулоти нав механизми ҳамкории созмонро аз соддаи «узвият» васеъ ва чандсатҳавӣ мекунад [7].

Дар саммити Қазон БРИКС таъкид кард, ки марҳилаи нави рушди ин иттиҳодро бо шомил кардани кишварҳои нав ба созмон идома медиҳад. Вазифаҳои васеъшавӣ дар сатҳи стратегӣ баррасӣ шуда, барои ҷалби давлатҳои зиёдтар ҳамчун узв ё шарик дар оянда замина гузошта шуд. Густариши фаъолият ба ин шакл нишон медиҳад, ки БРИКС мехоҳад нақши худро дар низоми бисёрқутбӣ ва сохторҳои глобалии сиёсӣ ва иқтисодӣ тақвият кунад. [8]

Саммити Қазон инчунин ба таҳкими ҳамкориҳо дар бахшҳои энергетика, транспорт ва тиҷорат равона гардид. Мавқеъҳои нуқтаи марбут ба **минтақаҳои**

**стратегӣ**, аз ҷумла минтақаи **иқтисодӣ, энергетикӣ ва стратегӣ атрофи баҳри Каспий ва роҳҳои транзитӣ байни Аврупо ва Осиё**, дар меҳвари баҳсу гуфтугӯ қарор доштанд. Ин раванд метавонад сатҳи ҳамоҳангии стратегиро байни кишварҳои узв ва кишварҳои шарик тақвият бахшад [9].

Дар марҳилаи кунунии рушди низоми муносибатҳои байналмилалӣ, ки бо заъифшавии унсурҳои тартиботи яккутбӣ ва тақвияти равандҳои бисёрқутбӣ тавсиф мегардад, созмони БРИКС тадриҷан ба яке аз платформаҳои муҳими ҳамоҳангсозии манфиатҳои кишварҳои рӯ ба рушд табдил ёфтааст. Мақсадҳои стратегии БРИКС дар ин марҳила пеш аз ҳама ба ислоҳоти низоми идоракунии глобалӣ, коҳиши нобаробарии сохтории байналмилалӣ ва таҳкими мавқеи кишварҳои ғайриғарбӣ дар қабули қарорҳои ҷаҳонӣ равона шудаанд.[10,51]

Яке аз ҳадафҳои асосии БРИКС дар шароити муосир **тақвияти тартиботи бисёрқутбии байналмилалӣ** ва маҳдуд намудани гегемонияи институтсионалӣ ва сиёсӣ-иқтисодии кишварҳои ғарбӣ ба ҳисоб меравад [11,65]. Дар ин замина, шомилшавии Ҷумҳурии Исломии Эрон ба БРИКС аҳаммияти хос пайдо мекунад, зеро Эрон ҳамчун субъекти фаъоли муносибатҳои байналмилалӣ мавқеи мустақили сиёсиро ишғол намуда, таҷрибаи муқовимат ба фишорҳои якҷониба ва таҳримҳои фаромиллиро доро мебошад. Ҳузури Эрон ба таҳкими самти зиддияккутбии фаъолияти БРИКС мусоидат менамояд.

Самти муҳими дигари фаъолияти БРИКС дар марҳилаи ҳозира **тақвияти соҳибихтиёрии молиявӣ ва коҳиши вобастагӣ аз доллари ИМА** мебошад. Ин ҳадаф тавассути рушди ниҳодҳои молиявии алтернативӣ, истифодаи асъорҳои миллӣ дар муомилоти тиҷоратӣ ва тақвияти нақши Бонки нави рушд амалӣ карда мешавад [12.20]. Барои Ҷумҳурии Исломии Эрон, ки солҳои тӯлонӣ бо маҳдудиятҳои молиявии байналмилалӣ рӯ ба рӯ мебошад, ин раванд аҳаммияти стратегӣ дошта, имконияти густариши ҳамкориҳои иқтисодиро дар доираи платформаҳои ғайриғарбӣ фароҳам меорад.

Илова бар ин, БРИКС дар марҳилаи кунунӣ ба **тақвияти ҳамкориҳои Ҷануб–Ҷануб** ва густариши робитаҳои фароминтақавӣ таваҷҷуҳи афзоянда зоҳир менамояд. Ҷумҳурии Исломии Эрон, бо назардошти мавқеи ҷуғрофии худ дар буриши минтақаҳои муҳими геостратегӣ- Ховари Миёна, Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ - метавонад ба унсури муҳими пайвасткунанда дар татбиқи лоиҳаҳои транзитӣ, энергетикӣ ва тиҷоратии БРИКС табдил ёбад. Иқтидори энергетикӣ ва нақлиётии Эрон бо ҳадафҳои стратегии созмон мутобиқати баланд дорад.

Марҳилаи нави васеъшавии БРИКС, ки бо шомилшавии Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳамроҳ аст, инчунин ба ҳадафи созмон дар **тақвияти намояндагии ҷуғрофӣ ва нуфузи геополитикӣ** мувофиқат мекунад. Ҳузури Эрон доираи таъсири БРИКС-ро ба минтақае густариш медиҳад, ки дар он манфиатҳои қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ба таври зич ба ҳам мепайванданд, ки ин омил аҳаммияти созмонро ҳамчун субъекти таъсиргузори байналмилалӣ афзоиш медиҳад.

Ҳамин тариқ, дар марҳилаи ҳозира Ҷумҳурии Исломии Эрон на танҳо ҳамчун бенефитсиари ҳадафҳои стратегии БРИКС, балки ҳамчун **унсури функсионалии татбиқи онҳо** баромад намуда, узвияти он ба таҳкими нақши БРИКС дар шаклгирии тартиботи бисёрқутбии ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

Узвияти Ҷумҳурии Исломии Эрон дар созмони БРИКС дар марҳилаи кунунии таҳаввули низоми байналмилалӣ ҳам имкониятҳои стратегӣ ва ҳам маҳдудиятҳои объективиро дар бар мегирад.

Яке аз имкониятҳои калидии узвияти Эрон дар БРИКС диверсификатсияи равобити иқтисодии хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароите, ки иқтисоди Эрон зери таъсири маҳдудиятҳои таҳримии кишварҳои ғарбӣ қарор дорад, иштироки фаъол дар платформаҳои иқтисодии БРИКС метавонад ба густариши бозорҳои содиротӣ ва ҷалби сармоягузориҳои алтернативӣ мусоидат намояд (NDB, 2022). Дар ин замина, бахшҳои энергетика, саноат ва инфрасохтор самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ арзёбӣ мегарданд.

Имконияти муҳими дигар истифодаи механизмҳои молиявии ғайридолларӣ мебошад. Раванди истифодаи асъорҳои миллӣ дар муомилоти тиҷоратӣ, инчунин тақвияти нақши Бонки нави рушд, барои Ҷумҳурии Исломии Эрон имкони коҳиши таъсири маҳдудиятҳои молиявии байналмилалиро фароҳам меорад.

Аз нуқтаи назари геополитикӣ, узвияти Эрон дар БРИКС ба тақвияти мавқеи байналмилалӣ ва дипломатии кишвар мусоидат мекунад. Иштироки Эрон дар формати бисёрҷониба бо кишварҳои калидии ҷаҳон, аз ҷумла Чин, Русия ва Ҳиндустон, ба таҳкими сиёсати хориҷии бисёрсамта ва коҳиши изоляцияи байналмилалӣ равона гардидааст. Дар баробари ин, мавқеи ҷуғрофии Эрон имкон медиҳад, ки кишвар ба унсури муҳими транзитӣ ва энергетикӣ дар лоиҳаҳои фароминтақавии БРИКС табдил ёбад.

Илова бар ин, БРИКС ҳамчун платформаи ҳамкориҳои Ҷануб–Ҷануб ба Эрон имконият медиҳад, ки равобити худро бо кишварҳои рӯ ба рушд дар соҳаҳои илм, технология ва рушди устувор густариш диҳад (UNCTAD, 2018). Ин омил метавонад ба тақвияти иқтидори дохилӣ ва коҳиши вобастагӣ аз манбаъҳои ғарбӣ мусоидат намояд.

Ҷумҳурии Исломии Эрон дар чорчӯби **гурӯҳҳои кории БРИКС оид ба инфрасохторҳои тадқиқотӣ ва лоиҳаҳои бузург (mega-science)** пешниҳодҳоро фароҳам овардааст. Масалан, дар ҷаласаи гурӯҳи кории БРИКС дар шаҳри Теҳрон (Эрон) пешниҳод намуд, ки **инфрасохторҳои муштараки илмӣ ба монанди синхротронҳо ва шабакаҳои лабораторӣ таъсис ёбанд**. [13] Ин ташаббус ба кишварҳои узв имкон медиҳад, ки дастрасии умумӣ ба таҷҳизоти гаронбаҳо, мубодилаи маълумот ва ҳамкорӣ дар соҳаи илму технологияро афзоиш диҳанд. Ҳадафҳо аз ҷумла **паст кардани хароҷотҳои тадқиқотӣ ва қамравии таҷрибаҳои нави илмӣ-технологӣ** мебошад.

Эрон на танҳо ҳамчун узви БРИКС, балки ҳамчун ҷонибдори **ҳамкорӣ дар чаҳорчӯби BRICS+** амал мекунад. Мақсад ин аст, ки **ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ байни кишварҳои узв ва шарикони он тавсеа ёбад.** Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамкориҳои иқтисодии Эрон бо кишварҳои дигари ҷуғрофӣ ба монанди Узбекистон дар чорчӯби BRICS+ густариш меёбанд, ки ин таҷриба намунаи «South–South investment» мебошад ва имкониятҳои содиротӣ, сармоягузорӣ ва ҳамкориҳои транзитиро баланд мекунад [14].

Яке аз самтҳои муҳими ҳамкории Эрон - талош барои узвият дар **Бонки нави рушд (New Development Bank)**, ки дар чорчӯби БРИКС таъсис ёфтааст. Тақвият ёфтани муносибатҳо бо аъзои асосии NDB, аз ҷумла Русия, Чин, Ҳинд ва Африқои Ҷанубӣ, нишон медиҳад, ки Эрон мехоҳад аз механизмҳои молиявии ин созмон барои маблағгузории лоиҳаҳои стратегии рушд истифода барад. Русия таъсдиқ кардааст, ки аз узвияти Эрон дар NDB пуштибонӣ мекунад, ва музокирот оид ба воридшавии Эрон ба ин бонк идома доранд. [15]

Раиси ҷумҳури Эрон ва дипломатҳои кишвар борҳо ишора кардаанд, ки Эрон БРИКС-ро ҳамчун **минбари мустақили бисёрҷанбаи сиёсӣ ва иқтисодӣ** мебинад, ки метавонад ба равиши мубориза бо «унилатерализм» ва таъсири таҳримҳои тарафайни

кишварҳои ғарбӣ мусоидат кунад. Ин суханон ба стратегияи Эрон, ки мехоҳад воситаҳои нав барои беҳтар кардани мавқеи байналмилалиаш пайдо кунад, мувофиқанд [16]

Дар соли 2025 байни Эрон ва Русия **консорсиуми баҳрӣ** таъсис дода шуд, ки барои **рушди тиҷорат, нақлиёт ва транзит байни ду кишвар** равона шудааст. Ин ташаббус бо дарназардошти мақсадҳои БРИКС дар самти тавсеаи шабакаҳои логистикӣ ва ҷорӣ намудани роҳҳои нави муомилотӣ амалӣ мешавад ва метавонад ба ҳамгироии иқтисодии минтақаҳои муштарак мусоидат намояд.

БРИКС ҳамчунфазои мусоид барои ҳамкориҳои фарҳангӣ, таҳсилотӣ ва илмӣ низ истифода мешавад. Масалан, дар Теҳрон семинари БРИКС оид ба сохтори низом ва платформаҳои ҳамкорӣ гузаронида шуд, ки дар он кормандони соҳаи илмиву ҷамъиятӣ иштирок доштанд, ки ин нишондиҳандаи таваҷҷуҳи Эрон ба масъалаҳои омӯзиши механизми БРИКС мебошад.

Бо вуҷуди имкониятҳои зикршуда, узвияти Эрон дар БРИКС бо як қатор маҳдудиятҳои сохторӣ ва сиёсӣ низ рӯ ба рӯ мебошад. Аввалан, БРИКС созмони дорои табиати бештар машваратӣ буда, дорои механизмҳои ҳатмии иҷрои қарорҳо нест. Ин хусусият метавонад татбиқи амалии баъзе ташаббусҳоро, аз ҷумла дар соҳаи молиявӣ, маҳдуд созад.

Дуюм, тафовути манфиатҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ миёни кишварҳои узви БРИКС метавонад ба ҳамоҳангсозии мавқеъҳо дар масъалаҳои калидӣ монеъ гардад. Масалан, муносибатҳои гуногунҷабҳаи кишварҳои алоҳидаи БРИКС бо Ғарб метавонанд сатҳи дастгирии амалии онҳо аз ташаббусҳои марбут ба коҳиши таҳримҳоро маҳдуд намоянд.

Маҳдудияти дигар ба идомаи фишорҳои таҳримии байналмилалӣ нисбат ба Ҷумҳурии Исломии Эрон вобаста мебошад. Гарчанде узвият дар БРИКС метавонад таъсири ин фишорҳоро то андозае коҳиш диҳад, аммо он онҳоро пурра бартараф карда наметавонад. Илова бар ин, ширкатҳои хусусии кишварҳои узви БРИКС низ аксаран дар фаъолияти худ маҳдудиятҳои дуюмдараҷаи таҳримиро ба назар мегиранд.

Ниҳоят, маҳдудиятҳои дохилӣ, аз ҷумла зарурати мутобиқсозии низоми иқтисодӣ ва ҳуқуқии миллӣ ба стандартҳои нави ҳамкорӣ, метавонанд суръати истифодаи пурраи имкониятҳои БРИКС-ро коҳиш диҳанд. Дар ин замина, самаранокии узвияти Эрон дар БРИКС то ҳадди зиёд ба ислоҳоти дохилӣ ва сиёсати иқтисодии худи кишвар вобаста мебошад.

Ҳамин тариқ, узвияти Ҷумҳурии Исломии Эрон дар БРИКС маҷмӯи мураккаби имкониятҳо ва маҳдудиятҳоро дар бар мегирад. Дар ҳоле ки БРИКС барои Эрон платформаи муҳими густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва геополитикӣ фароҳам меорад, самаранокии воқеии ин узвият аз омилҳои сохтории созмон, ҳамоҳангии манфиатҳои кишварҳои узв ва қобилияти Эрон дар мутобиқсозии сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ вобаста мебошад.

**Адабиёт:**

1.O'Neill, J. *Building Better Global Economic BRICs.* Global Economics Paper No. 66, Goldman Sachs, 2001. pp.15

2. Stuenkel, O.*The BRICS and the Future of Global Order.* Lexington Books, 2015.pp 288

3. BRICS Leaders' Declaration, 2023–2024. pp.30

**4.** UNCTAD. *South-South Cooperation and BRICS*, 2018.

5. Казанцев А. А. Проблемы развития международных отношений в контексте БРИКС // *Вестник МГИМО-Университета*. 2016. № 5.

6. Can the BRICS Group Form a New World Order?\\https://futureuae.com/en-US/Mainpage/Item/9827/the-kazan-summit-can-the-brics-group-form-a-new-world-order?utm_source=chatgpt.com
7. Kremlin says several countries to become BRICS partners next year\\https://ifpnews.com/kremlin-several-countries-brics-partners-next-year/?utm_source=chatgpt.com
8.https://carnegieendowment.org/research/2024/10/brics-summit-emerging-middle-powers-g7-g20?lang=en&utm_source=chatgpt.com
9. BRICS Summit: Strategic Implications for the Caspian Sea Region//https://www.specialeurasia.com/2024/10/24/brics-summit-caspian-sea/?utm_source=chatgpt.com
10. Cooper, A.F. – *The BRICS: A Very Short Introduction (Oxford University Press, 2016)* /pp.116
11.Cooper, 2016. p.1, 51, 65, 103,
12. BRICS Declaration, 2023; NDB, 2022
13.https://chatgpt.com/c/6943ab7d-1554-8328-9cde-567ad82a3236
14. **Iran & Uzbekistan are Driving South-South Investmen**\\https://iol.co.za/news/brics/2025-05-29-iran-uzbekistan-are-driving-south-south-investment/?utm_source=chatgpt.com
15.https://en.mehrnews.com/news/232748/Iran-determined-to-join-BRICS-New-Development-Bank?utm_source=chatgpt.com
16. Pezeshkian: BRICS can play crucial role in countering unilateralism, sanction\\https://www.presstv.ir/Detail/2025/09/08/754632/Iran-Pezeshkian-BRICS-unilateralism-sanctions?utm_source=chatgpt.com.

## СТАТУС ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН В БРИКС: ГЕОПОЛИТИЧЕСКИЕ, ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ВОЗМОЖНОСТИ И МЕЖДУНАРОДНЫЕ ПОСЛЕДСТВИЯ

Статья посвящена всестороннему анализу положения Исламской Республики Иран в составе БРИКС, выявлению возможностей, ограничений и последствий её членства для международной системы. Научное значение работы определяется необходимостью объективной оценки роли Ирана в рамках организации и перспектив его участия. Рассмотрен опыт Ирана в адаптации к санкционной среде, который может быть использован для развития механизмов сотрудничества в БРИКС. Присоединение Ирана приобретает особую значимость, поскольку страна, будучи активным субъектом международных отношений, сохраняет самостоятельную политическую позицию и обладает опытом противодействия одностороннему давлению и многосторонним санкциям. Включение Ирана способствует укреплению многосторонней динамики деятельности БРИКС.

***Ключевые слова:*** *Иран, БРИКС, сотрудничество, «Глобальный Юг», Россия, экономика, Новый банк развития, Резервный фонд, новый мировой порядок.*

## THE STATUS OF THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN IN BRICS: GEOPOLITICAL, ECONOMIC OPPORTUNITIES AND INTERNATIONAL IMPLICATIONS

This article provides a comprehensive analysis of the Islamic Republic of Iran's position within BRICS, highlighting the opportunities, limitations, and implications of its membership for the international system. The study emphasizes the importance of assessing Iran's role in the organization and the prospects for its participation. Iran's experience in adapting to

sanctions is examined as a model for developing cooperation mechanisms within BRICS. Its inclusion strengthens the multilateral dynamics and strategic influence of the group.

***Keywords:*** *Iran, BRICS, cooperation, Global South, Russia, economy, New Development Bank, Contingent Reserve Arrangement, new world order.*

**Дар бораи муаллиф**:

**Бедилзода Ҳусайн,** номзади илмҳои сиёсӣ, ходими илми Шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти омузиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: +992 37 221 03 28

**Сведения об авторе:**

**Бедилзода Хусайн**, кандидат политических наук, научный сотрудник отдела Юго-Восточной Азии Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: +992 37 221 03 28

**About the author**

**Bedilzoda Husain**, PhD in Political Science, Research Fellow at the Department of the Southeast Asia, Institute for the Study of Asian and European Problems of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: +992 37 221 03 28

# ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ РӮЗНОМАИ “АЛ-АҲРОМ”

**Қурбонов Ш.А.**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

*Мавзуи интихобшудаи тадқиқ хеле мубрам буда, таҳлил ва баррасии он барои дарку шинохти матбуоти араб: пайдоиш ва ташаккули он мусоидат хоҳад кард.*

*“Таърихи пайдоиш ва ташаккули рӯзномаи “Ал-Аҳром”-и Ҷумҳурии Арабии Миср мавзуест, ки барои донишҷӯён ва муҳаққиқони самти журналистикаи кишварҳои хориҷӣ муҳим дониста мешавад. Зеро рӯзномаи “Ал-Аҳром” ҳар лаҳзаи ҳаёти Мисрро бо назардошти гуногунрангии тарзи зиндагӣ ва баёни навовариву пешравиҳо тули 149 сол инҷониб рӯйи авроқ меораду ҳифз менамояд. “Ал-Аҳром” дақиқаҳои ҳаёти сиёси Мисрро аз даврони охири аҳди панҷумин ҳокими алавитабори Миср Исмоил ибни Иброҳимпошо (Хидавӣ) нигоҳ доштааст. Ҳамчунин, иртибот миёни Миср ва Аврупоро дар даврони муайяни таърихӣ инъикос менамояд. Ғайр аз ин, инқилоб, ишғол, муқовимати ошкорову пинҳонии мисриён бар қувваҳои истилогар давра ба давра дар саҳифаҳои рӯзномаи “Ал-Аҳром” дарҷ гардидааст. Пас аз гузашти ҳаводиси мазкур, марҳалаи наве дар кори рӯзнома шуруъ гардид, ки он низ рӯйдодҳои рӯзмарраи Мисрро пайгирӣ мекунад.*

*Дар ин матлаб таърихи пайдоиш ва ташаккули рӯзномаи “Ал-Аҳром” мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Мавриди зикр аст, ки нахустин шумораи ҷаридаи “Ал-Аҳром” рӯзи шанбе, санаи 5-уми августи соли 1876 ба табъ расид.*

***Калидвожаҳо:*** *Миср, “Ал-Аҳром”, Иброҳим Абда, Абдулмуҳсин Саломат, Муҳаммад Абда рӯзнома, таърих, пайдоиш, ташаккул, нашрия****,*** *мавод, хабар, сиёсат.*

“Ал-Аҳром” таърихи зиндаи Мисри муосир мебошад. “Ал-Аҳром” ҳар лаҳзаи ҳаёти Мисрро бо назардошти гуногунрангии тарзи зиндагӣ ва баёни навовариву пешравиҳо тули 150 сол инҷониб рӯйи авроқ меораду ҳифз менамояд. “Ал-Аҳром” дақиқаҳои ҳаёти сиёси Мисрро аз даврони охири аҳди панҷумин ҳокими алавитабори Миср Исмоил ибни Иброҳимпошо (Хидавӣ) нигоҳ доштааст. Ҳамчунин, иртибот миёни Миср ва Аврупоро дар даврони муайяни таърихӣ инъикос менамояд. Ғайр аз ин, инқилоб, ишғол, муқовимати ошкорову пинҳонии мисриён бар қувваҳои истилогар давра ба давра дар саҳифаҳои рӯзномаи “Ал-Аҳром” дарҷ гардидааст. Пас аз гузашти ҳаводиси мазкур, марҳалаи наве дар кори рӯзнома шуруъ гардид, ки он низ рӯйдодҳои рӯзмарраи Мисрро пайгирӣ мекунад. [2]

Пеш аз оне, ки доир ба таърихи ташаккули рӯзномаи “Ал-Аҳром” чизе гуфта бошем, лозим медонем, ки оид ба нашрияҳои қабл аз он ба майдони матбуоти Миср омада мухтасар маълумот биёрем. Дар ин росто, “Курие д Эжипт” ва “Ля декад Эжипсиён” аз қабили нашрияҳое мебошанд, ки Напалион дар оғози лашкаркашиаш ба Миср таъсис дода буд. Иброҳим Абда, рӯзноманигор ва адиби мисрӣ дар хусуси ин ду нашрия менависад: “Ин ду рӯзнома бо забони фаронсавӣ нашр мешуданд, ки дар он осоре аз ҷаридаи мисрӣ зоҳир намегардид” [4, 168] .

Дар пайравӣ ба он, соли 1828 Муҳаммад Алӣ рӯзномаи “Ал-вақои-ул- мисрия”-ро таъсис дод, ки аввалин рӯзномаи арабӣ дар кишварҳои арабизабон маҳсуб меёбад. Иброҳим Абда зикр мекунад, ки ин рӯзнома барои нашр ва паҳн намудани эълону фармонҳои ҳукумату давлат ва таблиғи ғояҳои сиёсӣ хизмат мекард. Ҳамчунин, менависад: “Ал-вақои-ул- Мисрия” дар аҳди роҳбарони ҳамондавра: Муҳаммад Алӣ, Иброҳим, Аббос, Саид ва Исмоил ҳамчун намунаи беҳтарини нашрияи ҳукуматӣ бо

тарзу услуби хос аз чоп мебаромад, ки дар он нисбат ба хабарҳои ом, ахбори расмӣ мавқеи аввалиндарача доштанд. Матолиби нашршудаи рӯзнома шомили мавзуҳои адабӣ, ҳикматҳои нуҳуфтаи мавзун, суханҳои зебову ороста ва холӣ аз алфози туркиву бегона ва афкори дар баробари асри даргириҳо созандаву бунёдкоронаи нимаи дуюми аҳди Исмоил буд". [2] Рӯзнома дар фазои иттилоотии ҳамондавраи Миср то соли 1833 ҳамто надошт. Сипас, Муҳаммад Алӣ нашрияи дигаре махсус барои артиши худ бо номи "Ал-Ҷаридат-ул-аскарияту" таъсис дод.

Таърихнигорон дар бораи ин, ки оё дар давраи ҳуҷуми Напалеон ба Миср нашрияҳои арабизабон чоп мешуданд ё не андешаҳои гунонун доранд. Аз ҷумла, муҳаққиқи араб Абдураҳмон Ал-Ҷабратӣ менависад, ки фаронсавиҳо аз котиби шурои давлатии Миср Исмоил Ал-Ҳашшаб талаб карданд, то рӯзномаи арабизабоне таъсис диҳад, ки тарғибгари фаъолияти онҳо бошад. Муаллиф бар ин назар аст, ки дар ҳамин давра рӯзномае бо номи "Ал-ҳаводис-ул-явмия" рӯйи чоп омад. Бархе аз муаррихин зикр мекунанд, ки то нашри рӯзномаи "Ал-ваҳои-ул- Мисрия" бюлитенни иттилоотии "Ат-танбиҳ" низ чоп мешуд. Дар ин росто, муҳаққиқ Абдусаттор Нуралиев андеша дорад, ки дар матбааҳои Наполеон, нашр намудани рӯзномаи арабӣ низ пешбинӣ шуда буд: "Аммо бо сабаби шикаст хӯрдани экспедитсияи ҳарбии Наполеон дар соли 1801 ин мақсад амалӣ нагардид. Онҳо ҳангоми бозгашт ба ватанашон таҷҳизоти типографиро низ бо худ бурданд". [1, 12]

Пас аз ин, Иброҳим Пошо соли 1264-и ҳиҷрӣ ба нашри рӯзномае бо номи "Ал-Ҷурнал-ул-ҷамъию" шуруъ намуд. Дар соли 1865 Исмоил аввалин рӯзномаи тиббие бо номи "Яъсуб-у-тибб", ки майдони илмие барои табибони дохиливу хориҷӣ буд, ба нашр расонд. Ин аввалин нашрияе нашрияе ба ҳисоб мерафт, ки ба занон иҷозаи нашри матолибро дар самти фанноварӣ медод. Худи ҳамон сол, нашрияи дигари ҳарбие бо номи "Ал-Ҷаридат-ул-аскарият-ул-мисрия" рӯи чоп омад. Соли 1867 Абдуллоҳ Абусауд ҳафтаномаи "Саҳифату води нил"-ро асос гузошт. Дар соли 1869 Иброҳим Малаҳӣ ва Усмон Ҷалол маҷаллаи "Назҳат-ул-афкор"-ро нашр намуданд, ки пас аз чопи чанд шуморае аз фаъолият боз монд. Соли 1870 ҷаридаи "Равзат-ул-мадорис" рӯйи чоп омад, ки махсус барои муҳассилин ва муаллимон мавод омода мекард. Дар соли 1874 нашрияи "Аркону ҳарб-ил-ҷайш-ил-мисрӣ" ва пас аз соле бо роҳбарии Муҳаммад Ансо ҷаридаи "Равзат-ул-ахбор" рӯйи чоп омаданд. Рӯзнома ва маҷаллаҳои мазкур аз ҷумлаи нашрияҳое буданд, ки пеш аз "Ал-Аҳром" дар Миср таъсис ёфтаанд.

Баъдан, Салим Тақла ба майдони матбуоти Миср омад ва тасмим гирифт, ки рӯзномаи "Ал-Аҳром"-ро таъсис диҳад. Барои асос гузоштани рӯзнома ва гирифтани иҷозатномаи нашр ба Вазорати корҳои хориҷии Миср ба таври зайл дархост навишт: "Рӯзномаи мавриди таваҷҷуҳ, ки бинои он дар шаҳри Искандария ба назар гирифта шудааст, дарбаргирандаи матолиби хусусияти тиҷорӣ, илмӣ, кишоварзӣ ва маҳаллӣ дошта буда, аз ҷумла чопи баъзе китобҳо, аз қабили дастуръамалҳои забонӣ (наҳвӣ), тиббӣ, риёзӣ, таърихӣ ва ҳикмату достонҳоро низ роҳандозӣ менамояд. Ман дар кори худ вориди сиёсат намешавам, ва матлабҳоеро нашр мекунам, ки мухолифи сиёсати давр набошад. Агар аз ҷониби ман ягон қонуншиканӣ содир шавад, ҷавобгар хоҳам буд. Тибқи қонунҳои матбуот ваъда медиҳам, ки ҳар он чизе, ки чоп мешавад, ду нусхаашро ба Вазорати корҳои хориҷӣ пешниҳод мекунам. Зеро матбаа, ки барои чопи китобҳои номбаршуда буда, дар шаҳри Искандария воқеъ аст, бо номи "Ал-Аҳром" фаъолият мекунад. Имзо аз Салим Тақла". [2]

Сипас, 27-уми декабри соли 1875 ба таъсис ва фаъолияти “Ал-Аҳром” иҷозат дода шуд. Пас аз ин тасвиб, бародарон Башор ва Салим Тақла ҳафт моҳ барои нашри рӯзномаи худ омодагӣ диданд. Ин ҳама заҳмату кӯшишҳои онҳо бесамар намонд, балки бародарон ба хостаи худ расиданд. Аввалин натиҷаи ташвишҳои онҳо дар ин самт, нашри “Намунаи Ал-Аҳром” ба ҳисоб меравад. Он замон рӯзнома бо ҳамин ном санаи 15-уми июли соли 1876, танҳо дар як саҳифа рӯйи чоп омад. Маводи асосии он саҳифаро танҳо мақолаву нигоштаҳои Салим Тақла дар бар мегирифт. Тавре Иброҳим Абда, муаллифи китоби “Рӯзномаи “Ал-Аҳром”: таърихи 75-солаи Миср” менависад: “Салим рӯзномаро дар аввалин мақолаи худ “забони миллатҳо ва паноҳгоҳи мардумон” гуфта буд.” Пас аз се ҳафтаи нашри “Намунаи Ал-Аҳром”, ҳафтаномаи “Ал-Аҳром” аз чоп баромад.

Ҳанӯз ҳафтаномаи “Ал-Аҳром” аз чоп набаромада, дар “Намунаи Ал-Аҳром” доир ба фаъолияти он дар шакли маълумотнома гузорише нашр гардид. Зикр шуда буд, ки ҷаридаи “Ал-Аҳром” ҳар ҳафта рӯзи шанбе зери шиори “Ҷаридаи сиёсӣ, илмӣ ва тиҷорӣ” нашр хоҳад шуд. Ҳамчунин, ҳафтанома аз “Намунаи Ал-Аҳром” ҳаҷман калон буд. Муҳтавои он, ғайр аз маводи сиёсӣ иҷтимоӣ, нашри эълону таблиғҳоро низ дар бар мегирифт. Дар ҳамон давра ҷарида аллакай дар шаҳрҳои гирду атроф намояндагии доимии худро дошт, ки пайваста аз ҷойҳои муҳимашон хабару гузоришҳо ирсол менамуданд. Вобаста ба ин, Абдулмуҳсин Саломат, раиси Шурои мудирони муссисаи “Ал-Аҳром” зикр мекунад, ки: “Шумораи агентҳои (мухбирон ва намояндагони минтақавӣ) “Ал-Аҳром, ғайр аз мухбирони Қоҳира, ба 22 нафар мерасид, ки дар 22 шаҳру музофотҳои кишварҳои Миср, Шому Ироқ ва Туркия фаъолият доштанд. Арзиши обунаи “Ал-Аҳром” бо франк (воҳиди пулии Фаронса) муқаррар шуда буд. Дар Миср ва дигар шаҳрҳои тахти идораи Империяи Усмонӣ ҳаққи обуна 23 франк ва дар Аврупо, Алҷазоир, Тунис ва Калкутта сӣ франкро ташкил медод.” [2]

Пас аз нашри “Намунаи Ал-Аҳром” нахустин шумораи ҷаридаи “Ал-Аҳром” рӯзи шанбе, санаи 5-уми августи соли 1876 ба табъ расид. Ба муносибати ин санаи таърихӣ аввалин муҳаррири нашрия Салим Тақла навиштааст: “Ин шумораи аввалин ва соли аввали нашри рӯзномаи “Ал-Аҳром” аст, ки бо инояту назорати ҳукумати вақт ба чоп мерасад. Ҷарида тибқи талаботи ҳуқуқи матбуот фаъолиятро ба роҳ мондааст ва умед аст, ки зуд ба дили аудитория роҳ меёбад ва аз он хонанда хуб пазироӣ менамояд. Пас, онҳое, ки мехоҳанд ва касоне ғайрату ҳиммати баланд доранд то ба мо дар рӯзҳои нахуст аз лиҳози моддӣ ва маънавӣ дасти ёрӣ дароз намоянд, марҳамат фармоянд, моро руҳбаланд созанд.” Иброҳим Абда он рӯйдоди муҳимро чунин тасвир мекунад: “Ал-Аҳромро уламо ва рӯшанфикрон гарм истиқбол намуданд ва дар шумораи аввал аз ҷониби донишомӯзи фозил ва хушмуомилаи Ал-Азҳар Алии Афандии Мазҳар саломи гарму ҷӯшон ба нашр расид. Шояд вазифаи таърихии мост, ки ҷараёни воқеаҳоро пешгӯӣ мекунем. Аз аҳли илму фазли Ал-Азҳар ёдоварӣ мекунем, зеро онҳо касоне буданд, ки “Ал-Аҳром”-ро бо андеша, қалам ва шавқу рағбати худ ташвиқ мекарданд. “Ал-Аҳром” низ дар навбати худ барои аҳли фарҳангу маънавиёт минбаре ба ҳисоб мерафт, ки тавассути он фикру андешаҳои худро ба мардум мерасонданд.” [4, 169]

Ба андешаи Абдулмуҳсин Саломат зеботарин суханро дар бораи “Ал-Аҳром” Муҳаммад Абда, публисист ва узви ҷараёни миллию озодихоҳии Миср гуфтааст. Он вақт Муҳаммад Абда, дар донишгоҳи Ал-Азҳар таҳсил мекард. Ӯ яке аз аввалинҳое буд, ки ба мурочиатномаи нахустин муррири “Ал-Аҳром” Салим Тақла роҳи ҷаридаро пеш гирифт. Салим Тақла аз аҳли қалам ва адибони нуктасанҷ даъват ба амал оварда буд,

ки: “Гоҳ -гоҳ бо нигоштаҳои зебо, боҳикмат ва асарҳои муфиди худ нашрияро зебу зинат диҳанд, то хонандаи соҳибзавқ аз мутолааи он баҳра бардорад.” Муҳаммад Абда ба ин даъват ҷавоб дод ва якбора ба идораи нашрия панҷ мақола фиристод, ки дар ҷаридаи “Ал-Аҳром” пай дар пай интишор гардид. Ин мақолаҳо сиёсӣ набуданд, зеро “Ал-Аҳром” дар оғоз изҳор дошт, ки онҳо аз масоили сиёсӣ кор намегиранд. Муҳаммад Абда дар нахустин мақолаи худ, ки дар шумораи панҷуми “Ал-Аҳром” (2-юми сентябри соли 1876) чоп шуда буд, навиштааст: “Ба муҳаррири бузургу тавонои рӯзномаи “Ал-Аҳром”: Ба дурустӣ ҳама мардуми сайёра медонанд, ки Миср яке аз кишварҳои машҳур бо таърихи илму фарҳанг буд. Бахусус дар соҳаи илм ва фановарӣ ҷойгоҳи хосе дошт. Миср диёре гашт, ки барои бунёди рӯзномаи “Ал-Аҳром” имкон фароҳам овард. Дар ин минбар появу асосҳои солимтарин роҳро барои ғафлатзадагон бо далелҳо ва мафҳумҳои нарм паҳн намудаанд. Шиори ҳамешагӣ ва мақсади аслии рӯзнома аз ин иборат буд: “Ба сӯйи наҷот бишитобед, ба чашмаи муваффақият чанг бизанед.”

Мақолаи дуюми Муҳаммад Абда дар шумораи ҳаштуми рӯзнома бо номи “Навиштан ва қалам” рӯйи чоп омад. Мақолаи сеюми ӯ бошад 30-юми декабри соли 1876 бо сарлавҳаи “Мудаббири башар ва ақлу рӯҳ” дар шумораи ёздаҳуми “Ал-Аҳром” чоп шудааст. Мақолаи чорум зери унвони “ Каломшиносӣ ва ба илмҳои муосир” дар шумораи 36-уми рӯзнома ва мақолаи панҷум бошад, дар шумораи чилу якум таҳти унвони “Шоҳасари адабӣ” ба нашр расидааст. Мақолаи мазкур шарҳи китоби “Шоҳасари адабӣ дар таърихи тамаддуни давлатҳои Аврупо”, мебошад, аз ҷониби вазир ва донишманд Кизо таълиф шудааст. Китоби мавриди назар аз ҷониби Ҳанин Неъмат ба арабӣ тарҷума ва соли 1877 дар нашриёти “Ал-Аҳром” рӯйи соп омадааст. Аз ин рӯ, Муҳаммад Абдаро аввалин шореҳи ин китоб дар таърихи матбааи “Ал-Аҳром” медонанд. Мақолаҳои Муҳаммад Абда нигоштаҳои адабии ҷолибу хонданӣ буданд, ки таваҷҷуҳи хонандагонро ба рӯзнома ҷалб мекарданд. Лиҳозо, дар як муддати кутоҳ шумораи обуначиёни рӯзномаи “Ал-Аҳром” рӯз то рӯз зиёд мешуд.

Муҳаққиқ Иброҳим Абда шумораи нахустини “Ал-Аҳром”-ро тавсиф намуда, мегӯяд: “Ал-Аҳром” аввалин ҳафтаномае буд, ки ҳар рӯзи шанбе нашр мешуд. Саҳифаи аввали рӯзнома ифтитоҳӣ ва муқаддимавӣ буд. Сипас, дар саҳифаҳои дуюм ва сеюм дар бораи таърихи пирамидаҳо дар ҳаҷми панҷ шумора интишор шуд. – “Азбаски мо рӯзномаи худро бо номи бузургтарин ёдгории Миср ном бурдем, дар шумораи мазкур доир ба онҳо маълумоти зиёде ҷо намудем. Саҳифаи сеюм ба пахши парвандаҳое, ки дар шуроҳои судӣ баррасӣ мешаванд: қарору дастурҳо, инчунин баъзе хабарҳои дохилӣ ва эълонҳои хурд бахшида шуда, дар саҳифаи чорум бештар хабарҳои дохилӣ, латифаҳо, эълонҳо ва нархҳои биржа чоп мешуданд, – менависад, Муҳаммад Абда. [2]

“Ал-Аҳром” бо кушишу заҳмати ду бародар аз чоп баромад. Яке аз онҳо Салим Тақла аст, ки мақолаҳои дохилиро таҳрир ва ба чоп омода мекард. Маводи беруна ва тарҷумаро бошад, бародараш Бошор Тақла таҳия менамуд. Бошор Тақла дар бораи фаъолияташ дар рӯзнома гуфтааст: “Вақте ман кори тарҷумаро тамом кардам, ба назди маъмурият рафта, даромаду хароҷоти онро тафтиш мекунам, дар ислоҳ ва навиштани баъзе ҳодисаҳо машғул мешавам... Одатан хӯроки нисфирӯзии худро сари кор – вақти чопи рӯзнома мехӯрдам. Ман чунин меандешам, ки паси ин ҳама ҷуҳду талош муваффақияти бузург истодааст.” [3,157]

Иброҳим Абда, муҳаққиқи мисрӣ “Ал-Аҳром”-ро рӯзномае тавсиф мекунад, ки дар саҳеҳияти ахбор мақоми аввалро мегирад. Аз соли аввали нашр рӯзнома дар масъалаи интишори ахбори саҳеҳ аз эҳтиёткорӣ кор гирифтааст. Аз ин рӯ, дар саҳифаи аввали

шумораи “Ал-Аҳром”, дарҷ гаштааст: “Умедворем, ки ходимони гиромӣ дар минтақаҳои Сурия ба мо шараф хоҳанд кард, ки пас аз ғамхории тафтишот аз ҳодисаҳои муҳиме, ки дар манотиқи онҳо ба вуқуъ мепайвандад, ба мо хабар диҳанд, зеро мо аз дигарон мактубҳои зиёде гирифтаем, ки аз тарси иштибоҳ вориди саҳифа накардаем...” [2]

Дар аввалҳои соли сеюми нашр (1879), “Ал-Аҳром” аввалин шуда мусоҳибаҳои журналистиро рӯйи чоп овард, ки он замон дар матбуоти Миср ва Шарқи Наздик қолаб ва ё худ жанри нав маҳсуб меёфт. Яъне, пеш аз ин дар мусоҳиба ҳамчун жанр дар матбуоти Миср дида намешуд. 15-уми майи ҳамон сол рӯзномаи “Ал-Аҳрам” мусоҳибаи Башор Тақла бо Исмоил Хидавиро нашр кард. Ин як таҳаввулоти нав дар таърихи рӯзноманигории Миср буд, ки аввалин шуда муҳаррири рӯзнома бо Исмоил Хидавӣ, роҳбари ҳамонвақтаи Миср мусоҳиба ороста аз ӯ иҷозати нашри онро мегирад. Башор Тақла доир ба нишаст навиштааст: “Алоҳазрат ба баёни ҳадафи ниҳоии худ иқрор шуд, ки мехоҳад парчами озодӣ парафшон бошад ва рӯзномаҳо бо нашри хабари саҳеҳу ҳақиқӣ озодии комил ва ҳуқуқу вазифаҳои худро эҳтиром кунанд. Маҷлиси намояндагон ба муқаддасоти рӯзномаҳо эҳтиром бигузорад, то дари Шуро ба рӯи халқу миллат боз кунаду соҳибони рӯзномаҳо ворид шаванд ва аз гавҳарҳои судманди он нақши дониш ва хабарро интихоб кунанд ва матолиби муфид пешкаши хонандагон намоянд.”

Санаи 3-юми январи соли 1881 “Ал-Аҳром” чопи ҳаррӯзаро ба роҳ монд. Аз ин баъд фаъолияти ҳафтанома ба рӯзнома гузашт ва шаклу тарҳи рӯзнома низ тағйир ёфт. Инчунин, барои рӯзнома шиори нав интихоб карданд. Аз шумораи № 163 (19 сентябри соли 1879) рӯзнома аллакай бо тарҳи нав, бо ҷой додани акси ду пирамида дар шиноснома ва навиштаҷоти “Ал-Аҳром” оро ёфта буд. Ибораи "Le Pyramide" (Ла Пирамида) низ дар гӯшаи шиносномаи рӯзнома навишта шуда буд. Аз он рӯз сар карда Башор Тақла ба ҷойи бародараш Салим директори он таъин гардид. Он замон ҳар як нусха ба як пиастр (пули ҳамондавраи Миср) фурӯхта мешуд.

Вақте “Ал Аҳром” ба нашри ҳаррӯза пардохт, дар фаъолияти эҷодии рӯзнома низ дигаргуниҳо мушоҳида мешуд. “Al-Ahram Daily” (ҳаррӯза) романҳои тарҷумашударо аз забонҳои аврупоӣ ба забони арабӣ дар ҳар шуморааш бардавом рӯйи чоп меовард, ки пештар ин кор дар ҳафтаномаи “Ал-Аҳром” маъмул набуд.

Аввалин романе, ки рӯзнома нашр кардааст, “Конт де Монтгомери”-и Александр Дюма мебошад. Ғайр аз ин, “Ал-Аҳром” аввалин рӯзномае буд, ки замимаҳои махсуси худро нашр мекард. Инчунин, он аз аввалин рӯзномаҳоест, ки дар саҳифаҳои худ аз 4-уми майи соли 1881 суратҳоро чоп кард. Далели ин гуфтаҳо расми Фердинанд де Лессепсро мебошад, ки аввалин шуда дар саҳифаи аввали рӯзнома нашр шудааст.

Дар робита Иброҳим Абда доир ба рӯзномаи “Ал-Аҳром” менависад: “Ин ҷо дар мавриди рӯзномаи “Ал-Аҳром” бояд таъкид кард, ки он зимни таҳияи хабарҳо, дар мавзуи беэътиноӣ кардан ба масъалаҳои ҷузъӣ ва инъикоси масъалаҳои ҷиддӣ дар ҷаойи аввал қарор мегирифт. Ҳамин аст, ки то имрӯз таърихи бисёре аз воқеаҳои муҳимро аз саҳифаҳои он ҷӯё мешавем”. [1, 13]

Ҳамчунин, дар бораи аввалин маротиба нашр намудани реклама ва эълонҳои тиҷоратӣ дар рӯзномаи “Ал Аҳром” миёни коршиносони соҳаи табъу нашр андешаҳо гуногунанд. Иброҳим Абда пас аз таҳқиқоти анҷомдодааш дар ин самт изҳор медорад, ки “Ал-Аҳром” авввалин бор ҳанӯз аз замони шумораҳои аввали нашрия ба чопи таблиғоту эълонҳои тиҷоратӣ пардохта буд. Муҳаққиқ зикр мекунад, ки 5-уми августи

соли 1876 дар поёни саҳифаи сеюм эълоне чоп шуда буд, ки матни он чунин аст: "Ба мардум хабар медиҳем, ки дафтари тарҷума аз забони фаронсавӣ, итолиёвӣ ва англисӣ ба арабӣ кушода шудааст. Ҳама ҳуҷҷатҳои зарурӣ, аз қабили мактубҳо, мақолаҳои газета, китобҳои чопшуда ё нусхабардории онҳо ҷузъи фаъолияти мо мебошад. Мо тамоми кори аз дастамон меомадаро мекунем, то вазифаҳои худро иҷро кунем, то онҳоеро, ки бо хидмати худ моро эҳтиром мекунанд ва ба мо бовар мекунанд, қонеъ гардонем. Идора дар агентии Ал-Адиб дар назди биржаи Искандария. Сана 26 уми июли соли 1876. Масъул: Иброҳим Араб Ҳанин Ҳурӣ".

Муаллиф тарзу усулҳои рекламаро, ки дар "Ал-Аҳром" ба вуқуъ омада буд: шаклҳо, инкишоф, маъно ва аҳамияти онҳоро муфассал шарҳ дода, ҳамчун фаъолияти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва адабӣ тавсиф менамояд.

Мавриди зикр аст, ки таърихи "Ал-Аҳром" дар ҳафт соли аввали фаъодияти худ пур аз воқеаҳо буд. "Ал-Аҳром то соли 1878 матбааҳояшро пурра ба истифода дод ва бо он мошинҳо тавонист, ки ба ғайр аз чопи китобҳо боз се рӯзнома нашр намояд. Нахустин рӯзномаи "Ал-Аҳром" 10-уми октябри соли 1876 бо номи "Садо-ул-Аҳром" рӯйи соп омад. Ин рӯзнома дар натиҷаи мақолае, ки 2-юми феврали соли 1878 чоп шуда, дар он сиёсати молиявии ҳукумати давр сахт танқид шуда буд, аз фаъолият боз монд. Ҳукумати ҳамондавра аз матолиби чопнамудаи рӯзномаи мазкур қаноатманд набуд ва ниҳоят 15-уми феврали соли 1878 нашрашро расман қатъ кард. Нашрияи дуюми "Ал-Аҳром" бошад, моҳе ду маротиба, дар шакли китоб бо номи "Ал-Манора" нашр мешуд. Нашрия доир ба масоили тиҷоратӣ, саноатӣ, кишоварзӣ, тиббӣ ва кимиёвӣ мавод таҳия мекард. Пас аз нашри "Ал-Манора" дар соли 1878 маҷаллаи сеюм бо номи "Ҳақиқат-ул-ахбор" нашр шуд. Иброҳим Абда дар ин бора мегӯяд: "Башор Такла як маҷаллаи хурде бо номи "Ҳақиқат-ул-ахбор" таъсис дод ва дар он тарҷумаи ҳамаҷонибаи телеграммаҳои ба Дор-ул-Аҳром расидаро чоп мекард".

Чорумин нашрияи "Ал-Аҳром" рӯзномаи тиҷорӣ, сиёсӣ ва илмии арабӣ бо номи "Ал-Вақт" буд. Муҳаққиқон зимни тавсифи он мегӯянд: "Муҳимтарин чизе, ки рӯзномаи "Ал-Вақт"-ро аз рӯзномаҳои ҳамзамонаш фарқ мекард он буд, ки дар бештари саҳифаҳояш гӯшаҳои тарғиботӣ дошт. Дар онҳо хабару гузоришҳои хусусияти тиҷоратидошта бештар чоп мешуд.

Дар ин росто, Иброҳим Абда зикр мекунад, ки Башор Такла 7-уми октябри соли 1879 ба вазири вақти корҳои хориҷӣ Мустафо Фаҳмпошо дархост пешниҳод карда, хоҳиш намудааст, ки барои нашри рӯзномаи арабӣ ва фаронсавӣ иҷозатнома диҳад. Вазири корҳои хориҷӣ худи рӯзи дигар ин дархостро тасдиқ кард. Аммо муаллиф ба он шубҳа дорад, ки ин рӯзнома боре нашр шудааст ва дар ин бора далеле вуҷуд надорад.

Ҳамин тавр, фаъолияти "Ал-Аҳром" дар майдони матбуоти Миср бисёр намунавӣ ба назар мерасад. Дар ҳоле, ки бисёре аз рӯзномаҳо замоне машҳур буданду бештар нашр мешуданд, аммо бо марги муассисонашон онҳо низ аз фаъолият боз монданд. Аксари нашрияҳо ба ёдгорие табдил ёфтанд ва шомили ҷузъе аз таърихи қарнҳои гузашта шуданд.

Имрӯз низ "Ал-Аҳром" рӯзномаест, ки дар саҳифаҳои он таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳам маҳаллӣ ва ҳам байналмилалӣ сабт шудааст.

Вобаста ба таърихи фаъолияти "Ал-Аҳром" муҳаққиқ Абдусаттор Нуралиев дар китоби "Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ" навиштааст: "Нахустин рӯзномаи бузургтарин ва бонуфузтарини насрониёни Сурия дар Миср "Ал-Аҳром" соли 1875 ба

нашр оғоз кард, ки то ба имрӯз фаъолият дорад. таъсисгарони ин рӯзномаи бонуфуз оилаи Тақла мебошад.” [3, с 149]

Ҳамчунин А. Нуралиев зикр мекунад, ки: “Ҳамсарҳад будани Сурияву Миср барои рафтуомади зиёиёни ҳарду кишвар коре муқаррарӣ буд. Бинобар ин, суриягиҳо дар чандин кишварҳои араб газетаву журналҳо нашр мекарданд. Мисоли равшани он ташкил шудани рӯзномаи “Ал-Аҳром” аз ҷониби бародарони суриягӣ Салим ва Башор Тақла мебошад.” [3, с 155]

Ин дар ҳолоест, ки муҳаққиқону коршиносони кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Мокрушина Амалия, пажӯҳишгари рус нашри нахустини “Ал-Аҳром”-ро 5-уми августи соли 1876 медонанд. Дар сарчашмаҳои арабӣ низ таърихи нашр санаи мазкур ёд мешавад. Ҳамчунин, Иброҳим Абда дар китобаш бо номи “Рӯзномаи “Ал-Аҳром”: таърихи Миср дар 75 сол” зикр мекунад, ки бародарони лубнонӣ Салим ва Башор Тақла ба шаҳри Искандарияи Миср омада, 27-уми декабри соли 1875 барои таъсиси рӯзномаи “Ал-Аҳром” аз ҳокими вақти Миср иҷоза гирифтанд. Аммо 5-уми августи соли 1876 аввалин шумораи онро аз чоп бароварданд.

Мо низ пас аз ковишҳои илмӣ ҳамин андешаро саҳеҳ медонем, ки “Ал-Аҳром” аввалин бор 5-уми августи 1876 аз ҷониби ду бародари лубнонӣ: Башор Тақла ва Салим Тақла дар шаҳри Искандарияи Ҷумҳурии арабии Миср таъсис ёфтааст.

“Ал-Аҳром” дар оғози нашр аз чаҳор саҳифа иборат буд, ки ҳар кадом 43 сантиметр дарозӣ ва 30 сантиметр паҳнӣ дошт. Дар аввал, рӯзнома бо ҳуруфи калон чоп мешуд, вале баъдтар ба ҳарфҳои хурдтар гузашт, то маводи бештарро фарогир бошад.

Салим Тақла журналистикаро касбе медонист, ки ба соҳибкасбаш иҷоза намедиҳад, ҳатто дар навишти як калима лағжад ё дар баёни матлаб хато кунад. Аз ин рӯ, аксар вақт “Ал-Аҳром” аз танқиди ашхоси алоҳида ва ташкилотҳо худдорӣ мекард. Услуби баёну нигориши матолиби “Ал-Аҳром” нисбат ба рӯзномаҳои ҳамдавраш равшантар буд. Салим ва Башора тавонистанд, ки ба воситаи “Ал-Аҳром” дар матбуоти Миср ва араб як услуби нави публитсистиро роҳандозӣ кунанд. Онҳо ба забони содда ва шево менавиштанд, ки барои ҳамаи қишрҳои ҷомеаи ҳамондавраи Миср фаҳмо бошад то хонанда паёми даркориро аз мақола бардошт кунад.

Идораи “Ал-Аҳром” пас аз чанд соли фаъолият дар Искандария моҳи ноябри соли 1899 ба шаҳри Қоҳира кӯчид. Нашрия ҳамчун рӯзномаи тарғибгари сиёсати давлатии Миср бар зидди Фаронса истилогарони Англия матолиб чоп мекард. “Ал-Аҳром” аз моҳи январи соли 1884 бар зидди истилогарони Англия маводи сиёсӣ-таҳлилӣ нашр карданро бештар намуд. Ҳамон давр “Ал-Аҳром” аз сиёсати Мустафо Комил, ҳуқуқшинос, омӯзгор ва пешвои мардумии Миср, ки ба ишғоли Британиё мухолифат мекард, пайравӣ менамуд.

Мавриди зикр аст, ки Мустафо Комил рӯзномаи “Ал-Ливо” ва ҳизби “Ватан”-ро таъсис дод, барои конститутсия ва парлумон дар Миср мубориза бурд ва мактаби муштараки таълими кӯдакони динҳои гуногунро асос гузошт. “Ал-Аҳром” он замон саҳифаҳои худро ба нашри мақолаҳои Мустафо Комил бахшида буд.

Инчунин, рӯзнома дар масалаи канали Суэц ва мушкилоти маориф муқобили Англия баромад. Дар давраи инқилоби соли 1919 “Ал-Аҳром” худро як рӯзномаи сирф мисрӣ эълон кард. Дар ин росто, саҳифаҳои рӯзнома пурра ба матолиби ватандӯстона ва тарғибгари сиёсати ҳамондавраи Миср бахшида шуд.

Пас аз Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ “Ал-Аҳром” каме фаъолияташро беҳтар карда, шумораи саҳифаҳои худро зиёд кард. Дар робита ба ин, доираи инъикоси мавзуъҳоро

васеъ кард ва бори аввал дар саросари ҷаҳон шабакаи хабарнигоронро таъсис дод. Соли 1920 дар истифодаи матбааҳои навтарину пешрафта аз ҳама рӯзномаҳо бартарӣ дошт. Баъзан саҳифаҳои “Ал-Аҳром” пурра ба шоирон бахшида мешуданд ва ба ин восита эҷодиёти онҳоро тарғиб мекард. Дар он бештари осори шоирони машҳур Халил Мутрон ва Аҳмад Шавқӣ рӯйи чоп омадааст. Намунаи барҷастаи тарғиби шоирон дар “Ал-Аҳром” чопи маҷмуаи ашъори Аҳмад Шавқӣ мебошад, ки бо номи “Аш-Шавқият” нашр шудааст. Ғайр аз ин, Ҳофиз Иброҳимро “Шоири Нил” ва Халил Мутронро “Шоири ду кишвар” номида дар рӯзнома осорашон чоп шудааст.

Чанде аз адибони машҳури вақти Миср сармуҳаррири “Ал-Аҳром” буданд. Аз ҷумла, Салим Тақла, Башор Тақла, Халил Мутран ва аз ҳама бештар Довуд Баракот масъулияти роҳбариро бар ухда дошт, ки беш аз 30 сол ба ҳайси сармуҳаррир фаъолият намудааст. “Ал-Аҳром” дар замони Ҷабраил Тақла ба таври қобили мулоҳиза тағйир ёфт. Дар замони роҳбарии ӯ аз ҳисоби даромадҳои рӯзнома барои таҳкими фаъолияти нашрия матбааҳои навтарини давр харида мешуд. Ҷабраил Тақла “Ал-Аҳром”-ро аз ҷиҳати шакл, мазмун ва чоп комилан нав кард. Коршиносон ҳолати ҳамондавраи рӯзномаро чунин баҳогузорӣ кардаанд: “Ал-Аҳром” аз дигар рӯзномаҳои ҳамонвақта даҳ сол пеш буд ва Тақла Пошо бо дарки баланду дониши фарохаш аз “Ал-Аҳром” дастикам сад сол пештар буд”. Дар ин росто, хулоса кардан мумкин аст, ки дар ташаккули рӯзномаи “Ал-Аҳром” Ҷабраил Тақла аз муҳимтарин ва пешгомтарин сармуҳаррири нашрия дониста мешавад. Маҳз дар даврони фаъолияти ӯ рӯзнома аз лиҳози касбият ва сифати чоп дар ҷойи аввал меистод. Муҳаққиқони соҳа ин муваффақиятро аз принсипи кории Ҷабраил Тақла медонанд, ки имрӯз ҳам рӯзнома ба он пойбанд аст: “Ал-Аҳром” дастурамали ҳама мисриён бошад, на рӯзномаи як мақомот ва ё ягон ҳизби хос.

Аз соли 1960 инҷониб ҳукумати Миср идораи “Ал-Аҳром”-ро бар ухда гирифта, сармуҳаррир ва муҳаррирони масъули онро таъин мекунад. Аз соли 2023 сармуҳаррир Алӣ Собит ва раёсати Шурои директоронро Абдулмӯҳсин Салама (аз соли 2017) бар ӯҳда доранд. Қароргоҳи рӯзнома дар ноҳияи Булоқи шаҳри Қоҳира ҷойгир аст.

Ба ғайр аз Миср, “Ал-Аҳром” дар дигар кишварҳои минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла Дубай (Аморати Муттаҳидаи Араб), шаҳри Кувайт, Манама (Баҳрайн), Риёз (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ), Лондон, Париж, Франкфурти Майн (Олмон) ва Ню Йорк чоп мешавад. Рӯзнома инчунин ба забонҳои англисӣ (ҳафтаномаи “Ал-Аҳром”, сардабир Иззат Иброҳим Юсуф) ва фаронсавӣ (Ал-Аҳрам Эбдо, сардабири Невин Камел) нашр мешавад. Варианти онлайни нашрия ба забони арабӣ (gate.ahram.org.eg, сармуҳаррир Маҷид Мунир) ва ба забони англисӣ ҳамчун Al-Ahram Online (english.ahram.org.eg, сармуҳаррир Иззат Иброҳим Юсуф) низ фаъолияти густурда дорад.

**АДАБИЁТ**

1. Абдуллозода, М.А. Средства массовой информации арабских стран. Учебное пособие / М.А. Абдуллозода, Н.Н. Салихов, А.А. Рахимов, Ш.Б. Муллоев. – Душанбе: РТСУ, 2019. – 156 с.

2. Иброҳим А. Рӯзномаи “Ал-Аҳром”: таърихи Миср дар 75 сол. / А. Иброҳим. – Миср: Дор-ул-маориф, 1951. – 160 с.

3. Нуралиев А. Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ. Воситаи таълимӣ / А. Нуралиев. – Душанбе: Сурушан, 2001. – 223 с.

4. Салихов Н.Н. История зарубежной журналистики. Учебник / Н.Н. Салихов, А. Нуралиев, М.М. Султонов. Душанбе: Илм, 2014. – 355 с.

5. أديب خضور. الصحافة العربية على أعتاب القرن الحادي والعشرين. – دمشق، 2000. – 234 ص. (Адиб Хаддур. Журналистикаи араб дар остонаи асри бисту як. – Димишқ, 2000. – 234 с.)

6. أديب مروة. الصحافة العربية نشأتها وتطورها. – بيروت، 1992. – 267 ص. (Адиб Марва. Матбуоти араб, пайдоиш ва инкишофи он. – Бейрут, 1992. – 267 с)

7. دراسات في تاريخ الصحافة المصرية. محمد سعد ابراهيم. دار الكتب العلمية للنشر والتوزيع. 01 يناير 1999. 361

8. الصحافة المصرية في القرن التاسع عشر تاريخها وافتتاحياتها. رامي عطا صديق. مكتبة الشروق الدولية. 121

9. الأقباط وصناعة الصحافة المصرية. رامي عطا صديق. جداول للنشر والترجمة والتوزيع. 01 يناير 2016. 168.

10. تاريخ الصحافة المصرية. نجوى كامل. دار النهضة العربية للنشر والتوزيع. 01 يناير 2009. 475

11. الصحافة المصرية في مصر 1897-1954. عواطف عبد الرحمن. دار الثقافة الجديدة. 01 يناير 1979. 189

12. الفكر الليبرالى فى الصحافة المصرية. 491. Форуқ абузайд. 27 أغسطس 2015

13. صفحات من تاريخ مصر: عثمان محرم مهندس الحقبة الليبرالية المصرية 1924-1952. محمد الجوادي. 01 يناير 2004.

14. الألوان في الصحافة المصرية. شريف درويش اللبان. 266. 1996. Нашриёти арабӣ. қоҳира

15. الصحافة المصرية فى مائة عام


## ИСТОРИЯ СОЗДАНИЯ И ФОРМИРОВАНИЯ ГАЗЕТЫ «АЛЬ-АХРАМ»


Выбранная тема исследования весьма актуальна, а её анализ и обсуждение будут способствовать пониманию арабской прессы: её становления и развития.

История возникновения и развития газеты «Аль-Ахрам» Арабской Республики Египет – тема, которая считается важной для студентов и исследователей журналистики в зарубежных странах. Ведь газета «Аль-Ахрам» вот уже 149 лет документирует и сохраняет каждый момент египетской жизни, учитывая разнообразие образа жизни и выражая инновации и прогресс. «Аль-Ахрам» хранит подробности египетской политической жизни с конца правления пятого правителя алавитов Египта, Исмаила ибн Ибрагима-паши (Хидави). Она также отражает взаимоотношения Египта и Европы в определенный исторический период. Кроме того, на страницах газеты «Аль-Ахрам» периодически публиковались материалы о революции, оккупации, открытом и тайном сопротивлении египтян оккупационным силам. После этих событий начался новый этап в работе газеты, которая также отслеживает ежедневные события в Египте.

В данной статье рассматривается история возникновения и становления газеты «Аль-Ахрам». Стоит отметить, что первый номер газеты «Аль-Ахрам» вышел в субботу, 5 августа 1876 года.



***Ключевые слова:*** *Египет, «Аль-Ахрам», Ибрагим Абда, Абдулмухсин Саламат, газета Мухаммад Абда, история, возникновение, становление, издание, материалы, новости, политика.*


## HISTORY OF THE ORIGIN AND FORMATION OF THE “AL-AHRAM” NEWSPAPER


The chosen topic of the study is very relevant, and its analysis and discussion will contribute to the understanding and recognition of the Arab press: its origin and formation.

“The history of the emergence and development of the newspaper “Al-Ahram” of the Arab Republic of Egypt is a topic that is considered important for students and researchers of journalism in foreign countries. Because the newspaper “Al-Ahram” has been documenting

and preserving every moment of Egyptian life, taking into account the diversity of lifestyles and expressing innovations and progress for 149 years. “Al-Ahram” has preserved the details of Egyptian political life since the end of the reign of the fifth Alawi ruler of Egypt, Ismail ibn Ibrahim Pasha (Khidavi). It also reflects the relationship between Egypt and Europe in a certain historical period. In addition, the revolution, occupation, and open and secret resistance of the Egyptians against the occupying forces have been periodically published in the pages of the newspaper “Al-Ahram”. After the passage of these events, a new stage in the newspaper’s work began, which also follows the daily events of Egypt.

In this article, the history of the emergence and development of The newspaper "Al-Ahram" is under discussion. It is worth noting that the first issue of the newspaper "Al-Ahram" was published on Saturday, August 5, 1876.

**Keywords: Egypt, "**Al-Ahram", Ibrahim Abda, Abdulmuhsin Salamat, Muhammad Abda newspaper, history, origin, formation, publication, material, news, politics.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Қурбонов Шодмон Абдураҳимович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи забонҳои хориҷӣ. Суроға: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992) 944-25-55-55. E-mail: kurboniyon-95@mail.ru.

**Сведения об авторе:** Курбонов Шодмон Абдурахимович – Таджикский национальный университет, докторант кафедры иностранных языков. Адрес: 734025, Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 944-25-55-55. E-mail: kurboniyon-95@mail.ru

**Information about the author:** Qurbonov Shodmon Abdurakhimovich – Tajik National University, Ph.D. candidate at the Department of Foreign Languages. Address: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 944-25-55-55. E-mail: kurboniyon-95@mail.ru.

ТДУ: 327 (575:3) (1-87)

# АРЗЁБИИ САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ ЛОИҲАҲОИ ҲАМГИРОИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Маликов Қ. К.**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

*Мақола ба таҳлили арзёбии самаранокии фаъолияти лоиҳаҳои ҳамгироии байналмилалӣ бахшида шудааст. Қайд мешавад, ки дар раванди ҳамгироӣ мувофиқ будани манофеъи миллии ширкаткунандагон, иқтидори (потенсиал) онҳо, ризоияти сиёсии роҳбарияти кишварҳо, зарурати мутобиқ шудан ба ҷаҳони тағйирёбанда ва таҳкими амнияти кишварҳои узви ҳамгироӣ хеле муҳим аст. Маҳз ҳамин омилҳо асоси ҳамкориҳои самараноки минбаъдаи кишварҳо дар доираи фаъолияти иттиҳодияҳои ҳамгироӣ буда метавонанд.*

*Натиҷагирӣ карда мешавад, ки самаранокии фаъолияти лоиҳаҳои ҳамгироӣ аз густариши миқёс, раванди ҳамгироӣ, гуногунии шаклҳо ва риоя намудани шарту шароитҳо ва меъёрҳои муайяншуда дар татбиқи иттиҳодияҳои ҳамгироӣ вобаста буда, арзёбӣ мешавад. Мавҷуд набудани як (ё якчанд) омилҳои зикршуда, сабаби ноком шудан дар амалишавии лоиҳаҳои ҳамгироиро надорад. Аммо, ҳатман монеаҳоро дар ин самт эҷод карда, сатҳи самаранокии фаъолияти лоиҳаҳои ҳамгироиро паст мекунанд.*

***Калидвожаҳо:*** *лоиҳаҳои ҳамгироӣ, иттиҳодияҳои ҳамгироӣ, моделҳои ҳамгироии «анъанвӣ» ва «минтақагароии нав», раванди ҳамгироӣ, низомҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, гардиши мол, монеаҳо, самаранокӣ, арзёбӣ, некӯаҳволӣ.*

Дар ибтидои асрҳои XX ва XX1 раванди ҳамгироӣ авҷ гирифта, ниҳоят ба як падидаи ҷаҳонӣ табдил ёфт. Бо тақозои замон, шумораи онҳо рӯз то рӯз зиёд шуда, қариб тамоми соҳаҳои ҷомеаро фаро гирифта, дар низоми байналмилалӣ нақши муҳим мебозанд.

Мақсади эҷоди иттиҳодияҳои ҳамгироӣ ва иштироки кишварҳо дар доираи фаъолияти онҳо, ин баланд бардоштани сатҳи рушди иқтисодӣ, муттаҳид сохтани захираҳо ва стандартҳо, васеъ кардани имконоти бозорҳо, зиёд намудани гардиши мол, дарёфти фоидаи изофӣ, кам кардани хароҷот, таҳкими мавқеи рақобатпазирӣ ва дар умум, таъмини устувории низомҳои иқтисодию сиёсӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии шаҳрвандон мебошад.

Ҳамзамон, мувофиқ будани манофеъи миллии ширкаткунандагон, иқтидори (потенсиал) онҳо, ризоияти сиёсии роҳбарияти кишварҳо, зарурати мутобиқ шудан ба ҷаҳони тағйирёбанда ва таҳкими амнияти кишварҳои узви ҳамгироӣ хеле муҳим аст. Маҳз ҳамин омилҳо асоси ҳамкориҳои самараноки минбаъдаи кишварҳо дар доираи фаъолияти иттиҳодияҳои ҳамгироӣ буда метавонанд.

Густариши миқёс ва ҳудудии раванди ҳамгироӣ аз гуногунии шаклҳо ва самаранокии фаъолияти иттиҳодияҳои ҳамгироӣ вобастагӣ дорад. Дар ин маврид арзёбии самаранокии фаъолияти лоиҳаҳои ҳамгироии глобалӣ ва минтақавии амалкунанда, мубрам мушоҳида мешавад.

Шумораи тадқиқотҳои мушаххас оид ба ин мавзӯъ хеле маҳдуд аст. Кӯшишҳои аввалини мунтазам дар самти муайян намудани сатҳи самаранокии ниҳодҳои ҳамгироии минтақавӣ, бо истифода аз усули «тавонии ҳамгироӣ», дар солҳои 60-уми асри XX, аз ҷониби асосгузори назарияи неофунксионализм Э. Хаас ба анҷом расонида шуда буд [6,1].

Гарчанде мафҳуми «самаранокии ҳамгироӣ»-ро бори аввал иқтисодшиноси итолиёвӣ Вилфредо Парето соли 1906, дар асари худ бо номи «Таълимоти иқтисоди сиёсӣ» ҳамчун меъёри баҳодиҳии фаъолияти низоми иқтисодӣ ва қабули қарорҳои иқтисодӣ ва мудирият истифода кардааст [8, 1].

Бо тадриҷ доираи тадқиқоти мавзуи зикршуда васеъ гардида, шумораи корҳои илмӣ дар ин самт бештар шудааст. Аммо натиҷаи пажуҳиши коршиносон нишон медиҳад, ки дидгоҳҳои гуногун пешниҳод карда мешаванд, вале онҳо одатан умумӣ ва субъективӣ мебошанд [3, 5].

Сарфи назар аз камбудиҳои мавҷуда, дар корҳои илмии пажуҳишгарони самти арзёбии самаранокии фаъолияти лоиҳаҳои ҳамгироии байналмилалӣ, татбиқи муваффақи лоиҳаҳои ҳамгироии байналмилалиро танҳо дар сурати мавҷуд будани вежагиҳои ба ҳам наздики низомҳои сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳои узв дидан мумкин аст [5, 93].

Дар шароите, ки баҳс дар мавриди масоил марбут ба арзёбии натоиҷи фаъолияти иттиҳодияҳои ҳамгироӣ ноқис аст, бархе аз пажуҳишгарон барои таҳлил ва муайян намудани сатҳи самаранокӣ ва арзёбии фаъолияти онҳо, иттиҳодияҳои минтақавии амалкунандаи бо муваффақияти зеринро пешниҳод менамоянд, ки дар умум, доираи фаъолияти онҳо ҳамаи минтақаҳо ва даҳҳо кишварро дар бар мегиранд: EU (the European Union) – Иттиҳоди Аврупо; NAFTA (North American Free Trade Agreement) – Созишнома оиди тиҷорати озод байни кишварҳои Амрикои Шимолӣ; MERCOSUR (Southern Common Market) – бозори умумии Амрикои Ҷанубӣ; CARICOM (Caribbean Community) – Иттиҳоди тиҷоратию иқтисодии кишварҳои Амрикои Марказӣ ва Шимолу Шарқӣ ва Ҷануб; ASEAN (Association of South East Asian Nations) – Ассотсиатсияи давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ; –ACN (Andean Community of Nations) – Ҷамъияти минтақавӣ иҷтимоию иқтисодии Анд; ECCAS (Economic Community of Central African States) – Иттиҳоди иқтисодии кишварҳои Африқои Марказӣ; APEC (Asia-Pacific Economic Cooperation) – форуми иқтисодии 21 кишвари минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором [5, 92].

Инак, дар асоси таҷрибаи фаъолияти лоиҳаҳои ҳамгироии зикршуда, пажуҳишгарони падидаи ҳамгироӣ, ҳафт шарту шароитҳо ва меъёрҳои сиёсӣ ва иқтисодие, ки барои амалишавии бомуваффақи иттиҳодияҳои ҳамгироии байналмилалӣ ва минтақавӣ мусоидат мекунанд, пешниҳод мекунанд [3, 586].

1. Дараҷаи сатҳи тараққиёт. Барои лоиҳаҳои ҳамгироие, ки тибқи модели «анъанавӣ» амал мекунанд, омили асосии ҳамгироии муваффақ аз нуқтаи нигоҳи назарияи классикӣ дар як дараҷаи баробари тараққиёт ва ё наздик ба як сатҳ қарор доштани рушди ниҳодҳои иқтисодии иштироккунандагони лоиҳаҳои ҳамгироӣ мебошад. Чунин сиёсат бо тадриҷ, таъсири назаррас дар муттаҳидшавӣ дошта, метавонад барои кишварҳои узв, дар таъмини масъалаҳои иқтисодӣ аҳамияти бузург дошта бошад.

Дар баробари ин, сатҳи рушди кишварҳои узви иттиҳодияи ҳамгироӣ бояд ба қадри кофӣ баланд бошад. Чунки аз муттаҳидсозии ниҳодҳои иқтисодиву молӣ ва

бозорҳои савдо, дар фаъолияти лоиҳаҳои ҳамгироӣ самаранокӣ баланд шуда, дар умум ба натоиҷи синергетикӣ ноил мегарданд.

Муттаҳид намудани мамлакатҳое, ки сатҳи пасти рушди иқтисодӣ, дарсади поёни иқтисоди тавлидӣ ва низоми иқтисодии фуруши маводи хом доранд, дар амал бефоидаву бесамар мегардад. Чунин ҳолат боиси паст шудани суръати афзоиши савдои мутақобила байни кишварҳои узв мегардад [1, 112]. Маҳз ҳамин омилҳо дар амалия сабаби номуваффақ шудани лоиҳаҳои ҳамгироии минтақаҳои Амрикои Лоитинӣ, Африқо ва Осиё шудаанд.

2. Дараҷаи баланди мутаносиби иктисодиёти миллии кишварҳои узв. Ин омил низ боиси самаранокии фаъолияти иттиҳодияҳои ҳамгироӣ аз рӯи модели «анъанавӣ» буда метавонад. Чунки ин унсури хосе ҳаст, ки ҳангоми муттаҳидшавӣ иқтисоди кишварҳои аъзоро мукаммал гардонида, якпорчагиро дар доираи фаъолияти иттиҳодия таъмин менамояд. Ин ҳолат барои иттиҳодияҳои ҳамгирое, ки кишварҳои рушдкардаи тиҷорати мутақобилаи судманди фаъол доштаро дар бар мегиранд, хос аст.

3. Сиёсати ягонаи иқтисодиву молӣ. Барои лоиҳаҳои ҳамгироие, ки аз рӯи модели «анъанавӣ» амал мекунанд ва дар марҳилаи (зинаи) раванди ҳамгироии Иттиҳоди иқтисодиву молӣ қарор доранд, дахл дорад. Ин марҳила ба кишварҳои узв имкон медиҳад, бо ҳамоҳангии сиёсати ягонаи иқтисодиву молӣ, имкониятҳо ва бартариҳоро дар дастрасии васеъ ба захираҳои молиявӣ, моддӣ, меҳнатӣ ва технологии муосири ҳамдигар, имкони истеҳсоли маҳсулот ва фуруши он дар тамоми бозорҳои якдигар ва фароҳам овардани шароити имтиёзнок барои тамоми ширкатҳои давлатҳои аъзои раванди ҳамгироӣ бо дарназардошти ҳифзи онҳо аз рақобат бо ширкатҳои кишварҳои севвум таъмин менамояд [4, 5].

Ин шарту шароит ва меъёрҳо барои лоиҳаҳои ҳамгироӣ аз рӯи модели «минтақагароии нав» аҳамият надорад, зеро дар чаҳорчӯби фаъолияти ин модел кишварҳои узв назорати пурраи сиёсати макроиқтисодии худро дар сатҳи миллӣ нигоҳ медоранд [3, 587].

4. Таъсиси ҳудуди ягонаи гумрукӣ. Ин меъёр яке аз талаботҳои асосии модели «анъанавӣ» буда, наздикии ҷуғрофии кишварҳои узвро пешбинӣ мекунад. Ин омил мавҷудияти сарҳади умумии заминӣ ва ё обии кишварҳои узвро ифода мекунад, ки дар тиҷорати мутақобилаи судманди фаъол байни аъзоёни иттиҳоди гумрукӣ нақши қуллайро мебозад. Дар набудани ҳудуди ягонаи замини ва ё обӣ, дар интиқоли мол, мушкилотҳо ба амал меоянд. Агарчӣ дар амалия истисно вуҷуд дорад. Да чорчӯби фаъолияти Иттиҳоди иқтисодии АврОсиё, байни кишварҳои ҳудуди ягонаи гумрукӣ ин омил мушкилотҳо эҷод накардааст. Масалан, байни аъзоёни ин иттиҳодияи ҳамгироӣ – Федератсияи Россия ва Арманистон. Наздикии ҷуғрофӣ барои лоиҳаҳои ҳамгироӣ аз рӯи модели «минтақагароии нав» амалкунанда аҳамияти ҷиддӣ ва ҳатмӣ надорад.

5. Вуҷуд доштани кишвари пешқадам – раҳбар (лидер). Яке аз шартҳои сиёсии ҳамгироии муваффақ аз рӯи модели «анъанавӣ» ин тақозои мавҷудияти як узви муваффақ, ки ҳамчун «муҳаррики ҳамгироӣ» амал кунад ва дар ҳолати зарурӣ саҳми ба таври номутаносиб зиёди хароҷоти лоиҳаи ҳамгироиро бар дӯш гирад.

Ин шарт барои лоиҳаҳои ҳамгироӣ аз рӯи модели «минтақагароии нав» амалкунанда зарур нест. Бисёре аз созишномаҳои Минтақаи тиҷорати (саводои) озод, Минтақаи тиҷорати (саводои) озод+ ва Иттиҳоди гумрукӣ якчанд кишварҳои рушдкардаро фаро мегирад ва ниёз ба раҳбар – муҳаррики ҳамгироӣ надоранд [10, с. 1].

6. Афзалиятҳои нухбагони (элитаи) сиёсӣ. Илова бар ҷанбаҳои иқтисодӣ, ба раванди амалишавии лоиҳаҳои ҳамгироӣ, майлу рағбат ва афзалиятҳои нухбагони сиёсӣ дар робита бо ҳамкориҳо ҳам бо кишварҳои узви иттиҳодияи ҳамгироӣ ва ҳам кишварҳои сеюм таъсири калон мерасонанд.

Ин имтиёзҳо метавонанд асоси воқеии иқтисодӣ дошта бошанд ё ба омилҳои субъективӣ, ба мисоли гурӯҳҳои лоббӣ, ки аз ҷониби гурӯҳҳои мушаххаси тиҷоратӣ, идеологии ҳизбҳои ҳукмрон, нуқтаи назари шахсии роҳбарон, ки ташкил мешаванд, такя кунанд.

7. Ҷанбаи амниятӣ. Дар доираи фаъолияти иттиҳодияҳои ҳамгироӣ аз рӯи модели «анъанавӣ» нақши афзалиятҳои амниятӣ дар татбиқи лоиҳаҳои ҳамгироӣ хеле муҳим аст. Чи тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ равшан ифода мекунад, ягон лоиҳаи ҳамгироӣ наметавонад бар зарари манофеъи амниятӣ татбиқ шавад. Агарчи лоиҳа метавонад аз назари иқтисодӣ муфид бошад. Аз ин лиҳоз, мувофиқати манфиатҳои дахлдори кишварҳои узв, имкони амалишавии бомуваффақияти лоиҳаи ҳамгироиро зиёд мекунад, дар ҳоле ки мавҷудияти мухолифатҳо байни кишварҳои узв монеаҳо дар раванди татбиқи лоиҳаи ҳамгироӣ эҷод мекунанд.

Дар чаҳорчӯби фаъолияти иттиҳодияҳои ҳамгироӣ аз рӯи модели «минтақагароии нав», дар марҳилаи аввал, шарикони потенсиалӣ гуфтушунид анҷом дода, вобаста аз мувофиқати манфиатҳо, лоиҳаҳои ҳамгироӣ созмон медиҳанд, ба мисли Минтақаи тиҷорати (савдои) озод, Минтақаи тиҷорати (савдои) озод+ ва ё Иттиҳоди гумрукӣ.

Аз он ки то чи андоза шарту шароит ва меъёрҳои муайяншуда риоя мешаванд, амалӣ кардани худи лоиҳаҳои ҳамгироӣ ва натоиҷи самаранокии фаъолияти онҳо вобастагӣ дорад.

Самаранок арзёбӣ шудани фаъолияти лоиҳаҳои ҳамгироиро метавон аз рӯи ду гурӯҳи шартҳо ва меъёрҳо арзёбӣ кард [2, 148]:

– тиқтисодӣ;

– ниҳодӣ (институтсионалӣ).

Меъёрҳои иқтисодӣ, ки дар таъсис ва татбиқи лоиҳаҳои ҳамгироӣ нақши муҳим мебозанд, самаранокии фаъолияти лоиҳаҳои ҳамгироиро арзёбӣ карда, нишондиҳандаҳои зерини иқтисодиро дар бар мегиранд:

– тавлиди нохолиси дохилӣ ва тавлиди нохолиси дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ;

– некӯаҳволии иқтисодӣ (дараҷаи воқеии истеъмолии аҳолӣ);

– ҳаҷми умумии содирот ва воридот бо дарназардошти ҳисоби саҳм дар ширкат аз эҷоди тиҷорат ва таъсири мусбати он ба иқтисоди миллӣ;

– сатҳи шуғли аҳолӣ;

– музди меҳнати коргарони соҳибихтисос ва беихтисос (меъёри даромади сармоя);

– ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳо, содирот ва воридот дар соҳаҳои мушаххаси иқтисодиёт.

Дар навбати худ, меъёрҳои ниҳодӣ (институтсионалӣ), ки муваффақ будани лоиҳаҳои ҳамгироиро арзёбӣ мекунанд, маҷмӯи шартҳои зеринро ифода мекунанд:

– рафъи монеаҳо дар ҳамкориҳои иқтисодӣ;

– ҳамоҳангсозии стандартҳои миллии танзимкунанда;

– эҷоди ниҳодҳои боломиллӣ тибқи шартнома оиди таъсиси иттиҳодияи ҳамгироӣ;

– интиқол додани ваколатҳо оид ба таҳияи сиёсати иқтисодӣ ба сатҳи боломиллӣ (танҳо барои модели «анъанавӣ»);

– дараҷаи татбиқи қарорҳои ҳамгироӣ аз ҷониби давлатҳои миллӣ, ки дар сатҳи байниҳукуматӣ ё боломиллӣ қабул мешаванд;

– ҷолибияти (soft power) лоиҳаҳои ҳамгироӣ барои кишварҳои узв;

– иттиҳодияи ҳамгироӣ ва ҷолибияти онҳо барои кишварҳои севвум, ки дар оянда метавонанд узви лоиҳаи ҳамгироӣ шаванд.

Муваффақ будани лоиҳаҳои ҳамгироӣ аз қобилияти ҷолибият доштани онҳо ҳам барои кишварҳои узв ва ҳам барои кишварҳои севвум таъсири бузург дорад. Чунин ҳолат метавонад нуфуз ва аҳамияти иттиҳодияҳои ҳамгироиро зиёд ва замина барои густариши ҳамкориҳои оянда фароҳам офарад.

Қобили зикр аст, ки дар доираи фаъолияти лоиҳаҳои ҳамгироӣ, ҷолибият на фақат ҷанбаи моддӣ (иқтисодӣ, сиёсӣ) дорад, балки ҷанбаи ғайримоддӣ, аз қабили идеология, арзишҳои иҷтимоӣ ва сифати баланди некӯаҳволии шаҳрвандон, ки барои амалишавии бомуваффақи раванди ҳамгироӣ хеле муҳим мебошанд, низ вуҷуд дорад. Омилҳои номбаршуда, инчунин бартарии муҳими рақобатпазирии иттиҳодияҳои ҳамгироиро дар арсаи ҷаҳонӣ баланд мебардоранд.

Бар асоси омилҳои болозикргардида, метавон натиҷагириҳои фаъолияти лоиҳаҳои ҳамгироии минтақавиҳоро матраҳ намуда, чунин арзёбӣ кард:

1. Ягона лоиҳаи ҳамгироие, ки аз рӯи модели ҳамгироии «анъанавӣ» амалӣ гардида, доираи фаъолияташ муваффақ ва самарабахш арзёбӣ мешавад, Иттиҳоди Аврупо мебошад. Ба таври пурра шарту шароит ва меъёрҳое, ки асоси ҳамкориҳои самарабахшро аз рӯи модели «анъанавӣ» ифода мекунанд, дар доираи фаъолияти ин иттиҳодияи ҳамгироӣ амалӣ шудаанд ва самаранок арзёбӣ мешаванд. Иттиҳодияи Аврупо лоиҳаи ҳамгироӣ аз рӯи модели «анъанавӣ» беназир буда, ҳамаи марҳилаҳои (зинаҳо) классикиро паси сар намудааст.

2. Сарфи назар аз он, ки аксарияти лоиҳаҳои ҳамгироии минтақавӣ, аз ҷумла ACN – Ҷамъияти минтақавӣ иҷтимоию иқтисодии Анд, CARICOM – Иттиҳоди тиҷоратию иқтисодии кишварҳои Амрикои Марказӣ ва Шимолу Шарқӣ ва Ҷануб, MERCOSUR – бузургтарин иттиҳодияи ҳамгироӣ дар Амрикои Ҷанубӣ, NAFTA (USMCA) – Созишномаи тиҷорати озод байни кишварҳои минтақаи Амрикои Шимолӣ, ASEAN – Ассотсиатсияи кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва ECCAS – Иттиҳоди иқтисодии кишварҳои Африқои Марказӣ, тайёр будани худро мувофиқи талаботҳои раванди ҳамгироӣ аз рӯи модели «анъанавӣ», яъне зина ба зина паси сар намудани марҳилаҳои раванди ҳамгироиро эълон карда буданд, вале дар амалия на ҳамаи онҳо ба ваъдаашон содиқ монданд.

3. Аз лоиҳаҳои ҳамгироии минтақавие, ки аз рӯи модели «минтақагароии нав» амалӣ шудаанд, фақат фаъолияти иттиҳодияи минтақавии кишварҳои минтақаи Амрикои Шимолӣ USMCA (NAFTA) самаранок арзёбӣ мешавад. Ин созмон ягона иттиҳоди ҳамгироии минтақавӣ мебошад, ки фаъолияташ аз аввал ба эҷоди як Минтақаи тиҷорати (савдои) озод нигаронида шуда буд ва нияти паси сар кардани марҳилаҳои болоии раванди ҳамгироиро надошт. Маҳз ин омил боиси арзёбии самарабахш ва муваффақ шудани ин иттиҳодия гардид.

4. Аксари иттиҳодияҳои ҳамгироие, ки аз рӯи модели «минтақагароии нав» фаъолият мекунанд, ба мақсад расиданд. Муваффақтарини онҳо ASEAN – Ассотсиатсияи кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ мебошад. Дар доираи фаъолияти ин лоиҳаи ҳамгироӣ, ниҳодҳои боломиллӣ тибқи ваколатҳои интиқолшуда ва меъёрҳои муайяншуда амал карда, мувофиқи салоҳиятҳо аз рӯи модели «минтақагароии нав»

вазифаҳоро дар сатҳи хеле баланд анҷом медиҳанд. Ғайрат ва ҷидду ҷаҳди ин созмон самарабахш арзёбӣ мешавад.

5. Дар фарқият аз ASEAN, ACN – Ҷамъияти минтақавӣ иҷтимоию иқтисодии Анд ва CARICOM – Иттиҳоди тиҷоратию иқтисодии кишварҳои Амрикои Марказӣ ва Шимолу Шарқии ва Ҷануб самаранокии пасти ниҳодҳои боломиллиро нишон медиҳанд. Ҳамкориҳои мутақобилаи иқтисодии кишварҳои узви ин лоиҳаҳои ҳамгироӣ, ки ба бозорҳои кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта нигаронида шудаанд, хеле паст буда, фаъолияташон барои кишварҳои сеюм умуман ҷолиб нест [7, 1].

6. Камтарин самаранокиро ECCAS – Иттиҳоди иқтисодии кишварҳои Африқои Марказӣ нишон медиҳад. Мавҷудияти як қатор монеаҳо дар чорчӯби фаъолияти ин лоиҳаи ҳамгироӣ сабаб шудаанд, ки худи ин иттиҳодия, дар воқеъ, ба сурати номиналӣ вуҷуд дорад.

7. APEC – форуми иқтисодии 21 кишвари минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором дар байни лоиҳаҳои ҳамгироӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад. Чунки то ҳол тибқи талаботҳои таъсисёбии иттиҳодияҳои ҳамгироӣ, ин созмон мақоми иттиҳодияи минтақавии комилро ноил нагаштааст. Ҳарчанд ҳаракатҳо ва кушишҳо оиди таъсиси Минтақаи тиҷоратии (савдои) озод + карда мешаванд. Аз сабаби вуҷуд доштани тафовути назаррас дар манфиатҳои миллии ширкаткунандагони ин лоиҳаи ҳамгироӣ, дарояндаи наздик интихоб ва амалишавии модели ҳамгироии мушаххас норавшан аст. Айни замон ҳамчун платформаи муфиди муколама байни кишварҳои узв хизмат мекунад.

Таҳлил нишон медиҳад, монеаҳое, ки дар роҳи татбиқи лоиҳаҳои ҳамгироӣ, боиси бесамар ё паст шудани сатҳи фаъолияти иттиҳодияҳо мегарданд, дар умум чунинанд:

1. Сатҳи пасти рушди кишварҳои узви лоиҳаи ҳамгироӣ. Ин омил раванди ҳамгироиро хеле суст, доираи амалишавии мақсаду маромҳоро тибқи манофеъи миллӣ маҳдуд карда, имкон намедиҳад, ки кишварҳои узв фоидаи назаррас ба даст биоранд. Майлу рағбати кишварҳои аъзоро аз ширкат варзидан дар чорчӯби фаъолияти лоиҳаҳои ҳамгироӣ аз байн мебарад.

Ин омил дар амалишавии лоиҳаҳаои ҳамгироии зерин ба тарви возеҳ ва равшан дида мешавад:

– ACN – Ҷамъияти минтақавӣ иҷтимоию иқтисодии Анд;

– CARICOM – иттиҳоди тиҷоратию иқтисодии кишварҳои Амрикои Марказӣ ва Шимолу Шарқии ва Ҷануб;

– ECCAS – Иттиҳоди иқтисодии кишварҳои Африқои Марказӣ.

2. Тафовути назарраси манфиатҳои иқтисодии кишварҳои узв. Ин фарқият, ки дар натиҷаи нобаробарии сатҳи рушди иқтисодӣ ба вуҷуд меояд, раванди ҳамгироиро аз рӯи модели «анъанавии» коста мекунад.

Дар доираи фаъолияти ASEAN – Ассотсиатсияи кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ин омил ба тарви равшан зоҳир мегардад. Ширкаткунандагони ин иттиҳодия аз рӯи сатҳи рушд ба се гурӯҳ тақсим мешаванд:

– кишварҳои«рушдкарда» (Сингапур, Малайзия);

– кишварҳои «рушдкардаи миёна» (Индонезия, Филиппин;

– кишварҳои босуръат «рушдкунанда» (Ветнам).

Вобаста аз сатҳи рушд, дар чорчӯби фаъолияти ин созмон бархӯрди манфиатҳо байни узвҳо рух медиҳанд. Дар натиҷаи чунин зиддиятҳо раванди ҳамгироӣ суст

гардида, мушкилот дар пайдо намудани созиш (компромисс) байни узвҳои иттиҳоди ҳамгироӣ вуҷуд дошта, дар умум гардиши молро миёни кишварҳо хеле кам намудааст.

Чунин вазъият дар MERCOSUR – бузургтарин иттиҳодияи ҳамгироӣ дар Амрикои Ҷанубӣ, ки бозори умумии шаш кишвари минтақаро фаро мегирад, мушоҳида мешавад [9, 1].

Қобили зикр аст, ки ин омил дар раванди ҳамгироӣ аз рӯи модели «минтақагароии нав» низ дида мешавад. Чунки то ҳол дар доираи фаъолияти форуми иқтисодии 21 кишвари минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором APEC (Asia-Pacific Economic Cooperation), бо сабаби мавҷудияти тафовути назарраси манфиатҳои кишварҳои ширкаткунандаи форуми иқтисодӣ оиди эҷоди Минтақаи тиҷоратии (савдои) озод созиш ҳосил нашудааст.

3. Ҳузур надоштани кишвари пешрав дар доираи фаъолияти лоиҳаи ҳамгироӣ. Набудани кишваре, ки бихоҳад бори вазнини кӯшишҳо ва ташаббусҳо, раванди тараққиёт ва устувориро таъмин намояд, монеа эҷод мекунад.

Ин мушкили дар чорчӯби фаъолияти ASEAN – Ассотсиатсияи кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, CARICOM – Иттиҳоди тиҷоратию иқтисодии кишварҳои Амрикои Марказӣ ва Шимолу Шарқии ва Ҷануб, ECCAS – Иттиҳоди иқтисодии кишварҳои Африқои Марказӣ ва ба таври мушаххас дар MERCOSUR – бузургтарин иттиҳодияи ҳамгироӣ дар Амрикои Ҷанубӣ, ки рақобат байни Бразилия и Аргентина, ки ҳар кадоме ҳадафи пешқадам (лидер) буданро дорад, мушоҳида мешавад.

4. Ҷолибияти (soft power) лоиҳаҳои ҳамгироии муваффақ. Ҳузури иттиҳодияҳои ҳамгироие, ки пурзӯртар ва муваффақтаранд, ҳамчун «лоиҳаҳои ҳамгироии бомуваффақи рақиб» амал карда, боиси коҳиши ангезаҳои кишварҳои узв барои идомаи раванди ҳамгироӣ гашта, диққати онҳоро бо мақсади ҳамкорӣ маҳз бо онҳо ҷалб мекунанд.

Намунаи маъмулӣ ин хуруҷи кишвари Руанда аз ECCAS – Иттиҳоди иқтисодии кишварҳои Африқои Марказӣ дар соли 2007 ва пайвастани он ба EAC – Ҷамъияти Африқои Шарқӣ, ки як қадами стратегӣ барои тағйир додани ҳамгироии иқтисодӣ дар минтақаҳои Африқои Марказӣ ва Шарқӣ шуд. Инчунин ба унвони мисол, метавон хуруҷи кишвари Венесуэла аз CAN – Ҷамъияти минтақавӣ иҷтимоию иқтисодии Анд ва шомил ба MERCOSUR – бузургтарин иттиҳодияи ҳамгироӣ дар Амрикои Ҷанубиро дар 2012 ба ёд овард.

Гуфтан ба маврид аст, гардиши молӣ ва иқтисодии кишварҳои боқимондаи аъзои CAN – Ҷамъияти минтақавӣ иҷтимоию иқтисодии Анд бештар ба MERCOSUR нигаронида шудаанд, ки ин иқтидори рушди ҳамкориҳои ин лоиҳаи ҳамгироиро ба таври назаррас коҳиш медиҳад.

Мушоҳидаҳои мушаххас нишон медиҳанд, ки чунин раванд барои кишварҳои узви CARICOM – Иттиҳоди тиҷоратию иқтисодии кишварҳои Амрикои Марказӣ ва Шимолу Шарқии ва Ҷануб хос мебошад. Ҳамкориҳои кишварҳои ин иттиҳодия бо MERCOSUR, NAFTA ва US – Иттиҳоди Аврупо (хусусан пас аз баста шудани Созишномаи шарикии иқтисодӣ бо ИА дар соли 2008) бештар нигаронида шудаанд.

5. Мавҷудияти мухолифат ва зиддиятҳо дар чорчӯби фаъолияти кишварҳои узв. Барномаҳое, ки дар доираи фаъолияти лоиҳаҳои ҳамгироӣ пешниҳод ва амалӣ мешаванд, аммо ҳолатҳои объективии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳои ширкаткунандаро ба назар намегиранд, масалан, зиддиятҳо байни нухбагони (элита) сиёсӣ ҳам дар доираи фаъолияти кишварҳои аъзо ва ҳам байни нухбагони (элита) сиёсии

кишварҳо марбут ба масъалаҳои рушди раванди ҳамгироӣ, монеаи ҷиддӣ дар роҳи татбиқи иттиҳодияи ҳамгироӣ мешаванд.

Таҳлили фаъолияти лоиҳаҳои ҳамгироӣ нишон медиҳад, ки инчунин монеа дар роҳи амалишавии лоиҳаҳои ҳамгироӣ, омиҳои зерин шуда метавонанд:

– номувофиқатӣ ва номутобиқатии низомҳои ҳуқуқӣ ва андози кишварҳои узв;

– истифодаи сиёсати ҳимоятгароӣ (протекционистӣ);

– тақсимоти нобаробар ва ноодилонаи фоидаҳо;

– хавфи аз даст додани соҳибихтиёрӣ

– монеаҳои техникӣ.

Ҳамин тариқ, бояд қайд кард, ки дар ҳама ҳолатҳо бидуни истисно, вақте ки масъулони татбиқи лоиҳаҳои ҳамгироӣ бо ин ё он сабаб формати амиқи объективии вобаста ба вазъи кунунии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву ҳуқуқии кишварҳои узвро ба назар нагирифтаанд, нақшаҳои чунин лоиҳаҳои ҳамгироӣ пурра ва то охир ба анҷом нарасиданд. Масалан, ҳангоми таъсиси Иттиҳоди гумрукӣ дар CAN – Ҷамъияти минтақавӣ иҷтимоию иқтисодии Анд.

Кишварҳои узвро мебоист, бо мақсади муваффақ шудан дар амалишавии лоиҳаҳои ҳамгироӣ, муайянсозии ҳадафҳо ва татбиқи барномаҳои лоиҳаҳои ҳамгироӣ, ба таври ҷиддӣ, омилҳои объективро ба назар бигиранд.

Бартараф кардани монеаҳо, аз ҷониби кишварҳои ширкаткунандаи раванди ҳамгироӣ ҳамоҳангии сиёсатҳоро дар ҳамаи соҳаҳо, эҷоди механизмҳои одилонаи тақсими фоида ва таҳияи заминаи устувор барои мутобиқсозии низомҳои ҳуқуқӣ ва андози кишварҳои узвро талаб мекунад.

Бояд қайд кард, ки самаранокии фаъолияти лоиҳаҳои ҳамгироӣ аз густариши миқёс, раванди ҳамгироӣ, гуногунии шаклҳо ва риоя намудани шарту шароитҳо ва меъёрҳои муайяншуда, дар татбиқи иттиҳодияҳои ҳамгироӣ вобаста буда, арзёбӣ мешаванд. Мавҷуд набудани як (ё якчанд) омилҳои зикршуда, сабаби ноком шудан дар амалишавии лоиҳаҳои ҳамгироиро надорад. Аммо, ҳатман монеаҳоро дар ин самт эҷод карда, сатҳи самаранокии фаъолияти лоиҳаҳои ҳамгироиро паст мекунанд.

**Адабиёт**

1. Андронова И.В. Механизмы обеспечения национальных интересов во внешней политике: реалистичный и идеалистический подходы // Вестник Московской государственной академии делового администрирования. 2013. No 3(24). С. 112.

2. Байков А.А. Сравнительная интеграция: практика и модели интеграции в зарубежной Европе и Тихоокеанской Азии. М.: Аспект Пресс, 2012, с.148.

3. Карри Д. и Ливайн П. Международная координация экономической политики.// Д. Гринуэй, М. Блини, И. Стюарт (ред.). Панорама экономической мысли конца XX столетия. СПб.: Экономическая школа, 2002, т.1, с.586–617.

4. Портной М.А. Современные тенденции мировых интеграционных процессов // США: экономика, политика, идеология. 1997. № 8. С. 5.

5. Широков Г.И., Салицкий А.И. Глобализация и/или регионализация? (Регионализация и ее типы) // Восток. 2003. № 5. С. 92-95.

6. Haas, Ernst B., and Philippe C. Schmitter. "Economics and Differential Patterns of Political Integration: Projections about Unity in Latin America." International Organization, vol. 18, no. 4, 1964, p. 711. [Захираи электронӣ]. URL: https:// Режим доступа: www.jstor.org/stable/2705528 (санаи муроҷиат: 02.02.2026).

7. Lim A.-N. The CARICOM Single Market Up Close. Kingston, 2009 (JIS). P. 1.

8. Pareto V. Manuel d'uconomie politique. P., 1906.
9. Structura Institutional del Mercosur //Mercosur. [Захираи электронӣ]. URL: http://www.mercosur.int/innovaportal/v/273/1/secretaria/estructura_institucional_del_mercosur. (санаи муроҷиат: 15. 02.2026).
10. The ASEAN Charter // The official website Association of Southeast Asian Nations. [Захираи электронӣ]. URL: https:// Режим доступа: http://www.aseansec.org/publications/ASEAN-Charter.pdf. (санаи муроҷиат: 12.02.2026).

## ОЦЕНКА ЭФФЕКТИВНОСТИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ МЕЖДУНАРОДНЫХ ИНТЕГРАЦИОННЫХ ПРОЕКТОВ

Статья посвящена анализу оценки эффективности международных интеграционных проектов. Отмечается, что в процессе интеграции большое значение имеют совместимость национальных интересов участников, их потенциал, политическое согласие руководства стран, необходимость адаптации к меняющемуся миру и укрепление безопасности стран-участниц. Именно эти факторы могут стать основой для дальнейшего эффективного сотрудничества между странами в рамках интеграционных объединений.

Сделан вывод, что эффективность интеграционных проектов зависит от расширения масштаба, интеграционного процесса, разнообразия форм и соблюдения установленных условий и критериев при реализации интеграционных объединений. Отсутствие одного (или нескольких) из вышеперечисленных факторов не обязательно означает, что интеграционные проекты потерпят неудачу. Однако они, безусловно, создают препятствия в этом направлении и снижают эффективность деятелӣности интеграционных проектов.

***Ключевые слова***: *интеграционные проекты, интеграционные объединения, модели интеграции: «традиционный» и «новый регионализм», интеграционный процесс, политические и экономические системы, торговый оборот, барьеры, оценка эффективности, уровень жизни.*

## EVALUATION OF THE PERFORMANCE OF INTERNATIONAL INTEGRATION PROJECTS

The article is devoted to the analysis of the assessment of the effectiveness of international integration projects.

It is noted that in the integration process, the compatibility of the national interests of the participants, their potential, the political consent of the countries' leadership, the need to adapt to a changing world, and strengthening the security of the participating countries are of great importance. These factors can become the basis for further effective cooperation between countries within the framework of integration associations.

It is concluded that the effectiveness of integration projects depends on the expansion of the scale, the integration process, the diversity of forms and compliance with the established conditions and criteria in the implementation of integration associations. The absence of one (or more) of the above factors does not necessarily mean that integration projects will fail. However, they certainly create obstacles and reduce the effectiveness of integration projects.

***Key words***: *integration projects, integration associations, integration models: "traditional" and "new regionalism", integration process, political and economic systems, trade turnover, barriers, performance assessment, standard of living.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Маликов Қобилшо Куканович,** номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии илмҳои Тоҷикистон. 734025, Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рудаки 17; тел.: (+992) 008-55-44-03; e-mail: m.koba@mail.ru

**Сведения об авторе: Маликов Кобилшо Куканович,** кандидат политических наук, доцент кафедры международных отношений Таджикского национального университета 734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17; тел.: (+992) 008-55-44-03; e-mail: m.koba@mail.ru

**Malikov Qobilsho Kukanovych,** Candidate of Political Sciences, Associate Professor, Department of International Relations, Tajik National University 734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17; tel.: (+992) 008-55-44-03; e-mail: m.koba@mail.ru

## ҚОИДАҲОИ НАШРИ МАҚОЛАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОН

Маҷалла мақолаҳоро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар ҳаҷми то 16 саҳифа пазируфта, ҳамроҳи мақола фишурдаи он низ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ талаб карда мешавад. Фишурдаи мақолаҳо набояд аз 1 саҳифа зиёд бошад. Матни мақола бояд дар принтер бо ҳуруфи андозаи 14 дар як рӯяи коғази сафеди андозаи стандартӣ (А4) чоп шуда, ҳар саҳифаи навишта аз 28 сатр (бо шумули замима ва ҳошияҳо), зиёд набошад. Ҳошияҳои дастнавис: аз боло ва поён – 2,5 см, аз чап ва рост – 3 см. Андозаи фосилаи байни сатрҳо – 0,5 см.

Ба дастнависҳо замима мегарданд:

а) маълумот роҷеъ ба муаллиф (ном, номи падар, номи хонаводагӣ, дараҷаи илмӣ, унвон, ҷойи кор, вазифа, нишонии ҷойи зист, шохис (индекс)-и шуъбаи почта, рақами телефони хона ва кор, нишонии почтаи электронӣ (агар мавҷуд бошад);

б) Мақолаи дар компютер чоп шуда, ҳамроҳ бо нусхаи электронӣ пешниҳод мешавад, ки дар он маводи муаллиф ба сурати парванда дар вожапардози Word анҷом шудааст; агар ҳуруфи лотинӣ ё дигар аломатҳо истифода шуда бошад, бояд онҳо бо нишондоди номашон ирсол гарданд.

Барои мақолаи илмӣ 2 (ду) тақриз ва маълумотномаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн талаб карда мешавад.

Сарлавҳаи мақола бо ҳарфҳои хурд ва аз матн бо фосилаи се сатр ҷудо карда мешавад. Иқтибосҳо бо сарчашма дақиқ муқоиса карда шуда, дар охири саҳифа асли онҳо аз ҷониби муаллиф оварда мешаванд.

Феҳристи манобеъ дар охири мақола (бо тартиби алифбо – нахуст ба хатти кириллӣ, сипас бо дигар забонҳои хориҷӣ оварда мешавад; осори як муаллиф дар тартиби хронологӣ дарҷ мешавад) бо шуморагузорӣ ва нишон додани маълумоти зайл оварда мешавад:

а) барои китобҳо – ному насаби муаллиф, номи пурраи асар, шаҳр ва соли нашр, теъдоди умумии саҳифаҳо мисли:

Муллоаҳмадов М. Осори эроншиносӣ, ҷ.1, Душанбе: Дониш. – 2018. - 563 с.

б) барои мақолаҳо – ному насаби муаллиф, номи пурраи мақола, номи маҷмӯаи мақолаҳо, китоб, рӯзнома, макони нашр, шаҳр (барои китоб), сол ва шумораи рӯзнома, маҷалла, мисли:

Раҷабов Ҳ. Тасвири бархӯрдҳои мазҳабӣ дар ҳикояи Иброҳим Ҷалис “Ғуломи озод” // Илм ва ҷомеа”.- № 2 (10) - 2018. – с. 70-78.

Дар дохили матн истинод ба манбаъ дар дохили қавси мураббаъ дода шуда, аз ҳам тавассути вергул ҷудо карда мешавад, мисол: [1, 75]; шумораи саҳифаҳои иқтибос бо воситаи вергул ё тире нишон дода мешавад, мисол: [2, 72-80].

Дар мақола аз тарафи муаллиф ё муаллифон бояд имзо гузошта шавад.

Дастнавис бояд бодиққат хонда шуда, бидуни ғалат пешниҳод гардад.

Дастнависҳое, ки бидуни риояи талаботи мазкур таҳия шудаанд, баррасӣ намешаванд.

Ҳайати таҳририя дар ҳолатҳои зарурӣ ҳуқуқ дорад мақоларо кӯтоҳ, таҳриру ислоҳ кунад ва ё ба муаллифон ҷиҳати ислоҳ баргардонад. Муаллифон пас аз саҳифабандии мақола онро хонда ризояти худро барои чоп ба таври хаттӣ тасдиқ мекунанд.

Масъулияти ақида ва муҳтавои мақолаҳо бар дӯши муаллифони онҳост.

## ПРАВИЛА ПУБЛИКАЦИИ ДЛЯ АВТОРОВ

К публикации в журнал принимаются статьи объемом не более 16 страниц на таджикском, русском и английском языках. Статьи сопровождаются резюме на таджикском, русском и английском языках, объем которого не должен превышать 1 страницы.

Текст должен быть отпечатан на принтере – размер шрифта 14 – с одной стороны белого листа бумаги стандартного формата (А4). На странице рукописи должно быть не более 28 строк, отпечатанных через два интервала (это относится также к примечаниям и сноскам).

Поля рукописи: верхнее и нижнее – 2,5 см, левое и правое – 3 см. Размер абзацного отступа – 0,5 см.

К рукописи прилагаются:

а) сведения об авторе (фамилия, имя, отчество, ученая степень, звание, место работы, должность, домашний адрес, индекс почтового отделения, номера служебного и домашнего телефонов, при наличии – адрес электронной почты);

б) статья должна быть отпечатана на компьютере и представлена редакции одновременно с CD, содержащей файл авторского материала, выполненного в текстовом редакторе Word; шрифты, если таковые использовались для латинских или иных символов, с указанием их названия.

Для научной статьи требуется 2 рецензии и *СПРАВКА* о проверке работы в системе «*Антиплагиат*».

Заглавие статьи печатается строчными буквами и отбивается тремя интервалами снизу от текста.

Цитаты тщательно сверяются с первоисточником и визируются автором на оборотной стороне страницы. Литература, на которую даются ссылки в тексте, приводится в конце статьи (в алфавитном порядке – сначала на кириллице, затем на иностранных языках; произведения одного автора даются в хронологическом порядке, начиная с более ранних), с нумерацией и указанием следующих выходных данных:

а) для книг – фамилия, инициалы автора, полное название книги, город и год издания, Осиё ва Аврупо № 2, 2019 141 общая число страниц, например:

Муллоаҳмадов М. Осори эроншиносӣ, ч.1, Душанбе: Дониш.- 2018. - 563 с.

б) для статей – фамилия, инициалы автора, полное название статьи, название сборника, книги, газеты, журнала, где опубликована статья, город (для книг), год и номер газеты, журнала, например:

Раҷабов Ҳ. Тасвири бархӯрдҳои мазҳабӣ дар ҳикояи Иброҳим Ҷалис “Ғуломи озод” // Илм ва ҷомеа”. - № 2 (10). - 2018. С. 70-78.

Ссылки на литературу в тексте даются в квадратных скобках через запятой, например: [3, 272]; при цитировании указываются страницы через запятую или тире, например: [4, 272-280].

Статьи должны быть обязательно подписаны автором, а при наличии нескольких авторов – всеми соавторами.

Рукопись должна быть тщательно вычитана и сдана без опечаток. Рукописи, оформленные без соблюдения указанных требований, не рассматриваются.

Редакционная коллегия оставляет за собой право при необходимости сокращать статьи, подвергать их редакционной правке и отсылать авторам на доработку. Авторы читают готовую верстку статьи и в письменном виде подтверждают свое согласие на публикацию.

Ответственность за подбор, точность фактов, цитат, и данных несут авторы опубликованных материалов.

***Ба матбаа супорида шуд 04.04.2026***
***Барои нашр имзо шуд 07.04.2026***
***Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 12. Андоза 70x100¹/₁₆.***
***Адади нашр 100 нусха. Супориши №73.***

МН «Дониш»

***Муассисаи нашриявии «Дониш»-и АМИТ***
***ш.Душанбе, 734063, кӯчаи Айнӣ, 299/2.***